ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

ISSN 2617-5320

# ПАЁМИ
# ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

# ВЕСТНИК
# ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

# BULLETIN
# OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

***Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ***
***Серия педагогических и психологических наук***
***Series of pedagogical and psychological sciences***

***Маҷаллаи илмиву методӣ соли 2012 таъсис ёфтааст***
***Научно-методический журнал основан в 2012 году***
***Scientific and methodical journal was founded in 2012***

***2019, №4 (28)***

**ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
(Маҷаллаи илмиву методӣ)
***Муассис:*** *Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
(Научно-методический журнал)
***Учредитель:*** *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION**
(Scientific and methodical journal)
***Founder:*** *Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.
The journal is published in Tajik, Russian and English.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Сармуҳаррир**<br><br>**Главный редактор**<br><br>**Chief editor** | **Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм**, доктори илми филология, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Саломиён Мухаммаддовуд Каюм,** доктор филологических наук, профессор, директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Salomiyon Muhammaddovud Qayum,** doctor of philological Sciences, Professor, Director of Institute of education development named by A. Jomi AET |
| **Муовини сармуҳаррир**<br><br>**Зам. главного редактора**<br><br>**Deputy editor** | **Туронов Султонмурод Шарофович,** номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Туронов Султонмурод Шарофович,** кандидат педагогических наук, зам. директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Turonov Sultonmurod Sharifovich,** candidate of pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of education development named by A. Jomi AET |
| **Котиби масъул**<br><br>**Ответственный секретарь**<br><br>**Responsibl e Secretary** | **Каримзода Мирзобадал,** номзади илми филология, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Каримзода Мирзобадал,** кандидат филологических наук, зам. директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Karimzoda Mirzobadal,** candidate of philological Sciences, Deputy Director of the Institute of education development named by A. Jomi AET |

***Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.***
***Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.***
***The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.***

*Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.*
*Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).*
*The journal is included in the database Of the Russian science citation index*

ISSN 2617-5320

**Индекси обуна: Индекс подписки: Subscription index: 77772**

© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2019
©ИРО имени Абдурахмон Джоми, 2019
© IDE named Abdurahmon Jomi, 2019

**Ҳайати таҳририя: Члены редколлегии: Members of the editorial Board:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Саломиён М. Қ.** 10.02.22 | доктори илми филология, профессор | доктор филологических наук, профессор | doctor of philological Sciences, Professor |
| **Каримова И. Х.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Лутфуллозода М.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Шарифзода Ф.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Нуъмонов М.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Шербоев С.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Маҷидова Б.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, Professor |
| **Неъматов С.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, Professor |
| **Гулмадов Ф.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ | доктор педагогических наук | doctor of pedagogical Sciences |
| **Зиёӣ Х. М.** 09.00.00 | доктори илмҳои фалсафа, профессор | доктор философских наук, профессор | doctor of philosophy, Professor |
| **Туронов С.Ш.** 13.00.01 | номзади илмҳои педагогӣ | кандидат педагогических наук | candidate of pedagogics Sciences |
| **Амонов Н.** 19.00.01 | номзади илмҳои психологӣ, дотсент | кандидат психологических наук, доцент | candidate of psychological Sciences, Dosent |
| **Маҳкамов Д.** 13.00.01 | номзади илмҳои педагогӣ | кандидат педагогических наук | candidate of pedagogics Sciences |

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст, Шаҳодатномаи № 027/МҶ-97, аз 13 ноябри соли 2017.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 027/МҶ-97, от 13 ноября 2017 года.*

*The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.027/МҶ-97, dated November 13, 2017.*

***Маҷалла мақолаҳои илмиро аз рӯи самтҳои 13.00.00 - илмҳои педагогика ва 19.00.00 - психология ба чоп қабул менамояд.***

***Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.***

***The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – pedagogical sciences and 19.00.00 – psychological sciences***

**Матни комили маҷалла дар сомонаи** www.prmatt.tj, http://www. prmatt.tj /index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42 **ҷой дода шудааст.**

**Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте** www.prmatt.tj, http://www. prmatt.tj/index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42

**The full-text version of the journal is available on the website** www.prmatt.tj, http://www.prmatt.tj/index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42

**Суроғаи идора:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Садриддин Айнӣ, 45, тел: 2271729, 2271747, 2270629, e-mail: nuriddinovna95@bk.ru

**Адрес редакции**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Садриддина Айни, 45; Тел: 2271729, 2271747, 2270629, E-mail: nuriddinovna95@bk.ru

**Editorial address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sadriddin Aini Avenue, 45; Tel: 2271729, 2271747, 2270629, E-mail: nuriddinovna95@bk.ru

## ПЕ ДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
## ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
## PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

С. ТУРОНОВ
С. АЛИКУЛОВА

# ФАКТОРЫ ФОРМИРУЮЩИЕ ДЕВИАНТНОЕ ПОВЕДЕНИЕ ПОДРОСТКОВ

Одной из острейших проблем современности является злоупотребление наркотическими веществами. К числу многих причин наркотизации подростков относятся различные комплексы молодежи. Наркоманию формирует множество факторов психологического и социального порядка. Внутренние факторы показывают проблемные аспекты человеком в целом, они связаны с личными качествами и нестабильностью, отсутствие жизненных навыков решения проблем. Внешние факторы связаны с социальным, культурным, физическим и семейным окружением, которое оказывает влияние на поведение человека. Таким образом, с учетом актуальности морально-правового оздоровления определенной части подростков и студенческой молодежи, предрасположенной к асоциальным поступкам, борьба с наркотической угрозой должна вестись постоянно, консолидировано и при помощи эффективно действующих механизмов взаимодействия всех ведомств, школы, семьи и общественности.[1.с.28]

Для того чтобы бороться с этой тяжелой болезнью, нужен целый комплекс мер, необходимо создание важных условий для профилактический мероприятий с привлечением социальных работников, врачей, педагогов, работников комитета по делам молодежи, инспекций по делам несовершеннолетних. Вектор наркополитики Республики Таджикистан определяется поэтапным принятием и реализацией государственных программ по контролю за наркотиками. В связи с этим в социальной работе необходима профилактика – совокупность мероприятий в рамках социальной политики, в которой реализуются различные направления знаний о вреде алкоголя и наркотиков, создание условий для развития профилактических программ в борьбе с наркоманией и т.д.

Наркомания несет серьезную угрозу всему человечеству. На современном этапе развития при сравнении ее можно поставить на один уровень с экологической катастрофой всей планеты.

В научной литературе существует такое понятие как отклоняющееся от установленных обществом норм и правил поведение учащихся и молодых людей. Нестандартное, отклоняющееся поведение часто называют девиантным. Отклоняющее поведение – антипод нормативного, и, чтобы исследовать первое, необходимо знать норму их соотношения. Нормативное поведение предполагает, что личность должна придерживаться социальных норм, формализованных и закрепленных в различных нормообразующих документах (правовых кодексах, уставах, инструкциях, правилах школьного поведения и т.п.), а также в обычаях и традициях.

Социальная норма определяет исторически сложившийся предел, интервал допустимого поведения. Мораль, обычаи, традиции относятся к стихийным социальным нормам. Нормы права складываются сознательно, они устанавливаются государством и представляют собой системы общеобязательных правил поведения. Каждое общество разрабатывает и внедряет такую систему воспитания, которая нацелена на формирование психологической структуры личности, его морального облика, отвечающего определенному уровню общественного сознания, навыков социального поведения, нравственных убеждений, ценностей, установок и т.д. то есть идеалу нормативного поведения.

Мораль - это система принципов и правил поведения. Соблюдение моральных норм осуществляется авторитетом общественности. Родители закладывают свою систему ценностей в воспитании детей уже в самом раннем возрасте. Первым авторитетом для ребенка в семье являются родители. Долг родителей – это воспитание нравов и добрых качеств в детстве. Они просты и понятны всем. Сюда входит опрятность, умеренность, почтительность к старшим, предупредительность, деликатность, гуманность, достоинство. Эти положительные качества - украшение души. Но в процессе воспитания, взросления,

деятельность личности может отклоняться от предписанных ей образцов для подражания и идеалов. Отклоняющееся поведение в литературе обозначается как совокупность поступков или отдельный поступок человека, не соответствующих принятым в данном обществе правовым или нравственным нормам.

К основным вариантам социального поведения относятся нормативное поведение (стандартное); маргинальное (пограничное); нестандартное (ненормативное). «Классификация поведенческих отклонений социально правовая, клиническая и психологическая. Поведенческие девиации группируются по нескольким основаниям:

а) массовые и индивидуальные;

б) негативные – позитивные;

в) отклонения конкретных лиц, неформальных групп» [3, С.29].

В напряженных условиях жизни человек нередко подвергается вредным влияниям окружающей среды, вызывающих временные или стойкие отклонения от норм. Они могут привести к нарушению поведения человека в повседневной жизни. «Границы нормы весьма условны, а человека абсолютно нормального по всем показателям просто не существует… В строгом смысле определение понятий «нормальное» и «аномальное» поведение затруднено, а границы между ними весьма размыты». [3, С.3]. В последнее время ряд исследователей расширили понятия отклоняющегося поведения учащегося. Например, выделяются 4 его варианта:

1 вариант - отклонения в поведении, свойственных совершенно нормальным и не нарушающим общественного порядка учащимся. Это могут быть отклонения от возрастной нормы или «странности» в поведении;

2 вариант – нарушения социальных норм, не являющиеся правонарушениями. К ним относятся проявления отрицательных черт характера (жадность, эгоизм, замкнутость, жестокость и т.д.);

3 вариант – правонарушения и преступления;

4 вариант – отклонения, связанные с психопатическими чертами личности (невротики, психически больные).

Нарушения и отклонения могут быть обусловлены заболеваниями, несчастными случаями, недостаточным воспитанием или, вообще, его отсутствием. В литературе учащихся с отклоняющимся поведением называют социально заброшенными, социально (педагогически) запущенными, трудновоспитуемыми, с аномальным, поведением. Очень широко распространён термин «трудные подростки», которым обозначают тех учащихся, кто в силу психологических особенностей вызывает трудности в общении с взрослыми. Учителя называют таких детей по-разному; «трудные», «отстающие, педагогически запущенные», к ним иногда неправомерно относят просто недисциплинированных детей, мешающих работе класса. Часто их преждевременно зачисляют в число безнадёжных, перестают с ними вести работу. Между тем внимательное изучение таких детей показывает, прежде всего, что они по своему составу очень неоднородны.

Учащиеся общеобразовательных школ в своем поведении разделяются на четыре зоны:

1 ) зона нормативного поведения;

2 ) зона социально психологической адаптации;

3 ) зона отклоняющегося поведения;

4 ) зона противоправного поведения.

Зона отклоняющегося поведения охватывает ту часть ошибочных действий ребенка, которые уже вызывает активное беспокойство общества, поэтому под отклоняющимся поведением следует понимать совокупность действий, поступков учащихся, не являющихся правонарушителями, но вызывающих негативные психологические эффекты коллектива и граничащих с социально-психологической деградацией личности. «Девиантное поведение приводит к разрушению чего-либо (здоровья, отношений личности, общественного порядка) и даже – к прерыванию самой жизни». [3, С. 83]. Поэтому в обществе применяется также и классификация отклонений по целевой направленности. Сюда относятся отклонения корыстной ориентации (проституция), отклонения агрессивной ориентации (насилие как самоцель, например, хулиганство) и отклонения социально-пассивного типа: уход от общественной жизни (пьянство и алкоголизм, наркомания и крайняя форма –

самоубийство). «В норме агрессия носит оборонительный характер и служит выживанию. Агрессивные подростки не чувствуют вины за агрессивное поведение, не доверяют окружающим, попадая под жесткий контроль представителей власти». [67, С. 93]. Существует несколько подходов к объяснению девиантного поведения. У каждого ученого своя точка зрения, к примеру, Курбатов В.И. выделяет три основных подхода:

1) биологический, который обусловлен различными физическими особенности человека;

2.) психологический; обусловлен наличием различных комплексов или психическими отклонениями личности.

3) социологический объясняется социальными причинами: противоречиями и несовершенством общества.

Отклоняющееся поведение имеет сложную природу, обусловленную самыми разнообразными факторами, находящимися в сложном взаимодействии и взаимовлияния. Сюда входят наследственность, среда воспитания, собственная практическая деятельность человека. В связи с этим И. П. Подласый отмечает, что «Влияние наследственности и среды корректируется воспитанием». [4,С.87].

Склонность к употреблению наркотических веществ повышена у людей с эмоциональной неустойчивостью. Ведь каждому подростку, юноше необходимо состояние душевного равновесия. Одни чувствуют себя комфортно лишь в условиях постоянных положительных эмоциональных стимулов. Другие же излишне ранимы, они чувствуют себя незащищенными в обычных нормальных условиях.

Отклоняющееся поведение - симптом семейного неблагополучия. Кризис семьи подрывает общество, государство «История показывает, что все великие крушения и даже «исчезновение народов» возникают из духовно-религиозных кризисов, которые выражаются прежде всего в разложении семьи, в разрушении родственности». [1,С.37]. В последнее время выпали из внутрисемейной жизни совместные ужины с интересными разговорами и шутками. Согласитесь, каждый живёт сам по себе, питается «на ходу», где и когда сможет. Родители чаще всего обращаются с детьми на уровне чисто утилитарном (оденься, сделай уроки, сходи в магазин, посмотри видео, иди, погуляй, посиди у компьютера).[2.с.59]

Низкий уровень жизни, несовершенство законодательства, слабость власти – по причине этих социальных условий у подростков развивается противоправная реакция поведения. Начинается все из-за плохой учебы в школе, проблем в семье, и далее подросток оказывается на улице и знакомится с подростками-хулиганами, которые входят спустя некоторые время в преступные группировки. Особенности дворовых групп заключаются в том, что они собираются в пределах близко расположенные друг к другу жилых домов. Молодые люди в таких группах не учатся (бросили учёбу) или не работают, контроль за их поведением, по существу, отсутствует. В зависимости от ситуации они совершают различные преступления и правонарушения, которые в подавляющем большинстве случаев алкогольно-наркотически обусловлены. Уличные молодёжные группы являются наиболее опасными. Многие подростки из любопытства пробуют алкоголь и наркотики.

Подросткам свойственно рисковать, пробовать свои силы, испытывать свои возможности, определять границы допустимого. В связи с этим они попадают в опасные ситуации, недооценивая реальный риск. Кризис подросткового возраста является основным фактором риска в силу того, что адекватное восприятие реальности у подростка затруднено. Этот возраст характеризуется стремлением к самоутверждению, развитию самосознания. Юношеский возраст человека выходит за границы пребывания в школе. Юность принято делить на раннюю или школьную, от 15 до 17 лет, и позднюю, с 17-18 до 25 лет (студенческие годы). «Ребенок данного паспортного возраста в отношении как своего физиологического, так и интеллектуального возраста может находиться или впереди, или позади той точки, на которой его сейчас застиг возраст хронологический. Это… можно назвать проблемой культурного возраста». [2, С .79].

Алкоголизм, наркомания, ранняя половая развращенность трудно поддаются психолого-педагогической коррекции в процессе перевоспитания подростков с отклоняющимся поведением. Эти перечисленные отклонения представляют определённую опасность для общества.

Воспитание подрастающего поколения является одной из главнейших функций государства. Специалисты социальных учреждений ведут комплексную работу с девиантными детьми, используя ряд современных технологий, которые способствуют изменению поведения подростков, принятию ими общепринятых социальных норм поведения. Классные руководители обязаны обращать внимание на изменение поведения подростков для устранения нездорового интереса к наркотикам.

Сегодня от риска употребления наркотиков не застрахован никто. Изменения, происходящие в нашем обществе, выдвинули эту проблему на самый вверх «повестки дня» сообщества.

Мы редко задумываемся, как наркотическая зависимость человека влияет на окружающих. Родные, друзья и сам наркопотребитель вместо сочувствия и помощи получают презрение и упрёки от окружающих, что ещё больше усугубляет ситуацию, ведь родители и родные не обращаются за помощью вовремя, скрывая проблему, и не могут помочь, пока ещё это возможно. А для большинства людей наркопотребитель существует сам по себе. Они не задумываются, на скольких людей, которые никогда не пробовали и не попробуют наркотики, наркомания оказывает очень тяжёлое воздействие. И мало кто понимает, что наркомания – это болезнь, а не наказание или признак позорного поведения.

Таджикистан как полноправный член международного сообщества, неоднократно заявлял всему мировому сообществу, в том числе и с высокой трибуны ООН, о своей решимости бороться с этим злом, представляющим угрозу для социальной безопасности личности, общества и государств мира на всех имеющихся уровнях власти.[4. С. 48]

Реальным выходом из создавшейся ситуации является привлечение к профилактической работе педагогов. Обучение педагогов основам профилактической работы в школе через семью с привлечением общественных организации позволит уже в ближайшем будущем оградить подрастающее поколение страны от наркотической эпидемии. Только, будучи масштабной и серьезной, такая работа в конечном итоге может дать весомый результат.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Азаров Ю.П. Семейная педагогика.[Текст].-СПб.: Питер, 2011. – 400 С.
2. Выготский Л. С. Психология. - [Текст]. М.: ЭКСМО-Пресс, 2000. - 1008 С. (Серия «Мир и психология»)
3. Змановская Е.В. Современный психоанализ. Теория и практика. [Текст]. - СПб.: Питер, 2011. - 288С.
4. Подласый И. П. Педагогика [Текст]. - М.: Владос, 2000. - 255 С.

**Туронов С., Аликулова С.**

## ФАКТОРЫ, ФОРМИРУЮЩИЕ ДЕВИАНТНОЕ ПОВЕДЕНИЕ ПОДРОСТКОВ

В данной статье дано определение девиантологии, характеристика отклоняющегося поведения, говорится о социальных нормах и нормативных поведениях, о действии наркотических препаратов на организм человека, вскрыты причины наркомании несовершеннолетних подростков.

Отмечается, что школа и семья обязаны помочь подросткам в организации досуга, выборе жизненного пути и достойной цели. Таким образом, решение проблемы наркомании среди учащейся молодежи имеет большое социальное, экономическое и нравственное значение и требует работы всего общества в целом.

***Ключевые слова:*** *фактор, девиантность, наркомания, подростки, досуг, семья, среда, поведение, профилактика.*

**Turonov S., Alikulova S.**

## FACTORS SHAPING A DOLESCENT DEVIANT BEHAVIOR

This article gives a definition of deviantology, a characteristic of deviant behavior, states what social norms and normative behavior are, the effect of narcotic drugs on the human body, and the causes of drug addiction in minors are revealed.

School and family are obliged to help adolescents in organizing leisure activities, choosing a life path and a worthy goal. Thus, the solution to the problem of drug addiction among students is of great social, economic and moral importance and requires the work of society as a whole.

***Keywords:*** *factor, deviance, drug addiction, adolescents, leisure, family, environment, behavior, prevention.*

**Сведения об авторах: Туронов Султонмурод Шарофович** – кандидат педагогических наук, научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Аликулова Сабрина Тилавовна** - ассистент кафедры русского языка ТГФЭУ, соискатель ИРО АОТ

**Information about the authors: Turonov Sultonmurod Sharofovich** - candidate of pedagogical sciences Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**Alikulova Sabrina Tilavovna** - Assistant, Russian Language Department, TSFEU, Applicant for IDE AET

**Б. МАҶИДОВА**

# НАҚШИ РОҲБАРИИ ПАДАРУ МОДАРОН БА КИТОБХОНИИ К□ДАКОНУ НАВРАСОН ДАР ХОНАВОДА

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ки аз он Тоҷикистон низ дар канор намондааст,аз хурд то бузург, аз кӯдак то калонсол барои донистан, аз худ намудан, фаҳмидани навовариҳои илму фан, ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоӣ , ҳалли мушкилоти иҷтимоии фарҳангӣ, маишӣ , хоҷагӣ (пухтупаз, сайру саёҳат, хариду фурӯш ва ғайраҳо), муошırату мубодилаи афкор, муроҷиат кардан ва истифода бурдан аз маводи итилоотӣ -иртиботӣ телевизор, телефони мобилӣ , интернетро афзал медонанд.

Телевизион, тамошои маводи намоишӣ (фитаҳо) ва интернет ба яке аз амалҳои таъсиррасонӣ ва муаянкунандаи фикру андеша, амалу рафтор, тафаккури шахсию иҷтимоии мардум мубаддал гардидаанд. Ҳамаи онҳо куллан, дар ҳамбастагию бароҳат будани тарзи истифода ва шояд дастрасу камхарҷ, доимию камзаҳмат будан, мавқеи китобу китобхониро маҳдуд намудаанд. Ҷойи китобу китобхонаҳои шахсию мактабиро китобу китобхонаҳои электронӣ , шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ гирифта истодаанд.[2.с.76]

Фоҷиовар будани ин таҳаввулот он аст, ки одамон, махсусан кӯдакону наврасон, аз муошırати зиндаи рӯ ба рӯ, муошират бо лафзу забони модарӣ , бо истифодаи нутқи имою ишоратӣ маҳрум гашта истодаанд. Набояд фаромӯш кард, ки рушди шахсияти кӯдаки хурдсол ба волидон, муҳити иҳотакарда, ки дар он барои кӯдак мавқеъ ва мақоми маънавию иҷтимоии махсус ҷудо карда шудааст, вобаста мебошад. Дар фарҳангу маданияти ҷаҳонӣ, аз ҷумла тоҷикон, арзишҳое вуҷуд доранд, ки онҳо маҳз барои кӯдакон, барои давраи кӯдакию наврасӣ эҷод карда шудаанд ва дар рушду нумӯъи ӯ нақши муҳим мегузоранд. Дар илми муосири ҷомеашиносӣ ва фарҳангшиносӣ онро арзиши фарҳангии кӯдак-субкултура меноманд, ки онҳо бо номи адабиёти бачагона (бо шохаҳояш: фалклори бачагона-афсонаҳо, латифаҳо, ҳикояҳо, шеъру таронаҳо, сурудҳои навозишию дӯстдорӣ , зарбулмасалу мақолҳо, чистонҳо, тезгӯякҳо, қофиябозӣ ва шакли адабии онҳо, ки аз тарафи шоиру нависандагон махсус барои хурдсолон эҷод карда шудаасту ба замми ин аз хазинаи адабиёти халқҳои дунё бо забони ноби тоҷикӣ тарҷума гардидаанд), тасвирҳои бачагона, мусиқии бачагона ва ғайраҳо ном гирифтаанд. Ҳатто арзиши фарҳангии кӯдак дар як вақт арзишҳои моддии ба худ хосро дорад, ки онҳо аз либоси кӯдакона то пойафзол, маводҳои хониш ва ғайраҳоро дар бар гирифта, дар тарзи ташкилу раванди хизматрасонии иҷтимоӣ эътироф, арзёбӣ в мавриди истифодабарӣ қарор гирифтааст. Ба монанди муассисҳои махсус вобаста синну соли кӯдакон муассисаҳои таҳсилоти барои шиноварӣ , бозикунӣ , истироҳату фароғатгоҳ ва ғайраҳо.Дар байни кулли ин арзишҳо китоби бачагона мавқеи хосса дорад. Чунки муошırати кӯдак бо бозиҳои компъютерӣ , телевизион, интернет мустақилона баргузор гардад, пас, ба олами китоб ӯ ба восита, мададу дастгирӣ ва роҳнамоии махсуси ҳарӯза ва зиндаи калонсолон, падару модар, бобою бибӣ , бародару хоҳарони мактабхон дар хонавода, мураббиёну муаллимон дар муассисаҳои таҳсилот ворид мегардад. Онҳо кӯдакро бо олами китоб, бо нерӯи сухан ва рангу тобишҳои нотакрори он, оҳангу тарзу услуби хосаи хондану нақл кардани матн ворид менамоянд. Барои тасдиқи мақсаду мухтавои матн расмҳоро нишон медиҳанд, онҳоро шарҳу эзоҳ дода кӯдакро ба фаҳмидан, андешаю суханронӣ водор менамоянд.[3.с.88]

Ҳамаи ин амалҳо як мактаби, омӯзишию тарбиятӣ , ёдгирию ҷаҳонфаҳмии кӯдак мегардад. Муҳимтар он аст, ки талаботи равонии кӯдак ба муошırату муносибат, ҳамдигарфаҳмиву худогоҳӣ қонеъ мешавад. Вақте, ки калонсол китоб мехонад, мазмуни онро нақл менамояд, кӯдак он гармӣ , навозиш, дӯстдорӣ , меҳрубонӣ ва дилбастагиеро, ки калонсолон нисбат ба ӯ доранд, дарк мекунад, аз он ҳаловат мебарад ва кӯшиш менамояд ба атрофиён бо самимият, эҳтиром меҳрубонию, дӯстдорӣ ҷавоб гардонад. Аз ин рӯ, кӯдак бояд аз хурдсолӣ бидонад, ки китоб нахуст устоди тамоми башарият аст ва он Хуршеди тавоност дар осмони илму маърифат, дар вақти зарурӣ "ҳамсуҳбати беғараз" ва "мададгору пандомӯзи" зиндагӣ аст. Ҳар як падару модар, бобою бибии имрӯза аз хурдӣ

ба китоб унс гирифта онро варақгардон карда, хатту савод баровардаанд, чашми хирад ба олам боз намудаанд, ҳастиашонро аз ҳама шикасту нокомиҳо эмин дошта олами маънавии худро ғанӣ гардондаанд. Бояд ин анъанаи некро ба фарзандону набераҳо омӯзонанд, таҷриибаи ҳаётии худро мерос гузоранд ва занҷири пайвастаи наслу авлодро роҳандозӣ намоянд.Мардуми тоҷик аз азал китобхону китобдор буд ва китоб чун муқаддасот эътироф карда мешуд. Барои инсон, ки беҳтарин неъмати дунё фарзанд аст, дар зери болишти тифлакон китоб мегузоштанд.

Дар мероси ниёгони мо низ волотарин арзиши он, аст ки инсон бояд аз хурдсолӣ ба китоб рӯй орад, онро анису ҳамдам гардонад, мутолиа намояду омӯзад, соҳибхираду фозил бошад, дар зиндагӣ ҷойгоҳу мартабаи худро ёбад. Ҳанӯз аз давраи тифлӣ , баробари истифодаи суруди “Алла”, шеъру таронаҳои навозшию дӯстдорӣ , шеърхониву кофиябозӣ , ҳангоми меҳрубонию навозиш падару модарон бояд кӯдакро бо лафзӣ модарӣ , матни адабӣ ва китобу китобхонӣ наздику қарин кунанд. Бо оҳанги нафису овози форам хондани матни адабӣ на танҳо диққати калонсолон, балки диққати кӯдакро низ ба худ ҷалб менамояд ва ба ӯ руҳу ҳаловат мебахшад. Дар давраи синни барвақти бачагӣ (то 3-солагӣ ) ва томактабӣ (6-7 солагӣ ) муҳим он аст, ки дар кӯдак муносибати эҳтиёткорона нисбат ба китоб тарбия карда мешавад. Беэҳтиётӣ , ва беэҳтиромии кӯдак нисбати китоб дар кандану пора кардани варақҳо, хаткашӣ дар саҳифаҳои он, ба ҳар тараф партофтан, аз он баҳрабардорӣ накардан ва ғайраҳо зоҳир мегардад. Ҷалб кардани кӯдак бо тамошои якҷояи расму тасвирҳои китобҳои бачагона, якҷоя хондани китоб ва суҳбат доир ба маводи хондашуда, ҷудо намудани ҷойи махсуси китобмонӣ дар ҷевон, вақти китобхонӣ дар реҷаи рӯз ва ҳаёти ҳарӯза имконият медиҳад, ки минбаъд муносибати мусбати кӯдакро ба китобу китобхонӣ тарбия намояд. Хондани ҳикояву афсонаҳо, шеъру ривоятҳо дар давраи хурдсолӣ замина барои дар айёми наврасию камолот хондани повесту романҳо аз эъҷодиёти адибони ватанию хориҷӣ мегардад. Хурдсолон ҳамроҳи волидон ба мағоза, намоишгоҳи китоб, китобхона ба саёҳат рафтанро дӯст медоранд. Калонсолон метавонанд кӯдаконро ҳамроҳи худ ба мағозаи китобфурӯшӣ , намоишгоҳи китобҳои нав ҳамроҳи намоянд ва бо ин восита доираи донишу тасаввуротҳои онҳоро дар бораи олами китоб васеъ гардонанд. Китоби қиматеро, ки ба имконияти молиявии хонавода, синну сол, фаҳмиши кӯдак мувофиқат намекунад харидан шарт нест, вале ба кӯдак имконият додан мумкин аст, ки онро ба даст гирад, варақ занад, суол диҳад, маслиҳат пурсида ва фикру андешаи худро иброз намоянд.Шунидан, дарк намудан ва аз худ кардани мазмун, қофияву оҳанги асари бадеӣ аз афсона оғоз мегардад, ки онро қадами аввали кӯдак ба фарҳанги миллию умумибашарӣ номидан мумкин аст. Маҳз гуфтор, кирдору амали қаҳрамонони афсонаҳои халқӣ “Бузаки ҷингилапо”, “Донак”, “Нахӯдак”, “Кадучаи ғелон”, афсонаҳои тарҷумашудаи халқҳои дигар “Мурғи чипор”, “Шалғам”, “Кулчача”, “Рӯмолсурхак”, “Гурбаи мӯзапӯш”, “Мусиқичиёни Бременӣ ” ва ғайраҳо ба рушди равонӣ ва шаклигирии сифатҳои шахсии ахлоқӣ -иродавии кӯдакон ҳанӯз аз давраи томактабӣ таъсир мерасонад. Дар давраи мактабӣ бошад, мустақилона мутолиа намудани афсонаҳо, дуруст дарк намудани амалу, кирдори қаҳрамонони онҳо ба эҳсос, олами маънави ва рафтору амал, гуфтору кирдори кӯдакон таъсир мерасонад.(А.В.Запарожес, Б.С.Теплов, М.Лутфуллоев, Л. Иматова ва дигарон) ва он омили муҳими тарбияи ахлоқӣ мебошад.Барои кӯдакон вобаста ба дигаргунҳои иҷтимоию сиёсӣ , фараҳангию иқтисодӣ китобҳо дастрас мегарданд. Масалан, волидон дар китобхонии кӯдакони солҳои 50-60 уми асри гузашта бештар ширкат мекарданд. Онҳо асарҳои тарҷумашудаи адибон В.Катаев “Гули ҳафтранг”, К.Чуковский “Доктор Айболит”, афсонаҳои Андерсон, бародарон Гримм, асарҳои Н. Носов, А.Толстой “Калидчаи тилло ё худ саргузашти Буратино”, Л.Пантелеева “Ҳикояҳо дар бораи Белаҷон ва Тамараҷон”, В.Оссева “Сухани сеҳрнок” ва ғайраро, ки вобаста ба ҳамон шароиту муҳит дастраси хонавода буданд, муроҷиат менамуданд, вале ба асарҳои бачагонаи адибони тоҷик кам таваҷҷӯҳ менамуданд.[5.с.122]

Дар яке аз маводи омӯзишии тарбиятӣ таъкид гардидааст, ки дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 80-уми асри гузашта дар як сол барои кӯдакону наврасон зиёда аз якуним миллиард китоб нашр карда шуд ва ба ин нигоҳ накарда, талаботи харидорони китоб қонеъ гардонида намешуд. Чунин далел майлу рағбат, талаботу фарҳанги китобхонии мардумро ифода менамуд. Боиси таассуф аст, ки имрӯз на ҳамаи хонаводаҳо,

майлу рағбати дастрас намудан ва бедор кардани шавқу рағбати кӯдакону наврасонро ба китоб ва китобхонӣ доранд ва ин масъала тадқиқоти махсуси сотсиологӣ -педагогиро талаб менамояд. Ҳангоми таъмини роҳбарии падару модарон ба китобхонии кӯдакону наврасон хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии онҳо бояд ба ҳисоб гирифта шаванд. Набояд фаромӯш кард, ки барои хурдсолон муҳим он аст, ки китоб бо расму тасвирҳои ҳушрангу, дилкаш ва диққатҷалбкунанда дар қоғази ҷилодори хуб оро дода шуда бошад. Он воситаи муҳимми китобро дӯст доштан, идрок намудани зебоӣ ва зебопарастӣ буда, шавқу рағбати хонандаи хурдсолро нисбат ба матну мазмуни он, рафтори қаҳрамонон зиёд мегардонад. Ин имкон медиҳад, ки а) олами маънавии кӯдак бо рангу тобишҳои нав бой гардонида шавад;б)маҳорату малакаҳои эҷодкорӣ рушд ёбад ва тахайюлоти ӯ бой гардад;в)ҳиссиётҳои мусбати ахлоқӣ -дилсӯзӣ , ҳамраӣ , ҳамкорӣ , ва ғайраҳо парвариш карда шаванд; ва г)муҳимтар он аст, ки муносибатҳои байниҳамдигарӣ , ҳамдигарфаҳмӣ ҳамкорӣ бо кӯдак шакл гиранд, ки он дар ташаккулёбии шахсияти кӯдакони имрӯза хеле муҳим аст.

Боиси таасуф аст, ки на ҳамаи рангу ороиш, тасвири образу манзараҳо дар китобҳои бачагонаи шоиру нависандагони муосири тоҷик бо ҳамдигар мувафиқат менамоянд. Масалан, дар шеър тавсифи амалҳои кӯдаки ширмак, вале дар расмҳои китоб дар гаҳвора духтарчаи 3-4 солаи мустақил тасвир гардидааст. Хуб мешуд аз тарафи мусаввирон ҷабҳаҳои тасвири қаҳрамонон, ба ҳисоб гирифта шаванд, то ба дунёи маънавии кӯдак ягонагии матни тасвири адабӣ ва образҳои реалӣ ворид гардад. Дар ин самт омӯхтани таҷрибаи ороишгарии рассоми рус О.А.Васнесов дар тасвири афсонаҳо хеле муҳим аст.  тавонистааст дар тасвири афсонаҳои халқи рус ба мувоффақият ноил гардад. Ё худ тасвирҳои рассом Е.И.Чарушин ба асарҳои Б.Бианки, М.Пришвин, С.Маршак, тасвирҳои В.М.Канашевич ба асарҳои К.И.Чуковский ва дигарон хеле ибратомӯз мебошанд. Вазифаи муассисаҳои таҳсилотӣ -кӯдакистон, мактаб оид ба шинос намудани кӯдакону наврасон ба китоб, омӯзонидани шавқу рағбат, маҳорату малакаҳои китобхонӣ тибқи барномаҳои таълиму тарбияви муайян карда шуда, иҷрои онҳо ҳатмӣ ба шумор меравад. Дар иҷро гардидани вазифаҳои барномавӣ мураббиёну омӯзгорон шахсони масъул мебошанд. Дар иҷрои он бояд омӯзгорон, аҳли хонавода, махсусан волидон бо ҳамдигар ҳамкорию ҳамдастӣ намоянд. Ягонагии мақсаду вазифаҳои таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилотӣ ва волидон дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ -ҳуқуқии кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (2013) ва махсусан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” (2011) махсус таъкид карда шудааст. Роҳу усули раҳбарии падару модар дар китобхонии кӯдакон ва наврасон вобаста ба синну соли фарзандон муайян ва интихоб карда мешаванд. Барои кӯдакони синни томактабӣ усули хонда додани китобҳо, ки онҳо асосан жанрҳои афсона, ҳикоя, шеър, чистонҳо, тезгӯяк, зарбулмасалу мақолҳо, суруду таронаҳои навозишию дӯстдориро ташкил мекунанд, дар бар мегирад ва нисбат ба китобу китобхонӣ шавқу рағбат, меҳру муҳаббати онҳо парвариш ёфта иҷрои вазифаҳои таълимӣ тарбиявӣ ва инкишофдиҳандагӣ таъмин мегардад. Барои хурдсолон дастрастарин усули донистани мазмуни китоб ин нақл намудани калонсолон мебошад. Афзалияти нақлкунии мазмуни асарҳои бадеӣ аз тарафи калонсолон дар он аст, ки а)мазмуни матн мувофиқи синну сол ва имконияту тавоноии кӯдак сода, фаҳмо, бо такрор кардани ибораҳо, қофиябозӣ дастрас карда мешавад; б)дар ҳолати зарурӣ мазмуни калимаҳо, амалу рафтори қаҳрамонон мавриди шарҳу эзоҳ қарор мегирад; в)ҳангоми нақл расму тасвирҳои китоб мавриди истифода қарор мегиранд; г)муоширату муносибати байни гӯяндаву шунаванда калонсолу-кӯдак барқарор мегардад. Барои ҳамин ҳам кӯдакон такроран шунидани мазмуни афсонаю ҳикоя, шеъру таронаҳоро дӯст медоранд. Падару модарон бояд хурдсолонро дар оғоз бо номи китоб, расму тасвирҳои он шинос намуда, барои пурра дарк намудани мазмуни матн омода созанд. Баъди хондан ва ё нақл намудани матни китоб доир ба мазмуни он суҳбат намоянд, ки он барои пурра гардонидани донишу тасаввуроти кӯдак, рушди нутқи шифоҳӣ , маҳорату малакаҳои ба саволҳо дуруст, пурра, саҳеҳ ҷавоб додан, баён карда тавонистани фикр хеле муҳим аст.[2.с.97]

Падару модарон мураббияҳо, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ метавонанд ҳангоми хондан ва нақл намудани мазмуни матнҳои китобҳои бачагона истифода баранд:

воситаҳои ифоданокии нутқ (оҳанг, истҳо, қувваи овоз ва баландии он), техникаи нутқронӣ (нафаскашӣ , риоя намудан бо аломатҳои китобатӣ , суръати нутқронӣ ), ки ҳамаи онҳо маҳорати хониши ифоданок номида мешаванд: такроран хондан ва нақл намудани матн; интихобан ва бо хоҳиши худи кӯдак такроран хондану нақл намудани матн; вобаста ба мазмуни матн намоиш додани расму тасвирҳо, бозичаҳо; бозиҳои омӯзишӣ - "Ин аз кадом афсона аст?", "Давомашро бигӯй", "Кадомаш ба ту писанд омад ва барои чӣ ?"; расмкашии якҷоя аз рӯйи мазмуни китобҳои дӯстдошта ва сохтани суроби қаҳрамонони дӯстдоштаи кӯдак аз лой, пластилин, хамир, якҷоя тамошо кардани филмҳои тасвирӣ ва муҳокима намудани мазмуни онҳо; суҳбат оид ба китобҳои хондашуда ва таҳлили амалу рафтори қаҳрамонони мусбату манфӣ ; якҷоя азёд кардани шеъру таронаҳо; ҳангоми гуфтугӯ ва муносибатҳои ҳаррӯза, сайругашт, саёҳат ва мушоҳидаҳои ҳаррӯза махсус интихоб намудан ва истифода бурдан аз чистонҳо, тезгӯякҳо, зарбулмасалу мақолҳо, қофибозию шеърхонӣ ; ҳангоми ташкилу роҳбарӣ ба бозиҳои серҳаракат истифода бурдани шумуракҳо ва дигар жанрҳои фолклорӣ , ки дар бозиҳои кӯдакон, ки дар адабиёти муосир онҳо эътироф карда шудаанд: ("Ҷигар-ҷигар", "Харгӯшакҷон-харгӯшак"); дар оила ташкил намудани гӯша, ҷойи махсус барои китобхонӣ ва аз тарафи мураббӣ, омӯзгор ба падару модарон намоиш додани корҳои амалии кӯдак (расмкашӣ , суробсозӣ , гулмонӣ , тартибдиҳӣ ), ки аз рӯйи мазмуни асарҳои бадеӣ пайгирӣ карда шудаанд: ташкил намудани бозиҳои саҳнавикардашуда аз рӯйи мазмуни асарҳои бадеӣ бо истифодаи ниқобҳо дар айёми иду ҷашнвораҳо, бо намоиш додани театри бозичаҳо (ҳам дастисохт ва ҳам тайёр); ҷорӣ намудани анъанаи қироатӣ хонаводагии китоб, ки дар он ҳам хурдтаракон (чун шунаванда) ва ҳам бачагони мактабхони оила, падару модарон, бобою бибӣ иштирок менамоянд; мунтазам нақл намудани афсона пеш аз хоби кӯдакон ва ғайраҳо.[1.с.63]

Барои муайян намудани шакл ва роҳҳои ташкили анъанави қироати оилавии китоб (бо ташаббуси унвонҷӯй Ҳалимов Ҷ.М.) мо тадқиқоти ночизе гузаронидем, ки мақсад аз он ташхиси анъанаи қироати хонаводагии китоб, таъсири он ба ташаккулёбии сифатҳои ахлоқӣ , ва махсусан рафтори маданӣ ва одобӣ муоширaт дар кӯдакони хурдсоли то 7-сола буд. Ба тадқиқот хонаводаҳо аз шаҳраки Ҳисор (82), Истаравшан (67), ва Хоруғ (93) ҷалб карда шуда буданд. Вазифаи тадқиқот муайянсозии нақши қироати хонаводагӣ дар муҳити солим, таҳлили вазъи фарҳангию маънавии хонавода, муносибати волидон ба таълиму тарбияи фарзандон, сатҳи рушду нумӯи шахсияти кӯдак зери таъсири қироати хонаводагиро ташкил мекард,

Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки дар шаҳри Хоруғ 46,8%, дар шаҳри Истаравшан 34,3% ва дар шаҳри Ҳисор 40,1% хонаводаҳо бачаҳоро ба қироати китоб ва китобхонӣ ҷалб менамоянд. Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми тадқиқот ба пурсишнома асосан модарон ҷавоб доданд, ки ин гувоҳи ба таълиму тарбияи хурдсолон бештар машғул будани онҳост аст ва шояд теъдоди китобхонҳо низ аз ҳисоби онон зиёдтар бошад. Ҳангоми кори тадқиқоти аввал бо худи волидон дар бораи китоб, китобхонӣ ва мавҷудияти китобҳои бачагона дар муҳити хонавода суҳбат намуда, диққати онҳоро ба хусусиятҳои аз тарафи кӯдакон дарк намудани мазмуни асарҳои бадеӣ , баҳо додан бо қаҳрамонони асар, шавқу рағбати донистагирии кӯдакон, тақлидкории онҳо ба амалҳои қаҳрамонон, хусусияти ороишдиҳии китобҳои бачагона ва ғайраҳо ҷалб намудем, то ки барои ҷавоб додан ба саволҳои пурсишнома омода гарданд.Ба ақидаи мо ҷалб кардани хурдсолон ба қироати хонаводагӣ ба омилҳои зерин вобаста аст: 1.Таъмин будани муҳити хонавода ба китобҳои бачагона, маҷаллаю маводи хонданбоб барои кӯдакону наврасон.2.Таъсири байниҳамдигарии кӯдакони синни мактабхон ба хурдсолони томактабӣ .3.Хоҳишу рағбати худи волидон, ки дар ҳаёту зиндагии онҳо китоб нақши худро дорад. 4.Ба кӯдакистон фаро гирифта шудани кӯдакон. Бояд ба ҳисоб гирифт, ки барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ дар кӯдакистон "Рангинкамон" ҳатман шинос намудани кӯдаконро бо адабиёти бадеӣ вобаста ба даврaҳои синнусолии инкишофи ҷисмонию равонӣ , иродавию ахлоқиро талаб менамояд. Кӯдакон бо усули хонда додан ва нақл намудани мазмуни матнҳои адабӣ ва азёд кунонидани шеър бо адабиёти бадеӣ шинос карда мешаванд. Аҳамияти таълиму тарбиявии ин амал дар илми равоншиносию педагогии муосир тадқиқ ва тавсия дода шудаанд. (Лутфуллоев.М, Насруллоева Н.,

Иматова Л., Мирхонова Н., Қурбонова З., Маҷидова Б., ва дигарон).5.Аз тарафи волидон махсус ташкил кардани қироати хонаводагӣ , харидорию дастрас намудани асарҳои бадеӣ , ташкили анъанаи фаромӯшшудаи китобхонаи оилавӣ чун воситаи муҳимми тарбияи кӯдакон, дуруст ташкил кардани вақти холигии онҳо. 6.Набудани тавоноии харидорӣ кардани китобҳои бачагона. Аз 19,5% то 21% волидони дар пурсиш иштироккарда таъкид кардаанд, ки қиматии нархи китобҳои бачагона имконият намедиҳад онҳоро, то харидорӣ намуда, дар қироати хонаводагӣ баҳрабардоӣ намоянд. Набояд фаромӯш кард, ки фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ ва муҳокимаронии кӯдакони имрӯза аз кӯдакони 10-20 соли пешин ба куллӣ фарқ мекунанд. Бинобар ин, кӯдакон имрӯз ниёз доранд муаллифон-адибон китобҳоро ба сатҳи рушду нумуи тафаккури онҳо мувофиқ намоянд. Масалан, вақте ки ба духтарчаи 6-сола Зарина афсонаи "Руймолсурхак"-ро, (ки он бо номи Красная шапочка машҳур аст ) нақл карданд, ба гӯянда бо чунин савол хитоб намуд; Наход ин духтарча,- Руймолсурхак, ҳамин қадар ҳам бефаҳм бошад, ки гурги баданаш пашмину баднаморо аз бибиаш фарқ накунад. Тавба...Имрӯз кӯдакон вобаста ба синнусол, имконияти рушди ҷисмонию равонӣ , ки бо он пешрафти ҷомеа, технологияи итилоотӣ -иртиботӣ , дастрасии маълумоту тасаввуроти навин таъсир мерасонанд, бо афсонаю ҳикояҳое эҳтиёҷ доранд, ки мазмуни онҳо ба дастовардҳои дониши муосир мувофиқат намоянд. Волидон дар ҳамдастӣ бо мураббиёну муаллимон бояд фаъолияти китобхонаҳои мактабию ноҳиявиро тақвият бахшида, ташвиқу тарғиби китобхониро дар муҳити хонавода ташкил намоянд. Ягон мушкилоти зиндагӣ маъсулияти онҳоро дар таълиму тарбияи фарзанд ва дар раванди он тарбияи шавқу рағбат ба китобхониро кам ё маҳдуд намегардонад. Бо ташаббуси волидон ташкил наудани маҳфилҳои адабӣ , вохурӣ бо адибону эҷодкорони санъати театрӣ ва кино, рӯзноманигорону равоншиносҳо ва кулли намояндагони илму фарҳанг дар маҳалла, кӯдакистон, мактаб, китобхонаҳо яке аз роҳҳои ҷалб намудани кӯдакону наврасон ба китобхонӣ , пешгирӣ намудани кӯчагардию қонуншикании насли наврас аст. Яке аз роҳҳои ҷалб намудани кӯдакону наврасон ба китобхонӣ ин омода кардани туҳфаи арзишмандтарин, ки он барои фардои наслҳои оянда мерос мегарданд, ки харидории китобҳо бояд бошад. Бозичаи беҳтарини замонавӣ , либоси зебо, пойафзоли пурдошт, зару зевар барои духтарбачаҳо, кулли ашё метавонанд рӯзе арзишу тавоноии худро аз даст диҳанд, вале китоб ҳеҷ гоҳ арзиши худро гум намекунад ва он метавонад ба наслҳои дигар ҳамчун арзиши манфиатбахшу кӯҳнанашаванда боқӣ монад. Ёрдамчии волидон дар ташкили китобхонии кӯдакону наврасон мураббиёну муаллимон ва кормандони китобхонаҳо бояд бошанд. Агар мураббиёну муаллимон ҳамкориро дар асоси талаботи барномавии муассисаҳои таҳсилотӣ роҳандозӣ намоянд, китобхонаҳо имконияту тавоноии дастрас намудани китобҳоро мувофиқи майлу рағбат, шавқу ҳавас, синну сол ва талаботи фардию иҷтимоии кӯдаконро доранд. Волидон бояд донанд, ки томактабиён, то 6-7 - солаҳо афсонаҳо, китобҳои расму тасвирҳои рангадоштаи тамошобоб, хонандагони синфҳои ибтидоӣ бошанд китобҳо оид ба ҳодисаю воқеаҳо шавқовару ғайриоддӣ , наврасон хондани жанри дедектив, навҷавонон асарҳои илмӣ -фантастикиро интихоб менамоянд. Инчунин мазмун ва номгӯи китобҳоро бачаҳо вобаста ба ҷинс (духтарҳо ва писарҳо), шавқу рағбати фардӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт, касбу ҳунар ва фаъолияти меҳнатии одамон интихоб менамоянд. Барои ҳамин ҳам, ҳар як китобхон интихобу эътирофи шахсии худро нисбати китоб дорад.[1.с.42]

Баъзан кӯдакону наврасони, мо калонсолонро бовар кунониданӣ мешаванд, ки ном, мазмун, қаҳрамонони ин ё он китоби тавсиякардаи барномаи таълимии фаннии мактабиро медонанд ва бо ин худ бовар мекунанд, ки гӯё ин асарҳоро мутолиа карда бошанд. Ҳангоми суҳбат маълум мегардад, ки ӯ чунин тасаввуротро на аз китоб, балки аз тамошои навор, филм ё барномаи телевизионӣ ҳосил намудааст, ки он хеле маҳдуд аст. Дар чунин ҳолат бачаҳоро ҳавасманд ба хондани китоб намуда, бовар кунондан лозим аст, ки хондани матни аслии китоб хеле ҳаловатбахшу муфидтар аст. Дар лаҳзаи мувофиқ такроран хотиррасон кардани зарурияти хондани китоб хеле муҳим аст. Набояд фаромӯш кард, ки китобхонӣ барои кӯдак низ кори осон нест. Иҷрои ин амал аз ӯ муносибати ҷиддӣ ва маъсулиятро барои хондану фаҳмидани мазмуну муҳтавои асар, сабру тоқат ва таҳаммулпазириро талаб менамояд. На ҳамаи амалу рафтор, гуфтору кирдори қаҳрамонон ба ӯ роҳату ҳаловат мебахшанд. Махсусан, хурдсолон мехоҳанд мазмуни асар бо хубӣ анҷом биёбад ва баъзан дар ҳолати душвору дастнорас будани мазмуни матн хаста

гардида, асабонӣ мешаванд. Бинобар ин, китобҳоеро интихоб намудан лозим аст, ки барои онҳо гуворою ҳаловатбахш, фоидаовар ибратомӯз бошад.

Волидон ба тезхонӣ ва бисёр хондани кӯдакон аҳамият надода, бояд бо меъёру сифати китобхонӣ диққат диҳанд. Ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ , ин амал имконият медиҳад, ки кӯдак ба иҷро намудани фаъоияти таълими омода гардад. Тибқи пешниҳоди равоншиносон ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ барои хондан ба хонандагони синфи якум 8-10 дақиқа ва барои хонандагони синфи дуюм 10-15 дақиқа вақт ҷудо намудан лозим аст. Яке аз роҳҳои ҷалб намудани кӯдакону наврасон ба китобхонӣ ин ҷалб намудани онҳо ба хондану муқоисаи намудани асарҳои бадеӣ мебошад, ки аз руйӣ мазмуни онҳо, филмбардорӣ карда шудаанд. Ба бачаҳо пешниҳод кардан мумкин аст, ки баъди тамошои филмҳои тасвирӣ аз рӯйи мазмуни афсонаҳо, филмҳои бадеӣ , бадеӣ -таърихӣ ин асарҳоро якҷоя бо калонсолон ва ё мустақилона мутолиа намуда, лаҳзаҳои асосӣ , кирдору амали қаҳрамонон, ҳодисаю воқеаҳои дар филмҳои бадеӣ тасвиршударо ба матни китоб муқоиса, таҳлил карда, дар бораи афзалияту камбудии ҳар яки онҳо андешаронӣ намоянд. Барои чунин сӯҳбат худи волидон бояд матни китобро худашон хонда дар бораи филм, махсусан қаҳрамонон, ҳунармандони нақшофарида маълумот дошта бошанд, то тавонанд бо кӯдакону наврасон таҳлилу баҳодиҳии муфидро анҷом диҳанд, шавқу ҳаваси онҳоро бо китобхонӣ афзун гардонанд. Муҳим он аст, ки филмро кӯдакону калонсолон якҷоя тамошо намуда, дар оянда якҷоя хондани китобҳои дигарро ба нақша гиранд. Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон бисёр кучаву деҳаҳо, ноҳияву шаҳрҳо аз нав номгузорӣ карда шуданд ва ба онҳо номи шоиру нависандагон , фарзандони фарзонаи халқ, қаҳрамонони Тоҷикистон сазовор дониста шуданд. Волидону омӯзгорон метавонанд чунин далелро низ барои зиёд кардани шавқу рағбати бачаҳо ба китобхонӣ истифода баранд. Барои ин аввал ба бачаҳо савол додан хеле муҳим аст: номи кӯча, маҳалла, деҳаи мо чӣ маъно дорад, худи ин одам кист, барои чӣ бо номи ӯ номгузорӣ гардид, дар борааш чиҳо медонӣ ва донистан мехоҳӣ , ба фикри ту оё ин дуруст аст ва ғайра. Ин амал яке аз роҳҳои тарбия намудани ҳисси хештаншиносӣ , худгоҳӣ , ватандӯстиву инсонгароӣ мегардад. Барои маслиҳату машварат, баҳсу мунозираҳо оид ба китобу китобхонӣ вақти муносиб, ва вазъияти хоссаи таъсирбахшро интихоб намудан хеле муҳим аст. Ин амалро ҳангоми саволдиҳии кӯдак доир ба адибону шахсони баруманд, мутолиаи оилавии китоб, ба хотир овардани порчаҳои шеърӣ, панду андарзҳои бузургон, мувофиқи матлабу зарурият истифодабарии зарбулмасалу мақолҳо, чистону тезгӯякҳо, тамошои филмҳои телевизионӣ , айёми ҷашнгирӣ ва ё ёдбуди адибон, тамошои филму барномаҳои телевизионӣ ва ғайраҳо роҳандозӣ намудан мумкин аст. Бинобар ин, А.С.Макаренко таъкид менамояд, ки дар кори тарбия ягон дастури ёрӣ дода наметавонад. Он ба эҷодкорӣ, маҳорату қобилияти интихоб ва истифодаи роҳу воситаҳои таъсиррасонӣ вобаста аст.Ҷалб намудани волидон ба хониши буруназсинфӣ , ки як ҷузъи таркибии таълими забони модарию адабиёт дар мактаб аст, хеле муҳим мебошад. Ин амалро оғозу равнақ бахшидан дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ хеле зарур аст.

Хеле хуб аст, ки кормандони соҳаи мактаб, маориф маҷаллаю рӯзномаҳои махсуси касбии худро доранд, ки дар онҳо аз таҷрибаи ҳамдигар, бурду бохт, муваффақият пирӯзиҳои касбии ҳамкорон огоҳ мегарданд. Дар онҳо роҷеъ ба аҳамияти китоб, нақши он дар ҳаёти инсон, аз ҷумла хурдсолон, китобҳои тозанашри омӯзгорону олимон, адибону муҳаққиқон андешаронӣ менамоянд. Китобхонаи мактабӣ , китобхонаҳои маҳалии шаҳру деҳот фаъолияти худро фақат бо китобдиҳию бақайдгирии хонандагон маҳдуд накарда бо истифодаи шаклку усулҳои гуногун китобу китобхониро ташвиқу тарғиб намоянд Ба марказҳои такмили ихтисоси кормандони маорифи шаҳру вилоятҳо ва ҷумҳуриявӣ лозим аст, ки ҳангоми таҳия намудани барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорону мураббиён вобаста ба тахассуси онҳо мавзӯъҳо доир ба истифодабарии китобҳои дарсию методӣ , таълимию адабӣ ворид намоянд. Ба омӯхтан, ташвиқу тарғиби таҷрибаи ҳамдигар дар ҷабҳаи ҷалб намудани кӯдакону наврасон, оила ба китобу китобхонӣ диққати ҷиддӣ диҳанд. Агар омӯзгорону волидон дар ҳамдасти, ҳамкорӣ кӯдакону наврасонро ба китобу китобхонӣ имрӯз ҷалб накунем, фардо дер мешавад. Китоб дар қатори дигар мавод бояд барои ороиши ҷевону рафҳои китобмонӣ хизмат накарда мавриди истифодабарии на танҳо аҳли хонавода, бояд ҳамсолону рафиқони фарзандону волидони онҳо бошанд, китобу китобхонӣ бояд мақоми телевизор,

бозиҳои компютерӣ , сайтҳои интернетиро маҳдуд намуда мисли пештара ҷойи худро дар илму адабомӯзӣ ишғол намоянд. Набояд фаромӯш кард, ки фарҳанги миллат ва хонавода маҳз аз китобу китобхона сарчашма мегирад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус Барномаи давлатии беҳтар кардани таълими забонҳои хориҷиро қабул намуд, ки мақсад аз он ҷалб намудани насли наврас бо забономӯзӣ ва китобхонӣ бо забонҳои русӣ , англисӣ буданд.[1.с.39]

***Калидвожаҳо:*** *китоб, китобхонӣ , кӯдак, шахсият, олами маънавӣ , волидон, фарҳангу маданияти зеҳнӣ , жанрҳои адабӣ , роҳбарӣ ба китобхонӣ .*

**АДАБИЁТ:**

1. Лутфуллоев М. Иматова Л. Лафзи ширин. Дастури таълимӣ барои кормандони муассисаҳои томактабӣ . Душанбе, -233С.
2. Маджидова Б. Традиции и обычии таджикского народа в формировании нравственных качеств личности. Монография. Душанбе, 2004.212стр.
3. Маҷидова Б. Бобоева Вақте ки кӯдак..... Субҳи умед. 2012.№4.-2-7С.
4. Полозова Т.С. С младенчество на всю жизнь: Руководство чтением детей в семье. Семья и школа. 1977.№9, 46-48С.
5. Ҳалимов Дж. М. Семейное чтение книг как традиционная форма формирования элементов культуры поведение. Субҳи умед. 2012, №4.С.18-21.
6. Шевченко В. Как читать детям книгу. Советы родителям. Дошкольное воспитание. 1974.№6, 71-77С.

**Маджидова Б.**

**РОЛЬ РОДИТЕЛЕЙ В ОРГАНИЗАЦИИ ДОМАШНЕГО ЧТЕНИЯ**

В данной статье говорится об условиях глобализация общества, в том числе в Таджикистане, все чаще люде сконцентрировали свои взгляды на техническое устройство оперативного доступа необходимой информации средствам современных информационных систем, которые имеют приоритет над традиционной форме получения знаний. Процесс привлечение детей и подросток к книге и дамашнего чтения имеет свои особенности отличающих от образовательных учреждний.

Семья распологает иными возможностями, обусловленными особенностями смейного воспитания и существующих традиций. Исходя из этого родителям необходимо использовать формы, методы семейного чтения с учётом возростные и индивидуальные особенности детей, обеспечить сотрудничество с педагогами образовательных учреждений. Считается, что для повышения уроня привлечения детей детей к семейному чтению необходимо пример взрослых, иметь дома больше интересных книг, формировать традиции смейного чтения, провести время и насладиться радостью общении.

***Ключевые слова:*** *книга, семейное чтение, ребёнок, личность, духовный мир, родители, культура, интеллект, литературные жанры, рукаводство чтением.*

**Majidova B.**

**THE ROLE OF PARENTS IN THE ORGANIZATION OF HOME READING**

In the context of globalization, society, including in Tajikistan, increasingly people have focused their views on the technical device of rapid access to necessary information means of modern information systems, which have priority over the traditional form of knowledge acquisition. The process of attracting children and teenagers to the book and reading has its own characteristics that distinguish it from educational institutions.

The family has other possibilities, due to the peculiarities of the family upbringing and existing traditions. Based on this, parents need to use forms and methods of family reading, taking into account the age and individual characteristics of children, to ensure cooperation with teachers of educational institutions. It is believed that to increase the level of involvement of children's children to family reading, it is necessary to lead adults, have more interesting books at home, form a tradition of smeynogo reading, spend time and enjoy the joy of communication.

***Keywords:*** *book, family reading, child, personality, spiritual world, parents, culture, intelligence, literary genres, reading art.*

**Сведения об авторе: Маджидова Бибихафиза-** доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования ТГПУ им. Садриддин Айни. Email: Bibihafiza@mail.ru Тел: (+992)985831902

**Information about the author: Majidova Bibihafiza**-Doctor Pedagogical Science, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Email: Bibihafiza@mail.ruTel:(+992)985831902\

Ш. ХОЛИКОВА

# НАҚШИ УСТОДИ ДОНИШГОҲ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ШАХСИЯТИИ ДОНИШҶӮ

Дар ҷаҳони муосир ва ҷомеаи иттилоотӣ яке аз масъалаҳои мубрам - масъалаи баланд бардоштани сифати таълим ба миён омадааст, ки ба таври назаррас рӯз ба рӯз инкишоф меёбад. Имрӯз ворид шудан ба фазои ҷадиди таҳсилоти ҷаҳонӣ оғоз шуд ва идома дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки дар шароити имрӯза доштани дониш оид ба ҷабҳаҳои гуногуни илм ва ҳаёт барои соҳибмаълумот гаштан кифоя набуда, ҷиҳати соҳаҳои шудани некуаҳволии мардум ва пешрафти ҷомеа татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим мебошад.

Намояндагони маорифи 29 мамолики Аврупо 19 июни соли 1999 дар Болония сарҷамъ омаданд ва эъломия дар бораи «Фазои таҳсилоти олии Аврупо»-ро ба тасвиб расониданд, ки ҳадафи асосии он ташкили фазои ягонаи таҳсилоти олии Иттиҳоди Аврупо мебошад [7].

Ин амал барои баланд бардоштани пӯёии (динамикаи) шаҳрвандон дар бозори меҳнат ва баланд бардоштани рақобатпазирии таҳсилоти олии аврупоӣ мусоидат намуда, ҷиҳати мустақилият бештар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҷорӣ намудани таҳсилоти думарҳилаӣ - барномаҳои бакалавриат ва баъдидипломӣ шароит фароҳам меоварад, ки ҳадафҳои зеринро амалӣ менамояд:

-ҷорӣ намудани сохторе, ки баробаразишии дипломҳоро дар кишварҳои гуногун таъмин менамояд;

- ҷорӣ намудани сохтори дутарафаи таълим ва омӯзиш дар тамоми кишварҳо, марҳилаи якум - бакалавр (на камтар аз се сол) ва дараҷаи дуюм - магистр (ва ё дараҷаи докторӣ );

- ташаккули низоми кредитии шабеҳ ба системаи интиқоли кредити аврупоӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани миёнаравии донишҷӯён, омӯзгорон, таҳқиқгарон ва кормандони маъмурии донишгоҳҳо.

Аз ин рӯ, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ боиси ба имзо расонидани як қатор созишномаю санадҳои байналмилалӣ, ҳамгироӣ ба низоми ҷаҳонии маориф, мубодилаи донишҷӯёну кадрҳои илмӣ, эътирофи дипломҳо ва инчунин тадбирҳои зиёди марбут ба тайёр намудани мутахассисон ва таҳқиқоти илмӣ ба ҳамкориҳои судманду васеи байналмилалӣ гардид.

Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста тадбирҳои зиёдеро барои самаранок гардондани раванди таълим меандешад ва яке аз ин тадбирҳо гузариш ба муносибати нав ба таълим - таълими салоҳиятнокӣ мебошад [6].

Дар шароити имрӯза барои хатмкунандагони донишгоҳҳои олӣ донишу маҳорати касбӣ ва сатҳи баланди илмии худро дар мустақилона гузаронидани таҳқиқот ва қабули қарорҳои дахлдор нишон додани салоҳиятҳои касбию шахсиятии донишҷӯён яке аз талаботи асосӣ ба шумор меравад.

Маълум аст, ки қисми ҷудонашавандаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок ва фаъолияти донишҷӯён дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад. Бинобар ин, дар мактаби олӣ бояд таълим ва таҳқикот дар ҳамбастагӣ қарор дошта, он ба як лабораторияе табдил ёбад, ки дар он воқеиятҳо ва навгониҳои илмӣ ошкор карда шаванд ва мавқеи омӯзгору донишҷӯ дар раванди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ фаъол гардонида шуда, салоҳиятҳои иртиботии байни устоду шогирд мустаҳкам гардонида шаванд, то ин ки хатмкунандагони донишгоҳ дар соҳаи интихобкардаи худ салоҳиятдор бошанд ва мустақилона қарорҳои босалоҳият қабул карда тавонанд, ки қонеъкунандаи талаботи замон бошад. Бо ин мақсад мутахассисони замони нав бояд:

- дар кору фаъолияти худ технологияҳои муосири иттилоотиро самарабахш истифода баранд;

- пайваста дар роҳи омӯзиш ва ба даст овардани донишҳои нав бошанд;

- аз навгониҳои илму техника бохабар бошанд;

- бо забони модарии худ ва дигар забонҳои хориҷӣ озодона ҳарф зада тавонанд;

дар бораи таърихи фалсафа, адабиёт ва санъат маълумоти лозимро дошта бошанд, ки бахотири расидан ба мақсаду ҳадафи асосӣ, ки барои рушди имрӯзаву ояндаи ҷомеа, ҷомеа ва давлат муҳим ва ҳамзамон талаботи замон мебошад.

Дар баробари ин, бояд мавқеъ ва нақши омӯзгор дар раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои шахсиятии донишҷӯён низ муайян карда шавад, зеро омӯзгорон - муаллимон масъуланд:

- роҳбарӣ ва идоракунии донишҷӯро барои омодасозӣ ва татбиқи кори тахассусӣ дар раванди таълим ва тарбия зери назорат гиранд;

- маслиҳатҳои худро оид ба муҳтаво ва пайдарпайии иҷрои корҳои ниҳоии тахассусӣ (мақсаду вазифаҳо, сохтор ва ҳаҷми кор, принсипҳои таҳияю тарҳрезӣ, тақсими тақрибии вақти иҷрои қисмҳои алоҳидаи кори ниҳоии тахассусӣ) дареғ надоранд;

- ба донишҷӯён дар гузарондани таҳқиқот ва таҷрибаи амалӣ раҳнамо бошанд ва дар интихоби адабиёти зарурӣ кӯмак намоянд.

Барои самаранок ташкил намудани раванди таълиму тарбия ва таъсири мусбат расонидан дар ташаккули шахсияти донишҷӯ ҳамчун фарди дорои ахлоқу маърифати баланд омӯзгор вазифадор аст, ки донишу қобилият ва маҳорати худро ба технологияи муосир ҷавобгӯ ва мутобиқ созад, яъне пайваста салоҳиятҳои педагогии худро инкишоф диҳад, зеро нақши омӯзгор дар рушди маориф ва як қисми раванди таълим, ки шароити мусоидро барои ташакули салоҳиятҳои шахсиятии донишҷӯ фароҳам месозад, бузург аст. Яъне омӯзгори имрӯз дар ҷомеаи муосир:

1) пайваста донишу маҳорат ва қобилияти худро сайқал диҳад, зеро асоси инкишофи салоҳиятнокии касбӣ ва шахсии омӯзгорро дараҷаи дониши касбӣ ва хислатҳои шахсии ӯ ташкил медиҳад;

2) омӯзгор бояд касби худро нағз донад, дӯст дорад ва ҳамеша аз пайи гирифтани донишҳои нав ва хамқадами замон бошад.

3) омӯзгор консепсияи касбӣ ва шахсии худро доро бошад. Ӯ бояд хислатҳои инсондустӣ, некбинӣ, адолатпарварӣ, фурӯтанӣ ва таҳаммулпазириро дар ниҳоди худ рушд ва нумӯъ бахшад, зеро ин хислатҳо имкони рушди салоҳиятнокии омӯзгорро дар қобилияту маҳорати касбӣ ва шахсии ӯ дар муошират бо субъектхои раванди таълим дар сатҳи зурурӣ пайдо карданро медиҳад.

Салоҳиятнокии омӯзгор дар он зоҳир мешавад, ки ӯ нисбат ба субъектҳои раванди таълим бодиққат, ботамкин, хайрхох бошад, сухану андешаи донишҷуёнро то охир гӯш карда тавонад, андешаи онҳоро дарк кунад ва назари солими худро оид ба масъалаи бамиёномада иброз намояд. Пас омӯзгори замони нав бояд дониши муккамал ва хаматарафа дошта бошад, пайваста дониши назариявӣ ва амалии худро сайқал диҳад, зеро донишу таҷриба, салоҳиятнокии омӯзгор ба ҳамдигар алоқаи ногусастанӣ доранд, ки дар он дониши фаннӣ, донистани фанни таълимӣ, ҳунару маҳорати дарсидиҳӣ, ҷахонбинӣ ва маданияти омӯзгор, назари шахсӣ ва иҷтимоидоштаи ӯ зоҳир мешавад. Омӯзгори босалоҳият хусусиятҳои фардӣ-психологии донишҷӯёнро ҳамеша бояд дар мадди аввал гузорад, ҳамзамон ҳолати рӯҳии худро низ пинҳон ва идора карда тавонад, зеро дар ҷараёни дарс ҳодисаҳое рух медиҳанд, ки аз омӯзгор талаб мекунанд, то салоҳиятҳои касбӣ ва шахсии худро зоҳир намояд. Масалан, ҳолате ба вуқӯъ меояд, ки яке аз донишчӯён дар вазъияти бамаломада худро идора карда наметавонад, андешаи носолим дорад, суханхои номатлуб баён медорад. Дар ин ҳолат омӯзгори босалоҳият бояд ин хамаро оромона таҳаммул созад, бо тамкин ва маданияти баланд то охир сухани гӯяндаро гӯш намояд ва сипас, назари худро эҳтиёткорона баён созад, бо нармӣ ва бо ибрози андешаҳои солими худ донишҷӯро водор созад, ки хатои худро фаҳмад ва дар оянда ба ин дуруштӣ ва дағалӣ роҳ надиҳад.

Дар чунин шароит омили муҳимме, ки ба рушди шахсият мусоидат мекунад, бояд муносибати боэътимоди байни омӯзгор ва донишҷӯ бошад, зеро донишҷӯро эҳсоси дастгирии маънавӣ ва психологии муаллим ором мекунад ва аксар вақт мекӯшад, ки сифатҳои беҳтарини худро нишон диҳад. Ва баръакс, муносибати бадбинона ё манфӣ ташаббуси маърифатии донишҷӯро ба таври назаррас коҳиш медиҳад, онро аз фаъолият манъ мекунад ё дар ӯ рафтори эътирознокиро бармеангезад. Ин гуна мисолҳо бисёранд.

Дар ин замина, соҳибмактаб будани устодон нақши муҳим дорад, зеро аксарияти довталабонро падару модарон роҳбарӣ мекунанд, ки худи онҳо ба шароити нави таълими

минбаъда ба таври кофӣ омода нестанд. Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгори муосир аз пайгирона ба самти дуруст равона кардан ва диққати кофӣ додан ба инсондӯстии фаъолият иборат мебошад. Аз ин рӯ, саҳми омӯзгор дар ташаккули шахсият, ташаккули фаҳмиш ҳамчун азхуд кардани салоҳиятҳои умумии фарҳангӣ (масалан, ошноӣ, кӯмаки мутақобила) на танҳо бо фаъолияти касбӣ, балки дар омодагии ҳарду ҷониб барои ҳамкорӣ муайян карда мешавад.

Салоҳиятҳои зерини омӯзгорро ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо бевосита дар ташаккули салоҳиятҳои шахсиятии донишҷӯён мусоидат мекунанд:

- хусусияти инсонгароӣ бахшидан ба фанни таълимдиҳанда;
- бо технологияи муттаҳид сохтани гурӯҳ мусаллаҳ будан;
- маҳорати майлу қобилиятҳои пинҳонии донишҷӯёнро муайян карда тавонистан ва фароҳам овардани шароит барои рушди онҳо;
- қобилияти ба вучуд овардани фазои эҷодӣ дар раванди таълим;
- доштани таҷриба дар татбиқи амалии салоҳиятҳои худ;
- қобилияти муқаррар кардани хусусияти амалии кори таҷрибавӣ.

Педагогҳои машҳури Россия В.И. Байденко, О.М. Бобиенко, И.А. Зимняя, Н.В. Кузьмина, А.К. Маркова, Л.М. Митина, А.В. Хуторской чунин мешуморанд, ки салоҳиятҳои шахсиятии хатмкунанда дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ, ҳам дар оила ва ҳам дар ҷойи кор, инчунин дар фаъолияти сиёсӣ истифода шуда, аз шахс ташаккули маърифатиро талаб менамоянд, ки барои муяйян намудани мавқеи шахсӣ, худбаҳодиҳӣ ва тафаккури танқидӣ зарур мебошанд [1, С. 4-5]. Аз ин рӯ, масъалаи муайян намудани салоҳиятҳои шахсиятӣ яке аз равандҳои марказии нав кардани мазмуни таҳсилот ба шумор меравад.

Дар ин ҷо зарур мешуморем, ки якчанд кластерҳои асосии салоҳиятҳои шахсиятиро номбар намоем [8], ки аз нуқтаи назари мо, онҳо барои худташаккулдиҳӣ ва худбаҳодиҳии ҳам омӯзгор ва ҳам донишҷӯ ногузир мебошанд:

1. *Самтгирӣ ба натиҷа ва самаранокӣ* . Яъне шахс кӯшиш менамояд, ки дар раванди таҳсил ва омӯзиш ташаккул ёфта, дар фаъолияти меҳнатии худ ба натиҷаҳои беҳтарин ноил гардад, аз дигарон пеш гузарад, ба муваффақиятҳои назаррас соҳиб шавад, масъалаҳои мушкилро ҳал намояд, қобилияту салоҳияти худро ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ намояд, ташаббускору навовар ва ҳамеша дар сафи пеш бошад.

2. Маҳорати баланди муошират, салоҳияти байнишахсӣ . Шахс бояд талаботи дигаронро эҳсос намуда тавонад, мазмуни онҳоро дарк намояд, қобилияти дастрас кардан ва интиқол додани маълумотро дошта бошад; маҳорати дарки ҳиссиёт ва рухия, сабабҳои ниҳоии муносибатҳое, ки миёни дигарон (ҳамсабақон) ва ӯ ба миён омадаанд, аз он ҷумла сабабҳои ба он номуайянро эҳсос намуда, ба табиати муносибати дигарон нисбат ба худ сарфаҳм равад ва бо онҳо муносибат ва муоширот карда тавонад; рафтори одамонро таҳлил карда аз уҳдаи ҳалли ихтилофҳо баромада тавонад.

3. Таъсир ва нуфуз ба шахсони дигар. Яъне аз усули гуногуни далелноккунӣ истифода бурда, ба боварии одамон соҳиб шавад ва ба тарафи худ моил намояд, нисбати худ таассуроти хуб гузошта , ба он муваффақ гардад, ки атрофиён мутобиқи гуфтаҳои ӯ амал намоянд

4. Салоҳиятҳои маърифатӣ. Яъне системаи рушдёбандаи тафаккур, ки қобилияти дарёфт, таҳлилу шарҳ ва пешниҳоди иттилоот ва мушкилотро соҳиб буда, хоҳиши омӯхтан ва рушд карданро дорад.

5. Салоҳиятҳои идоракунӣ. Инсон қодир аст ба фаъолияти дигарон роҳбарӣ ва роҳнамоӣ кунад, барои рушди босамари он мувофиқат ва мусоидат намояд, иҷрои меъёрҳо ва санадҳои муқаррaргардидаро таъмин намояд; шахсони дигарро таълим диҳад; ваколатҳо ва масъулиятро ба танзим дарорад. Усули мухталифи роҳбариро истифода бурда, барои ҳалли вазъиятҳо тарзу усули заруриро интихоб карда тавонад ва ҳаммаслакони худро ҷалб намуда, гуруҳи худро созмон дода тавонад. Инчунин, ба ҳамкорӣ намудан тайёр бошад ва инро ба дигарон низ омӯхта тавонад ва дигаронро ба фаолияти байниҳамдигарӣ ташвиқ ва ҳавасманд созад.

6. Худназораткунӣ ва самаранокии шахсӣ хударзёбии мувофикро дар бар мегирад. Яъне дар ҳама вазъиятҳо (дар вазъияти биму тарс) худро назорат кардаву идора карда метавонад ва ҳамзамон, қобилияти тағйир додани вазъиятро дорад ва дар зарурат

маҳорати ба уҳда гирифтани масъулият дошта, андешаҳои шахсии худро боэътимод иброз медорад ва дар ҳолати фишор овардани гурӯҳи мухолиф муқобилат зоҳир карда метавонад. Хатову андешаҳои мухталифро дарк намуда, маҳорати таҷриба андухтанро дорад ва аз иштибоҳҳо сабақ бардошта, имкони ақидаҳои мухталифро шунидан ва фаҳмидан дорад.

Ҳамин тариқ, салоҳиятҳои шахсӣ - маҷмӯи маҳорату, хосиятҳо ва қобилиятҳоеро дар бар мегиранд, ки то дараҷае барои фаъолияти бомуваффақияту самарабахш заруранд. Салоҳиятҳои шахсиятии худташаккулдиҳӣ барои азхуд кардани тарзу воситаҳои худинкишофдиҳии ҷисмонию маънавӣ, зеҳнӣ, худтанзимнамоии ҳолати равонӣ ва худидоракунӣ равона карда мешаванд. Дар ин замина фард барои манфиат ва имконоти худро нишон додан қобилиятҳоеро касб менамояд, ки онҳо дар ташаккули маърифатӣ-психологии шахс тафаккури маданӣ ва ахлоқӣ инъикос мегарданд. Ба салоҳиятҳои мазкур риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, ҳифзи саломатии шахсӣ, маърифати гендерӣ, маданияти экологии ботинӣ ва инчунин, тарзҳои фаъолияти бехатари ҳаётиро дохил намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Албатта ин ҷо қайд намудан бамаврид аст, ки барои баланд бардоштани самараи низоми таҳсилоти олӣ ва ба талаботи бозори меҳнат наздик намудани нишондиҳандаҳои сифатию миқдории он бояд шароити зарурӣро фароҳам овард. Аз ҷумла, бояд дар мадди аввал инҳо бошанд:

- мустаҳкам намудани пояи моддию техникӣ ва иқтидори кадрӣ-илмии муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ, таъмин намудани онҳо бо адабиёти таълимию методӣ ва компютерҳои замонавии ба шабакаи Интернет пайвастшуда, инчунин ташкили китобхонаи электронӣ, ки ҷавобгӯйи талаботи муқарраргардидаи стандартҳои таълимӣ бошад;

- ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, пурқувват намудани заминаҳо барои рушди илми донишгоҳӣ ва ҳамбастагии он бо дигар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ, ки ба сифати тайёр кардани мутахассисони баландихтисос мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ:


1. Байденко, В. И. Компетенции в профессиональном образовании (к освоению компетентностного подхода) / В. И. Байденко // Высшее образование в России. - 2004. - № 11. - С. 3-13.
2. Зиёӣ Х. Таҳсилоти босалоҳият: таърихи мухтасари пайдоиш ва рушд // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.- Душанбе, 2018. – № 1 (21). – С.3-8.
3. Зиёӣ Х. Таҳсилоти босалоҳият: истилоҳоти калидӣ // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.- Душанбе, 2018. – № 2 (22). – С.3-10.
4. Зимняя, И. А. Ключевые компетенции - новая парадигма результата образования / И. А. Зимняя // Высшее образование сегодня. - 2003. - № 5. - С. 34-42.
5. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. -М., 2004. // https://refdb.ru/look/1198309.html (санаи мурочиат: 18.11.2019).
6. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст.
7. https://www.gstu.by › education › euro-high-edu.
8. http://www.smart-edu.com/professionalnye-kompetentsii/ lichnostnye kompetentsii.html.


**Холиқова Ш. Қ.**

# НАҚШИ УСТОДИ ДОНИШГОҲ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ШАХСИЯТИИ ДОНИШҶӮ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба татбиқи низоми нав дар кишвари мо, салоҳият ва ташаккули салоҳиятнокии касбӣ-шахсии омӯзгор дар ҷомеаи муосир, нақши ӯ дар ташаккули салоҳиятҳои шахсиятии донишҷӯён сухан меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки барои самаранок ташкил намудани раванди таълиму тарбия ва ташаккули шахсияти донишҷӯ ҳамчун фарди дорои ахлоқу маърифати баланд омӯзгор вазифадор аст, ки донишу қобилият ва маҳорати худро ба технологияи муосир ҷавобгӯ ва мутобиқ созад. Зеро омӯзгори босалоҳият бевосита дар ташаккули салоҳиятҳои шахсиятии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад.

***Калидвожаҳо***: *таҳсилоти босалоҳият, салоҳият, салоҳиятнокии касбӣ-шахсии омӯзгор, салоҳиятҳои шахсиятии донишҷӯён, технологияи муосир.*

**Холикова Ш. К.**

## РОЛЬ ПРЕПОДОВАТЕЛЯ ВУЗА В ФОРМИРОВАНИИ ЛИЧНОСТНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ СТУДЕНТОВ

В данной статье речь идет о внедрении нового подхода в вузах нашей страны, о развитии профессиональной компетентности преподавателей в современном обществе и его роли в формировании личных компетенций студентов. Автор отмечает, что для эффективной организации учебного процесса и формирования личности студента как высокообразованного человека, преподаватель обязан усовершенствовать свои знания, умение и навыки на основе современных технологий. Потому что компетентный учитель положительно влияет на формирование личностных компетенций студентов.

***Ключевые слова:*** компетентностное образование, компетентность, профессиональная компетентность учителя, личностные компетенции студентов, современные технологии.

**Kholikova Sh. K.**

## THE ROLE OF THE UNIVERSITY TEACHER IN THE FORMATION OF STUDENTS' PERSONAL COMPETENCIES

This article is about the introduction of a new system in our country, the competence and development of professional competence of teachers in modern society and its role in the formation of students' personal competencies. The author notes that for the effective organization of the educational process and the formation of the student’s personality as a highly educated person, the teacher must improve his knowledge, skills and abilities based on modern technologies. Because a competent teacher positively affects to formation of the student’s personal competencies.

***Key words*:** competency-based education, competence, professional competence of a teacher, personal competencies of students, modern technologies.

**Сведения об авторе: Холикова Шоира Кодировна** – научный секретарь Института развития образования имени А. Джами Академии образования Таджикистан, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айнӣ, 45.

**Information about the author: Kholikova Shoira Kodirovna -** Scientific Secretary of the Institute of Educational Development named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Aini, 45.

**З. НАИМОВ**

# ФАЪОЛИЯТ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ-ПЕДАГОГИИ ИНСОН

Мафҳуми педагогика ифодагари ду маънист. Аввал – соҳаи донишҳои илмӣ ва илм, дуюм – соҳаи фаъолияти амалӣ, ҳунармандӣ ва санъат - «санъати роҳнамоии инсон ба ҳаёт» яъне таълим додан, тарбия намудани ӯ ва роҳнамоӣ ба рушди ҷисмонӣ ва маънавӣ. Дар системаи умумии илмҳо ва системаи умумии «ашё ва донишҳо» педагогика ягона илмест, ки предмети таҳқиқоташро тарбияи инсон интихоб намудааст.

Инсон шудан хулосаи тамоми сайру сулук ва барномаву тариқатҳои рӯҳонист, ки бузургони олам барои шинохтани ҳамин асолат талош кардаанд ва дар ҳамин қаламрави ошнову ношинос то абад пуйёву пойё мондаанд. Офариниши инсон кори саҳлу осон нест. Офариниши инсон-мутахассис бошад, ҷузъи муҳимми таълим дар мактаби олӣ мебошад. Инсон аз нигоҳи илмӣ ин маҷмӯи омилҳои биологию иҷтимоӣ мебошад. Дар ташаккули шахсияти ӯ накши асосиро муҳити иҷтимоӣ мебозад ва фаъолияти инсон муҳимтарин ҷузъи ҳаёти иҷтимоии инсон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар мақолае, ки пешниҳоди хонандаи арҷманд мегардад, мавзӯи фаъолият аз чанд нигоҳ баррасӣ мешавад:[2.с78]

1.Фаъолият ва хусусиятҳои иҷтимоӣ-педагогӣ;

2.Намудҳои фаъолият ва таъсири мусбату манфии ӯ ба шахсият;

3.Тағйирпазирии касбии шахсият: мафҳум, моҳият ва мундариҷа;

4.Омилҳои фаъолияти касбии таъсиррасон ба шахсият;

5.Роҳҳои пешгирии тағйирпазирии манфии шахсияти корманд вобаста аз фаъолият.

***Фаъолият*** – ҳастии асосӣ дар инкишофи шахсияти одам аст. Фаъолият аст, ки бисёр хулқу атвори инфиродии шахсиятро тағйир медиҳад. Ба хотири муайянсозии имкониятҳои иҷтимоӣ – педагогӣ моро зарур аст, ки тамоми паҳлуҳои фаъолияти инсонро бодиққат омӯзиш кунем.

***Фаъолият ин роҳи мақсадноки тағйирпазирии табиӣ ва иҷтимоии шахсияти инсон аст.***

Сохтори фаъолият чунин аст:

*Мақсад, моҳият, ашё ё восита, ҳаракат ва натиҷа ё ба тарзи дигар*

*мақсад, моҳият, ашё, муносибат ба фаъолият, ҳаракат бо истифодаи ашё ва натиҷа. Нақшаи 1.*

*Сохтори фаъолият*

**М Мт → А → Мф → Ҳа → Н (=Н)** →

Дар ин ҷо М - Мақсад, Мт - моҳият, А - ашё, Мф - муносибат ба фаъолият, Ҳ-а-ҳаракат бо истифодаи ашьё ва Н-натиҷа.

Ҳар як ҷузъи фаъолият неруи таъсиррасонии иҷтимоӣ – педагогиро ба субъект барои ба амалбарории мақсад равона мекунад.

***Мақсад*** – ин тахайюлоти идеали натиҷаи фаъолият аст. Мақсад дар алоқамандии синну сол бо мувофиқшавии инфиродӣ, инкишоф ва тарбияи инсон муайян мешавад. Хислати мақсади фаъолият имконияти табдили субъектро ба шахси таҳқиқгар ва фаъол, ва ё шахси иҷрокунандаю созанда фаро меорад.

***Моҳият*** - ин он аст, ки инсонро ба фаъолият водор месозад. Асоси моҳиятро талабот ташкил медиҳад, ки сабаб ва таъсиргузор аст ба интихоби ҳаракат ва ҳолати шахсият.

***Ашё ё восита*** – ин он аст, ки инсон барои ба мақсад расидан дар фаъолият ва мақсади пешгузоштааш истифода мебарад. *(Чигунагии истифода вобаста аст ба хусусиятҳои синусолӣ, қобилият, фаъолият, таҷрибаи тахасусӣ ва ҳатто кӣ будани шахс*). Аз рӯйи интихоби ашёи корӣ кӣ будан ва то чӣ андоза ба кор қодир будани шахсиятро низ муайян кардан мумкин аст.

***Ҳаракат*** – истифодаи ашё ва воситаи расидан ба мақсадро ифода мекунад.

***Муносибат*** – ин алоқаи талаботи инсон барои худташаккулёбӣ дар фаъолият мебошад. Муносибат раҳнамуни ҳамагуна фаъолиятҳо мебошад, ки инсонро маҷбур месозад нисбат ба худ муносибати дуруст намояд, то ки дигарон низ ба ӯ муносибати ҷиддиро раво бинанд. Муносибати одам нисбат ба худ бо гузашти айём ташаккул меёбад, ки бештар дар фаъолияти касбӣ дида мешавад. Муносибати одамон нисбати хулқу атворашон гуногун мешавад. Масалан: Муносибати объект ба фаъолият, муносибат ба корҳои иҷрошуда, муносибат ба натиҷаи фаъолият.

***Натиҷа*** – ин он аст, ки инсон дар натиҷаи фаъолият ба даст овардааст ва дар ташаккули шахсияти ӯ нақши муҳим бозидааст. Бо назардошти натиҷаи мусбатро ба даст овардан боварии инсон нисбат ба худ зиёда мегардад ва аз натиҷаи манфӣ баракС.

Ҳамаи ҷузъиёти фаъолият ба инкишофи шахсият таъсири худро мегузоранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки «компонент»-ҳои фаъолият ба инсон характери шахсӣ доранд. Онҳо дар навбати худ ба тағйири рафтори инсон нисбат ба фаъолият сабаб мегарданд.

*Ҳаракати* инсон барои ба мақсад расидан ба тағйири донишу малакаю маҳорати ӯ ёрӣ мерасонад. Ин тағйирот рафторӣ буда, инкишофи сифатан хуби шахсиятро дар фаъолияти амалӣ нишон медиҳанд. Ин нишондодҳо таҷассумгари он ҳастанд, ки ҳамаи намудҳои фаъолият ба ғайр аз фаъолияти яксону берангу бӯ *шахсияти* иҷрокунандаи фаъолиятро тағйир медиҳанд. Онҳо метавонанд характери пешбарандаи бо мурури замон инкишофёбанда ва ё баракс характери рӯҳафтодагӣ ва қафобаранда дошта бошанд.[3.с54]

***Фаъолият*** ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

***1. Фаъолияти касбӣ*** – ин фаъолияти махсусан ташкилкардаи мутахассис бе истифода аз воситаҳои муайян барои дастовардҳои натиҷаи пешбинишудаи ҷамъиятӣ мебошад;

***2. Фаъолияти педагогӣ*** – ин намуди муайян ва алоҳидаи фаъолияти фоидаовари ҷамъиятии инсони калонсол аст, ки барои тайёр кардани насли оянда ба ҳаёти мустақилона бо мақсадҳои муайяни иқтисодӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ равона мегардад;

***3. Фаъолияти иҷтимоӣ – педагогӣ*** бошад, ин фаъолиятест, ки барои ба даст овардани натиҷаи мақсади худ воситаҳоеро истифода мебарад, ки боиси ҳалли мусбати масъалаҳои иҷтимоӣ мегарданд.

***4. Фаъолияти иҷтимоӣ*** – ин намуди махсуси фаъолияти касбӣ буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии объект равона шудааст. Дар ин ҷо *корманди иҷтимоӣ субъект буда, объекти фаъолияти ӯ инсони дорои проблемаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.* Воситаҳояш бошанд, *иқтисодӣ, табобатӣ, психологӣ, технологияи иҷтимоӣ – педагогӣ, усул ва техникаи педагогӣ* шуда метавонанд.

Ҳамин тариқ, *фаъолияти касбӣ* дар муқоиса бо дигар фаъолиятҳо характери мураккаб, мақсаднок ва муташаккил дорад.

***Фаъолияти касбӣ*** дар ҳаёти инсон мавқеи асосиро ишғол менамояд. Вай таъсири ниҳоят бузургро дар ташаккули иҷтимоии инсон, тарзи рафтор ва ҳаёти вай мегузорад. Ин таъсирот метавонанд мусбат ва ё манфӣ арзёбӣ шаванд, ки фардро на фақат обрӯманд, балки беобрӯ низ карда метавонанд. [8.с.67]

Таҳлилҳои фаъолияти касбӣ дар инкишоф ва ё таназзули шахсият аз он шаҳодат медиҳанд, ки таъсири фаъолияти касбӣ на фақат «прогресивӣ» балки «регресивӣ» низ шуда метавонанд. Дар таҷрибаи ҳаётӣ ҳама гуна фаъолият аз он ҷумла фаъолияти касбӣ мутаносибан баъзан хислати «прогресивии» созанда ва баъзан «регресивии» сӯзанда мегирад. Инсон ҳамеша вақте ки дорои чизе мешавад ҳамзамон чизи дигареро аз даст медиҳад. Хислате дар ӯ инкишоф ёфта, муккамал мешавад ва аз тарафи дигар, хислати дигареро аз даст дода то дараҷаи ифрот мерасад, ки мутаассифона ҳамсафари якумриаш низ мегардад.

Дар адабиёти махсуси муосир барои нишон додани хислати фаъолияти касбӣ ва таъсири ӯ ба шахсияти мутахассис ва рушди вай, мафҳуми ***«тағйирпазирии шахсият»*** ва ***«тағйирпазирӣ дар фаъолияти касбӣ»*** истифода мешавад.

***Тағйирпазирии (деформатсия) шахсият – ин тағйиротҳои сифатӣ ва хислатиест, (стереотипҳои қабулшаванда, қабули арзишҳо, хислат, хулқу одат, тарзҳои муошира ва рафтор) ки дар зери таъсири омилҳое, ки барои ӯ аҳамияти беандоза доранд, ба вуҷуд меояд.***

***Тағйирпазирии касбии шахсияти мутахассис*** – ин тағйироти сифатӣ ва ахлоқие ҳастанд, ки дар зери таъсири талаботи касбӣ ба вуҷуд меоянд.

Мафҳуми ***тағйирпазирии касбӣ*** ба фаъолияти кормандони ҳамаи соҳаҳо дахл дорад. Ба шахсияти корманд омилҳои махсуси ***фаъолияти касбӣ*** таъсир мерасонад. Ба ин шомил шуда метавонад:

*1.Мақоми иҷтимоии касбӣ;*

*2.Фаъолияти касбӣ ва субъекти кор;*

*3.Мазмун ва худи фаъолияти касбӣ;*

*4.Кор бо инсонҳои «проблемадошта»;*

*5.Меъёрҳои дарозмуҳлат ва дараҷаи меъёрҳои эҳсоси болидарӯҳии мутахассис дар фаъолияти касбӣ.*

***Мақоми иҷтимоии касб ва фаъолияти касбӣ***

Ҳама гуна касб мақоми муайянеро дар ҷомеа соҳиб аст. Он метавонад давлатӣ ва ё вобаста ба муҳит мақоми сазовор дошта бошад. Мақоми давлатӣ хусусиятҳои худро дорад, ки мавқеи иҷтимоии он дар ҳуҷҷатҳои меъёрии давлат сабт шудааст *(Раиси шӯрои олӣ, вазирон, намояндагони маҷлис, органҳои ҳуқуқӣ ва иҷроия ва ғайра).*

Мақоми ҷамъиятии инсон бошад, метавонад давлатӣ ва ғайридавлатӣ бошад. Ҳамзамон дар ҳар минтақа дар зери таъсири омилҳои муҳит *мақоми (статуси) муҳитии касб ва фаъолияти касбӣ* ташаккул меёбад. Зери таъсири ин омилҳо мақоми субъективии мутахассис ташаккул меёбад *(мақоми иҷтимоии субйекти фаъолияти касбӣ)*. [6.с.100]

*Мақоми иҷтимоии субъект ва худи фаъолияти касбӣ*

Ин омил дорои *зуҳуроте ба мисли мақоми пайдонамудаи мутахассиси кори иҷтимоӣ дар ҷомеа (раиси маҳалла ва муҳити иҷтимоии маҳал)* ва *мақоми субъективии корманд* мебошад.

Пайдоиши *мақоми мутахассис (маҳаллӣ ё иҷтимоӣ*) дар ҷомеа, муносибати хоссеро дар шахсияти интихобнамудаи касб ташаккул дода, таваҷҷуҳи бештареро барои азхудкунии *касб ва фаъолияти касбӣ* бедор менамояд.

Нақши иҷтимоӣ-педагогии ***мақом*** дар он зоҳир мегардад, ки вобаста аз *мазмуну мундариҷа* метавонад бомасъулият *мартабаи касб ва соҳибкасбро боло бардорад ва ё метавонад бетафовутиро ва ҳатто беэътиноӣ* нисбат ба касб ба миён оварад.

*Мақоми субъективӣ* – ин тасвири хаёлии касб аст, ки дар шуури мутахасис ба вуҷуд омадааст. Ӯ дар тафаккури инсоне (довталаб), ки тахассусро интихоб намудааст, ҳамчун натиҷаи тарбияти гирифтааш дар маҷмӯе мавзун андӯхта мешавад.

*Мутахасиссонеро* ки нисбат ба касби худ ва *мақоми субъективии он* эҳтирому эътимоди зиёд доранд, дар бисёре аз мавридҳо ҳамчун нафари мутаассиби («фонат») касби худ ёдовар мешаванд. Ин бештар дар мутахасиссони фазои иҷтимоидошта вомехӯрад. Онҳо барои ба ҳадаф расидан ба ҳама мушкилиҳо тайёранд «дастбагиребон» шаванд.

Мутахасиссоне, ки ба мақоми субъективии касби худ камтар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ҳеҷ гоҳ дар соҳаи касби худ эҷодкор намешаванд. Ин дар навбати худ дар ташаккули шахсияти онҳо таъсироти манфии зиёд мерасонад ва тағйирпазирии (манфии) шахсияти онҳо мушоҳида мегардад.

**Ҳамаи омилҳое, ки барои фаъолияти касбӣ заруранд, дар маҷмӯъ муайянкунандаи худидоракунӣ ва ё рушди потенсиали (неруҳои нуҳуфтаи) шахсии мутахассис дар роҳи шиддатгирии касбӣ хизмат карда метавонанд. Дар натиҷа мукаммалшавии касбӣ ва тағйирпазирии мусбиати шахсию рафторӣ ба амал меояд.[9.с.89]**

*Гурӯҳҳои хосси асоси амалидоштаи суратгирии тағйирпазирии касбии мутахассис, ки хусусиятҳои шахсиятӣ ва рафторӣ доранд инҳоянд:*

*1. Тағйирпазирии касбии асоси амалидоштаи рафтории мустахассис* – натиҷаи тағйироти рафтории инсон, ки дар натиҷаи иҷрои масъулияти касбӣ ба амал омадаанд:

- *Тағйирпазири касбии мусбати рафторӣ, вобаста аз мақоми касб* – ин тағйироти рафтории мутахассис вобаста аст аз мақоми касбии ӯ;
- *Тағйирпазирии касбии шахсияти мутахассис* – ин дар натиҷаи инкишофи сифатҳои касбии мутахассис аст;
- *Тағйирпазирии маданӣ-касбии мутахасис* – ин натиҷаи корҳои эҷодӣ-касбии мутахассис шуда метавонад;
- *Тағйироти шахсӣ-рафтории мутахассис ҳамчун тағйироти асосиамалидошта* – ин хосси одамоне аст ки дар зери таъсири масъулиятҳои касбӣ тағйир меёбанд;

2. Тағйирот дар рафтори одамоне, ки муддати зиёд дар як вазифа кор мекунанд ва *масъулияти эшон* аз ҷиҳати омилҳои инсонгароёна онҳоро хеле маҳдуд тағйир медиҳад (инсон-роботҳо). **Нитсше дар бораи чунин одамон мегӯяд:** *«ба баъзеи онҳо чашм, ба баъзеи дигар гӯш, ба сеюмӣ - пой, ҳатто касони забону бинӣ ва сар гумкардаҳо низ ҳастанд. Одамоне ҳастанд аз «як чашми калон, як даҳони калон, як шикамбаи калон ва умуман аз як чиз иборатанд, ки ман онҳоро маслуқони рондашуда номидаам»* (Касбу корҳои зиёде низ вуҷуд доранд, ки инсонро манфӣ тағйир медиҳанд…)

Коркарди моҳият ва мазмуни *тағйирпазирии касбии корманд* масъалаи ҳавасманд намудани ӯро барои мукаммалшавии касбӣ, пешгирӣ ва аз байн бурдани таъсироти манфӣ ба вуҷуд меорад. Ҳалли онҳо имконияти болоравии *фарҳанги касбӣ ва пайдоиши муҳаббат нисбати касб ва муддати зиёд содиқ будани мутахассисро ба фаъолияти касбӣ фаро меорад.*

Муҳаббати мутахассис нисбат ба касби худ – ин хусусияти сифатан беҳбудӣ бахшидан ба қобилиятҳои касбӣ ва ба дараҷаи олӣ ҳал намудани масъалаҳои касбӣ дар давоми муддате, ки муҳит ва ё тақозои ҳаёт («сотсиум») барои фаъолияти меҳнатӣ ҷудо намудааст, мебошад. Бо ин тарз мутахассис «саломатиашро» нигоҳ дошта, *салоҳият, маҳорат ва малакаи касбиеро, ки имкониятҳои олии иҷроиши масъулиятҳои касбиро фаро меорад,* ба иҷро расонида метавонад. Дар ҳалли ин масъалаи ҳаётан муҳими ҷамъиятӣ аз роҳҳои зерин истифода бурдан мумкин аст: [7.с.32]

- *Ҳавасмандгардонии мукаммалшавии касбии мутахассис;*
- *Омода намудани мутахассиси ҷавон барои эмин мондани ӯ аз таъсири тағйирпазирии манфии шахсият;*
- *Ба вуҷуд овардани шароити фаъолияти касбии таъсирнопазир аз тағйирпазирии манфӣ;*
- *Роҳҳои ором аз сар гузаронидани таъсироти манфии тағйирпазирии касбии шахсияти мутахассиС.*

Барои баланд бардоштани фарҳанги маънавӣ-касбии мутахассис, ҳавасмандгардонӣ ва мукаммалсозии касб, зарурати иҷрои якчанд амалҳо пеш меояд:

1. *Афзудани мақоми иҷтимоӣ-касбии корманд – ин масъала хусусияти ҳам муҳитӣ ва ҳам умумидавлатӣ дорад;*
2. *Ташаккули баланди инкорнашавандаи (позитивӣ) мақоми иҷтимоии мутахассиси соҳа;*
3. *Системаи корҳои кумакрасонӣ барои мутобиқшавии мутахассиси ҷавон ба фаъолияти касбӣ;*
4. *Афзоиши салоҳиятҳои касбии мутахассис;*
5. *Ташкили шароит барои инкишофи фарҳанги маънавӣ-касбии фаъолият;*
6. *Ташкили фазои озоди маънавӣ-психологӣ дар маркази фаъолияти касбӣ, ки сабабгори корҳои эҷодӣ, ташаббусӣ, хоҳиш ва кӯшиши ифшонамоии шахсияти касбии хеш шуда тавонанд;*
7. *Ҷустуҷӯ ва ворид сохтани технологияҳои нав, шакл ва методҳои кор бо намояндагони мухталифи ҷомеа.*

Ҳамин тариқ, муассисаҳои таълимии тайёр намудани мутахассисинро зарурат пеш меояд, ки барои ташаккул додани маҳорат ва малакаҳои зарурии касбӣ барномаҳои таълимии худро барои шикастнопазирии шахсияти мутахассиси ҷавон ҳангоми фаъолияти корӣ мувофиқ гардонанд.

**АДАБИЁТ:**

1.Абдуллина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования: Учебн. пособие для студ. - М.: Просвещение, 1984. - 208 С.

2. Абульханова-Славская К.А. Стратегия жизни. - М.: Мысль, 1991.-299 С.

3. Бабанский Ю.К. Оптимизация процесса обучения: общедидактический аспект. - М.: Педагогика, 1979. - 254 С.

4. Белкин А.С. Ситуация успеха. Как ее создать: Кн. для учителя. - М: Просвещение, 1991. - 176 С.

5. Вазина *К.Я.* Саморазвитие человека и модульное обучение. - Н. Новгород, 1991.- 124 С.

6. Деятельность преподавателя педвуза: проблемы совершенствования: Учебное пособие/Под ред. И.Е.Курова. - Горький: ГГПИ им. М.Горького, 1988. I 100С.

7. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи аҷам. – Душанбе: Дониш, 1997. – 150С.

8. Мардахаева Л.В. Профессиональная деятельность и деформация личности. М.2001.

9. Маслоу А. Новые рубежи человеческой природы/Пер. с англ. - М.: Смысл, 1999.-425 С.

10. Подвойский В.П. Профессиональная деформация руководителя М.1997.

**Наимов Зариф**

## ФАЪОЛИЯТ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ-ПЕДАГОГИИ ИНСОН

Дар мақола моҳияти мафҳуми фаъолият ва махсусан фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ шарҳ ёфта, нақши илми педагогика ва корҳои илмӣ-педагогӣ дар ташаккули шахсият ҳангоми иҷрои фаъолият нишон дода шудааст. Муаллиф дар мақола мавзӯи фаъолиятро аз нигоҳи педагогӣ дар вижагиҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор додааст:

1.Фаъолият ва хусусиятҳои иҷтимоӣ-педагогӣ;

2.Намудҳои фаъолият ва таъсири мусбату манфии ӯ ба шахсият;

3.Тағйирпазирии касбии шахсият: мафҳум, моҳият ва мундариҷа;

4.Омилҳои фаъолияти касбии таъсиррасон ба шахсият.

Ҳамчунин дар мақола тағйирпазирӣ ва таъсири мусбату манфии фаъолият дар ташаккули шахсияти мутахассис бо асосҳои илмӣ шарҳ ёфта, барои ба роҳ мондани муносибатҳои кории кормандон манфиатовар пешниҳод шудаанд. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки пайванди илм ба истеҳсолот ва мутобиқгардонии барномаҳои таълимии муассисаҳои мутахассистаёркунӣ ба талаботи инсон-мутахассиси нав ҷавобгӯйиро дар фаъолият нишон диҳад.

**Калидвожаҳо:** *педагогика, фаъолият, касб, барнома, мутахассис, маҳорати касбӣ, тағйирпазирӣ, мутобиқшавӣ, мутахассис, шахсият.*

**Наимов Зариф**

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ И СОЦИАЛЬНО – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ ЧЕЛОВЕКА

В статье раскрыта сущность понятия деятельности и особенно раскрыта сущность понятия социально-педагогической деятельности. При раскрытии сущности этих понятий показана также роль педагогических наук и научно-педагогические исследования в формировании личности в процессе трудовой деятельности молодого специалиста. Тематический план в статье со стороны автора рассматривается с разных педагогических точек зрения:

1.Деятельность и его социально-педагогические особенности;

2.Виды деятельности и его положительные и отрицательные воздействия на личность;

3.Профессиональная деформация личности: понятия, сущность и содержание;

4.Действенные причины профессиональной деятельности на личность.

Также в статье раскрыта сущность деформации личности при профессиональной деятельности с научной точки зрения и предложены полезные пути строения межличностных отношений работников в процессе деятельности. В статье автор старался показать связь науки с производством и соответствие учебных программ профессиональных заведений с педагогической точки зрения в деле подготовки новых молодых специалистов согласно новым требованиям общества.

**Ключевые слова:** *педагогика, деятельность, профессия, программа, профессиональное мастерство, деформация, адаптация, профессионал, личность.*

**Naimov Zarif**

## ACTIVITIES AND SOCIO-EDUCATIONAL OPPORTUNITIES OF THE PERSON

The essence of the concept of activity and espesscially the essence of the concept of socio-pedagogical activity are disclosed in the article. The role of pedagogical sciences and scientific and pedagogical research is also shown in the formation of personality in the process of labor activity of a young specialist while revealing the essence of these concepts. The thematic plan is considered from different pedagogical points of view by the autor in the article:

1.Activity and its socio-pedagogical features;

2.Types of activities and its positive and negative effects on the person;

3.Professional deformation of personality: consept, essence and content;

4.Effective reasons of a professional activity on a person.

The article also discloses the essence of personality deformation in professional activities from

a scientific point of view and useful ways of building interpersonal relationships of employees in the process of activity are proposed. In the article, the author tried to show the connection of science with production and the correspondence of the curricula of professional institutions from a pedagogical point of view in the traning of new young specialists in accordance with the new requirements of society.

**Key words:** *pedagogy, activity, profession, program, professional skill, deformation, adaptation, professional, personality.*

**Сведения об авторе: Наимов Зариф Ҷомиевич** – 1967 г.р., кандидат педагогических наук, доцент общеуниверситетской кафедры педагогики ГПУ имени Садриддина Айни и заведующий отделом изучения стандарта, планов, учебных программ, учебных книг и анализа проблем просвещения Института развития образования имени Абдурахмана Джоми при Академии образования Республики Таджикистан, адрес: 734024, г. Душанбе, ул. Айни 45, тел. (992 37) 227 04 96,

**Information about the author: Naimov Zarif Jomiyevich** – 1967 y.b, candidate of pedagogical sciences, docent of the University Department of Pedagogy, State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, the head of the department for the study of standards, plans, curricula, study books and analysis of the problem of education of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi: 734024, Dushanbe, Ayni st,45, phone (992 37) 227 04 96

**Ф. ҲАСАНОВ**

# ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИФИЛОЛОГӢ

Дар амал татбиқ намудани омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар навбати аввал бо мақсадҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

-омӯзонидани забони англисӣ дар сатҳи лозим бо мақсади шунидан ва дарк кардан нутқи шифоҳӣ ;

-инкишоф додани маҳорати донишҷӯён дар истифодаи забони омӯхташаванда зимни суҳбатҳо дар шакли муколаммавӣ ва монологӣ (суҳбатҳои диалогӣ ва монологӣ );

-барои хондан ва тарҷумаи матнҳои техникии гуногун.

Мақсади мақола пешниҳод намудани натиҷаҳои тадқиқот роҷеъ ба муайян кардани технологияи самарабахши таълими забони англисӣ дар факултаҳои ғайрифилологӣ , инчунин пешниҳоди таснифоти муайяни як қатор ҷузъҳои технологияи таълими забоин номбурда вобаста ба мушкилоти "чӣ тавр омӯхтан" мебошад.

Қобили зикр аст, ки "озодона самт гирифтан дар муҳити забони ғайр ва маҳорати ба таври саҳеҳ мутобиқ шудан ба ҳама гуна вазъиятҳо, яъне муоширати комил ба забони англисӣ аз донишҷӯён мунтазам васеъ кардани таркиби луғавӣ , аз бар кардани идиомаҳои забони англисӣ , истифодаи дурусти шаклу таркибҳои грамматикӣ дар ҷараёни иҷрои машқҳо, фаъолиятҳои таълимӣ , тибқи маводи азхуднамуда, истифода бурдани нутқи шифоӣ зимни ҳалли масоили марбути муносибатҳои коммуникативӣ дар вазъиятҳои муайянро талаб менамояд [3.С.125]. Чунончи:

1.суолро фаҳмида ба он ҷавоб додан;

2.ба ҳамсуҳбат чизе хабар додан;

3.Матни махсусро хонда, аз он иттилооти муҳимро (далел ақидаҳоро) барои худ интихоб намуда шарҳ додан;

4.Матнҳоро навиштан бо мақсади беҳтар аз худ кардани маводи таълимӣ ва рушду такмил додани нутқи шифоҳӣ , қироат ва тарҷума.

Тадқиқоти гузаронидашуда дар байни донишҷӯёни курсҳои 1-и факултаи иқтисодиёти соҳавӣ ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Данғара нишон дод, ки донистани забони англисӣ дар амалия бевосита ба бартараф карадни як қатор мушкилиҳо ҳам аз тарафи донишҷӯён ва ҳам омӯзгорон вобаста аст.

Мо ба ақидаи муҳаққиқони варзида дар соҳаи салоҳиятҳои стратегии донишҷӯён дар самти фаъолияти ба шахсият нигаронидашудаи раванди таълим, муносибати ошкорои байни омӯзгор ва донишҷӯ, эҷодкорӣ дар интихоби мазмун ва шаклҳои фаъолияти мутақобила розӣ ҳастем [12, С. 22]. Ошкор гардид, ки омӯзиши забони англисӣ аз донишҷӯён вақт ва ҷидду ҷаҳди зиёд ва аз омӯзгорон бошад, кори бисёрсамтаву дақиқ, истифодаи васеи технологияи инноватсионии таълими забони англисӣ , фаъолияти зеҳнӣ ва муносибати эҷодкорона дар ҷустуҷуйи усули нави таълими забони хориҷиро талаб мекунад. Ҳамчунон талаб мекунад, ки ба донишҷӯён ташкили лоиҳаҳои ба касбу кор нигаронидашуда ва муаррирфии ин лоиҳаҳоро, ки методҳои рушди самараноки тафаккури интиқодӣ ба шумор мераванд, омӯзанд [1. С. 27]. Аз ин рӯ, мавзӯи тадқиқоти моро технологияи таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар бар гирифтааст. Рӯ овардан ба мафҳуми "технологияи таълим" нишон медиҳад, ки ворид намудани тағйироти ҷиддӣ дар методикаи таълими забони англисӣ , ҳамчун илми мустақил, зарур мебошад. Барои муваффақ гаштан ба таълим, ин илмро донистан лозим аст. Маҳз ба туфайли муносибати илмӣ ба ҷараёни таълим, инчунин ба қадри имкон фаҳмонидани он, ки чӣ ва чи гуна омӯхта мешавад, технологияи мазкур омӯзгоронро бо омодагии методии зарурӣ , ки дониш талаб мекунад, мусаллаҳ мегардонад. Маҳз дар асоси ин шартҳо зимни омузиши забони англисӣ дар факултаҳои ғайрифилологӣ натиҷаҳои баланд (аз худ кардани нутқи шифоҳӣ , хонда тавонистан тибқи тақозои стандарти таълим) ба даст меоянд.

Қобили зикр аст, ки ҷиҳати тадқиқи методикаи таълми забонҳои хориҷӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ асарҳои зиёде ба нашр расидаанд. Муҳаққиқон қайд

менамоянд ки барои донишҷӯёни таҳсилоти соҳаи касбӣ -техникӣ омӯзиши фаннҳои гумманитарӣ душвор аст, чунки онҳо аз ҷиҳати "тарзи тафаккури техникӣ ва набудани қобилияти дарки забон, ки бе он реалиҳои (махсусиятҳои) забониро дарк кардан мушкил аст", фарқ мекунанд. [7.273]. Муҳим аст, ки омузиши забони англисӣ мувофиқи мақсад, самаранок, боаҳамият ва оқилона бошад, зеро вазифаи асосии таълими забони хориҷӣ дуруст, босаводона тартиб додани моделҳои шифоӣ , моҳирона истифода бурдани забон ва муошират карданро ёд додан аст. Боиси таассуф аст, ки на ҳамаи омӯзгорон зарурияти муносибат кардан бо технологияҳои гуногунро ба эътибор мегиранд. Сабабаш то андозае дар он аст, ки ақидае вуҷуд дорад, ки гӯё методика илм набуда, он санъат, таҷрибаи умумӣ , амалияест, ки омӯзгор онро дар ҷараёни фаъолияти педагогии худ осон ва ба таври сода соҳиб мегардад. Аалбатта таҷриба муҳим аст, вале танҳо бо як доштан таҷриба қаноат кардан лозим нест, ин таҷрибаро омӯхта, барои сайқал додани он кӯшиш ба харҷ додан лозим аст. Ҳолатҳое мешванд, ки омӯзгор дар вақти истифода бурдани ин ё он усул фаҳмонида наметавонад, ки чаро ӯ ин корро мекунад, кадом малакаро ба таври мушаххас дар донишҷӯён ташшаккул доданӣ ҳаст.

Дар тадқиқоти худ мо кӯшиш намудем таснифоти муайяни ҷузъҳои технологияи таълими забони англисиро пешниҳод намоем. Ба ин хотир мо 4 гурӯҳи ҷузъҳои асосии технологияи таълимро ҷудо намудем:

1.Воситаҳои техникӣ ва ғайритехникии таълим.

2.Ҳамкориҳо байни донишҷӯ ва омӯзгор.

3.Шаклоҳи ташкили кор, ба вижа, кори инфиродӣ , дунафара, гурӯҳӣ , оммавӣ .

4.Интихоби дурусти иттилоот барои ҳар як гурӯҳи алоҳидаи донишҷӯён.

Акнун ҳар яке аз ин ҷузъҳоро шарҳ медиҳем.

Дар замони ҳозир навовариҳои илмию техникӣ дар таълими забони англисӣ дар факултаҳои ғайрифилологӣ низ таҷассуми худро ёфтааст. Дар навбати худ, "муошırати касбӣ бо забони бегона барои фаъолона истифода кардан аз дастовардҳои илмию техникии ҷаҳонӣ ва ба даст овардани донишҳои нави касбию техникӣ мусоидат менамояд"[5,С.562]

Омӯзгори забони англисӣ дар ихтиёри худ воситаҳои зиёди таълимро дорад, ки метавонад аз онҳо зимни амалӣ кардани методи шиносонӣ , таҷрибаҳои омӯзишӣ ва назорат истифода барад. Ба он ҳам воситаҳои техникӣ ва ҳам ғайритехникӣ дохил мешаванд. Чунончи, воситаҳои технеикии таълим компютер, магнитофон, проектор тахтаи интерактивӣ , инчунин дар маҷмӯъ бо онҳо намунаҳои тестии машқҳо, маводи таълимӣ ва слайдҳо маҳсуб меёбанд. Ҳамаи ин воситаҳо бояд барои ҳар як гурӯҳи алоҳидаи донишҷӯён истифода бурда шаванд. Дар акси ҳол, агар маҷмӯи воситаҳои методию таълимӣ ба таври пурра истифода бурда нашаванд, пас, технологияи таълим вайрон мешавад. Истифодаи дурусти технологияи таълим, бечуну чаро, имкон медиҳад, ки самараи таълим аз ҳисоби истифодаи пурраи воситаҳои алоқаи биноӣ ва шунавоӣ баланд бардошта шавад.

Воситаҳои ғайритехникии таълим дастурҳои таълимию методӣ , хрестоматия барои хониш (матнҳо), маҷалла ва рӯзномаҳо ба забони хориҷӣ , маълумотномаҳо, луғатҳо, варақаҳо, тестҳо дар се намуд:-1)тестҳо дар бораи донистани ҳодисаҳои забонӣ ; 2)тестҳо дар бораи таҷдиди (айнан такрор кардани) ҳодисаҳои забонӣ барои барқарор кардани матни тағйирёфта бо шарҳи таҳлилии он; 3)матнҳои омехтае, ки ҷузъҳои матнҳои супоридашудаи ду намуди аввaларо дар бар мегиранд- ба шумор мераванд.[14.с200].

Дар адабиёти методӣ ба омӯзгорон роҷеъ ба ташкили фаъолияти онҳо барои таълими забони англисӣ , ба донишҷӯён оид ба истифодаи воситаҳои гуногун дар гурӯҳ вобаста ба мавзӯъ, ба машғулияти конкретии амалӣ тавсияҳо дода мешаванд. Ҳамчунон роҷеъ ба тарзи усули кор тибқи дастурҳои таълимӣ дар нишондодҳои методӣ маълумот пешкаш гардидааст.

Хеле муҳим аст, ки дар ҷараёни педагогӣ ҳамкорӣ байни омӯзгор ва донишҷӯ ба амал ояд, яъне яке меомӯзонад, дигаре меомӯзад. Ин ҳамкорӣ тавасути методҳо ва тарзу усули методӣ амалӣ мегарданд.

Ба сифати методҳо, яъне он тарзҳое, ки бо ёрии онҳо низоми ҳамкории омӯзгор-донишҷӯ сурат мегирад, шиносоӣ , машққунӣ , татбиқ ҷудо карда шудааст. Омӯзгор

муаррифӣ , машқ ва татбиқ кардани онро ташкил намуда, рафти иҷрои онро назорат мекунад; донишҷӯ муаррифӣ , машқ ва татбиқи онро дар зери назорати омӯзгор амалӣ менамояд. Ин ба тарзи схема чунин менамояд: муаррифӣ - машқ- татбиқ- назорат.

Омӯзгор фаъолияти таълимиро ташкил намуда, онро назорат мекунад. Донишҷӯ ин фаъолияти таълимиро дар амал татбиқ менамояд.(дар зери назорати омӯзгор ва худназораткунӣ ). Агар ин амали мутақобила ё ҳамкорӣ бевосита дар машғулият ба амал ояд, он гоҳ як назар ба схема басанда аст муайян кард, ки кӣ бояд бештар дар машғулият фаъолона кор кунад: он касе, ки таълимро ташкил мекунад ё он касе, ки онро татбиқ мекунад. Албатта посух дода мешавад, ки донишҷӯ. Зеро махсусияти забони англисӣ ҳамчун фани таълимӣ дар он аст, ки барои ёд гирифтан машқи пайваста ва маводи таълимро дар амал бо муошират татбиқ намудан муҳим аст.

Донишҳои касбии мо ва татдқиқоти махсуси мо нишон медиҳанд, ки дар машғулиятҳо бештар омӯзгор фаъол аст. Фаъолияти ӯ баъзан то 80 %-и вақтро дар машғулияти амалӣ дар бар мегирад. Чунин тақсимоти нодурусти вақт ба донишҷӯён зарар меоварад: онҳо кам ба кори фаъол машғул мешаванд. Технологияи таълими забони англисӣ масъалаи оқилона истифода бурдани вақтро дар машғулиятҳо ба миён гузошта, барои ба он ҷавоб додан кӯмак мекунад.

Илмҳои педагогӣ . Интихоби усули методӣ зимни амалӣ намудани ҳар яке аз методҳои нишондодашуда муҳим дониста мешавад. Масалан, омӯзгор муаррифӣ (шиносоӣ ) бо маводи навро ташкил намуда, бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки вақти бисёр сарф накарда, тафаккури донишҷӯёро ба кор сафарбар кунад. Чунончи, зимни гузаронидани машқҳо хусуиятҳои инфиродии донишҷӯёнро ба эътибор гирад; зимни амалӣ кардани методи татбиқшаванда бояд кӯшиш намояд, ки супоришҳои пешниҳодшаванда аз тарафи донишҷӯён на ҳамчун машқ, балки ҳамчун амали шифоҳӣ дарк ва қабул карда шаванд. Дар ин замина муҳим аст, ки донишҷӯён на фақат мазмуни матни хонда ё дидаашонр нақл кунанд, балки муносибати худро нисбат ба далелҳо баён намуда, онҳоро арзёбӣ кунанд. Омили асосӣ зимни амалӣ кардани методи таълим ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар самти шиносоӣ ( муаррифӣ ), машқкунӣ ва татбиқ ба шумор меравад.

Технологияи таълими забони хориҷӣ таваҷҷуҳи зиёдеро дар ҷустуҷӯйи тарзу усули методии самарабахш талаб менамояд, ки он дар китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии батабъррасида инъикос ёфтаанд. Аз нуқтаи наазри усули омӯзиш дуруст иҷро гардидани машқҳо ва супоришҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сифати таълими забони англисиро беҳтар намояд. Зиёд намудани вақти кори фаъолонаи ҳар як донишҷӯ зимни истифода бурдан аз чунин шаклҳои кор ба монанди инфиродӣ , дунафара, гурӯҳӣ , оммавӣ имконпазир мебошад. Дар татқиқоти худ мо тасмим гирифтем, ки ин шаклҳоро ҷузъан баррасӣ намоем. Чунончи, шакли кори инфиродии донишҷӯёнро дар машғулият метавон бо ёрии маводи ҳархелаи тақсимӣ , ки аз тарафи омӯзгор бо ба эътибор гирифтани имкониятҳои ҳар яке аз донишҷӯён тартиб дода мешаванд, ташкил кард. Ба ин васила, ҷиҳати муайян кардани муносибати инфиродии донишҷӯён, барои онҳо дар омӯзонидани забони англисӣ шароит муҳайё карда мешавад. Яке аз мушкилоти асосӣ дар технологияи таълим ин ҷустуҷӯйи роҳҳои истифодаи бештари имкониятҳои инфиродии донишҷӯён ҳам дар шароити кори ҳамакаса дар синф ва ҳам кори мустақилонаи беруназсинфӣ ба шумор меравад.

Барои омӯзиши нутқи муколамавӣ аз шакли кори дунафара истифода бурдан лозим аст. Дар ҳолати дунафарӣ (ҷуфтӣ ) машқҳои саволу ҷавобро иҷро кардан, тавассути муколама воҳидҳои забониро сохтан, аз рӯйи вазъияти пешниҳодшуда муколаммаҳо тартиб додан, муколамаҳои дар китоб додашударо азёд кардан ва ғайраҳоро анҷом додан мумкин аст. Самарнокии ин кор аз он вобаста аст, ки омӯзгор чӣ гуна таваҷҷуҳ мекунад, чӣ тавр иҷрои супоришҳои ҳар як чуфт назоарт мекунад ва ба онҳое, ки эҳтиёҷ ба кӯмак доранд, ёрӣ мерасонад.

Зимни инкишофи малакаҳои талаффузӣ (мавод барои кор овозҳо, калимаҳо, иборахо, ҷумлаҳо ё матнҳои на он қадар калон шуда метавонанд) гапзанӣ ё суҳбат ба ҳар як донишҷӯ имкон медиҳад, ки машқҳоро амалӣ кунад. Самаранокии кори оммавӣ аз тарзи ташкили он вобаста аст. Агар омӯзгор ба чӣ тавр талаффуз кардани донишҷӯён гӯш андозад, ба баъзеи онҳо барои бартараф кардани мушкилиҳо дар талаффузи овозҳо,

калимаҳо, ҷумлаҳо кумак кунад, ӯ дар донишҷӯён муносибати ҷиддиро нисбати кори гурӯҳӣ ба вуҷуд меоварад ва ҳар як донишҷӯ кӯшиш мекунад, ки дар ин кор иштироки фаъол дошта бошад. Агар кор расман гузаронида шавад (омӯзгор гӯш намедиҳад, ки донишҷӯён чӣ мегӯянд, он гоҳ он фоида намеорад. Аз ин рӯ, кай ва дар куҷо мувофиқи мақсад истифода бурдани шакли кории мазкурро донистан зарур аст.

Барои омӯзиши шунавоӣ , усули кории ба таги дил хондан (қироати хомӯшона), тартиб додани (анататсия) шарҳи мухтасар ё иҷрои ягон кори дигари хаттӣ , истифода аз луғатҳо ё маълумотномаҳои грамматикӣ ва ғайра (вақте ки ҳамаи донишҷӯён ҳамон як корро иҷро менамоянд), шакли кори оммавӣ тавсия дода мешавад. Омӯзгор, ҳар вақте ки барояш ба донишҷӯён нишон додани усули оқилонаи кор лозим бошад, ба шакли кори оммавӣ рӯ меорад. Дар зери роҳбарӣ ва назоарти бевоситаи ӯ донишҷӯён ин усулро, ки зимни корҳои мустақилонаи беруназсинфӣ ба онҳо ёрӣ мерасонад, аз худ мекунанд. Ин шакли кор бо донишҷӯён на ҳама вақт самараи якхела медиҳад. Агар омӯзгор аз донишҷӯ талаб кунад, ки ҳамту матнеро хонад ё машқеро иҷро кунад, он гоҳ ӯ вақти барои машғулият ҷудошударо оқилона истифода намебарад. Агар ӯ чӣ тавр кор кардан, ба чӣ диққат доданро (яъне самт ба суйи иҷро кардани амалҳо бо маводи таълимӣ равона намояд), он гоҳ ин бешубҳа ба донишҷӯён манфиат меорад. Шакли кори гурӯҳӣ ( ҳар гурӯҳ иборат аз 5-7донишҷӯ) имкон медиҳад, ки аз як тараф, машққунӣ зери назорати гурӯҳи масъул барои иҷрои машқҳо қарор дода шавад, аз тарафи дигар, барои муоширати шароит муҳайё гардад, яъне ҳар як гурӯҳ ба ҳамгурӯҳҳои худ роҷеъ ба ягон чизи нав итилоот медиҳад. Бартарии ин шакли кор нисбат ба дигар шаклҳо дар он аст, ки омӯзгор то кадом андоза донишҷӯёни худро хуб мешиносад, имкониятҳои ҳар якеро хуб медонад, то ки онҳоро ба таври дуруст ба гурӯҳҳо ҷудо намояд ва аз байни онҳо ёрдамчиҳоеро, ки ба онҳо такя кардан мумкин аст, муайян намояд. Шакли кори гурӯҳӣ зимни ташкили иҷрои машқҳо (тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯйи ҷадвали табдилдодашуда, зимни ҷорӣ намудани усули татбиқ(омода сохтани иттилоот роҷеъ ба ягон мавзӯъ) истифода бурда мешавад. Технологияи таълим имкон медиҳад, ки усули беҳтарини истифодаи ҳар яке аз шаклҳои кори номбаршуда ҷустуҷӯ карда шавад. Барои исбот кардани он, ки зимни интихоби усули методии муаррифӣ (шиносоӣ ), машқиҷрокунӣ ва татбиқ сатҳи рушди умумии онҳо ва ҳам омодагии забонии онҳо, зинаҳои таълим ва тобишҳои он, ҳамчунон маводи таълим ва шароити таълим (миқдори вақте, ки барои омӯзиши забони англисӣ ҷудо карда мешавад, теъдоди донишҷӯён, муҷаҳҳазоти синфхонаи забони англисӣ ) муҳим мебошад, зарурат нест. Масалан, агар ҳангоми кор бо донишҷӯёни зинаи аввал зимни ташкили муаррифии (шиносоӣ ) маводи таълимӣ аслан намоиш, ки тавассути омӯзгор амалӣ мегардад, истифода карда шавад, вале дар байни донишҷӯёни зинаи дуюм ва сеюм баёнкунӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Агар дар зинаи 1 машққунӣ (тренировка) танҳо такроркунӣ бошад, пас дар зинаи 2 ва 3 ба ин метод камтар рӯ оварда шавад. Агар зимни ташкили методи татбиқи маводи таълимӣ барои кори шифоҳӣ бо донишҷӯёни зинаи 1 вазъияти тасаввурӣ ва маводи аёнӣ ба таври васеъ истифода бурда шавад, пас дар зинаи 2 ва 3 усули методи татбиқ бояд бо вазъияти воқеӣ алоқаманд бошад.

Ба ҳамин тариқ, тадқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки омӯзгор бояд роҷеъ ба технологияи таълими забони англисӣ дар факултаҳои ғайрифилологӣ дониши кофӣ дошта бошад, то ки омӯзиши забони англисӣ самарнок гашта, натиҷаи дилхоҳ ба даст оварад. Вазифаи асосии омӯзгори забони англисӣ аз он иборат аст, ки ба донишҷӯён истифода бурдани забони бегонаро дар муоширати ҳаётиву касбӣ ёд диҳад, маҳорати истифодаи забон ва муоширатро омӯзад. Барои ноил гардидан ба ин омӯзгорро лозим меояд тавсияҳоро роҷеъ ба ҷузъҳои технологияи таълим бомаҳорат истифода барад.

## АДАБИЁТ:

1.Абрамов А.В.Преподавание иностранных языков на неязыковых факультетах. Педагогические, психологические и социологические вопросы профессионализации личности: материалы III международной научно-практической конференции (Прага 10-11 февраля 2017 года). Прага 2017. С.26-29.

2. Бабкина Н.В. Использование игр и упражнений в учебном процессе // Начальная школа, 1988.-№4.

3. Боброва Н.Е. Инновационные методы преподавания иностранных языков// Интеграция.2013. №4 (73).

4. Вайсбурд М.Л. Синтетическое чтение на английском языке. Москва-1969. 127 С.

5. Гальскова Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам: Пособие для учителя.-М.;АРКТИ 2003.-192 С.

6. Зиёӣ Х.М. Роҳҳои татбиқи таҳсилоти босалоҳият дар зинаи касбӣ . Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ -амалии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ . Душанбе, “Ирфон”, 2018, 109 С.

7.Евдоксина Н. В. Психологические особенности изучения иностранного языка студентами технических вузов //Вестник Астраханского государственного технического университета, 2007.№2 С.273-279.

8.Концепция коммуникативного обучения иноязычной культуре в средней школе. Поосбие для учителей/под ред. Е.И.Пассова, Н.Б.Царьковой.-М.-Просвещение,1993.-127 С.

9.Ливингстоун К. Ролевые игры в обучении иностранным языкам – М.: Высшая школа, 1988.-101 С.

10.Махкамов Д. Технологияи муосири инноватсионӣ дар таълим. /Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. №1, 2018 (21). С.80-85.

11. Самойлова Е.В. Актуальные проблемы преподавания иностранного языка студентов технического вуза // перевод и меняющемся мире: материалы международной научно-практической конференции (Саранск, 19-20 марта 2015 г.).

12.Тимофеева Т.И. Показатели успешного формирования стратегической компетенции студентов//Технологии обучения иностранным языкам в неязыковых вузах: IV межвузовская научно-практическая конференция (Ульяновск, февраль, 2010 г.).

13.Ҳасанов Ф. Роҳу усулҳои самарабахши омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ . /Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. №2, 2019 (26 ). С.242-247.

14.Шестакова Н.А. Диагностические функции тестовых методов при обучении английскому языку для студентов неязыковых специальностей // Филологические науки. Вопросы теории и практики. 2017.№8 (74).Ч.2.С.199-202.

**Ҳасанов Ф.**

## ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИЗАБОНӢ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба методҳои муосири таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ сухан меравад. Мақола натиҷаҳои тадқиқотро роҷеъ ба муайян кардани технологияи самарабахши таълими забони англисӣ дар факултеҳои ғайризабонӣ дар бар гирифта, дар он инчунин таснифоти муайяни як қатор ҷузъҳои технологияи таълими забони номбурда вобаста ба мушкилоти “чӣ тавр омӯхтан” пешниҳод гардидааст.

***Калидвожаҳо**: технология, таълим, забони англисӣ , муошират муносибати коммуникативӣ , донишҷӯ, омӯзгор, методҳои таълим. тадқиқот.*

**Хасанов Ф.**

## СОВРЕМЕННАЯ ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ НА НЕЯЗЫКОВЫХ ФАКУЛЬТЕТАХ

В данной статье речь идет о современной технологии обучения английского языка на неязыковых факультетах. В ней излогается результаты исследования по выявлению наиболее продуктивных технологий преподавания английского языка на неязыковых факультетах, а также предложено определенная классификация ряд компонентов методы обучения данного языка, непосредственно связвнных с проблемой “как учить”

***Ключевые слова**: технология, обучение, английский язык, коммуникация, коммуникативное отношение,студент, преподаватель, методы обучения, исследование.*

**Hasanov F.**

## MODERN TECHNOLOGY OF TRAINING TO ENGLISH LANGUAGE AT NOT LANGUAGE FACULTIES

In given article it is a question of modern technology of training of English language at not language faculties. In it conciders results of research on revealing of the most productive technologies of teaching of English language at not language faculties, and also it is offered certain classification a number of components methods of training of the given language, it is direct connected with a problem “how to learn”

***Key words:** technology, training, English, language, communications, the communicative relation, the student, the teacher, training methods, research.*

**Сведения об авторе: Хасанов Фарход Зикруллоевич-** сосикатель Дангаринского Государственного Универсиета 988125156

**Information about the author: Khasanov Farhod Zikrulloevich** - job seeker to the Dangara State University 988125156

**С. АМОНӢ**

# ТАШАККУЛ ВА ТАҲКИМИ САЛОҲИЯТҲОИ ФАННӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

***«Кӯдак табиатан, ба муҳаққиқи кунҷкобе монанд аст, ки мехоҳад ҷаҳонро барои худ кашф кунад. Пас, бигзор ҷаҳон бо рангу таровиши зинда, садои дилкаш ва сурати зебо тавассути афсонаву орзуҳо, бозиҳову эҷодкориҳо ба рӯяш огӯш кушояд»***

***А.Сухомлинский***

Вазифаи асосии низоми таҳсилоти муосир ташкили шароити мусоид барои омӯзиши босифат ба шумор меравад ва ҷорӣ намудани раҳёфти босалоҳият шарти асосӣ ва муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот дониста мешавад. Назар ба андешаи педагогҳои муосир пайдо кардани салоҳиятҳои муҳимми ҳаётӣ имкон медиҳад, ки шахс дар ҷомеа мавқеъ пайдо карда, худро ба талаботу шароити замон мувофиқ созад.

Раҳёфти босалоҳият дар омӯзиш ба муносибати шахсиятмеҳвар ва дигар раҳёфтҳои амалкунанда вобаста аст. Зеро он ба шахсияти хонанда дахл дошта, танҳо дар мавриди иҷрои фаъолияти мушаххаси вай истифода бурда мешавад. Дар ин робита дар раванди имрӯзаи педагогӣ нақши омӯзгорони касбӣ ва босалоҳият дар мақоми аввал қарор мегирад.

Салоҳият доираи масоилест, ки кас дар бораи онҳо иттилооти бештаре дорад. Ё доираи муайяни ҳуқуқу ваколатҳо дониста мешавад.

Ҷузъҳои таркибии мафҳуми салоҳият:

• Дониш – маҷмӯи далелҳои зарурӣ барои иҷрои корҳо. Дониш назар ба малака мафҳуми васеътарест.

Дониш заминаи рӯшанфикрӣ ё мазмуни ақлиест, ки инсон дар асоси он кор мекунад.

• Малакаҳо-донистани васоит ва методҳои иҷрои вазифаи муайян. Малакаҳо дар фазои васеъ зоҳир гашта, аз неруи ҷисмонӣ то маҳоратҳои махсусро дар бар мегиранд. Мушаххас будан барои малакаҳо умумӣ аст.

• Қобилият - пешгӯииҳои ногузир барои иҷрои вазифаи муайян. Қобилият низ тахминан маънои истеъдодро дорад.

• Шаклҳои рафтор - намудҳои фаъолият.

• Кӯшишу ғайрат ва талош- дар самти муайян истифода намудани захираи неруи маънавӣ ва ҷисмонӣ. Кӯшиш ҷавҳари асосии одобу тартиби кор ба шумор меравад. Бидуни кӯшиш инсон аробаи беаспро мемонад, ки пур аз ҷавоҳир аст, аммо аз ҷой намеҷунбад.

Аз ин дидгоҳ дар хонандагон ташаккул ёфтани салоҳиятҳои калидиро муносибати босалоҳият меноманд. Маҷмӯи ҳамин маҳоратҳои ҳаётӣ дар низоми муносибати босалоҳият асосӣ буда, ҳамчунин натиҷаи ниҳоии омӯзиш ба шумор меравад.

Субъектҳои фаъолият дар низоми муносибати босалоҳият ё рӯйкарди салоҳиятгаро пеш аз ҳама хонанда, падару модарон ва сохторҳои давлатӣ ба шумор мераванд, ки мустақиман ва ғайримустақим тавассути сиёсати давлатии таҳсилот ба ташаккули шахсият таъсир мерасонанд. Мураббӣ, омӯзгор ва равоншинос низ ҳамчун субъектҳои таълиму тарбия ба раванди таҳсилот таъсири муайян мерасонанд.

Субъектҳоро назар ба дараҷаи асарбахшиашон метавон аз ҳам ҷудо кард:

- Хонавода ва таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиш ва рушди минбаъдаро ангеза медиҳанд. (Салоҳиятнокии ангезабахш)

- таҳсилоти мактабӣ ва олӣ барои рушд ва фарогирии донишҳои дигар шароит муҳайё менамоянд. (салоҳиятҳои амалӣ)

- субъектҳои дигар барои иҷтимоӣ шудан ёрӣ мерасонанд (салоҳиятҳои иҷтимоӣ).

Дар доираи салоҳиятҳои асосии марбут ба таҳсилоти мактабӣ салоҳиятҳои фаннӣ низ рушд дода мешаванд, то донишандӯзон дар ҳолатҳои ноустувор ҳангоми ҳалли проблемаҳои ҷорӣ мустақилона амал карда тавонанд. Салоҳиятҳои асосӣ имконият медиҳанд, ки инсон, дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ дар шароити рӯзафзуни пешравии ҷомеаи муосир ба қуллаҳои баланди маърифатӣ расад.

Муносибати босалоҳият ба муаллим ва хонанда чӣ медиҳад?

Муносибати босалоҳият имкон медиҳад:

• Ҳамоҳанг сохтани ҳадафҳои муаллиму хонанда имконпазир мегардад;

• Ба таҳсили минбаъдаи касбӣ бо дарки масъулият хонандагон омода мешаванд;

• Иҷтимоишавии хонандагон таъмин ва беҳтар мегардад;

• Ҳавасмандгардонии хонандагон бо назардошти манфиатҳо барои зиндагии имрӯз ва оянда афзун мешавад;

• Ба шарофати боло рафтани мустақилият ва масъулияти хонандагон кори омӯзгор осон мешавад;

• Раванди ягонаи таълиму тарбия, ки омодагии хонандаро ба ҳаёт бо тарзҳои гуногун таъмин карда метавонад, тақвият меёбад.

Барои татбиқи муносибати босалоҳият, омӯзгор бояд:

• Салоҳияти касбӣ дошта бошад;

• Ташаббускор ва мустақил бошад;

• Манфиатҳои ҳаётии хонандагони худро донад, фаҳмад ва ҳимоя намояд;

• Шогирдони худро гӯш карда тавонад ва онҳоро шахсият шуморад;

• Мушкилоти лаҳзаҳои таълимро ҳис намояд;

• Маводи омӯзиширо мувофиқи мақсад интихоб карда тавонад;

• Аз машғулиятҳои амалӣ босамар истифода намояд;

• Дар миёни шогирдон ҳамкориҳои мухталифро аз қабили гӯрӯҳӣ ва инфиродӣ роҳандозӣ карда тавонад;

• Ҳамроҳи хонандагон мақсад гузошта, арзёбӣ кунад;

• Ҳолатҳои дастрасӣ ба муваффақиятро пешбинӣ карда тавонад;

• Дар миёни хонандагон баҳс ва муҳокимаро ташкил карда тавонад;

• Ҳангоми арзёбӣ сатҳи рафтору одоби шогирдонро ба этибор бигирад;

• Арзёбии фаъолияти омӯзишии хонандагон ба таври густурда, яъне дар алоқамандӣ бо мавзӯъҳои ҳаётӣ анҷом дода шавад;

• Камбудиҳоро рӯйпӯш накунад.

• Барои ислоҳи камбудиҳо ҳама гуна чораҳоро андешад;

• Ба пешаи худ содиқ бошад;

Салоҳиятҳои фаннӣ дар доираи омӯзиши фанни мушаххас омӯхта мешаванд. Омӯзиши фанҳои забону адабиёти тоҷик ба салоҳиятҳои фанние вобастаанд, ки ҳар як фарди ҷомеа ба онҳо ниёз дорад. Инсон замоне дар ҷомеа соҳиби мақоми арзанда мешавад, ки салоҳиятҳои зарурии хешро ба гунаи муносиб дар иҷтимоъ истифода бурда тавонад. Забон ҳамчун воситаи муошират ва баёни андешаву ҳиссиёт бояд дар хизмати аҳли ҷомеа қарор дошта бошад. Сарфу наҳви ҳар як забон барои омӯзиши соҳибони хеш дар дорираи қонун ва қавоиди муайян муқаррар гардидааст. Аз ин рӯ, дарсҳои забони модарӣ ва забони давлатӣ тибқи талаботи татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим ташкил карда мешаванд.

Адабиёт ҳамчун оинаи зиндагӣ санъатеро мемонад, ки ошноиро бо таърих ва оламу одам таъмин намуда, дар заминаи қобилияту маҳоратҳои умумӣ малакаву истеъдодҳои алоҳида ва дар маҷмӯъ салоҳиятҳои фанниро ташаккул ва рушд медиҳад.

Ҳар касе, ки камтарин эҳсоси қабулу шинохти ҳунари бадеъро дорад, метавонад ба ин ҷаҳони беинтиҳои зебоӣ ворид шуда, аз он баҳрабардорӣ кунад.

Дарс дар замони муосир маҳфили муаллиму шогирд аст, ки дуюмӣ бояд аз худ бештар дарак диҳад. Ин даракдиҳӣ метавонад тавассути баҳсҳо, табодули назар, ҷустани роҳҳои ҳалли масоил, баён намудани таҷрибаи шахсӣ ва хулосаи дуруст баровардан изҳор карда шавад. Омӯзгор дар нақши назораткунанда дурустии ин равандро зери назар қарор медиҳад. Агар муаллим серталошу ҷӯянда бошад, хонандагон низ ба ӯ пайравӣ мекунанд ва синф ба саҳнаи ҳунарнамоии на як ҳунарманд, балки гурӯҳи ҳунармандон табдил меёбад.

Хонандагон маҷбуран эҷодкор шуда наметавонанд, то худашон ба мустақилияту эҷодкорӣ майл пайдо накунанд. Аз ин рӯ, дар заминаи омӯзиши салоҳиятҳои фаннӣ метавон майлу рағбати хонандагонро ба эҷодкорӣ ва ҷӯяндагӣ бедор кард.

Омӯзиши татбиқи таълими босалоҳият дар муассисаҳои таълимӣ тибқи нақшаи зерин сурат гирифт:

- фаъолияти маъмурияти муассисаи таълимӣ оид ба татбиқи муносибати босалоҳият дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ;
- фаъолияти Шўрои методӣ ва иттиҳодияи методӣ;
- таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои нави дарсӣ ва маводи иловагии ёрирасон (хонандагон ва омўзгорон);
-фаъолияти омўзгорон оид ба татбиқи муносибати босалоҳият дар синфҳои ибтидоӣ;
- мушоҳидаи дарси омўзгорони синфҳои 1-4;
- омўзиши мониторинги сифати дониши хонандагони синфҳои 1-4 дар муқоиса бо низоми анъанавии таълим;
- суҳбат-пурсишнома (мусоҳиба) бо омўзгорон;
- суҳбат-пурсишнома бо ҷонишини директор оид ба таълим дар синфҳои ибтидоӣ ва роҳбари иттиҳодияи методӣ;
- гузаронидани суҳбати озод бо омўзгорони синфҳои ибтидоӣ.

Омўзиш нишон медиҳад, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба татбиқи таҳсилоти салоҳиятнок ё худ рушди салоҳиятнокии хонандагон дар раванди таълими ҳамаи фанҳо дар синфҳои 1-4-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, асосан, дуруст роҳандозӣ шудааст. Аз ҷониби роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои татбиқи таълими босалоҳият бештар омўзгорони таҳсилоти олидор ҷалб карда шудаанд, ба омўзгорони соҳибтаҷриба имкон дода шудааст, ки бо истифода аз таҷриба ва маҳорати касбии хеш самаранокии таълими босалоҳиятро дар синфҳои 1- 4 таъмин намоянд.

Омўзгорон, гарчанде бартарии таълими салоҳиятнокро эътироф доранд, вале дар татбиқи он ба мушкилот дучор мегарданд. Муҳимтарини онҳо чунинанд:

1.Дар татбиқи омўзиши салоҳиятнок, ки аз оғози соли таҳсили 2016-2017 дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ҷорӣ гардидааст, ба саросемагӣ роҳ дода шудааст:

- қисми зиёди омўзгорон моҳият ва муҳтавои низоми таълими салоҳиятнокро саҳеҳ дарк накардаанд;

2.Миқдори зиёди омўзгорони синфҳои ибтидоӣ дар раванди курсҳои такмили ихтисос оид ба низоми таълими салоҳиятнок моҳият ва муҳтавои таълими салоҳиятнокро дарк накардаанд;

3.Тағйир наёфтани муносибат ба арзёбии салоҳияти хонанда бо назардошти риояи меъёрҳои воқеии баҳодиҳӣ;

4.Ҳуҷҷатгузорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба корбурди муносибати босалоҳият қонеъкунанда нест ;

5.Мушовирони кабинетҳои методӣ ва тренерони минтақавӣ вобаста ба раванди татбиқи низоми таълими салоҳиятнок бо омўзгорони синфҳои ибтидоӣ истифодаи шаклҳои муосири таълимро ба таври бояду шояд ба роҳ намондаанд;

6.Мушовирон ва тренерони таълими нав аз ҷумлаи мутахассисони варзида нестанд, аз ин рў, надонистани вижагиҳои таълими салоҳиятнок барои омўзгорон монеа эҷод мекунад;

Албатта, миқдои муайяни омўзгорон ба мушкилоти сатҳи омодагӣ нигоҳ накарда, кўшиш мекунанд, ки дар баробари усули анъанавии таълим таҳсилоти салоҳиятнокро низ дар раванди дарсҳо самаранок истифода намоянд. Бо мақсади шарҳу тавзеҳи моҳияти аслии рўйкард ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим мо кўшиш ба харҷ медиҳем, ки бо дарки масъулият ва эҳсоси мададгорӣ бо омўзгорон суҳбат ороста, оид ба аҳаммият ва бартарии низоми омўзиши салоҳиятнок иттилоъ диҳем.

Чун фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик назар ба моҳият ва рисолати фаннии худ барои муаллим ва хонанда муҳимму зарур арзёбӣ мешаванд, бояд тавре мавриди омўзиш қарор бигиранд, ки имконоти воқеӣ ва зеҳнии онҳо ҳамчун заминаи боэътимоди ташаккули салоҳиятҳо истифода шаванд. Мазмуни фаннӣ ва ҳаётиву тарбиявии маводи фанҳои мазкур на танҳо дар китобҳои дарсию маводи расмии таълимӣ ифода ёфтааст, балки он аз мероси пурарзиши гузаштаву имрўза сарчашма гирифта, дар рўзгор ва зиндагии ҳаррўзаи мо рўнамоӣ мекунад. Он барои ороиши дилу дида ва ҷаҳони маънавии ҳар фарди ҷомеа зевари маънӣ ва ҷавҳари ақлу заковат дониста мешавад.

**АДАБИЁТ:**

1.Кудряшев Н.И. Взаимосвязь методов обучения на уроках литературы. - М., 1981.
2.Леонтович А. Учебно-исследовательская деятельность школьников как модель педагогической технологии. Народное образование. № 10. 1999.

3.Лернер И. Я. Поисковые задачи в обучении как средство развития творческих способностей. // в кн. Научное творчество. Под ред. Микулинского С. Р. – М., 1969.

4.Мадер Р.Д. Первые шаги в научном поиске // Литература в школе. – 1981. – № 12.

5.Московкина И. И. Урок-исследование. Специалист 1999, № 7

6.Пахомова Н.Ю. Метод учебного проекта в образовательном учреждении. – М.: Аркти, 2003.

7.Савенков А.И. Содержание и организация исследовательского обучения школьников. – М.: «Сентябрь», 2003. – 204 С.

8.Сергеев И.С. Как организовать проектную деятельность учащихся: Практическое пособие для работников образовательных учреждений. – М.: АРКТИ, 2003.

**Амонӣ С.**

**ТАШАККУЛ ВА ТАҲКИМИ САЛОҲИЯТҲОИ ФАННӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК**

Таълим ва тадриси фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар шароити кунунии пешравии технология ва афзоиши сели иттилоот тақозо менамояд, ки мазмуни онҳо барои дарёфти салоҳиятҳои калидӣ самаранок истифода бурда шавад. Салоҳиятҳои фаннӣ тавассути омӯзиши амиқ ва мақсадноки фан дастрас мешаванд ва мувофиқи майлу хоҳиши хонандагон устувор мегарданд. Нутқи бурро, ифодаи содаю дастрас, донистани ҳикмату мақолҳои зарурӣ, навиштани диктанту иншо, посух додан ба саволҳои мариди ниёз, навиштани гузоришу маърӯзаҳо, азёд донистани шеъру тарона ва истифода карда тавонистани онҳо дар мавориди зарурӣ, шинохтану донистани намояндагони аҳли адаби кишвар, арҷгузорӣ ба мероси гаронбаҳои миллӣ, суҳбати тоза дар радио ва телевизион, навиштани хабару мақола ва қиссаю ҳикоёти хурду бузург ва ғайра аз ҷумлаи салоҳиятҳое ба шумор меравранд, ки маҳз ҳангоми омӯхтани фанҳои забон ва адабиёт фаро гирифта мешаванд. Муаллиф ин мавридҳоро ба эътибор гирифта, доир ба салоҳиятҳои фаннӣ ва қобилияти касбии омӯзгори фанни забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик фикру мулоҳизаҳои хешро иброз медорад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *салоҳият, омӯзиш, мазмуни фаннӣ, иттилоот, пешравии технологӣ, забони тоҷикӣ, адабиёт, тадрис, шеър, достон.*

**Амони С.**

**ФОРМИРОВАНИЕ И УКРЕПЛЕНИЕ ПРЕДМЕТНЫХ КОНПЕТЕНЦИЙ НА УРОКАХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ**

В процессе преподавания таджикского языка и литературы на современном этапе жизни, где насыщена поток информации необходимо использовать содержания этих предметов в целях приобретения нужных компетенций. Красноречивость, доступное выражение, знание афоризмов, безошибочное изложение, сочинение, повествование, знать наизусть стихотворений, свободно побеседовать под камерой телевидения, уважение к представителям науки и культуры удается именно благодаря таких предметов, как таджикский язык и литература. В связи с этим, автор статьи подчёркивает роль этих предметов и профессиональный уровень подготовки учителя в приобретении ключевых компетенций.

***Основные понятии:*** *компетенция, обучение,, предметное содержание, информация, технологический прогресс, таджикский язык, литература, преподавания, поэзия, поэма.*

**Amoni S.**

**FORMATION AND STRENGTHENING OF SUBJECT COMPETENCIES IN THE LESSONS OF THE TAJIK LANGUAGE AND LITERATURE**

In the process of teaching the Tajik language and literature at the present stage of life, where the flow of information is saturated, it is necessary to use the contents of these subjects in order to acquire the necessary competencies. Eloquence, accessible expression, knowledge of aphorisms, unmistakable exposition, composition, storytelling, to know poems by heart, to speak freely under the television camera, respect for representatives of science and culture is possible thanks to such subjects as the Tajik language and literature. In this regard, the author of the article emphasizes the role of these subjects and the professional level of teacher training in acquiring key competencies.

***Basic concepts:*** *competence, training, subject content, information, technological progress, Tajik language, literature, teaching, poetry, poem.*

**Сведения об авторе: Амони Салохудин** - научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Information about the author:** - **Amoni Salohudin** Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**Ш. КОТИБОВА**

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Бо гузаштан аз як аср ба асри дигар мо ба даврони фарҳангӣ рӯ меоварем. Дигаргуниҳои зиёди назаррас дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ба вуҷуд меоянд. Дар давраи гузариш ба ҷомеаи демократӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ бо ҷиддияти махсус вазифаи муҳим гузошта шудааст - тарбияи шогирдони ҳамаҷониба ташаккулёфтаи ҷомеаи навин, шогирдоне, ки омодаанд муқаррарот ва талаботи ҷомеаи муосирро дар ҳаёт тадбиқ намояд.

Вазифаи мактаб тайёр намудани одамони маданӣ, комилан саводнок ва донандагони забони адабӣ буда, дар ҳалли ин вазифа мавқеи таълими забони модарӣ дар қиёс бо ҳамаи фанҳои дигари таълимӣ волотар мебошад.

Барои расидан ба ин ҳадаф, нақши асосиро мактаб ва омӯзгори синфҳои ибтидоӣ мебозад, ки дар назди онҳо вазифаи тарбияи омма ва тайёр намудани мутахассисони муосири ҷавобгӯй ба меъёрҳо ва талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз зиннаи аввали таҳсилот истодааст.

Ба касе пӯшида нест, ки дар дарсҳо мо аз хонандагон бештар гуфтани қонуну қоидаи махсуси фанро талаб менамоем. Бештар ба он эътибор медиҳем, ки хонанда дониши пешниҳодкардаи моро ба худи мо бозгӯйӣ кунад, бо ахбори зиёд хонандаро мусаллаҳ карданӣ мешавем. Вале хеле кам кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки фикри хонандаи мо, ҷаҳонбинии ӯ инкишоф ёбад. Омӯзгор имрӯз бояд эҷодкор ва илҳомбахши шогирдонаш бошад.[1.с.56]

Мақсади таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ на барои донистани қоидаву қонунҳои грамматикӣ, балки барои инкишофи нутқи хонанда ва рушди фикррониии вай мебошад.

Азбаски илмҳои гуногун ҳамеша дар инкишофанд ва кашфиёти нав ба нав ба миён меоянд, ахбори илмии мазмуни таҳсилот низ меафзояд. Ин раванд беохир аст ва тамоми маълумоти илмиро наметавон ба мазмуни таҳсилоти мактабӣ ворид кард. Бинобар ин, ба хотири муътадил кардани сарбории хонандагон лозим меояд, ки фанҳои мазмунан ба ҳамдигар наздик ҳамгиро таълим дода шаванд.

Мактаббачагони хурдсол ин ё он фаъолиятро дуру дароз иҷро карда наметавонанд. Дар натиҷа қобилияти кории системаи асаби онҳо суст мешавад. Яъне боздории аз ҳад зиёд дар қишри мағзи сар ба вуҷуд меояд. Барои он, ки ин боздорӣ ба вуҷуд наояд, хелҳои фаъолиятро тағйир додан лозим аст. Ба замми ин, ба онҳо кутоҳмуддатии майлу рағбати зудгузар, ноустувории диққат, зуд монда шудан хос мебошад.

Муносибатҳои нави иқтисодӣ, воқеияти ҳаёти имрӯзаи мо: нарасидани муаллимони баландихтисос, боло рафтани арзиши китобу дигар маводи таълим муносибати сарфакоронаро талаб менамояд. Аз ин рӯ, таълими ҳамгиро метавонад дар ин самт нақши муҳимро бозад.[2.с.78]

М. Лутфуллоев дар китоби хеш «Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ» таъкид намудааст: «Вақте ки ҳамаи қисмҳо, таълими аёнӣ, машқҳои омодагии хат, машқҳои овозию тайёрӣ ба хониш бо номи умумии як фан омехта дарс дода мешаванд, мақсаду вазифаҳои дидактикӣ ва тарбиявии он дучанд меафзояд. Мо бояд парчам ё мақсадеро дарёбем, ки ҳамин қисмҳоро бо ҳам муттаҳид намуда, ба як ҷараёни умумӣ равона бисозад. Ҳамин гуна мақсад ё парчам худи забони модарӣ ё ба тарзи дигар бигӯем, нутқ ё инкишофи нутқ аст».

Одам дар танҳоӣ инкишоф намеёбад. Муҳимтарин омили инкишофи шахсият ин муошират аст. Дар ҷараёни муошират бо одамони гуногун сару кор мегиранд, мубодилаи афкор мекунанд. Дар натиҷа нутқи онҳо дар баробари тафаккур инкишоф меёбад. Аз ин рӯ, барои инкишофи нутқ ва тафаккур ба ҷиҳатҳои зерин диққати махсус бояд дод.

Инкишофи салоҳиятҳои гӯш кардан бо мақсади инкишофи малакаҳои дуруст талаффуз кардан ва навиштан:

- фарқ ва дуруст талаффуз кардану навиштани овозу ҳарфҳо, аз ҷумла, овоз ва ҳарфҳои **и** ва **ӣ, у** ва **ӯ, э** ва **е, й** ва йотбарсарҳо;
- дуруст навиштани калимаҳое, ки навишташон аз талаффузашон

фарқ дорад ( тӯб/тӯп);

салоҳиятҳои гуфтор ва фикрронӣ:

- муайян кардани жанри матни хондашуда: чӣ хонда шуд? (шеър, чистон, афсона, ҳикоя);
- бозгӯйии нақли муаллим ва дигарон;
- дарки фикри асосӣ;
- сарфаҳм рафтан ба моҳияти саволи шунида;

дар маҷмӯъ инкишоф додани малакаҳои муошират:

- гӯш карда тавонистани фикри дигарон,
- маҳорати суханварӣ доштан,
- таҳаммулпазирӣ, танқидро қабул карда тавонистан,
- ақидаи шахсии худро ҳимоя намудан,
- эҳтироми фикри дигарон.

Дар инкишофи малакаҳои шунидани хонандагон тарзи баёни муаллим нақши муҳим дорад.

Фикру андешаи муаллим дар қолаби калима, ибора ва ҷумлаҳои дилнишин ифода меёбад. Ҳадафи асосии он ба дили шунаванда раҳ ёфтан аст. Баёни муаллим бояд тавре сурат гирад, ки шунавандагонро тасхир созад, дар дили онҳо ҳиссиёти шодию хурсандӣ, ғаму андӯҳро барангезад. Ин амал ба воситаи чашму гӯш, ҳаракати бадан, имову ишора ва ғайра сурат мегирад, ки онро воситаҳои ғайринутқӣ (ишоратӣ) меноманд.[3.с.67]

Воситаҳои ғайризабонӣ: оҳанги гуфтор; ист, нафас, тарзи баён, суръат, ханда, гиря, садоҳои гуногун, қиёфасозӣ, имову ишора, тарзи нигоҳ.

Ҷараёни муошират бе воситаҳои ғайринутқӣ нотамом мемонад.

Нақши ин воситаҳо аз чӣ иборат аст?

- ин ё он маълумотро махсусан хотирнишон мекунанд;
- барои пешакӣ фаҳмидани нутқи гӯянда кӯмак мекунанд;
- истҳоро дар гуфтор пурра мекунанд ё шарҳ медиҳанд;
- робитаи байни ҳамсӯҳбатонро нигоҳ медоранд ва ё ба ҷойи калимаю ибораҳои ҷудогона истифода мешаванд;
- бо дермонӣ мазмуни гуфторро такрор мекунанд;
- барои таъсирбахш шудани нутқ хизмат мерасонанд.

Муаллим аз воситаҳои ғайризабонӣ истифода бурда, метавонад:

- ба ҳолати рӯҳии хонандагон таъсири мусбати бештар расонад;
- диққати хонандагонро ҷалб намояд.
- вақтро сарфа кунад;

**Салоҳиятҳои гуфтор бо мақсади:**

- риояи меъёри забони адабӣ;
- интихоби калимаҳо ва дар ҷойи худ истифода намудани онҳо;
- ҳусни баён;
- ақидаи шахсии худро ҳимоя намудан;
- аз қатъият дар гуфтор даст кашидан.
- барои исботи фикри худ далел овардан;
- таҳлил, таркиб, мухтасар ва хулоса кардан инкишоф дода мешаванд.

Малакаҳои гуфторро тавассути маҳорати саволдиҳӣ (савол бояд хонандаро барои ҷавоб гуфтан ҳавасманд намояд), кор аз рӯйи расм ва бозиҳои гуногун инкишоф додан мумкин аст.

Омӯзгор пешакӣ доир ба дарс ҳарфҳои бурида тайёр мекунад. Ҳарфҳоро дар пеши хонандагон гузошта аз онҳо талаб менамояд, ки аз ҳамин ҳарфҳо калимаҳо тартиб диҳанд. Баъд калимаҳои тартибдодаашонро хонанд.

Муаллим чунин тарзҳои хонишро низ метавонад истифода намояд.

Порчаи матнро дар лавҳи синф нависад. Онро як бор тез хонад. Аломатҳои китобатро ба назар нагирад. Аз хонандагон пурсад, ки оё ин тарзи хониш дуруст буд ё не? Агар ҳа, исбот кунанд чаро? Агар не исбот кунанд, ки чаро ин хел фикр доранд?

Инчунин омӯзгор метавонад якчанд калимаи душворфаҳмро дар лавҳи синф навишта аз хонандагон талаб намояд, ки бо навбат калимаҳоро бо овози баланд хонанд ва маънидод намоянд, ин ба нутқи гуфтории хонандагон таъсири мусбат мерасонад.[4.с.59]

**Мақсадҳои хондан**

1.Хондан барои аз назар гузаронидан.

Мақсади ин навъи хониш-тахминан шинос шудан бо матн ё китоб.

Ҷойҳои асосии хониш барои азназаргузаронӣ: сарлавҳа мундарича, пешгуфтор, хулоса, номи адабиёт.

2. Хондан барои шиносоӣ.

Мақсади ин навъи хониш-шиносоии умумӣ бо мазмуни матн, муайян намудани мавзӯъ.

3. Хондан барои ҷустуҷӯ ва дарёфти ахбори нав.

Мақсади ин навъи хониш дарёфт намудани калимаҳои даркорӣ, ҷудо кардани имло ва воҳидҳои грамматикӣ; ҷудо кардани калимаҳо аз рӯйи савол ё саволгузории калимаҳо.

4. Хондан барои дарк ё кашфи маънои матн.

Мақсади ин навъи хониш – пурра ва амиқ фаҳмидани ахбори дар матн ҷо додашуда, ҷудо кардани фикри асосии матн; муайян кардани калимаҳои нофаҳмо, муайян намудани мавқеи муллиф ва муносибати худ ба мазмуни матн, баҳо додан ба рафтор, гуфтори симоҳои матн, муқоиса ва таҳлили он; нақл кардани мазмун.

Шарти асосии дуруст хондану навиштан таҳлилии овозию ҳарфист. Таҳлили овозӣ – ҳарфӣ чист ва он чӣ тавр мешавад? [5.с.89]

Барои таҳлили овозӣ – ҳарфӣ калимаҳоро аз нутқи мураттаб ҷудо намудан зарур аст. Чунин калимаҳоро зарур меномем, ки дар аввал, мобайн ё охири онҳо овози нав вуҷуд дорад. Таҳлили овозию ҳарфӣ- ин мад кашида талаффуз кардани овоз ва дар қолаби калима гузоштани аломати овоз, яъне ҳарф мебошад. Ҳарфҳоро не, овозҳоро талаффуз мекунем. Масалан: ооолллууу, ллloooллллааа, шшшоооонннааа. Ҳаминро бояд қайд кард, ки таҳлили овозӣ-ҳарфӣ хоси давраи таълими савод мебошад.

Танҳо баъди таҳлили буррою баланд талаффуз кардани овозҳою дуруст шинохтани ҳарф ба хониш сар мекунем.

**АДАБИЁТ:**

1. Котибова Ш. Алоқамандии нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ омили асосии инкишофи нутқи мураттаби мактабиёни хурдсол. Монография / Котибова Ш. - Душанбе, 2016. -200 С.

2. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ . Китоби дарсӣ / Лутфуллоев М. - Душанбе, Собириён, 2007. – 500 С.

3. Лутфуллоев М. Осор. Ҷилди 4. Китоби дарсӣ /Лутфуллоев М. – Душанбе, Собириён, 2013.- 511 С.

4. Котибова Ш. Рушди тафаккури эҷодии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълимӣ / Котибова Ш. - Душанбе, 2016. -200 С.

5. Ниёзов Ф. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ / Ниёзов Ф.,Олимова Ф., Зиёев М. - Душанбе, 2012. – 78 С.

6. Ушинский К.Д. Руководство к преподавании по «Родному слову». М., 1949.

**Котибова Ш. П.**

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Дар мақолаи зерин вазифаи мактаб тайёр намудани одамони маданӣ, комилан саводнок ва донандагони забони адабӣ буда, дар ҳалли ин вазифа мавқеи таълими забони модарӣ дар қиёс бо ҳамаи фанҳои дигари таълимӣ волотар мебошад. Дар ин бобат ҳаминро ҳам бояд ба инобат гирифт, ки мақсад аз таълими забони модарӣ, аз ҷумла, таълими забони тоҷикӣ маънои ба хонандагон омӯзондан ё худ ёд додани забони тоҷикиро надорад. Зеро онҳо то ба мактаб омадан забони модарии худро амалан аз модар, аз аҳли байти худ ва одамони гирду атроф омӯхтану ҳатто нутқи баъзеашон то андозае инкишофёфта мебошад. Аммо дар мактаб вазифаи корҳои таълиму тарбиявии муаллимон ин аст, ки нутқи хонандагон давра ба давра такмилу инкишоф дода шуда, дар онҳо малакаи мураттаббаёнӣ тарбия карда шавад. Вазифаи мазкур дар тамоми давраҳои таълими забони модарӣ дар мактаб, яъне дар ҳама гуна дарсҳо, мавзӯъҳо, овозшиносӣ (фонетикӣ), лексикӣ, сарфӣ (морфологӣ) ва наҳвӣ (синтаксисӣ) ҳамеша дар мадди назари омӯзгорон мебошад.

*Калидвожаҳо:* ***салоҳиятнокӣ забони модарӣ, луғатомӯзӣ, матн, хонандагони хурдсол, нутқи мураттаб, маҳорат, малака, инкишофи нутқ, муаллим.***

**Котибова Ш. П.**

# ФОРИМРОВАНИЕ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ОБУЧЕНИЕ РОДНОГО ЯЗЫКА

В данной статье говорится о миссиях школы которое состоит в том, чтобы подготовить культурно, полностью грамотных и знающих людей литературного языка, и в этом отношении роль обучения на родном языке выше, чем в любом другом учебном предмете. В этой связи следует отметить, что целью обучения на родном языке, в том числе преподаванием таджикского языка, не является преподавание или преподавание таджикского языка. Это потому, что до того, как они поступают в школу, их родной язык практически выучивается у их матери, их собственной семьи и окружающих, и даже некоторые из них развили свою речь. Однако задача воспитательной работы учителей в школах заключается в постепенном улучшении речи учащихся и развитии навыков их понимания. Задача всегда на виду учителя на всех уровнях обучения родному языку в школе, то есть на любом уроке, темы: фонетика, морфология и синтаксиС.

***Ключевые слова:*** *компетентсность, родной язык, развития речи, усвоение словаря, текст, младшие школьники, связной речь, умение, навыки, учитель.*

**Kotibova SH.P.**

# FORMATION OF THE COMPETENCE OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS IN TEACHING THEIR NATIVE LANGUAGE

In this article deals with the mission of the school is to prepare culturally, fully literate and knowledgeable people of the literary language, and in this regard, the role of teaching in the mother tongue is higher than in any other subject. In this regard, it should be noted that the purpose of teaching in the mother tongue, including teaching the Tajik language, is not the teaching or teaching of the Tajik language. This is because before they go to school, their mother tongue is practically learned from their mother, their own family and others, and even some of them have developed their speech. However, the task of educating teachers in schools is to gradually improve students' speech and develop understanding skills. The task is always in sight of the teacher at all levels of teaching the mother tongue at school, that is, at any lesson, topics: phonetics, morphology and syntax.

***Keywords:*** *competence, mother tongue, speech development, vocabulary acquisition, text, elementary school students, coherent speech, ability, skills, teacher.*

**Сведения об авторе: Котибова Ш. П.** – к.п.н., зав. отделом дошкольных учреждений и начального образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45. **E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (+992) 904 53 99 54

**Kotibova Sh.P.** – c.p.s., the head of Department of preschool centres and elementary education of Institute of a development of education of a name of Abdurahmana Dzhami of Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni 45str.,**E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., mob:(+992) 904 53 99 54

**Х. БОБОХОНОВ**

# ТАТБИҚИ САМАРАНОКИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ - ВОСИТАИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ИТТИЛООТИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

Яке аз мушкилоте, ки дар раванди таълими технологияи информатсионӣ мушоҳида карда мешавад, ин аст, ки таълимгирандагон вазифаҳою мақсади асосии барномаҳои амалиро намедонанд.

Донишҷуён бояд боварӣ ҳосил намоянд, ки барномаи омӯхташаванда имконияти ҳалли кадом амалҳоро дорад ва то ҳосил шудани таҷрибаю малакаи кор бо барномаи мазкур онҳо бояд сабру таҳаммул, интизом ва боавариро аз даст надиҳанд. Крупская Н. К. қайд карда буд: «Муваффақияти асосии кори таълиму тарбия дар боварӣ аст».

Масалан, бо ёрии таҳриргари матнии MS Excel амалиёти зеринро иҷро кардан мумкин аст:

Гарчанде омӯзиши таҳриргари матнии MS Excel мувофиқи стандандарти давлатӣ аз фанни технологияи информатсионӣ дар синфи 7-уми таҳсилоти асосӣ роҳандозӣ карда шудааст, аммо омилҳое мавҷуданд, ки барои дар сатҳи даркорӣ омӯхтани барномаи мазкур мушкилотро ба бор меоранд:

-нарасидани муттахасисон;

-кофӣ набудани соатҳои ҷудокардашуда;

-дар фасли зимистон бо шабакаи барқӣ таъмин набудани муассисаҳои таълимии ноҳияҳои дурдаст;

-дар ҳолати корӣ қарор надоштани синфхонаи компютерӣ; [1. С. 65]

Дар ҷараёни таълими фанни технологияи информатсионӣ аксари донишҷӯён бо худбаҳодиҳии мантиқан нодуруст қарор доранд. Ба ақидаи онҳо гӯё "Тамоми амалиёти компютерӣ ва барномаҳои амалӣ"-ро иҷро карда метавонанд. Натиҷаи пурсишномаҳо нишон дод, ки 20% донишҷӯён ҳатто аз рӯйи талаботи ҷойдошта компютерро ба кор омода ва хомӯш карда наметавонанд. Аз 35-40% донишҷӯён барномаҳои амалие, ки дар раванди таълим ва истеҳсолот истифода бурда мешаванд, дар сатҳи даркорӣ маълумот надоранд.

Яке аз усули муосири омӯзиш ва дар амалия татбиқ намудани масъалаҳои соҳавӣ ин истифодабарӣ аз ҷадвали электронӣ мебошад. Дар айни замон ҷадвали электрониро дар тамоми самтҳои хоҷагии халқ ва касбу ҳунарҳои гуногун татбиқ кардан бисёр самарабахш мебошад. Масалан, қайди давомоти донишҷӯён дар раванди таълим, баҳогузорӣ барои имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ, ҳалли масъалаҳое, ки хусусияти ҳисоббарорию ҷадвалӣ дошта, маоши кормандон, ҷадвали навбатдории кормандони муассиса, графику диаграммаҳои таҳлилию муқоисавӣ ва ғайра истифода бурдан талаботи замон мебошад.

Ҷадвали электронӣ имконияти ҷойгир кардани маълумоти ададӣ, матнӣ, графикӣ, формулавиро дорад. Ҷараёни татбиқи ҷадвали электронӣ аз истифодабарии амалҳои арифметикӣ, муносибатҳо ва функсияҳои математикӣ иборат аст. Дар таркиби ҷадвали электронӣ зиёда аз 400 функсияҳои стандартӣ мавҷуд аст. [3.78]

Маҳаки асосии татбиқи ин барнома аз қобиляти математикӣ ва мантиқии шахс вобастагии калон дорад. Ҳалли бисёре аз масъалаҳо дар шакли математикию мантиқӣ сурат мегирад. Яке аз бартариҳои ҷадвали электронӣ дар он аст, ки дар муҳити он амалҳоеро иҷро кардан мумкин аст, ки қисман ба барномарезӣ монанд аст.

Мувофиқи стандарти давлатии фан мавзӯъҳо дар доираи ҷадвали электронӣ дар синфи 7 омӯзонида мешаванд. Аммо мушкилоти дар боло оварда имкон намедиҳанд, маълумот пурра дода шаванд. Бинобар он, хуб мешуд, ки дар муассисаҳои мазкур барои омӯзиши ҷадвалҳои электронӣ 6-соат ҷудо карда шуда, онро мувофиқи талабот "Технологияи коркарди иттилоти ададӣ ва ҷадвалӣ" номгӯзорӣ кунанд. Омӯзиши самараноки ин барнома барои донишҷӯён бисёр аҳамияти калон дошта, дар раванди таълим онҳо ба муваффақиятҳои зерин ноил мешаванд:

-қобилияти зеҳниро афзун мекунад;

-ба татбиқи фанҳои таббию-риёзӣ, иқтисодӣ, оморӣ, молиявӣ аз наздик шинос мешаванд;

-ҷадвали электрониро дар корҳои мустақилонаи худ ба монанди реферат, корҳои амалию озмоишӣ, супоришҳои мустақилона, кори (лоиҳаи) курсӣ, кори (лоиҳаи) дипломии худ ҳамчун воситаи ҳисоббарории тавоно истифода менамоянд;

-дар онҳо тафаккури эҷодӣ пайдо шуда, инчунин ғояҳои илмӣ-истеҳсолӣ ва инноватсионӣ низ пайдо мешавад;

-хусусиятҳои муқоисакунӣ, таҳлил, фарзия, амсиласозӣ ва амалисозӣ бедор мешавад;

-дар онҳо малакаҳои нахустини барномасозӣ ҳосил мешавад;

-онҳо ба идоракунии худкорӣ (автоматикӣ) масъалаҳо пурра боварӣ ҳосил мекунанд;

-онҳо ба татбиқи ҷадвали электронӣ дар соҳаҳои гуногун арзёбӣ мекунанд.[5.с.23]

Ҳадафҳои асосии роҳандозии рушди фарҳанги иттилоотии донишҷӯён дар усули қабулкунӣ, ғункунӣ, нигаҳдорӣ, ҷустуҷӯй, табдил, сабт, ирсол ва истифодаи иттилоот пешниҳод карда мешавад. Барои амали намудани ин ҳадафҳо воситаҳои барномаҳои амалие, татбиқ карда мешаванд, ки онҳоро "Системаҳои идоракунии пойгоҳи додаҳо" ном бурда мешаванд. Пойгоҳи додаҳо пеш аз ҳама барои худкорсозии равандҳои захирасозӣ , ҷустуҷӯйӣ , идоракунӣ ва лоиҳакашӣ пешбинӣ шудааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои равияҳои техникӣ, иқтисодӣ, омӯзгорӣ, тиббӣ истифода аз ин воситаҳои барномавӣ талаботи замони муосир мебошад. Омӯзиши ин муҳити барномавӣ ба донишҷӯён имкониятҳои нигаҳдорӣ , захирасозӣ , табдилдиҳӣ ва паҳнкунии иттилоотро ташаккул дода, дар амалия майлу хоҳиш ва табъу завқи онҳоро бедор мекунад. Масъалаҳои асосие, дар раванди омӯзиши пойгоҳи додаҳо ҷой дорад, чунин аст:

-тарзҳои дарёфти иттилоот;

-сохтани системаҳои иттилотӣ;

-сохторсозии додаҳо;

-мафҳумҳои майдон ва навишта дар пойгоҳи додаҳо;

-амсилаҳои додаҳо дар шакли иерархӣ, шабакавӣ ва релятсионӣ (ҷадвалӣ);

-робитасозӣ байни объектҳои иттилоотӣ;

-вазифаҳои асосии системаҳои идоракунии пойгоҳи додаҳо;

-объектҳои асосии муҳити барномавӣ ва вазифаҳои онҳо;

-афзори ҷадвалсозӣ, идоракунӣ, коркард ва содироти додаҳо дар муҳити пойгоҳи додаҳо;

-марҳалаҳои асосии таҳия ва сохтани пойгоҳи додаҳо; [3.34]

Номгӯйи мавзуъҳои асосие, ки дар боло нишон додем, дар соҳаи технологияи информатсионӣ қисми «*Технологияи захирасозӣ, ҷустуҷӯйӣ ва мураттабсозии иттилоот*» ном бурда мешавад. Хуб мешуд, агар барои омӯзиши мавзӯъҳои мазкур дар силлабуси фан 5 соат ҷудо карда шавад.Омӯзиши самараноки мавзӯъҳои номбурда ба донишҷӯён чӣ медиҳад?

-зеҳни онҳоро барои роҳҳои дарёфти иттилоот ташаккул медиҳад;

-ба мазмуну мундариҷаи сохтани системаҳои иттилотӣ шинос мешаванд;

-дар онҳо қобилияти ба синфҳо ҷудо намудани додаҳо пайдо шуда, додаҳоро ба як сохтори муайян оварда метавонанд;

-ба мафҳумҳои майдон ва навишта такя намуда балоиҳагирии объектҳои алоҳидаро (ҷадвалҳоро) дар пойгоҳи додаҳо иҷро карда метавонанд;

-ба шаклҳои гуногуни амсилаҳои додаҳо иерархӣ, шабакавӣ ва релятсионӣ (ҷадвалӣ) шинос шуда, дар онҳо таҷрибаҳо оид ба сохтани амсилаҳои иттилоотӣ ташаккул мёбад;

-ба масъалаи робитасозӣ байни объектҳои иттилоотӣ шинос шуда, ҳамчун пешфарз дар амалия робитаи байни объектҳоро таҳлил, санҷиш ва натиҷагирӣ карда метавонанд;

-ба вазифаҳои асосии системаҳои идоракунии пойгоҳи додаҳо шинос шуда, амалҳои омӯхташударо дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот татбиқ карда метавонанд;

-ба объектҳои асосии муҳити барномавӣ ба монанди ҷадвалҳо, шаклҳо, дархостҳо, ҳисоботҳо ва ғ. шинос шуда, вазифаҳои онҳоро дар амал татбиқ карда метавонанд;

-ба афзори ҷадвалсозӣ, идоракунӣ, коркард ва содироти додаҳо дар муҳити пойгоҳи додаҳо шинос шуда оид ба сохторҳои асосии идоракунии пойгоҳи додаҳо хулосаҳои ниҳоӣ мебароранд;

-ба марҳалаҳои асосии таҳия ва сохтани пойгоҳи додаҳо пурра шинос шуда имконияти омӯхтани гузориши масъала, ба соҳаҳои мавзӯии мухталиф сару кор гирифтан, балоиҳагири пойгоҳи додаҳо, сохтани пойгоҳи додаҳо ва идоракунии пойгоҳи додаҳо дар онҳо ташаккул ёфта, дар амалия мавриди истифода қарор медиҳанд;[4.32]

Дар раванди таълими фанни технологияи информатсионӣ дар назди донишҷӯён чунин саволҳо пайдо мешавад:

1) Барномаҳоро чӣ гуна месозанд?
2) Оё мо имконияти сохтани барномаро дорем?
3) Оё устодон сохтани барномаро ба меомӯзонанд?
4) Барои сохтани барнома корро аз куҷо сар мекунанд?
5) Оё барномасозӣ мураккаб бошад?

Пеш аз ҳама ба донишҷӯён аз иҷрои кору фаъолияти ҳаётии ҳаррӯзаи инсон якчанд мисолҳои мушшахас овардан лозим аст, ки амалӣ намудани ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ пайдарпаии муайянро талаб мекунад. Азбаски иҷрои аксарияти амалҳо такроршавандаанд, бинобар он ба тартиби иҷрои он аҳамият надода, онҳо ба таври механикӣ иҷро карда мешаванд. Аммо ҳалли масъалаҳои нисбатан мушкил дар раванди таълиму истеҳсолот аз инсоният ичрои пайдарпаии амалҳои аниқу дақиқро талаб мекунад. Бо чунин усул ҳалли масъаларо алгоритмсозӣ меноманд.

Тамоми амалиёти копютерӣ аз рӯйи пайдарпаиҳои муайян ичро карда мешаванд, яъне амали одитарини компютерӣ низ аз рӯйи алгоритми муайян иҷро карда мешавад. Тамоми муттахасисони соҳаи барномасозӣ пеш аз омода намудани барномаҳои гуногун аввал алгоритми онро мураттаб месозанд ва баъдан ба яке аз забонҳои барномасозӣ рамзи барнома навишта мешавад (ҷавоб ба саволи 1).

Пешниҳод карда мешавад, дар фанни технологияи иттилоотӣ дар ҳаҷми 10 соат барои омӯзиши қисми фан, ки бо номи "Асосҳои алгоритмсозӣ ва барномасозӣ" маълум аст, ҷудо карда намудан зарур аст. Инчунин қисмати пешниҳодшудаи фани номбурда ба талаботи стандартҳои давлатӣ ва байни давлатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пурра ҷавобгӯ мебошад.[6.11]

Барои сохтани барнома омӯзгори фани технологияи информатсиониро зарур аст, ба донишҷӯён чунин мавзӯъҳо дар машғулиятҳои назариявию амалӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад:

- мафҳумҳои алгоритм, алгоримсозӣ, сарчашмаҳои таърихии мафҳуми алгоритм, иҷрочии алгоритм;

-тарзҳои тасвири алгоритм (матнӣ, матнӣ-формулавӣ, графикӣ, ҷадвалӣ, бо ёрии забони алгоритмӣ);

-хосиятҳои алгоритм (дискретӣ, аниқӣ, муайянӣ, натиҷанокӣ, оммавӣ);

-сохторҳои алгоритм (хаттӣ, шоханок, даврӣ, ёридиҳанда);

-алифбо, синтаксис, семантика ва наслҳои забони барномасозӣ;

-навишти ифодаҳои математикӣ, функсияҳо ва иҷрои амалҳои арифметикӣ дар забони барномасозӣ;

-калимаҳои хизматии забони барномасозӣ, операторҳои ёридиҳанда, операторҳои дохил-хориҷкунии иттилоот дар забони барномасозӣ;

-операторҳои идоракунӣ (шартӣ, гузариш, такрорёбанда);

-мафҳумҳои массив, функсия ва протседура дар забони барномасозӣ;

-операторҳои графикӣ ва сохтани графикҳои дар муҳити барномасозӣ;

-кор бо парвандаҳои барномавӣ, истифодабарӣ аз операторҳои матнӣ ва файлӣ;

-марҳалаҳои ҳалли масъалаҳо тавассути компютер;

-муҳити визуалии забонҳои барномасозӣ;

-мафҳумҳои объект, хосият, метод, функсия, меросгирӣ, полиморфизм дар муҳити визуалии забонҳои барномасозӣ;

Омӯзиши ин қисмати фан, яъне асосҳои алгортимсозӣ ва барномасозӣ ба донишҷӯён чунин имкониятҳоро фароҳам меорад:

- ба асосии мафҳумҳои алгоритм, алгоримсозӣ, сарчашмаҳои таърихии мафҳуми алгоритм, иҷрочии алгоритм шинос шуда, онро дар раванди таълим амалӣ месозанд;

-бо тарзҳои гуногуни тасвири алгоритм (матнӣ, матнӣ-формулавӣ, графикӣ, ҷадвалӣ, бо ёрии забони алгоритмӣ) шинос шуда вобаста ба хусусияти масъалаҳои ҷойдошта тарзҳои номбурдаро татбиқ мекунад;

-хосиятҳои алгоритмсозӣ (дискретӣ, аниқӣ, муайянӣ, натиҷанокӣ, оммавӣ)-ро омӯхта ба чунин хулоса меоядм, ки дар раванди сохтани алгоритм ҳатман 5-талабот иҷро карда шавад. Дар сурати иҷро нашудани яке аз талаботҳои дар хосиятҳои алгоритм ҷойдошта,

алгоритми сохташуда нопурра ҳисобида татбиқи он маслиҳат дода намешавад, чунки талаботҳои номбурда дар барномасозӣ низ таъсир мерасонад (ҷавоб ба саволи 2);

-агар ҷараёни пайдарпайи ҳалли масъала мутназам бошад, донишҷӯ бе шакку шубҳа дарк мекунад, ки сохтани алгоритм ба сохтори хаттӣ тааллуқ дорад. Дар ҳолати масъалаи гузошташуда аз якчанд шартҳо иборат будан, донишҷӯ масъалаи ба зиммааш гузошташударо дар шакли сохтори шартӣ ё шоханокии алгоритм мураттаб месозад. Дар ҳалли бастаи масъалаҳое, ки дар онҳо амалҳои такрорёбӣ мушоҳида мегардад, донишҷӯ аз мураттаб сохтани сохтори такрорӣ ё даврӣ омода мешавад.

-забонҳои барномасозӣ низ мисли забонҳои муқаррарӣ дорои як қатор қонуниятҳои худро доранд. Донишҷӯён алифбо, синтаксис, семантика ва наслҳои забони барномасозӣ омӯхта, маълумоти умумиро оиди ба забони барномасозӣ пайдо мекунанд;

-донишҷӯён ба хулоса омада дарк мекунанд, ки навишти ифодаҳои математикӣ, функсияҳо ва иҷрои амалҳои арифметикӣ дар забони барномасозӣ шакли рақамӣ сурат мегирад ва амалҳо аз рӯйи услуби яксатргӣ иҷро карда мешаванд;

-дар ҷараёни таълими забони барномасозӣ донишӯён ба калимаҳои хизматӣ, операторҳои ёридиҳанда, операторҳои дохил-хориҷкунии иттилоот дар забони барномасозиро омӯхта, ҳолатҳои истифодаи онро низ аз худ мекунанд;

-аз равиши алгоритми ҳалли масъалаи додашуда дарк намудан мумкин аст, ки сохтани барномаи ҳалли масъалаи гузошташуда кадом намуди операторҳои идоракуниро (шартӣ, гузариш, такрорёбанда) дар бар мегирад;

-дар масъалаҳои хусусияти маҷмӯи ё маълумоте, ки шаклан якхеле буда мавқеяшон фарққунанда аст, аз операторҳои хизматии кор бо массив истифода мебаранд. Дар ҳолати масъала як ё якчанд масъалаҳои дохилиро дар бар гирад татбиқи функсия ва протседура дар забони барномасозӣ самарок мебошад;

- дар ҷараёни ҳалли баъзе масъалаҳо сохтани графики он ё тасвиру ҳаракати ягон объект барномасозӣ карда мешавад, ки дар ин мавридҳо истифода аз операторҳои графикӣ ва сохтани графикҳои дар муҳити барномасозӣ самаранок аст;

-донишҷӯён бо парвандаҳои барномавӣ, истифодабарӣ аз операторҳои матнӣ ва файлӣ сару кор гирифта дар раванди таълим истифода мебаранд;

-омӯзиши марҳалаҳои ҳалли масъалаҳо тавассути компютер ба донишҷӯён имкон медиҳад, марҳалаҳои тайёр намудани маҳсулоти барномавиро пурра дарк намоянд ва ба он баҳогузорӣ намоянд (ҷавоб ба саволҳои 2-5);

-муҳити визуалии забонҳои барномасозӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки ба санъати барномасозӣ пурратар шинос шуда барои ҳалли масъала дар наздашон гузошташударо дар шакли визуалию муосир созанд. Инчунин донишҷӯён боварии комил ҳосил мекунанд, ки онҳо низ имконияти сохтани барномаро доранд.

-мафҳумҳои объект, хосият, метод, функсия, меросгирӣ, полиморфизм дар муҳити визуалии забонҳои барномасозӣ ба донишҷуён имкон медиҳад, ки барномасозиро аз нуқтаи назарӣ касбӣ дарк намоянд.

Сабаб аз пешниҳоди ин мавзӯъҳо дар он аст, ки барномаҳои, ки аз ширкатҳои хориҷӣ дастрас мегарданд, на ҳамаи масъалаҳои ҷойдоштаро ҳал мекунанд. Муттахасисони миёнаи касбӣ дар раванди фаъолият ва зарурият дар асоси барномаҳои мавҷуда замимаҳои худро месозанд, ки ин амали онҳо аҳамияти калон дар саҳми рушди ҷомеъа хоҳад буд.

**АДАБИЁТ:**

**1.**Ф.С. Комилов Д.С. Шарапов, С.Ҳ. Мирзоев, З.Ф. Раҳмонов **Информатика (**китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ) **/** Ф.С. Комилов Д.С. Шарапов, С.Ҳ. Мирзоев, З.Ф. Раҳмонов. Душанбе-2015

2.Бобохонов Х. Асосномаи илмӣ дар мавзӯи «Модели педагогии рушди фарҳанги иттилоотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» ПРМ АТТ аз 25.06.2015, №06.

3.Д. Маҳкамов, Х. Бобохонов, Шаҳбози М., Г. Иноятова Инноватсия дар таълим (Роҳнамо дар фаъолияти навгонии педагогӣ).// Д. Маҳкамов, Х. Бобохонов, Шаҳбози М., Г. Иноятова ш. Душанбе, ҶСК «Чопхонаи Дониш» х. Соли 2017

4.Бобохонов Х. Омилҳои рушди фарҳанги иттилоотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ / Х. Бобохонов // Паёми ДМТ 2017. №3/6. саҳ 216-219

5.Одинаев Б., Мирзоев А. Ёров М.–РОҲНАМОИ НАҚШАИ ТАЪЛИМ (барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ) // Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маркази Ҷумҳуриявии таълимию методӣ Душанбе; 2012 - 33 саҳифа

6.Барномаи давлатии «Таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ» // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №223 тасдиқ шудааст.

7.Ф. Комилов, М. Муллоҷонов, Қ. Тухлиев Технологияи информатсионӣ китоби дарсӣ барои синфи 10 // Ф. Комилов, М. Муллоҷонов, Қ. Тухлиев, Душанбе КММ «Насиба» 2010.

**Бобохонов Х.**

## ТАТБИҚИ САМАРАНОКИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ ВОСИТАИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ИТТИЛООТИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

Дар мақолаи зерин ҷараёни гузаронидани тадқиқоти илмӣ доир ба ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян гардид, ки масъалаи гузошташуда дар шароити таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон торафт зарурат ва аҳамияти педагогӣ пайдо намуда истодааст.

Муаллиф қайд кардааст, ки педагогикаи муосир омилҳои гуногуни ташаккули фарҳанги иттилоотӣ омӯхта шуданд, аммо дар ин соҳа дар кори таълим ва тарбия дар Тоҷикистон мушкилоти зиёде мавҷуданд, ки ба инкишофи рушди фарҳанги иттилоотии донишҷӯёну касбомӯзон монеъа бунёд менамоянд.

***Калидвожаҳо:*** *фарҳанги иттилоотӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ, таълим, тарбия, мақсад, зарурати педагогӣ, донишҷӯ.*

**Бобохонов Х.**

## ЭФФЕКТИВНОЙ РЕАЛИЗАЦИЯ ИНФОРМАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ ОСНОВНЫМ СРЕДСТВОМ В ФОРМИРОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННОЙ КУЛЬТУРЫ СТУДЕНТОВ СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В настоявшей статье речь идёте обессиливание пути и методы развитие информационной культуры студентов средней специальной образование. Цель статьи состоять том, как развивать информационной культуры и информирование студентов.

В современной педагогике изучены и отделены много хороших факторов которые могут развиваться информационной и коммуникационной умение и новиков студентов. Но к сожаление известны что в многих учебных учреждениях среднее специальная образование в этой области существуют не которые недостатки.

***Ключевые слова:*** *педагогическое модель, информационная культура, среднее профессиональное образование, образование, цель, значение педагогики, студент.*

**Bobokhonov Kh.**

## EFFECTIVE IMPLEMENTATION OF INFORMATION TECHNOLOGY THE MAIN TOOL IN THE FORMATION OF INFORMATION CULTURE OF STUDENTS OF SECONDARY VOCATIONAL EDUCATION

In the present article we are talking about the ways and methods of development of information culture of students of secondary special education. The purpose of the article is how to develop information culture and inform students.

In modern pedagogy studied and separated many good factors that can develop information and communication skills and Novikov students. But unfortunately, in many educational institutions of secondary special education in this area, there are not only shortcomings.

***Keywords:*** *pedagogical education, information culture, secondary vocational education, education, purpose, value of pedagogy, student.*

**Сведения об авторе: Бобохонов Хушвахт Юлдошевич** – старший преподаватель технического колледжа ТТУ имени академика М. Осими

E-mail: bobohonov.1983@mail.ru. Телефон: **+(992) 987-69-15-87., +(992) 935-52-34-35**

**Information about the author: Bobokhonov Khushvakht Yuldoshevich** - Senior Lecturer at the Technical College of TTU named after academician M. Osimi

E-mail: bobohonov.1983@mail.ru. Phone: + (992) 987-69-15-87., + (992) 935-52-34-35

З. НОРОВА
Н. ЮНУСОВА

# ЗАМИНАИ ТАЪЛИМИ БОСИФАТИ КӮДАКОН

Дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» қайд гардидааст, ки бо истифода аз тамоми шаклҳо ва имкониятҳои ташкили таҳсилоти томактабӣ, то соли 2020 ҳудуди 50%-и кудакони синну соли томактабӣ бо барномаҳои гуногуни таълимӣ чалб карда мешаванд. Роҳҳои ба даст овардани чунин натиҷа инкишофи минбаъдаи кӯдакистонҳои хусусӣ, марказҳои рушди кӯдак, таҳия ва ба роҳ мондани шаклҳои нави кӯдакистонҳои оилавӣ муқаррар карда шудааст. Дар шароити Тоҷкистон, махсусан, дар деҳот ташкил намудани марказҳои рушди кӯдак дар заминаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ мақсаднок ҳисобида мешавад ва ба ҳалли ин масъала бештар мусоидат менамояд.[1.с.15]

Қайд намудан зарур аст, ки марказҳои рушди кӯдак дорои аҳамияти махсус мебошанд, зеро онҳо пеш аз ҳама дар рушди ҳаматарафаи кӯдак нақши бузург мебозанд. Тавассути фаъолияти чунин марказҳо талаботи кӯдак ба рушди зеҳнӣ, эҳсосотӣ, иҷтимоӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ конеъ мегардад.

Дар ҷараёни таълим ва тарбияи кӯдакон аҳамияти мазмуну мундариҷаи фаъолияти педагогӣ дар марказҳои рушди кӯдак бузург аст. Таъиноти арзишноки ин марказҳо тарбия, омода намудани кӯдакон ба мактаб, ташаккули малакаи ибтидоии кори таълимӣ, муносибат ва кумаки тарафайн, ки ба малакаҳои муайяни кори мустақилона такя менамоянд, ба ҳисоб меравconfigured.

Асоси таълими минбаъдаи муваффақона омода намудани кӯдак ба мактаб аст. Он алоқаи устувори мактаб ва оиларо таъмин намуда, қадами муҳим дар омода намудани кӯдакон бо маълумоти ибтидоӣ ба ҳисоб меравад.Бо вуҷуди ин, байни иштирокдорони раванди педагогӣ – волидайн ва омӯзгорон як қатор масъалаҳо ҷой доранд.

2 августи соли 2011 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба имзо расид, ки мақсади асосии он қувват бахшидан ба масъулияти падару модарон дар таълим ва тарбияи кӯдакон дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумиинсонӣ ва фарҳангӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати кудакон ба ҳисоб меравад.[2.с.18]

Дар шароити муосир фаъолияти самараноки муассисаҳои таълимии томактабӣ бидуни ҳамкорӣ бо оилаҳои тарбиятгирандагон ғайриимкон аст. Нақши афзалиятнок дар тарбияи кӯдак ба падару модарон тааллуқ дорад, ки вазифаи онҳо аз бунёди шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва психологии таълим ва тарбияи дурусти кӯдакон иборат аст.

Ба роҳ мондани ҳамкории байни омӯзгорон ва волидайн ҳал намудани як қатор проблемаҳоро талаб менамояд, аз ҷумла: бартараф намудани нобоварӣ, донистани дархости волидайн ва мушкилоти тарбияи оилавӣ, истифодаи шаклҳои мухталифи муошират бо валидайн, ташаккули рефлексияи педагогӣ ва инкишофи маҳорати муошарати тарбиядиҳандагон ва ғ.

Мундариҷаи фаъолияти педагогӣ дар марказҳои рушди кӯдак қисми муҳими раванди таълиму тарбия ба ҳисоб меравад, он диққати мураббӣ-омӯзгорро ба мушоҳидаи доимии таълими босамар, рушди ҷисмонӣ ва тарбияи кӯдак дар тамоми давраи дар марказ будани ӯ равона намуда, дар шарити омода набудани падару модарон аҳамияти муҳимро касб намудааст.[4.с.31]

Таълим ва тарбияи томактабии кӯдакон мувофиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон «Оид ба масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» муқаррар гардидааст. Дар ин санади муҳим, дар номгӯйи уҳдадориҳои падару модарон бунёди шароит барои таълим ва тарбия кӯдакон нишон дода шудааст.

Дар қисми дуюми моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таълим ва тарбияи томактабии кӯдак» уҳдадориҳои падару модарон (шахсоне, ки онҳоро иваз намудаанд) тарбиятгирандагони муассисаҳои томактабӣ нишон дода шудааст: падару модароне (шахсоне, ки онҳоро иваз намудаанд) тарбиятгирандагон уҳдадоранд: нисбат ба саломатии ҷисмонӣ ва равонии фарзанди худ ғамхорӣ намуда, барои инкишофи қобилиятҳо ва майлу рағбати ӯ шароит бунёд намоянд; барои тарбия ва таълими томактабии фарзанди худ шароит фароҳам созанд; ба омодагии фарзандон ба омӯзиш

мусоидат бикунанд; фарзандонро дар рӯҳияи меҳру муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, арзишҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ тарбия намоянд.

Аҳамияти таҳқиқоти минтақавиро низ аз ҷониби муҳаққиқони варзида дар самти рушди тарбияи томактабӣ дар Қирғизистон (М.Р.Разимов), Озорбойҷон (А.Кадилетков), Ӯзбекистон (М.И.Ишанхоҷаева), Украина (С.Б. Батлин) қайд намудан зарур аст.[2.с.21]

Дар Тоҷикитсон низ бо ибтикори зумрае аз пажуҳишгарони соҳа як қатор таҳқиқот гузаронида шудаанд, ки инкишофи маорифи халқӣ ва тарбияи томактабиро дар минтақаҳои алоҳида таҷассум намудаанд: дар минатқаи Бадахшони кӯҳӣ (Н.Додхудоева, Р.Давлатқадамов), дар минтақаи Хатлон (Х.Сангов, М.Иззатова, Ҷ.Юлдошоева), дар минтақаи Суғд (М.И. Обидов, О.Б.Каримова).

Таълим ва тарбияи томактабии кӯдакон мувофиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» муқаррар гардидааст, ки дар номгӯйи ӯҳдадориҳои падару модарон бунёди шароит барои таълим ва тарбия кӯдакон нишон дода шудааст.

Дар қисми дуюми моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таълим ва тарбияи томактабии кӯдак» уҳдадориҳои волидайни (шахсоне, ки онҳоро иваз намудаанд) тарбиятгирандагони муассисаҳои томактабӣ нишон дода шудааст: падару модарони (шахсоне, ки онҳоро иваз намудаанд) тарбиятгирандагон уҳдадоранд: нисбат ба саломатии ҷисмонӣ ва равонии фарзанди худ ғамхорӣ намуда, барои инкишофи қобилиятҳо ва майлу рағбати ӯ шароит бунёд намоянд; барои тарбия ва таълими томактабии фарзанди худ шароит фароҳам созанд; ба омодагии фарзандон ба омӯзиш мусоидат намоянд; фарзандонро дар рӯҳияи меҳру муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, арзишҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ тарбия намоянд.[1]

Дар шароити имрӯза ба таври назаррас ҳам масъулияти худи марказҳои рушди кӯдак ва ҳам субъектҳои онҳо ба таври шоиста омода намудани ба мактаб, инкишофи ҳаматарфаи кӯдак, инчунин, ташаккули мустақилияти кӯдак ва масъулияти волидайни онҳо барои ояндаи фарзандони худ дар самти иҷтимоӣ, касбӣ ва шахсӣ боло рафтааст. Маҳз дар ин замина, талаботе, ки ба мундариҷаи фаъолияти педагогӣ дар марказҳои рушди кудак пайдо мешаванд, ки дар барномаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ таҷассум шудаанд. Лекин, масъалаи таъмини марказҳои рушди кӯдак бо кадрҳои баладихтисос ва омодагии педагогии падару модарон талаб боқӣ мондааст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ифода карда шудааст.[3.с.44]

Ин аст, ки баҳри боз ҳам самаранок фаъолият намудани Марказҳои инкишофи кӯдакон новобаста аз шаклу маҳдудияташон, тадқиқи бовусъат ва нисбатан фарогири олимон хеле заруранд. Зарурати марказҳои инкишоф бояд муфассал исбот шуда, моделҳои наву самаровар ва мутобиқ ба талаби айём пешниҳод гарданд. Чунки воқеан на танҳо ҷиҳати рушди ҷомеа дар самти илму дониш ҳамзамон ҷиҳати таълими босифати кӯдак дар мактаб заминаи мусоид буда, хеле заруранд.

**АДАБИЁТ:**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», (дорои 6 санади ҳуқуқӣ) «Офсет», Душанбе, 2016, с114,116

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Маҷаллаи «Маърифати омузгор» №7-8, 2013, с 11, 14,16.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» маҷмуа (дорои 6 санади ҳуқуқӣ) «Офсет», Душанбе,2016, с261 -262 ,264

4.Стандарти таҳсилоти томактабӣ. Маҷмуа (дорои 6 санади ҳуқуқӣ) «Офсет»,Душанбе,2016, с 314,315

5. ДҶТИБКСМ «Дастури методӣ барои курсҳои бозомӯзии омӯзгорони марказҳои инкишофи кӯдакон» (Бо Қарори мушовараи ВМИҶТ аз 27.09.2014 №19\8 тасдиқ шудааст.) Душанбе,2014, с 3,33,43,51.

**Норова З.**
**Юнусова Н.**

**ЗАМИНАИ ТАЪЛИМИ БОСИФАТИ КӮДАКОН**

Дар мақола зарурияти фаъолияти марказҳои инкишофи кӯдакон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, ҳамкории хонавода ва марказ, талабот доир ба фароҳам овардани шароит зарурии таълими кӯдак дар маркази инкишоф ва таъмини марказ бо кадрҳои баландихтисос оварда шудааст.

Ҳамзамон ҳадафи ташкили марказҳо, раванди фаъолияти педагогии онҳо ва талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ марбут ба таҳсилоти томактабӣ пешниҳод гардидаанд.

***Калидвожаҳо:*** маркази инкишоф, кӯдак, фаъолияти педагогӣ,таҳсили босифат, заминаи мусоид, ҳамкорӣ бо оила, кадрҳои баландихтисос, талаботи рӯз.

**Норова З.**
**Юнусова Н.**

**ЧАСТЬ ОСНОВЫ КАЧЕСТВЕННОГО ОБУЧЕНИЯ ДЕТЕЙ**

В данной статье говорится о значимсти деятельности центров развития ребёнка в современном обществе Таджикистана, сотрудничество семьи и центра, требованиях к созданию нужных условий обучению ребёнка в центре развития, а так же обеспечению кадров с высокой квалификацией.

Отмеченно так же, цель организации центров, процесс педагогической деятельности и требование нормативно – правовых актов в сфере дошкольного образования.

***Ключевые слова:*** центр развития, ребёнок, педагогическая деятельность, качественное обучение, подходящая предпасылка, сотрудничество с семьёй, квалифицированные кадры, нынешнее требование .

**Norova Z.**
**Yunusova N.**

**THE BASICS OF THE PARTS OF QUALITY EDICATION OF CHILDREN**

This article deals with the importance of the activity of the child development centers, considering several items, like: modern society of Tajikistan, cooperation between families and centers, requirements for the establishment of good learning facility and providing highly skilled stuff as well.

It is also noted the purpose of opening mentioned centers and the process of pedagogical activity.

***Key words:*** *development centre, child, pedagogical activity, quality education, cooperation between families, highly skilled.*

**Сведения об авторах: Норова Зарина Исмоиловна –** младший научный сотрудник управления науки и инновации РИПКПРСО (+992)918 92 05 50, Email: zarina.norova @bk.ru

**Юнусова Нафисахон Муродовна -** Доктор педагогических наук, ТНУ

**Information about the authors: Norova Zarina Ismoilovna -** Junior Researcher, Department of Science and Innovation, RIPKPRSO (+992) 918 92 05 50, Email: zarina.norova @ bk.ru

**Yunusova Nafisakhon Murodovna** - Doctor of Pedagogical Sciences, TNU

**Б. ЗУЛФОНОВ**

## РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН ВА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ОНҲО

Тарбияи экологӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот ба ҳисоб меравад, ки ибтидои худро аз оила, кӯдакистон ва таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ оғоз менамояд. Аз соли хониши 2012-2013 шурӯъ карда, омӯзгорони фанни табиатшиносии муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ, аз ҷумла муассисаҳои пойтахт таълими табиатшиносӣ (махсусан биология) - ро дар асоси талаботи Стандартии фанни биология аз ҷиҳати илмӣ, методӣ, педагогию равонӣ пурра ба роҳ мондаанд.

Экология ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ ҷузъи илми биология буда, қонунияти фаъолияти мутақобил ва муносибатҳои дутарафаи байни ҳайвонот, наботот ва муҳити атрофро меомӯзад. Фаҳмиши экологӣ ҳамчун қисмати таркибии ҷаҳонбинии илмии талабагон дар раванди омӯзиши фанни биология ташаккул меёбад. Талабагони синни хурди мактабӣ тавассути омӯзиши фанҳои забони модарӣ, хониш, одобнома, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ дониши экологии худро ғанӣ мегардонанд. Ташкили тарбияи самараноки экологии шаҳрвандон имконият фароҳам меорад, ки инсон муҳити зист ва биосфераю атмосфераро ҳимоя кунад, тоза нигоҳ дорад, онро ғанӣ гардонад ва худ дар он сиҳату саломат умр ба сар бараду муҳити аз ҷиҳати экологӣ тозаро ба наслҳои оянда боқӣ гузорад.

Табиат барои инсоният ҳадафи донисташаванда ва воситаи ҳаловатбахши эстетикӣ буда, ба ӯ ҳаловати амиқи рӯҳӣ-равонӣ мебахшад. Албатта, донистани асрори экологии ҷаҳон, ҷаҳонбинии илмии шахсиятро тақозо мекунад. Экология завқ, ҳиссиёт ва ӯҳдадории эстетикии фардро фаро мегирад. Тарбияи ахлоқӣ ва эстетикӣ таваҷҷӯҳи шогирдонро ба ҳифзи табиат бедор мекунаду муҳаббати онҳоро нисбат ба табиат афзун гардонад. [1.С.145]

Дар марҳилаи муосири ислоҳоти таҳсилоти ватанӣ мазмуну мундариҷаи таълиму тарбия ҳамчун низоми педагогии мутобиқгардондашудаи ҳифзи дониш, маҳорат ва малака, таҷрибаи амал, дарк ва эҳсоси арзишҳои муҳити атроф пешбинӣ шуда, дар ташаккул ва рушди шахсияти мактабиён нақши муҳим мебозад.

Дар заминаи масъалаҳои муҳимми мактабӣ ташаккули шахсияти шаҳрванд ва ватандӯсти мамлакат масъалаҳои тарбияи фаъолияти экологию ҳифзи табиати хонандагон арзишҳои миқёсан калонро дар муҳити иҷтимоию фарҳангӣ касб менамояд. Мазмуни таълим ва тарбия бояд ақидаҳо ва арзишҳои умумиинсониро инъикос намуда, ба ташаккули ҷаҳонбинии экологӣ, муносибати мусбат ва эҳтиёткоронаи хонандагон ба муҳити атроф равона карда шавад.

Дар ин бобат мақоми пурарзиши иҷтимоию фарҳангӣ, таҳаввул ва таҳкими донишҳои бадастовардаи экологӣ, коркарди фаъоли эҷодкоронаи хонандагон дар азбар намудани дониш, маҳорат ва малакаҳои даркорӣ ба масъалаи муҳим табдил меёбад. Фаъолӣ, мақсаднокӣ, ташаббускории субъектҳои муассисаҳои таҳсилот, салоҳиятмандии онҳо дар робита ба тарзи муносибат ба муҳити атроф, ҳифз ва эҳтиёти он натиҷаи мусбати таҳсилоти экологии мактабиён маҳсуб меёбад.

Рисолати муассисаҳои таҳсилот ва кормандони педагогӣ дар ин маврид хеле баланд аст, зеро муассиса на танҳо макони дониш омӯзондан аст, балки он боргоҳи маърифату тарбия дар ташаккули узви ҷомеа ҳамчун нигаҳдоранда ва таҳкимбахши арзишҳои умумибашарӣ, аз ҷумла муҳити зист ва атроф мебошад. “Бидуни мустақилият ва фаъолнокӣ, эътиқоди қавӣ, масъулияти рафтори хеш дар ҷомеа, муносибати ҷиддӣ ба ухдадориҳо дар таҳсил ва рафтори намунавӣ имконнопазир аст”.

Дар айни замон аҳамияти хеле ҷолиброю масъалаҳои фаъолсозии хонанандагон ба омӯзиши табиат ва олами атроф, тавсеаи доираи фаъолияти экологӣ ва ҳифзи табиати таълимгирандагон касб менамоянд.

Тарбияи ҳисси зебоипарастии муҳаббат ба табиат ва ташаккули фаъолияти экологию ҳифзи табиат аз ҷониби субъектҳои таълим ва тарбия самти афзалиятноки соҳаи таҳқиқоти педагогӣ аз нигоҳи асоснокии илмӣ- назариявӣ ва татбиқи амалӣ ба шумор меравад. Дар масоили ташкили тарбияи фарҳанги экологӣ ва ҳифзи табиати хонандагон муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши аввалиндараҷа доранд. [4.С.245]

Таҳқиқоти муосири психологию педагогӣ дар соҳаи омӯзиши фанҳои биологию экологӣ ба ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ ва фаъолияти ҳифзи табиати хонандагон мусоидат менамояд, ки яке аз унсурҳои афзалиятноки тарбия дар самти мазкур маҳсуб мегардад.

Зарурати таҳқиқоти мазкур на ҳамеша бо тағйироти мусбат дар соҳаи муҳити атроф, мушкилот ва масоили экологӣ муайян гардидааст. Ин ҷо метавон масъалаҳои демографӣ, озуқаворӣ, иқтисодӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, ҳифзи генофонд, биосфера, ҳифзи муҳити атроф, ҳифзи солимии инсон, таҳдиди мавҷудияти ҳаёт дар замин ва ғайраро нисбат дод.

Бо ин мақсад дар Тоҷикистон амсилаҳои рушди устувори таҳсилот ва тарбияи экологии аҳолӣ, як қатор қарорҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, аз ҷумла:

– Қонуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.02.1996 , № 93 дар бораи “Барномаи давлатии таҳсилот ва тарбияи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000 бо дурнамо то соли 2010”, ки то соли 2019 тамдид карда шудааст;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи давлатии тарбияи фарҳанги экологии аҳолии Тоҷикистон то соли 2020» (аз 2 апрели соли 2015, № 178);

– «Қонун дар бораи ҳифзи табиат» (2003);

– Ислоҳоти таҳсилот мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (солҳои 2004; 2013), «Консепсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тарбияи экологӣ» (соли 1996), «Консепсияи миллии тарбия» (соли 2006) ва ғайра қабул шудаанд. [2.С.143]

Ҳуҷҷатҳои зикршудаи меъёрию ҳуқуқӣ гузаронидани фаъолияти ислоҳотиро дар раванди таҳсилоти мактабӣ боназардошти самтҳои миллӣ ва арзишҳои стратегӣ, истифодаи оқилонаи онҳо дар раванди таълим бо истифодаи методҳо ва усули оқилонаи таълим, баланд бардоштани тахассус ва бозомӯзии кормандони педагогӣ дар низоми таҳсилоти то муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва баъди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба миён мегузоранд. Омодагии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки дорои донишҳои амиқ дар соҳаи фанҳои биологию экологӣ мебошанд, дар ин бобат ба аҳамияти хос молик аст.

Дар Барномаи давлатӣ оид ба таҳсилоти экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда мешавад, ки яке аз вазифаҳои асосӣ дар ин соҳа тарбияи таҳсилоти экологии хонандагон дар соҳаи ҳифзи муҳити атроф, ташаккули савод ва фарҳанги экологӣ мебошад, ки барои ҳифзи муҳити атроф нигаронида шудааст.

Омӯзиши таҷриба ва амалияи кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ собит менамояд, ки сатҳи тарбияи фарҳанги экологию ҳифзи табиати хонандагон, аз ҷумла, донишҳои биологию экологӣ бинобар як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Инҳоро метавон ном бурд:

– сатҳи нокифояи омодагии экологӣ ва психологию педагогии омӯзгорон – биологҳо ва экологҳои оянда;

– тарзу усули анъанавии тадриси машғулиятҳои лексионӣ ва озмоишгоҳию амалӣ оид ба экология ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

– пурра муҷаҳҳаз набудани пойгоҳи илмӣ ва таълимии кабинетҳои экология ва биологияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо технология ва таҷҳизоти муосир;

– мавҷуд набудани адабиёти зарурии илмӣ ва таълимию методӣ оид ба экология ба забони тоҷикӣ ва русӣ.

Дар таҳқиқоти мазкур шароити педагогии тарбияи фарҳанги экологӣ ва афзунгардонии фаъолияти ҳифзи табиати хонандагон бо назардошти ҷанбаҳои мазмунӣ ва маҷмуии таълим мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҷанбаи асоснок намудани муносибатҳои назариявию методологӣ, таҳкими самтбахши экологӣ, кишваршиносӣ, мазмуни донишҳои экологиро инъикос менамояд. Ҷанбаи маҷмӯӣ бошад, мушахас кардани шароити ташаккули фаъолияти таълимию маърифатиро дар раванди дарсҳо, машғулиятҳои озмоишгоҳию амалӣ ва беруназдарсӣ пешбинӣ менамояд.

Мутаассифона, то имрӯз асосҳои педагогии ташаккули фаъолияти экологӣ ва ҳифзи табиат аз нуқтаи назари методологӣ ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтаанд. Ин, махсусан, дар муносибати психологию педагогӣ оид ба ошкорсозии асосҳои назариявӣ ва методологии таҳсилоти экологӣ ва ҳифзи табиат, коркард ва асосноккунии низоми ягонаи таҳсилот ва тарбияи экологии хонандагон, таҳияи низоми

педагогии самти мазкур, муайянсозии ҷойгоҳ ва мақоми методҳои гуногун, шаклҳои ташкилӣ, барқарорсозии робитаҳои мутақобилаи машғулиятҳои синфию дарсӣ, озмоишгоҳию амалӣ, беруназдарсӣ ва амсоли онҳо зоҳир мегардад. [6.С.156]

Ба ташаккули фаъолияти экологӣ ва ҳифзи табиати хонандагон ба назари мо такмили муҳтавои машғулиятҳои синфию дарсӣ, озмоишгоҳию амалӣ бо чорабиниҳои беруназдарсӣ ва беруназмактабӣ, афзунгардонии фаъолияти таълимию маърифатии хонандагон мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Чорабиниҳо доир ба амалисозии таҳсилоти экологии аҳолӣ то соли 2018» қабул шудааст, ки дар он амсилаи ягона ва барномаи омӯзиши марҳилавии масъалаи таҳсилот ва тарбияи экологию ҳифзи табиат дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тарҳрезӣ шудааст. Дар чаҳорчӯбаи ин санад ва муқаррароти қонунугузорӣ ба таҳсилот ва тарбияи экологӣ ва ҳифзи табиат дар муассисаҳои таҳсилоти миунаи умумӣ зоҳир намудани таваҷҷӯҳи хосро тақозо менамояд.

Асосҳои психологию педагогии тарбияи фарҳанги экологӣ ва фаъолмандии хонандагон дар ҳифзи муҳити атроф ва табиат дар раванди омӯзиши фанни «Экология» дар мактабҳо ҳанӯз ҳам корбастнашуда боқӣ мондааст. Дар робита ба ин коркарди асосҳои психологию педагогии ташаккули фаъолияти хонандагон зимни омӯзиши экология хеле муҳим ба назар мерасад.

Дар робита ба вазъияти мавҷуда ва қабули санаду қонунҳо дар соҳаи таҳсилоти кишвар, ислоҳот ва навсозии мазмун ва сохтори таҳсилоти мактабӣ ташаккули фаъолияти экологӣ ва ҳифзи табиати хонандагон яке аз ҷузъҳои муҳимми сиёсати ягонаи таҳсилот дар амалияи ҷаҳонӣ мебошад, ки бояд тадбирҳоро оид ба пешгирӣ ва рафъи бухронҳо ва хатарҳои экологӣ таъмин намояд. Чунин мешуморем, ки дар айни замон ҳадаф ва вазифаҳои таҳсилоти экологӣ ва ҳифзи табиат на танҳо асоси ташаккули дониш ва маҳорати хонандагон мебошанд, балки он ба рушди идрок, тафаккур, фарҳанги экологӣ мусоидат карда, ҷустуҷӯйи роҳҳои самараноки ташаккул ва фаъолияти шахсии мактабачагонро таъмин менамояд.

Ба ақидаи мо, таҳсилот ва тарбияи экологӣ ва ҳифзи табиат ҳамчун қисми таркибии кори таълиму тарбия, яке аз ҷанбаҳои муҳим ва афзалиятноки психологию педагогӣ дар ташаккули ҳисси муҳаббат ба Ватан ва масъулиятнокии хонандагон дар маърифати масъалаҳои таъсири мутақобилаи табиат ва ҷомеа, инчунин саводнокӣ ва фаъолияти экологӣ дар маҷмӯъ табдил меёбад.

Дар таҳқиқоти мазкур мавзӯъҳои экологӣ дар асоси фанҳои мактабӣ оид ба биология ва экология, ҷойгоҳ ва нақши чорабиниҳои экологӣ ва кишваршиносӣ дар афзунгардонии фаъолияти экологӣ ва ҳифзи табиати хонандагон ҳангоми дарс ва корҳои беруназсинфӣ (маҳфилҳои илмӣ ва фаннӣ, викторинаҳо, олимпиадаҳо, мушоҳидаҳои фенологӣ, экскурсияҳо, амалияҳои таълимию саҳроӣ ва ғайра) муайян шудаанд.

Рушди асосҳои донишҳои психологию педагогӣ зимни истифодаи мақсадноки роҳҳо ва шаклҳои афзунгардонии фаъолияти таълимию маърифатии хонандагон дар таҳсилот ва тарбияи экологию ҳифзи табиат, нақши методҳо ва усули таълим дар ҷараёни чорабиниҳои синфӣ ва беруназсинфӣ, инчунин тавассути маводи экологӣ ва кишваршиносӣ зимни омӯзиши экология имконпазир аст. Аз ин рӯ, зимни муайянсозии ҷойгоҳ ва нақши маводи дидактикӣ, методу усули таълим, шаклҳои ташкилии таълими муносибатҳои экологӣ ва кишваршиносӣ дар пойгоҳи усули ҳамгиро бо фанҳои самти биологию педагогӣ дар ҳошияи иҷрои талаботи психологию педагогӣ дар раванди таълим ба масъалаи муҳим табдил меёбад. [7-164]

Хонандагони хушзавқ донишҳоро аз худ мекунанд, омодаанд нақлҳоро дар бораи офатҳои экологӣ дарк намоянд, вале аксаран барои он, ки худашон ба сабабҳои бавуҷудоии онҳо сарфаҳм раванд, таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд, интихоби ҳаллу фасли мушкилотро бо корҳои амалии шахсӣ алоқаманд намесозанд. Ёдовар мешавем, ки мутафаккирон ва педагогҳои барҷастаи пешин ба табиат ҳамчун воситаи тарбияи кӯдакон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекарданд. Я.А. Коменский чунин мешуморид, ки “табиат манбаи дониш буда, воситаи рушди ақл, ҳиссиёт ва ирода маҳсуб меёбад”. К.Д. Ушинский таъкид мекард, ки барои шиносоии кӯдакон бо табиат зарур аст, ки ба онҳо ҳамаи омилҳои рушди зеҳн, масъулиятшиносӣ ва нутқи фасеҳ муҳайё гардад.

Зимни таҳлил ва ҷамъбасти манобеи адабиёти илмӣ маълум гардид, ки то айни замон консепсия ва принсипҳои ягонае вуҷуд надоранд, ки ҳадафҳо ва мазмуни китобҳои дарсӣ ва барномаҳоро оид ба экология ва ҳифзи табиат ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мушаххас созанд. Зиёда аз он, дар адабиёти илмии муосири биологӣ таърифи ягонаи худи экология, инчунин объект ва предмети таҳқиқи илмии он то ҳол вуҷуд надорад.

Воқеан, истилоҳи "экология" дар гардиши илмӣ дар солҳои 60–уми асри XIX аз ҷониби биолог–эволютсионисти олмонӣ Эрнст Геккел ворид карда шудааст. Таҳти экология ӯ «ҷамъи донишҳоеро мефаҳмид, ки ба муносибати сарфакорона ба табиат: омӯзиши маҷмӯи муносибатҳои мутақобилаи олами ҳайвонот бо муҳити атроф, ҳам органикӣ ва ҳам ғайриорганикӣ мансубанд. Пеш аз ҳама он дар муносибати ҳасана ва ё баръакс дағалона бо олами ҳайвоноту наботот, ки онҳо бевосита ё бавосита ба тамос ворид мешаванд, зуҳур меёбад». Чунин фаҳмиши мафҳуми "экология" мазмуни экологияи биологиро гирифт, ки муносибатҳои мутақобилаи организмҳои набототӣ, ҳайвонӣ ва ҷомеаҳои аз ҷониби онҳо ташаккулёбандаро байни худ ва муҳити атроф мавриди омӯзиш қарор додааст. [10.С.225]

Ф. Майор қайд мекунад, ки нақши муҳимро барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбат тарбияи глобалӣ мебозад, ки муносибати экологиро дар маркази раванди таҳсилот аз муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ то муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мегузорад. Инчунин омодасозии касбии омӯзгорон ва намояндагони дастгоҳи идоракунӣ дар самти мазкур муҳим арзёбӣ мегврдад.

**АДАБИЁТ:**


1. Романова Л.М., Матушанский Г.У. Компетентностная модель преподавателя вышей школы // Инновационная образовательная среда как фактор развития учебного заведения. Казань: Изд-во МОиН РТ, 2010. С. 133-134.

2. Матушанский Г.У., Завада Г.В. Моделирование повышения квалификации преподавателя высшей школы на траекторрии ассистент -ст. преподаватель - доцент //Alma mater.2011. С. 40-42.

3.Фролов Ю.В., Махотин Д.А. Компетентностная модель как основа качества подготовки специалистов // Высшее образование сегодня. 2010. № 12. С. 34-41.

4. Давлатов А. С. Асосҳои экология. «Матбуот», Душанбе, 2005с

5. Челавек и земля, Мировоззрение, Экономика. Социальная политика, М. ,1988С.

6. Экологическое образование основа устойчивого развития центрально-азиатского региона, Худжанд, 2000 С.

7. Н. М. Чернова и другие, Основы экологии, М. , 1998С.

9. Н. М. Чернова А. М. Былова, Экология, М. , 1988С.

10. Мавришев В. В. Обшая экология. Минс 2007С.


**Зулфонов Б**

## РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН ВА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ОНҲО

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи мақоми воқеии баланд бардоштани маърифати экологии хонандагон ва роҳҳои омӯзиши ташаккули салоҳиятнокии онҳо ҳамчун яке аз омилҳои ҳалкунандаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии пешрафти ҷомеа ва тарбияи мутахассиси соҳибхтисосу рақобатпазир, босалоҳияту бомасъулияту соҳибхтиёр меравад, инчунин муаллиф оиди самаранокии муносибати салоҳиятнок дар таълим ибрози ақида намудаст. Аҳамияти ташаккул додани салоҳияти ҳуқуқии хонандагони муассисаҳои миёнаи умумии Тоҷикистон дар он мебошад, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои сиёсии солҳои охир қонуншиканӣ дар байни хонандагон ва умуман ҷавонон хеле афзоиш ёфт, ки аз паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқии ҷавонон гувоҳӣ медиҳад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *экология, тарбия, биология, хонандагон, омӯзгорон, дониш, ташаккул, салоҳият.*

**Зулфонов Б**

## ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ ОСВЕДОМЛЕННОСТИ СТУДЕНТОВ И РАЗВИТИЯ ИХ КОМПЕТЕНЦИЙ

В данной статье обсуждается актуальный статус повышения экологической осведомленности среди студентов и способы повышения их компетентности как одного из ключевых факторов экономического и социального развития общества Важность формирования правовой компетенции учащихся средних школ в Таджикистане заключается в том, что в результате политических событий

последних лет увеличились нарушения среди учащихся и молодежи в целом, что указывает на низкий уровень правосознания молодежи.

***Ключевые слова:*** *экология, образование, биология, студенты, учителя, знания, организация, компетентность.*

**Zulfonov B**

**WAYS TO INCREASE ENVIRONMENTAL AWARENESS OF STUDENTS AND THE DEVELOPMENT OF THEIR COMPETENCIES**

This article discusses the current status of increasing environmental awareness among students and ways to increase their competence as one of the key factors in the economic and social development The importance of building the legal competence of secondary school students in Tajikistan is that, as a result of political events in recent years, violations among students and young people in general have increased, indicating a low level of legal awareness among young people.

***Key words:*** *ecology, education, biology, students, teachers, knowledge, organization, competence.*

**Сведения об авторе: Зулфонов Бахрон** - Ведущий научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академия образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45.

**Information about the author: Zulfonov Bakhron** - Leading researcher at the Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, ul. Aini 45.

**А. МАМАДЮСУПОВ**

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИССАВИИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН ВА МОДЕЛИ МИЛЛИИ ТАҲСИЛОТИ ҚАЗОҚИСТОН ҲАМЧУН МУОДИЛҲОИ НИЗОМИ СОАТҲОИ КРЕДИТИИ АМРИКОӢ

Ба хотири воридшавӣ ба *фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ* Қазоқистон *таҳияи модели миллии таҳсилотро* муайян кард. Соли 2002 дар муассисаҳои таҳсилоти олии худ ботадриҷ низоми таҳсилоти кредитиро пиёда намуд ва бомаром низоми таҳсилоти анънавии худро тағйир дод. Соли 2010 конвенсияи Лиссабонро имзо намуд ва расман ба раванди Болоня ворид шуд.

Ҷумҳурии Қазоқистон (ҶҚ) мисли дигар кишварҳои аъзои раванди Болоня зинаҳои асосии таҳсилоти олӣ *бакалавриат* (4 сол), *магистратура: тахассусӣ: (1 сол -24 кр) ва (1,5 сол - 36кр)*, *илмӣ-педагогӣ*: (2 сол - $\geq$ 47кр) ва *докторантура* ($\geq$3 сол: = $\geq$ 60кр)-ро ворид намуд.

Дар Қазоқистон номзади илм барои дар докторантураи кредитӣ (DhP) таҳсил кардан бояд на камтар аз 30кр таълими назариявии иловагӣ гирад. Докторант (DhP) -ро мебояд 1 ҷ.ч. бояд маърӯзаи илмӣ дар сайти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё ягон ташкилоти илмӣ чоп намояд. Дар Тоҷикистон мутахассиси дипломдорро ба докторантура (DhP) роҳ намеёбад ва мумкин аз соли 2020 ин роҳ батамом маҳкам кунанд. Баъди ин ӯро мебояд, ки аввал магистратураро хатм кунад ва баъд ба докторантура (DhP) дохил шавад.[1.с.89]

Имрӯз Қазоқистон модели миллии низоми таҳсилоти худро дорад, ки он асосан ба низоми таҳсилотии *амрикоӣ* яксон буда, талабот ва принсипҳои низоми *аврупоиро низ* ба назар гирифтааст ва дорои хусусиятҳои хос, ки бо *анъанаҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ* алоқа доранд, соҳиб мебошад.

Низоми таҳсилоти кредитии аврупоӣ соатҳои тамоси аудиторӣ ва берун аз онро ифода мекунад. Вале дар ин низом соатҳои аудиторӣ вобаста ба курс, донишгоҳ ва омӯзгор гуногун аст. Яъне дар ин низом кредит маҷмӯи сарбории фанро ифода мекунад, соатҳои тамосӣ бошад соатҳои кориро ифода мекунанд:

*1 кредит* (25-30С.а.)=Д.ауд.(10С.а.)+КМРУ(10С.а.)+КМД(10С.а.) ва

*Соатҳои тамосӣ* (Д.ауд. + КМРУ) = *соати кории омӯзгор*. Дар низоми аврупоӣ сарбории якҳафтаина ба 1,5кр=1,5*30С.а.=45С.а. баробар аст (Д.ауд. – дарси аудиторӣ, С.а. – соати академӣ).

Низоми амрикоии кредит/соат (соатҳои кредитӣ) фақат соатҳои тамосии аудиториро ифода мекунад ва ба назар мегирад, ки донишҷӯ 2 баробар зиёдтар бо КМ, аз ҷумла КМРУ машғул мешавад:[2.с.65]

1 соати кредитӣ = 45С.а. = 15С.а.(Д.ауд.)+15С.а.(КМРУ)+15С.а.(КМД).

Қазоқистон низоми соатҳои кредитии амрикоиро ба он хотир қабул кард, ки вай таълими сифаташ баланд ва асоси кифояи чандриро дар фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ инъикос мекунад.

*Низоми кредити таҳсилоти ҶТ дар мувофиқат аз рӯи мазмун ба низоми амрикоӣ ва аз рӯи шакл ба низоми* аврупоӣ сохта шудааст, вале бо мавҷудияти камбудиҳо ва қабули чандкаратаи ҳаҷми воҳиди таҳсилотии баробар ба як кредит (*8кр, 16кр, 24кр*) ва номувофиқатии сарбории ҳафтаина ва кредитӣ то ба ҳол мукаммал ва соҳиби модели миллии низоми таҳсилотӣ нагардидааст.

Дар МТОК ҶҚ *барномаи таҳсилотии нақшаҳои таълимӣ (ҳатмӣ ва интихобӣ)* асосан ба се сиклҳо ҷудо шудаанд: сикли фанҳои *умумитаълимӣ (25% =32-38 кр)*, сикли фанҳои *базавӣ (64 кр - (50%): 50-69% ҳатмӣ, 32-50 % интихобӣ)* ва сикли фанҳои *тахассусӣ (32 кр - (50%): 37-50% ҳатмӣ, 50-63% - интихобӣ*. Вале мисли амрико чанд намуди корҳои таълимиро ба монанди таҷрибаомӯзиҳо, рисола (лоиҳа) –и дипломӣ ва баъзе сарбориҳоро ҳамчун ба сарбории омӯзгор вобаста, ба назар мегиранд. Дар барномаҳои таълимии МТОК ҶТ фанҳои таълимӣ (ҳатмӣ ва интихобӣ) ба чор бахш, *бахши фанҳои гуманитарӣ (30%), табиӣ-риёзӣ, умумикасбӣ ва тахассусӣ* ҷудо карда шудааст. Ба фикри мо тақсимоти маҷмӯи фанҳо ба се бахш, яъне ба фанҳои *умумитаълимӣ, умумикасбӣ ва тахассусӣ* беҳтар аст.[8.с.11]

Дар Қазоқистон барои 1 кредити фанни таълимӣ 120 савол тайёр карда шуда аз он 40 савол бо тарзи тасодуфӣ дар асоси барномаи "*генератори ададҳои тасодуфӣ*" интихоб карда мешавад ва ин омилҳои субъективии баҳогузориро аз байн мебарад.

*Ҷадвали табдили холҳо ба баҳои ҳарфӣ, рақамӣ (GPA) ва анъанавӣ*

**Ҷадвали 1**

<table>
<tr><th>Баҳои ҳарфӣ</th><th>Баҳоҳои GPA</th><th>Фоиз (холл)</th><th>Баҳои анъанавӣ ва аврупоӣ</th><th colspan="2">Баҳои анъанавӣ бо амрикоӣ</th></tr>
<tr><td colspan="3">США</td><td>ҶҚ</td><td colspan="2">ҶТ</td></tr>
<tr><td>A</td><td>4,0</td><td>95-100</td><td rowspan="2">Аъло<br>(A)</td><td rowspan="2">Аъло</td><td>$95 \leq A \leq 100$</td></tr>
<tr><td>A-</td><td>3,67</td><td>90-94</td><td>$90 \leq A- < 95$</td></tr>
<tr><td>B+</td><td>3,33</td><td>85-89</td><td rowspan="3">Бисёр хуб<br>(B)</td><td rowspan="3">Хуб</td><td>$85 \leq B+ < 90$</td></tr>
<tr><td>B</td><td>3,0</td><td>80-84</td><td>$80 \leq B < 85$</td></tr>
<tr><td>B-</td><td>2,67</td><td>75-79</td><td>$75 \leq B- < 80$</td></tr>
<tr><td>C+</td><td>2,33</td><td>70-74</td><td rowspan="3">Хуб<br>(C)</td><td rowspan="5">Қаноатбахш</td><td>$70 \leq C+ < 75$</td></tr>
<tr><td>C</td><td>2,0</td><td>65-69</td><td>$65 \leq C < 70$</td></tr>
<tr><td>C-</td><td>1,67</td><td>60-64</td><td>$60 \leq C- < 65$</td></tr>
<tr><td>D+</td><td>1,33</td><td>55-59</td><td>Қаноатбахш (D)</td><td>$55 \leq D+ < 60$</td></tr>
<tr><td>D</td><td>1,0</td><td>50-54</td><td>Кифоя(E)</td><td>$50 \leq D- < 55$</td></tr>
<tr><td rowspan="2">F</td><td rowspan="2">0</td><td rowspan="2">0-49</td><td>Ғайриқаноатбахш<br>(FX)</td><td rowspan="2">Ғайриқаноат бахш</td><td>$45 \leq Fx < 50$</td></tr>
<tr><td>Бад (F)</td><td>$0 \leq F < 45$</td></tr>
</table>

Ҷадвал нишон медиҳад, ки Қазоқистон баҳоҳои ҳарфии амрикоӣ, вале Тоҷикистон баҳоҳои ҳарфии аврупоиро ба кор бурдааст. Дар асл истифодаи ҳарду баҳои ҳарфӣ ҳангоми интиқоли академии донишҷӯён ва хатмкунандагон муҳим ва зурур мебошанд.

Дар тақсимоти баҳои ғайриқаноатбахш FX- Қазоқистон ва Fx-Тоҷикистон, агар ба ба ҷойи бад ё ғайриқаноатбахши шартӣ, «*нокифоя*»-ро қабул мекарданд ба баҳои ҳарфии амрикоӣ боз ҳам наздиктар ва вазнаш саҳеҳтар мешуд.

Холи миёнаи баркашидаи гузариш аз як курс ба курси дигар дар донишгоҳҳои ИМА нисбат ба МТОК ҶҚ як зина, нисбат ба МТОК ҶТ ду зина, дар МТОК ҶТ нисбат ба МТОК ҶҚ як зина паст мебошад. Яъне сатҳи дониши бакалаврҳои ИМА аз бакалаврҳои ҶҚ як дараҷа, аз ҶТ ду дараҷа ва ҶҚ аз ҶТ як баланд аст. Талаботи гузариш аз курси якум ба дуюм дар ИМА ва ҶҚ ба гузариш аз курси сеюм ба чоруми ҶТ баробар аст, яъне талаботи МТОК дар курси сеюми ҶТ ба талаботи курси якуми ИМ ва ҶҚ мувофиқ аст (Ниг. ба ҷадвали 3). [7.с.78]

*Фарқияти GPA-и гузариш аз як курс ба курси дигар дар ҶҚ, ҶТ ва ИМА*

***Ҷадвали 2***

| Гузариш аз курси поён ба курси боло | GPA-и гузариш | | | Мувофиқатӣ бо баҳои ҳарфӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ИМА | ҶҚ | ҶТ | ҶҚ | ҶТ |
| *Аз якум ба дуюм* | 2,0 | 2,0 | 1,67 | C | C- |
| *Аз дуюм ба сеюм* | 2,25-2,5 | 2,3 | 1,75 | C+ | ? |
| *Аз сеюм ба чорум* | 2,5-3 | 2,6 | 2,0 | B- | C |

ҶҚ барои холҳои гузариш аз курси сеюм ва чорум миёнаи арифметикии холҳои миёнаи гузариши донишгоҳҳои ИМА-ро бо саҳеҳияти муайян гирифтааст.

Яке аз холҳои умумии гузариши МТОК ҶТ, яъне 1,75 ба баҳоҳои ҳарфии стандартӣ мувофиқат намекунад, бинобар агар ба ҷойи 1,75 холи 2,33, ки ба баҳои ҳарфии C+ мувофиқ аст қабул карда мешуд, ҳам ҳисобкунӣ ва ҳам муқоиссакунӣ осон мегардид. Яъне хуб мешуд агар ба ҷойи холҳои умумии миёнаи гузариши 1,67 (C-), 1,75 (?), 2,0 (C) дар ҶТ холҳои баландтар ва ҳам ба баҳоҳои ҳарфӣ мувофиқи 1,67 (C-), 2,0 (C) ва 2,33 (C+) қабул карда мешуд.

Дар МТОК ҶҚ *давомнокии соли таҳсили бакалавр*-32 ҳафта, аз ин *30 ҳафта назариявӣ ва 2* ҳафта *сессияи имтиҳонӣ* аст. Як соати аудиторӣ -50 дақиқа ба монанди МТОК ҶТ аст, вале давомнокии рӯзи кории ҳафта мисли донишгоҳҳои Амрико 5 рӯз мебошад. Сарбории якҳафтаинаи таҳсил мисли Амрико 1кр=45 соати академӣ(С.а.) дар даври академӣ аст.

Як кредит дар МТОК ҶҚ ба 45 С.а. баробар аст. Бинобар ин, сарбории яксолаи академӣ баробари 32кр=32x45С.а.=1440С.а. аст. Чор соли таҳсил 1440С.а.*4=5760 С.а. буда аз 32 ҳафта*4 =128 ҳафтаи таҳсил иборат мебошад. Байни дарсҳои аудиторӣ (Д.ауд.), корҳои мустақилонаи бакалавр бо устод (КМБУ) ва корҳои мустақилонаи бакалавр (КМБ) чунин тақсимот ва таносуб доранд:

1кр=45С.а.=15С.а.(Д.ауд.)+15С.а(КМРО)+15С.а.(КМД), яъне

Д.ауд : КМРО : КМД=15С.а. : 15С.а. : 15С.а.=1:1:1 ва

Д.ауд : КМ=15С.а. : 30С.а.=1: 2 аст (КМРО+КМД=КМ).

Дар ҶТ бошад 1кр=24С.а. аст, сарбории як солаи академӣ баробари 64кр аст. Чор соли таҳсил 64кр*4=256кр=256*24С.а.=6144С.а. Вале агар сарбории якҳафтаинаро на 1,5кр ва на 2кр, балки 1,875кр гирем пас пайдо мекунем. 128 ҳафта * 1,875=240кр ва 240кр*24С.а.=5760С.а. пайдо мекунем. Умуман метавон хулоса кард, ки сарбории якҳафтаинаи Тоҷикистон ба 1,875кр баробар аст.[8.с.53]

Сарбории якҳафтаинаи Д.ауд., КМБУ ва КМБ дар МТОК ҶТ чунин тақсимот ва таносуб дошта метавонанд:

24С.а.*1,875=45С.а.=15С.а.(Дарсҳои аудиторӣ)+30С.а.(КМБУ+КМБ);

45С.а.=15С.а.(Д.ауд.)+15С.а(КМБУ)+15С.а.(КМБ), яъне Д.ауд:КМРО:КМД= =15С.а. : 15С.а. : 15С.а.=1:1:1 ва Д.ауд : КМ=15С.а. : 30С.а.=1 : 2 аст.

Дар ИМА бошад 1кр=45С.а. аст. Бинобар сарбории яксолаи академӣ баробари 32кр=32x45С.а.= 1440С.а. аст. Дар 4 соли таҳсил 32кр*4=128кр буда аз 30 ҳафта*4 сол=128 ҳафтаи таҳсил иборат мебошад. Сарбории якҳафтаинаи Д.ауд., КМБУ ва КМБ чунин тақсимот ва таносуб доранд:

1кр=45С.а.=15С.а.(Д,ауд.)+15С.а(КМБУ)+15С.а.(КМБ), яъне Д.ауд:КМБУ:КМБ=15С.а.: 15С.а.: 15С.а.=1:1:1 ва Д.ауд:КМ=15С.а.:30С.а.=1:2 аст.

Вале факту рақамҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе МТОК ҶТ нисбат ҶҚ ва ИМА барои КМБУ ва КМБ камтар вакт ҷудо карда шудааст, яъне 1:1 ба ҷойи 1:2. Сарбориҳои якҳафтаинаи МТОК ҶҚ ва ИМА бо ҳам якхела буда, аз ҶТ ду баробар зиёд аст, вале бо соати академӣ аз ҶТ зиёда аз ду баробар афзалият дорад.

Фарқи сарбориҳои умумии раванди таълимро дар ҷадвали 1 оварда таҳлилу муқоисса ва хулосабарорӣ мекунем.[4.с.88]

*Сарбории элементҳои раванди таълим дар МТОК ҶТ ва ҶҚ*

***Ҷадвали 3***

| | Сарбории ҷузъҳои ғайриаудитории раванди таълимӣ | Қазоқистон | | Тоҷикистон | | ИМА | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | (С.а./с) | Кр | Кр | (С.а./с) | Кр | (С.а./с) |
| 1 | *Таҷрибаомӯзии таълимӣ* | 3 | 135 (112,5) | >6 | 144 (20) | - | - |
| 2 | *Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ* | 3 | (112,5) | | | | |
| 3 | *Кор(лоиҳа)-и курсӣ* | 1 | 45 (37,5) | - | - | - | - |
| 4 | *Имтиҳони давлатии ҷамъбастӣ (Аттестатсияи хатм)* | 3-5 | 135-225 (112,5-187,5) | 3 | 72 (60) | - | - |
| 5 | *Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ* | 3-5 | 135-225 112,5-187,5 | >15 | 360 (300 | - | - |
| 6 | *Таҳия ва ҳимояи рисолаи хатм* | 12-15 | 540-675 (450-562,5) | | | | |
| | **Ҳамагӣ** | ***27-30*** | ***1215-350 (1012-1125)*** | ***24*** | ***576 (480)*** | **-** | **-** |
| | *Дарси аудиторӣ* | *100 (78%)* | *4500 (3750)* | *214 (89%)* | *5136 (4280)* | 120 | 5760 (4800) |
| | *Кредити захиравӣ* | - | - | *2* | *48 (40)* | - | - |
| | **Ҷамъ:** | **128** | **5760 (4800)** | **240** | **5760 (4800)** | **120** | **5760 (4800)** |

ЕСТС: 1кр = (25-30)С.а., 240кр = 6000-7200С.а. = 4500-5400С.

Нишондодҳои ҷадвал далели он ҳастанд, ки дар низоми кредитии таҳсилоти МТОК ҶТ ба сарбориҳои аудиторӣ нисбат ба ғайриаудиторӣ дар муқоиса бо ҶҚ 11% зиёдтар кредит ҷудо карда шудааст ва баръакс ба ҷамъи таҷрибаомӯзиҳо камтар. Дар ҶҚ кор(лоиҳа)-и курсиро, ки ба худи фанни омӯхташаванда (сарбории аудиторӣ) бояд дохил бошад, алоҳида ҳамчун кредити умумӣ ҳисоб кардааст.

Ҳаҷми сарбории таълимии донишҷӯён бо соати академӣ ва корӣ дар ҶҚ, ИМА ва ҶТ якхела ҳастанд. Вале дар Аврупо бо 240-1440С.а. зиёдтар, ҳангоми 1кр=(25-26)С.а. камтар ва ҳангоми 1кр=(27-30)С.а. будан боз зиёдтар аст.

Ҳаҷми сарбории таълимии донишҷӯёнро дар низоми миллии таҳсилоти кредитии ҶҚ ва низоми соатҳои кредитии амрикоӣ ҳангоми як соати академӣ ба 50 дақиқа (д) баробар будан ва бо ҳам баробар будани ҳафтаҳои солҳои таҳсил дида мебароем (ниг. ба сатри «ҳафта»-и ҷадвалҳои 2 ва 3).

*Ҳаҷми сарбории барномаи таълимии бакалавр дар ҶҚ*

***Ҷадвали 4***

| **1С.а.=50дақ.** | **Кредит** | **Рӯз** | **Ҳафта** | **Семестр** | **Сол** | **4 сол** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Кредит* | 1 | 0,2 | 1 | 16 | 32 | 128 |
| *Соати академӣ* | 45 | 9 | 45 | 720 | 1440 | 5760 |
| *Соат* | 37,5 | 7,5 | 37,5 | 600 | 1200 | 4800 |
| Ҳафта | 1 | 5 | 1 | 16 | 32 | 128 |

*Ҳаҷми сарбории барномаи таълимии бакалавр дар ҶТ*

***Ҷадвали 5***

| **1С.а.=50дақ.** | **Кредит** | **Рӯз** | **Ҳафта** | **Семестр** | **Сол** | **4 сол** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Кредит* | 1 | 0,17 | 1,875 | 30 | 60 | 240 |
| *Соати академӣ* | 24 | 4 | 45 | 720 | 1440 | 5760 |
| *Соат* | 20 | 3,33 | 37,5 | 600 | 1200 | 4800 |
| Ҳафта | 1,875 | 6 | 1 | 16 | 32 | 128 |

*Ҳаҷми сарбории барномаи таълимии бакалавр дар ИМА*

***Ҷадвали 6***

| **1С.а.=50дақ.** | Кредит | Рӯз | Ҳафта | Семестр | Сол | 4 сол |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Кредит* | 1 | 0,2 | 1 | 16 | 32 | 128 |
| *Соати академӣ* | 45 | 9 | 45 | 720 | 1440 | 5760 |
| *Соат* | 37,5 | 7,5 | 37,5 | 600 | 1200 | 4800 |
| Ҳафта | 45 | 5 | 1 | 16 | 32 | 128 |

Аз ҷадвалҳои 4, 5 ва 6 ба чунин хулоса омадем. Ҳангоми 1С.а.=50 дақиқа будан ва сарбории якҳафтаинаи Тоҷикистонро баробари 1,875кр қабуд кардан, ҳаҷми сарбории элементҳои раванди таълимии Қазоқистон ва ИМА як буда, онҳо бо ҳам яксонанд, вале бо Тоҷикистон қисман яксон мебошанд. Агар Тоҷикистон дар қабули кредити умумӣ, сарбории якҳафтаина ва қимати ададии соати академӣ ба хато роҳ надиҳад, вай на танҳо ба Қазоқистон, балки ба Америко шаклан ва мазмунан монанд мешавад.

Дар Қазоқистон *сафарбарии академӣ* хуб ба роҳ монда шудааст. Айни ҳол зиёда аз 30 000 нафар дар зиёда аз 20 кишвари хориҷа таҳсил доранд ё ки хатм кардаанд. Дар ҶТ бошад ин шумора хело кам буда бештари роҳбарони МТОК аз «сафарбарии академӣ»-и донишҷӯён худдорӣ доранд. Чӣ хеле, ки дар боло қайд кардем, асоси модели низоми миллии таҳсилоти Қазоқистонро модели ИМА ташкил медиҳад ва вай то қадри муайян аз низоми ақалияти кишварҳои аврупоӣ фарқ мекунад. Фарқи ҷиддии низоми соатҳои кредитии амрикоӣ ва аврупоӣ дар он аст, ки «*низоми кредити аврупоӣ на танҳо низоми таҳсилотӣ мебошад*», вай аз ҷумла барои «*таъминоти муқоиссавии дараҷаҳои академӣ ва дастрасии сафарбарии академии зиёди донишҷӯён дар Аврупо нигронида шудааст*» бо роҳи азнавбаҳисобгирии (интиқоли) кредитҳои МТОК-и гуногун. Низоми соатҳои кредитии амрикоӣ тартиботи сахт дорад, чунки соати кредитии он фақат вақти тамосии аудиториро дар бар мегирад ва худи низом *барои таъмни сифати таҳсил* равона карда шудааст. [6.с.17]

Дар модели низоми таҳсилотии ИМА мафҳумҳои «*соати кредитӣ*» ва «*кредит-соат*» истифода бурда мешавад. «*Соати кредитӣ*» гуфта *соати кори тамоси аудиторӣ*и донишҷӯ дар давоми ҳафта, дар давоми даври академӣ (семестр) фаҳмида мешавад. «*Кредит*» бошад, ҳосили ҷамъӣ миқдори умумии «*соатҳои кредити*»-ро дар давоми даври академӣ мефаҳмонад. Ин мафҳумҳо ивазкунандаи якдигар мебошанд. Аммо миқдори умумии кредит дар донишгоҳҳои ИМА вобаста ба гуногунии миқдори «*соатҳои кредитӣ*»(45-60 С.а.) ва давомнокии даври академӣ(15-18 ҳафта) аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

«Соати кредитӣ» аз он, ки соатҳои тамосиро мефаҳмонад ба мафҳуми «*соати академӣ*»-и мо рост меояд, бинобар ин мо барои муқоиссакунии осони кор мо ба ҷойи вай охириро интихоб кардем.

Дар модели миллии таҳсилоти Қазоқистон мафҳуми «соати кредитӣ» истифода намешавад, чунки мафҳуми «кредит» аз вай васеътар аст ва натанҳо соатҳои тамоси аудиторӣ, балки *соатҳои корҳои мустақилонаро* низ ифода мекунад. Бинобар ин, дар Қазоқистон мафҳумҳои «*низоми кредити Қазоқистон*» ва «*кредити қазоқӣ*» истифода бурда мешавад (KZCS,KZ) ва «кредити қазоқӣ» аз таносуби корҳои аудиторӣ ва корҳои мустақилонаи дараҷаҳои таҳсилотӣ вобаста аст.

Вобаста бо намудҳои корҳои таълимӣ ва дараҷаи таҳсилотӣ ҳар соати академӣ соҳиби меҳнатталабиҳои гуногун мебошад. Чӣ қадаре, ки дараҷаи таҳсилотӣ баланд бошад миқдори соатҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ (бакалавр, магистрант, докторант) зиёд мегардад, Таносуби байни дарсҳои аудиторӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар ҶҚ:

- *бакалавриат*-1:2 (80кр : 160кр), 15С.а.:30С.а.;
- *магистратураи тахассусӣ*-1:3 = 15С.а.:45С.а. (30кр:90кр);
- *магистратураи илмӣ-педагогӣ*-1:4 = 15С.а.:60С.а.;
- *докторантура* -1:6 = 15С.а.:90С.а..

Таносуби байни дарсҳои аудиторӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар ҶТ:

- *бакалавриат*-1:2 = 8С.а.:16С.а., дурусташ бояд 15С.а. : 30С.а. бошад;
- *магистратура* -1:3 = 6С.а.:18С.а., дурусташ бояд 10С.а. : 30С.а. бошад;
- *докторантура* -1:5 = 4С.а.:20С.а., дурусташ бояд 5С.а. : 5С.а. бошад.

Бояд қайд кард, ки дар ҶҚ магистратура зинаи якуми баъди таҳсилоти олӣ, вале дар ҶТ зинаи дуюми таҳсилоти олӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, дар ҶТ шахси дипломи бакалаврдоштаро на ҳамеша ба кор қабул мекунанд.

Дар ҶҚ докторантура зинаи дуюми баъди таҳсилоти олӣ, вале дар ҶТ зинаи баъди таҳсилоти олӣ ба шумор меравад.

Гуногунии мазмуни кредитҳои қазоқӣ аз рӯйи ҳаҷми соатҳо дар бакалавриат, магистратура ва докторантура нишон медиҳад, ки маҷмӯи ҳаҷми барномаҳои таълимии Қазоқистон бо кредитҳо аз барномаҳои аврупоӣ ва амрикоӣ ба таври қатъӣ фарқ мекунанд.

Аз ин ҷо 1 кредити қазоқи (1kz)-и зинаҳои таҳсилотӣ дар чунин муносибат мебошанд:

- *бакалавриат: 1kz=45 соати кории донишҷӯ;*
- *магистратураи тахассусӣ: 1kz=60 соати корӣ;*
- *магистратураи илмӣ-педагогӣ: 1kz=75 соати корӣ;*
- *докторантура: 1kz=105 соати корӣ.*

Барои фаҳмидани фарқияти нишондиҳандаҳои раванди таълимӣ кредити ҳаҷми барномаҳои таҳсилотии кишварҳои ҶТ, ҶҚ ва ИМА-ро меорем.[7.с.65]

*Фарқияти ҳаҷми барномаҳои таълимӣ дар муқоисса бо кредит*

***Ҷадвали 7***

| № | Зинаҳои таҳсилот | Ҳаҷми барномаҳои таълимӣ бо кредитҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **ҶҚ** | **ИМА** | **ҶТ** |
| 1 | *Бакалавриат* | 128 | 120-128 | 240 |
| 2 | *Магистратура* | 48-64 | 60-64 | 120 |
| 3 | *Докторантура (PhD)* | 60-96 | 90-96 | 180 |

Рақамҳои ҷадвали 7 нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои низоми таҳсилоти кредитии ҶҚ бо ИМА қариб, ки яксонанд, вале аз ҶТ бо миқдори кредит, масалан, 128кр (ИМА) ва 240кр(ҶТ) аз ҳам фарқ мекунанд. Ва ҳангоми кредити умумии ҶТ-ро ба 1,875 тақсим кардан онҳо бо ҳам яксон мешаванд.

Сардории миёнаи таълимии ҲПО дар МТОК (бакалавриат)-и ҶҚ:

- *омӯзгор - 630С.а.=14кр;*
- *мудири кафедра – 540 С.а.=12кр;*
- *роҳбари модулҳо – 400 С.а.=9кр;*
- *сардори департаменти таълим -300 С.а.=7кр;*
- *коромӯз(омӯзгори соли 2-юм) – 300 С.а.=7кр;*
- *коромӯз(омӯзгори соли 3-юм) – 500 С.а.=11кр.*

Вале худи муаллифон қоиланд, ки 1кр дар Қазоқистон на ба 30С.к., балки ба 45С.а. баробар аст. Агар мо рақамҳои охириро ба назар гирем пас сардории вазифаҳои болоӣ ба 1440С.а., 1620С.а. ва 1800С.а. баробар мешавад. Гӯё вазорати маориф ва илми Қазоқистон сардории профессори академиро аз 1200С.а. ба 540С.а. расонидаанд ва нархи 1С.а. эшонро аз 133 танга ба 4730 танга ва сардориҳои вазифаҳои дигарро низ то ба ҳадди аввалӣ расонидаанд, ки зикрест аз ҳавои орзу. Агар эшон сардории болоиро дуруст ҳисоб мекарданд, яъне ба 2 тақсим мекарданд ё ки таносуби дарсҳои аудиторӣ ва корҳои мустақилонаи бакалаврро, ки на ҳар кас онро ҳамчун подоши иловагӣ мефаҳманд, дарк мекарданд ҳақиқат, яъне «амрико»-и асри 21-ро кашф мекарданд.

Дар ҶТ бошад сардории яксолаи омӯзгор новобаста аз вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ ба 64кр (1536С.а.) баробар аст. Аз ин 23кр (сардории таълимӣ) ва 41кр (ғайритаълимӣ), ки зикрест аз фазои фиреб. Яъне заҳматҳои зина ба зина кашидаи омӯзгор ба назар гирифта нашуда иҷрои амалии он ба фазоӣ фонӣ ҳавола шудааст ва гӯё вазорат нисбати сардории ғайритаълимӣ ба омӯзгор хизмати хирсона карда истодааст.[5.с.44]

Яке аз афзалиятҳои кредити қазоқӣ ин *баргардонидани он ба кредити дигар низомҳои таҳсилотӣ ва баръакс мебошад.* Ба низоми кредитии таҳсилоти ҶТ ин хусусият хос нест, чунки ҳаҷми умумии он бо кредит бо ҳаҷми умумии сардории ҳафта бо соати академӣ ва соати корӣ бо ҳам баробар намебошанд.

Баргардонидани кредити қазоқӣ ба кредити таҳсилотии кишварҳои дигар ва баръакс баргардонидани кредити онҳо ба кредити қазоқӣ бе ифодаи кредити таҳсилотӣ ба воситаи соати академӣ ва ё соати корӣ, ки бо соати аудиторӣ (тамосӣ/контактӣ) сахт алоқаманд мебошад, бемантиқ аст. Қурб ва ҳаҷми кредитро се мавҳум дар якҷоягӣ муайян мекунанд: *соатҳои академӣ(С.а.), тамосии аудиторӣ(С.т.) ва корӣ(с).* Масалан 1кр(ҶҚ)=45С.а.=37,5с ва 1кр(ҶТ)=24С.а.=20С. 1кр=1кр, вале ҳаҷми бо соатҳои гуногун ифодашудаи кредитҳои таҳсилотӣ баробар нестанд (45С.а. ≠ 24С.а. ва 37,5с ≠ 20с ва ғ.), яъне 1кр(ҶҚ)С.а.(с) # 1кр(ҶТ)С.а.(с).

Бинобар ин барои ҳалли масъала оид ба қабули ҳуҷҷатҳои Қазоқистон дар бораи таҳсилот қабули коэффитсенҳои гузариши кредитҳои KZCS ба кредити аврупоӣ (ECTS), кредити амрикоӣ (USCS) ва кредитҳои таҳсилоти кишварҳои дигар ва баргардонидани онҳо ба миён омад ба монанди алоқамандии кредитҳои амрикоӣ ва аврупоӣ: 1кр(USCS)= 2−2,4(ECTS). Яъне 1кр(USCS)=45С.а., 1кр(ECTS)=(25−30)С.а = 25*45:60−30*45:60= 18,75−22,5 ⇨ 45/18,75=2,4 ва 45/22,5=2.

Вазни кредитҳои қазоқӣ ва амрикоӣ ба воситаи соати академӣ (50д) бо ҳам баробар аст: (1кр(КЗ)=1кр(USCS), яъне 45С.а.(КЗ)=45С.а.(USCS) ва 37,5с (КЗ)=37,5с (USCS). Вале вазни 1 кредитӣ казоқӣ ва амрикоӣ назар ба 1 кредити тоҷикӣ ба воситаи соати академӣ ба 1,875 баробар зиёд аст, яъне 1С.а.(ҶҚ)=1,875С.а.*(ҶТ), чунки 45С.а./24С.а.=1,875С.а. ва 37,5с/20с=1,875 аст.[4.с.65]

*Ҷадвали гузаронидани 1kz ва 1кр(ҶТ) ба кредити кишварҳои дигар бо соати академӣ*

***Ҷадвали 8***

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1кр (USCS) | *45С.а.* | | 0,5(3)кр (USCS) | | |
| | | 1,5кр (ECTS) | *30С.а.* | | 0,8кр (ECTS) | | |
| **1kz (45С.а.)** | = | 1,25кр (ГОСТ-2) | *36С.а.* | = | 0,6(6)кр (ГОСТ-2) | = | **1кр(ҶТ) 24С.а.** |
| | | 1,5кр (ГОСТ-3) | *30С.а.* | | 0,8кр (ГОСТ-3) | | |
| | | 1,875кр (ҶТ) | *24С.а.* | | 0,5(3)kz =(45С.а.) | | |

Ҷадвали 8 нишон медиҳад, ки 1kz (45С.а.) ҳангоми 1С.а.=50д будан ба 1кр амрикоӣ баробар буда бо кредитҳои дигар ҳам ба воситаи соатҳои аудиторӣ бо коэффитсентҳои гуногун гузаронида мешавад. Масалан, 1kz=1кр(USCS), яъне 45С.а.= 45С.а. Як кредити қазоқӣ бо як кредитӣ тоҷикӣ бо коэффитсенти 1,875 баробар аст: 1kz=1,875*кр(ҶТ), яъне 45С.а.=1,875*24С.а.=45С.а. Вале як кредити тоҷикӣ ба як кредити қазоқӣ бо коэффитсенти 0,5(3) баробар аст, яъне 1кр(ҶТ)= 0,5(3)* 1kz, яъне 24С.а.= 0,5(3)*45С.а.=24С.а.

*Ҷадвали гузаронидани 1kz ва 1кр(ҶТ) ба кредити кишварҳои дигар*

***Ҷадвали 9***

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1кр (USCS) | *37,5c* | | 0,5(3)кр (USCS) | | |
| | | 1,6(6)кр (ECTS) | *22,5c* | | 0,8кр (ECTS) | | |
| **1kz (37,5c)** | = | 1,38(8)кр (ГОСТ-2) | *27c* | = | 0,74кр (ГОСТ-2) | = | **1кр(ҶТ) (20c)** |
| | | 1,6(6)кр (ГОСТ-3) | *22,5c* | | 0,8кр (ГОСТ-3) | | |
| | | 1,875кр (ҶТ) | *20c* | | 0,5(3)kz =(37,5c) | | |

Ҷадвали 8 нишон медиҳад, ки фақат як кредити қазоқӣ ба як кредити амрикоӣ ба воситаи соати корӣ яксон, яъне баробар ҳастанд: 1kz(37,5c)=1кр(USCS=37,5c). Як кредити қазоқӣ бо як кредитӣ тоҷикӣ бо коэффитсенти 1,875 баробар аст: 1kz=1,875*кр(ҶТ), яъне 37,5c=1,875*20c=37,5C. Вале як кредити тоҷикӣ ба як кредити қазоқӣ бо коэффитсенти 0,5(3) баробар аст, яъне 1кр(ҶТ)= 0,5(3)* 1kz, яъне 20c= 0,5(3)*37,5C.=20C.[3.с.90]

Ҷадвалҳои 7 ва 8 нишон медиҳанд, ки аз хатмкунандагони МТОК ҶҚ ба донишгоҳо ё ба Амрико барои ба кор рафтан ҳеҷ мушкилӣ намекашанд ва кредитҳои дар вақти таҳсил гирифтаашон қариб бе ягон камшавӣ гузаронида мешаванд ё ба кор қабул карда мешаванд.

**АДАБИЁТ:**

1. *Бадарч Д., Сазонов Б.А.* Актуальные вопросы интернациональной гармонизации образовательных систем: Монография. М. Бюро ЮНЕСКО в Москве; ТЕИС,2007.

2. *Мамадюсупов А.* А. «Рақобати байни элементҳои низоми таҳсилотӣ ҳамчун омили рушду нумӯи донишгоҳҳо». Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Нақши математика дар иқтисодиёт». Д. 2018. С. 3-11.

3. *Мирзоев Р. М. Мамадюсупов А.* А. Таҳлили муқоиссавии низомҳои кредитии таҳсилоти дар ҷаҳон эътирофшуда. «Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики» Материалы V международной научно-практической дистанционной конференции. Д. 2017. С. 309-314.

4. *Мирзоахмедов Ф. Мамадюсупов А.А.* Кредитно-модульная система образования. Монография. «Кайхон», Д. 2016, 268С.

5. *Сериков Э. А.* «Национальный модель образования Казахстана и Болонский процесс», к.т.н., проректор АУЭС, г. Алматы.

6. *Ксаинов А.А. и др.* Кредитная система обучения в Казахстане. КазГАСА. 2010.

7. *Основы кредитной системы обучения в Казахстане*/Под. Ред. Кулекеева Ж.А. и др. Алмааты. 2004.

8. *Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ.* Вазорати маориф ва илми ҶТ. 2017.

9. *Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.* 2017.

**Мамадюсупов А.**

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИССАВИИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН ВА МОДЕЛИ МИЛЛИИ ТАҲСИЛОТИ ҚАЗОҚИСТОН ҲАМЧУН МУОДУЛҲОИ НИЗОМИ СОАТҲОИ КРЕДИТИИ АМРИКОӢ

Дар мақола *низоми кредитии таҳсилоти Тоҷикистон* ва «*модели миллии таҳсилоти Қазоқистон*» ҳамчун муодули *низоми соатҳои кредитии амрикоӣ* (USCS), норасоиҳо ва камбудиҳои онҳо дар тақсимоту қабули сарбориҳо ва меҳнатталабии ҷӯзъвҳои раванди таълим муқоисса ва таҳлил карда шуда, мувофиқат ва фарқияти онҳо баррасӣ шудааст.

Нозукиҳои зинаҳои асосии таҳсилоти олӣ, алоқамандии мутахассиси дипломдор, номзади илм ва доктор (DhP)-и илм (фалсафа), нақшаҳои таълимӣ, намудҳои баҳоҳо, фарқияти GPA-и гузариш аз як курс ба курси дигар, таносуби байни дарсҳои аудиторӣ, кори мустақилонаи бакалавр бо омӯзгор ва кори мустақилонаи бакалавр, фарқи ҳаҷми сарбориҳои умумии равандҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, сафарбарии академӣ, сарбории таълимии омӯзгорон, таҳлил, таҳқиқ, шарҳ ва баён гардидааст.

**Мафҳумҳои калидӣ:** низоми соатҳои кредитии америкоӣ (USCS), модели миллии таҳсилоти Қазоқистон, низоми кредитии таҳсилоти Тоҷикистон, баҳоҳои ҳарфӣ, рақамӣ ва анъанавӣ, GPA-и гузариш, дарсҳои аудиторӣ, КМБ, КМБУ, сарбориҳои раванди таълим, сафарбарии академӣ, сарбории миёнаи ҲПО.

**Мамадюсупов А.**

## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА И НАЦИОНАЛЬНОЙ МОДЕЛИ ОБРАЗОВАНИЯ КАЗАХСТАНА КАК ЭКВИВАЛЕНТЫ КРЕДИТНЫХ СИСТЕМ АМЕРИКИ

В статье рассмотрены сравнительный анализ распределение трудоёмкость элементов учебного процесса, соответствие и отличие Таджикская кредитная система образования и Казахская национальная модель образования как аналог система кредитных часов Америки в пространстве мирового образования.

Отличительные особенности академических степеней дипломированного специалиста, кандидата и доктора наук (философии - DhP), планы обучения, виды оценок, средний проходной балл (GPA) с одного курса на другой, соотношение между аудиторных занятий, самостоятельная работа бакалавра под руководством руководителя и самостоятельная работа бакалавра, объёмы учебной нагрузки бакалавра и преподавателя, учебные программы и академическая мобильность анализированы, исследованы, объяснены и показаны.

**Mamayusupov A.**

## COMPARATIVE ANALYSIS OF THE CREDIT SYSTEM OF EDUCATION IN TAJIKISTAN AND THE NATIONAL MODEL OF EDUCATION IN KAZAKHSTAN AS EQUIVALENTS OF CREDIT SYSTEMS IN AMERICA

The article discusses a comparative analysis of the distribution of the complexity of the elements of the educational process, the correspondence and difference of the Tajik credit system of education and the Kazakh national model of education as an analogue of America's credit hours in the world of education.

Distinctive features of the academic degrees of a graduate, candidate and doctor of science (philosophy - DhP), study plans, types of grades, average passing grade (GPA) from one course to another, the relationship between classroom studies, independent work of a bachelor under the supervision of a supervisor and independent work of a bachelor , the volumes of the academic load of the bachelor and teacher, curricula and academic mobility are analyzed, researched, explained and shown.

**Сведения об авторе: Мамадюсупов А. -** Начаьник отдела инновации общественного организация "Развитие образование Таджикистана".

**Information about the author: Mamadyusupov A.** - Head of the Department of Innovation of the public organization "Development of Education in Tajikistan".

С. ЗОИДОВА

# ТАРБИЯИ ЭСТЕТИКИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон,аз ҷумла, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон(2006) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" (2013)[2] ба сифати таълиму тарбияи насли наврас, мукаммалгардонии шакл ва методҳои тарбияи эстетикии хонандагони дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ диққати махсус дода шудааст.Аз ҷумла дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст:..."зебоипарастӣ яке аз сифатҳои муҳиими инсонро ташкил медиҳад. Он дар инсон ҳар гуна зуҳуроти эҳсос намудани зебоиро ба вуҷуд меоварад.Манбаи зебоӣ , табиат, ҳар гуна аксҳо, мусаввараҳо, ҳайкалу муҷассамаҳо, асарҳои бадеӣ , нақшу нигор, иншоот, асарҳои саҳнавӣ , суруду мусиқӣ , сару либос, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ , лавозимоти рӯзгор ва ғайраҳо мебошанд, ки дар инсон эҳсоси зебопарастӣ ба вуҷуд меоранд. Шинохтани зебоӣ ба шахс илҳом мебахшад, ӯро рӯҳбаланд намуда, дар олами зебоӣ сайр мекунонад. Қобилияти зебоифаҳмӣ ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки боигарии ахлоқӣ , маънавӣ ва маърифатии хешро ғанӣ гардонад ва зиндагии зебо ташкил кунад»[1].

Воқеан, тарбияи эстетикии ҷавонон ва наврасон дар системаи тарбияи ахлоқӣ ва таълимии онҳо мавқеи хосса дорад, зеро тарбияи эстетикӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбияи маънавии инсон ба шумор меравад, ки оянда дар фаъолияти иҷтимоии ӯ ҳис карда мешавад ва дар рафтораш инъикос мегардад.

Бояд гуфт, ки тарбияи эстетикӣ ба ҷаҳонбинии умумии инсон таъсири муайян дорад, ки барои ташаккул ва инкишофи чунин намуди тарбия нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва саҳми муаллимони фанҳои гуногуни ин муассиса бағоят муҳим аст. Барои як шахсияти тарбиятдидаи ба ҷомеа зарур ба воя расидани ҷавонону наврасон тарбияи эстетикӣ дар системаи тарбияи умумимаънавии онҳо нақши муайянеро молик аст.

Оила, боғча, мактаб, донишгоҳ, корхона, меҳнат, муҳити атроф ва ҳатто табиат дар зиндагии ҳар як фард таъсири тарбиявӣ дорад. Ҳамчун омили асосии баҳодиҳии зебоии атроф, муҳити зист, кору фаъолият ва ҳатто муносибатҳои байниинсонии одамон тарбияи эстетикӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Завқи эстетикии шахс аз тарзи либоспӯшӣ , муносибати гуфтугӯӣ , рафтори ӯ бо муҳити кору зист муайян карда мешавад, ки барои ташаккули чунин сифатҳо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муаллимони фанҳои гуногуни он нақш ва саҳми асосиро иҷро мекунанд.

Фанҳои адабиёт, мусиқӣ , санъати тасвирӣ , суруд, эстетика ва амсоли инҳо ба ташаккул ва инкишофи завқ ва зебопарастии хонандагон нақши муассир мегузорад.

Тарбияи эстетикӣ ва ташаккули он дар инсон имкон медиҳад, ки маҳорати дарки зебоиро дар санъат ва ҳаёт инкишоф дода, чунин тарзи зебои зистро дуруст баҳогузорӣ кунад.

Бино бар маълумоти ҷолиби Б.Т.Лихачев нисбат ба тарбияи эстетикӣ чунин қайд кардааст: "Ташаккул ва инкишофи дарки ғояҳои эҳсосотии кӯдакон ба эҷоди завқи бадеӣ , малакаи фаъолият ва рафтори ӯ аз рӯйи қонуни зебоӣ амалӣ мегардад" [4, С. 167].

Дар консепсияи Б.Т.Лихачев моҳияти тарбияи эстетикӣ нақши муайянеро дорост, ки онро ба сифати тарбияи мақсадноки завқи эстетикии наврасону ҷавонон маънидод кардан лозим аст.

Ҷустуҷӯйи роҳҳои афзалиятнок ва пурсамари тарбияи эстетикии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ , бечуну чаро, вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгорон ба ҳисоб меравад.

Ташаккули шахсият дар ҷодаи тарбияи эстетикӣ пеш ва беш аз ҳама дар синни хурдсолии мактабӣ аҳамиятнок мебошад, ки маҳз дар ҳамин синну сол шавқу завқ ва эҳсосоти идрокӣ шакл мегирад. Дар ҳамин маврид Б.Т.Лихачев чунин изҳори ақида кардааст: "Давраи томактабӣ ва синни хурди мактабӣ аз назари тарбияи эстетикӣ ва ташаккули муносибати ахлоқию эстетикии шахс ҳалкунандатарин марҳила дар ҳаёт ба ҳисоб меравад" [5, С. 53].

Хонандагони синфҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қобилияти баланди эҳсосотӣ доранд, ки он дар зудранҷӣ ва зудхурсандшавии онҳо зоҳир мегардад ва омӯзгоронро месазад, ки чунин қобилияти навҷавонии онҳоро дар рӯҳияи тарбияи ахлоқию завқи эстетикӣ такмил диҳанд. Аз ин рӯ, ҳангоми кор бо хонандагони хурдсол ва навҷавонон омӯзгоронро месазад, ки ҳар як имконияти баҳодиҳии зебоипарастиро дар завқу зеҳни онҳо инкишоф дода, бад-ин васила дар тарбияи эстетикии онҳо саҳмгузор бошанд.

Тарбияи эстетикии хонандагон аз он оғоз меёбад ва иҷро мегардад, ки вақте муаллим бо хонандагони хурдсолон дар бораи санъат сӯҳбат мекунад ва ё бо онҳо шеъру суруд мехонад. Мактаб на танҳо ба хонандагон дида тавонистани зебоиро дар санъат меомӯзонад, балки ба онҳо меҳнат ва меҳнатдӯстӣ ва рафтору кирдори шоистаи таҳсинро талқин мекунад, ки дар натиҷа дар онҳо як хоҳиши кӯшиш ба тавоноӣ ва ҳиссиёти завқи баланди хурсандшавӣ аз натиҷаи меҳнат ҳосил мегардад, ки чунин завқ – завқи эстетикӣ ба шумор меравад.

Албатта, омӯзгор бояд хусусиятҳои синнусолӣ ва инкишофи рӯҳию равонии хонандагонро дар назар дошта бошад, ки дар ҷараёни таълиму тарбияи умумии онҳо аҳамияти калон дорад.

Маҳз ба сабаб, тарбияи эстетикӣ ҳамчун ҷараён ва самти ташаккули умумитарбиявии шахсият дар кору пайкор ва ҳаёту фаъолияти ҳар як фарди ҷомеа зоҳир гардида, аз тарафи мутахассисон ва умуман ҷомеа баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ин ҷода илми педагогика ва омӯзгорон нақши муассир доранд.

Ташаккули шахсият дар рӯҳияи тамаддуни эстетикӣ маҳз дар синни хурдсолии мактабӣ мувофиқ аст. Эҳсоси зебоии табиат ва муҳити атроф барои кӯдакон ҳолатҳои махсуси равониро ба вуҷуд меорад, ки завқу шавқи махсусро дар бораи ҳаёт ҳосил мекунанд ва ба васила завқи кунҷкобӣ , тарзи тафаккур ва қувваи ҳофизаи онҳо инкишоф меёбад. Ҳиссиёти зебоипарастии шахс дар синну соли томактабӣ ва махсусан хурдсолии мактабӣ зуд инкишоф меёбад. Ҷанбаҳои асосии сифатҳои ахлоқию эстетикии шахс дар навҷавонӣ замина гирифта, моҳиятан дар тамоми ҳаёт чунон боқӣ мемонад ва агар тағйир ёбад ҳам, хеле кам тағйир мепазирад.

Омӯзгорони пуртаҷриба ва тавассути тарбияи эстетикӣ ҷаҳонбинии умумии кӯдакон ва наврасонро инкишоф медиҳанд. Ҳамин тавр, ҳисси дарки зебоии табиат, муҳити атроф ва ҳатто тарзи муносибату муошират маҳз дар навҷавонӣ замина мегирад, ки дар боқии умр хулқ ва табиат мегардад.

Нақши адабиёт дар истифодаи вақти холигии хонандагон хеле зиёд аст. Хониш натанҳо ҳаёти маънавии шахсро ғанӣ мегардонад, балки завқи эстетикии ӯро инкишоф медиҳад. Дар ҷараёни хониши бадеии китобҳои ҷолиб ва ба завқи хонанда муносиб равони шахс пурбор мегардад ва адабиёт ӯро ба дунёи дигар ворид месозад. Ҳангоми хонишии ҳидисаҳои таъсирбахши адабиёт ҳиссиёти хонанда авҷ мегирад ва аз баъзе ҳолатҳо ба ваҷд ҳам меояд ва бегумон завқи эстетикии худро инкишоф медиҳад.

Дилхоҳ адабиёти мактабӣ ба тарбияи эстетикии хонандагон таъсирбахш мебошад, зеро ба қавли Г.С.Костюк "хонандаи адабиёти бадеӣ маҳорати таҳлили мустақилро дар худ инкишоф медиҳад" [3, С. 158]. Адабиёт ҳамчун ҷузъи тамаддуни маънавӣ ва ҳамчун яке аз шаклҳои санъат таҷассумгари ҳақиқати пажӯҳишоти бадеӣ мебошад, ки шахсро бо ҷаҳон тавассути эҳсосоти худаш ошно месозад.

Дар осори эҷодиёти бадеӣ , ки то замони мо дар шакли суруд, эпос, афсона, мақол, зарбулмасал ва ғайра расидаанд, муносибати эстетикии шахсро ба табиат ва муҳити атроф пурра тавсиф медиҳанд. Маҳорати педагогии омӯзгор ҳамчун қисматҳои методи таълими бадеӣ дар таълиму тарбияи эстетикии навҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зоҳир мегардад.

Ҳангоми хониши адабиёти бадеӣ ҳиссиёти эстетикии хонанда пеш аз ҳама бо дарки зебоии тасвири эҷодии муаллиф вобаста мебошад. Асарҳои бадеӣ ва санъатӣ мақсади таълимӣ дошта, бидуни ҷанбаҳои эстетикӣ иншо намегарданд. Бино бар маълумоти В.Р. Щербина "адабиёт дар мактаб ҳамчун фан бо хониши оддӣ ва маводи таълимӣ маҳдуд намегардад, балки масъалаҳои мақсадноки тарбияи эстетикии шахсро инкишоф

медиҳад...” [6, С. 116-117]. Ҷараёни эҳсоси эҷодиёти бадеӣ завқи эстетикии хонандаро инкишоф дода, дар тарзи тафаккур ва ташаккули ҷаҳонбинии ӯ таъсири муайян дорад.

Ҳамин тавр, ҳалли масъалаҳои тарбияи эстетикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз омӯзгорон тақозо мекунад, ки бо хонандагон ва хусусан хонандагони синни хурди мактабӣ бо дарназаргирии ҷиҳатҳои равоншиносии онҳо дар якҷоягӣ дарсҳои амалию назариявӣ гузаронанд.

Зеро дар ҳаёти шахс тамоми намуди фаъолияти манфиатовар ба монанди муносибат (муносибати боадабона ва “зебо”), бозӣ (бозиҳои таълимию тарбиявӣ ), меҳнат, табиат, тамаддун, санъат ҷиҳатҳои равоншиносӣ дорад, ки дар ташаккулу инкишофи онҳо нақши омӯзгорон хеле бузург аст.

Тамоми намуди фаъолияти инсонӣ воситаҳои ташаккули таълиму тарбия ба шумор меравад, ки бо заҳматҳои педагогии омӯзгорон иртиботи ногусастанӣ дорад.

Ба ақидаи мо, тайёрии омӯзгор ба ҳалли масъалаҳои тарбияи эстетикии хонандагон аҳамияти муҳими педагогӣ дорад. Тарбияи шахсияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯйи “қонуни зебоӣ ” бояд дар маркази диққати омӯзгорони фанҳои тахассусии ба тарбияи эстетикӣ вобаста қарор дошта бошад. Аз ин рӯ, тайёрии омӯзгорони оянда ба тарбияи эстетикӣ яке аз масъалаҳои мубрами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад. Ба ақидаи мо, дар таҷрибаи кории омӯзгорон бояд ҳамаи имкониятҳои мавҷуда ва шаклу методҳои самарабахши таълим дар ҷодаи тарбияи эстетикии хонандагон ба назар гирифта шавад. Ҳалли масъалаҳои тарбияи эстетикии хонандагон вазифаҳои мақсадноки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор рафта, онҳоро месазад, ки бо ҳамкории якдигар ба сифати завқи тарбияи эстетикии хонандагон саҳмгузор бошанд.

**АДАБИЁТ:**


1.Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.Душанбе,2006С. 2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. Душанбе,2013с

3. Костюк Г.С. Развитие и воспитание. - В кн.: Общие основы педагогики. Под ред. Ф.Ф. Королева, В.Е. Гмурмана. – М.: Просвещение, 1967. – С.139-197.

4. Лихачев Б.Т. Критерии эстетического воспитания отношения школьников к искусству и действительности. – М.: Сов. педагогика, 1983, № 6. – С. 52-57.

5. Лихачев, Б. Т. Теория эстетического воспитания школьников: учеб. пособие по спецкурсу для студентов пед. ин-тов. – М.: Просвещение, 1985. – 176 С.

6. Щербина В.Р. Проблемы литературного образования в средней школе: Пособие для учителя.-2-е изд., перераб. – М.: Просвещение, 1982. – 320 С.


**Зоидова С.**

## ТАРБИЯИ ЭСТЕТИКИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ


Мақола ба масъалаи баланд бардоштани сифати тарбияи эстетикии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф аз нигоҳи педагогӣ -психологӣ мавқеи муассисаҳои таълимӣ , алалхусус омӯзгорронро дар ташаккули тарбияи эстетикии насли наврас ва рушди ҷаҳонбинии онҳо ҳаматарафа таҳлил намудааст. Ҳамзамон ҷиҳати ташаккули тарбияи эстетикии хонандагон нақши созандаи коллективи боғча, мактаб, донишгоҳ, корхона ва муҳити атроф бомаврид нишон дода шудааст. Бо ақидаи муаллиф тарбияи шахсияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯйи “қонуни зебоӣ ” бояд дар маркази диққати омӯзгорони фанҳои тахассусии ба тарбияи эстетикӣ вобаста қарор дошта бошад, ки он аз нигоҳи илмӣ дуруст ва бомаврид мебошад.

Дар мақола нақши фанҳои таълимии тахассусӣ низ дар тарбияи эстетикии насли наврас мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муҳтавои мақола ба ҳалли мушкилоти тарбияи эстетикӣ ва зебоипарастии хонандагон мусоидат хоҳад кард.


***Вожаҳои калидӣ :*** *тарбияи эстетикӣ , омӯзгор, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ , ҳисси зебоипарастӣ , санъат, таълим,оила,эстетика,мактаб, педагогика.*

**Зоидова С.**

## ПРОБЛЕМЫ ЭСТЕТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛАХ

Статья посвящена исследованию вопросов повышения эстетического воспитания учащихся средних школ Республики Таджикистан. Автор подробно проанализировал положение образовательных учреждений, особенно учителей, в формировании эстетического воспитания молодого поколения и развитии его мировоззрения. В то же время для формирования эстетического воспитания учащихся была продемонстрирована творческая роль коллектива детского сада, школы, университета, предприятия и среды.

По мнению автора, обучение учащихся общеобразовательных школ по «закону красоты» должно быть ориентировано на эстетическое воспитание учителей специальных дисциплин, которое является научно обоснованным и своевременным. В статье также анализируется роль специализированных дисциплин в эстетическом воспитании подрастающего поколения. Содержание статьи будет играть важную роль в решении вопросов эстетического воспитания учащихся. Обобщая свои идеи, автор приходит к выводу, что эстетическая культура учащихся призвана помочь им привить чувство красоты в будущем.

***Ключевые слова***: *эстетическое воспитание, учитель, средняя общеобразовательная школа, чувство прекрасного, искусство, воспитание, семья, эстетика, школа, педагогика.*

**Zoidova S.**

## THE PROBLEM OF AETHETIC EDUCATION OF SECONDARY SCHOOL STUDENTS

The article is devoted to the investigation of problem of increasing aesthetic education of secondary school students. According to pedagogical-psychological points the author extensively analyzed the role of the educational institutions and teachers on formation of aesthetic education of young generation and development of their outlook. Here is also pointed out the formational role of kindergarten, school, university, job and environment in the process of aesthetic education. The author came into conclusion that the formation of personality of secondary school students according to the "rule of beauty" should become an important issue of major teachers, which is substantially considered to be scientifically proper.

The role of major subjects during the aesthetic education of young generation is also analyzed in this article. The content of the article plays an important role in the process of solving the problem of aesthetic education and sense of beauty of students.

Summarizing points of view the author came into the conclusion that teaching students cultural aesthetics is referred to the future development of their sense of beauty.

***Key words:*** *aesthetic education, teacher, secondary school, sence of beauty, art, education, family, aesthetics, school, pedagogy.*

**Сведения об авторе: Зоидова Сабоат Абдуманоновна** – соискатель ХГУ имени академика Б.Гафурова; Тел.: (+992)929341177; E-mail:saboat1977@mail.ru

**Zoidova Saboat Abdumanonovna** – reseach worker of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov; тел.: (+992)929341177; E-mail:saboat1977@mail.ru.

**Ш. САФАРЗОДА**

# МУЛОҲИЗАҲО РОҶЕЪ БА ТАЪСИСИ ДОНИШКАДАИ ОЛИИ САРҲАДӢ ВА ТАРБИЯИ КАДРҲОИ СОҲА ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Истиқлолияти кишвар барои рушд ва пешравии ҳамаи соҳаҳо мусоидат намуд. Дар баробари рушди бобарору босамари соҳаҳои маориф ва илму фарҳанг тарбияи насли ҷавону худогоҳу ватандӯст дар навбати аввал қарор дошт. Тавре Пешвои муаззами миллатамон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриашон бо зиёиён ва аҳли заҳмати ҷумҳурӣ қайд кардаанд, ки «Мо ба масъалаи ҷавонон барои он таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоем, ки онҳоояндаи миллату давлатанд… Бинобар ин, шумо бояд дар маҷмӯъ сиёсати давлатро доир ба тамоми соҳаҳо ҳамчун сиёсати давлатии ҷавонон ҷонибдорӣ карда, дар татбиқи он такягоҳи асосӣ бошед. Ҳар як тадбире, ки дар мамлакат амалӣ карда мешавад, мақсад аз он пеш аз ҳама беҳбуди ҳаёти Шумо – ҷавонон ва ба хотириояндаи неки Тоҷикистон аст» қайд намудааст Эмомалӣ Раҳмон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [1.с. 147, 68].

Дар солҳои Истиқлолият бо мақсади боз ҳам ривоҷ ёфтану пешрав гардидани соҳаҳои маорифу илму фарҳанг қариб аксари омӯзишгоҳҳои касбии техникӣ ба литсейҳо ва коллеҷҳо табдил дода шуданд. Барномаҳои васеи таълимӣ бо истифодаи тамоми имкониятҳои илмомӯзии ҷавонон муҳайёгашта фароҳам оварда шуданд. Ҳамаи ин ғамхориҳои ҳамарӯзаи Ҳукумати Тоҷикистон ҷавонони кишвари соҳибистиқлолро барои ҳаллу фасли ҳамаи барномаҳои таълимӣ ва дар рӯҳияи баланди ватандӯстию қадршиносӣ ба камол расиданашон уҳдадор намуд.

Чунончи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд ки «Ҷавонон неруи фаъолу боғайрат, қувваи созандаи ҷомеаи моро ташкил медиҳанд. Онҳоро хуб тарбия кардан ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят кардан вазифаи муқаддаси ҳамаи аъзоёни ҷомеа аст. Зеро ҷавонон ободгарони Ватан, соҳибониояндаи Тоҷикистони мустақилу демократӣ ва такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд». [147, 68].

Бояд қайд намоем, ки дар ҳамаи давру замонҳо ҳар як миллату давлат ба ҷавонони худ чун ба неруи созанда, пешбаранда ва ояндасози миллату давлат такя менамояд. Таълим ва тарбияи ҷавонон яке аз рукнҳои асосии пешравию шукуфоии давлату миллат ба ҳисоб меравад. Хушбахтона, истиқлолияти кишвари мо барои амалӣ гаштани ин иқдоми наҷиб тамоми имкониятҳоро фароҳам овардааст. Дар ин замина ҷавонони мо бояд эҷодкор, навовару ихтирокор бошанд, онҳо бо заковату донишу фазлу хирад ва ҷаҳонбинии худ барои пешрафту рушд ва шукуфоии кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми босазо дошта бошанд. Тавре Пешвои миллат қайд кардаанд, ки «Барои фаъолияти босамари ҷавонони лаёқатманд мо тамоми имкониятҳоро фароҳам овардаем. Онҳо бояд хуб дарк намоянд, киояндаи ин кишвари аҷдодӣ ва рушду нумуи он дар дасти онҳост. Барои амалӣ гардидани ҳамаи умед, орзу ва нақшаҳои навоваронаю эҷодкоронаашон дилпуронаю сарбаландона фаъолият намоянд» [2.с.149, 57].

Илова бар ин ҳамаи комёбиҳои назаррас, барои боз ҳам таҳким ва мустаҳкам намудани бехатарии марзу буми кишвар ва осоиши давлату миллати соҳибистиқлол мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-июни соли 2001-ум бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 256 дар заминаи Курсҳои кӯтоҳмуддати Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ бо мавқеи ҷойгиршавиаш дар ноҳияи Ҳисор ташкил карда шуд ва бо Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21 июни соли 2001-ум таҳти № 598, “Оиди дар оянда баланд бардоштани фаъолияти хизматии қисмҳои ҳарбии Кумитаи ҳифзи Сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Ба ғайр аз гуфтаҳои дар боло зикршуда 15-сентябри соли 2001 маросими ифтитоҳи Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ ва ташкилотҳои байналмиллалӣ баргузор гардид.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №199 аз 03 майи соли 2006-ум дар асоси моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маориф” ва моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ” Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ ба “Донишкадаи сарҳадии Тоҷикистон” табдили ном кард.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №123/5 аз 19 марти соли 2007-ум "Дар бораи Сарраёсати Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Донишкадаи сарҳадии Тоҷикистон бо номи "«Омўзишгоҳи олии сарҳадӣ (Донишкадаи ҳарбӣ ) – и КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон»" номгузорӣ шуд ва маҳали ҷойгиршавии он дар шаҳри Душанбе муқаррар гардид.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №128-5 аз 31 марти соли 2016 Омўзишгоҳи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт.

Бо мақсади мутобиқ сохтани фаъолияти Донишкада ба талаботи имрўза, таъмини омодагии он барои тайёр намудани мутахассисони соҳибихтисос, сохтор ва штати он тибқи стандартҳои барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқаррargардида таҷдиди назар карда шуд.

Айни замон мувофиқи фармони Раиси КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таълими Донишкада аз 2 факултет ва 9 кафедра иборат буда, аз рўйи 4 ихтисос мутахассисон тайёр карда мешавад.

Факултетҳо чунинанд:

1- факултети Ташкили фаъолияти сарҳадӣ;

2- факултети тайёрии кадрҳои роҳбарикунанда ва такмили ихтисоси хизматичиёни ҳарбии ДОС КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Факултети Ташкили фаъолияти сарҳадӣ барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро аз рўи стандартҳои давлатии таҳсилот амалӣ гардонида, таълиму тарбия ва тайёрии касбии курсантонро мувофиқи талаботи меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамояд. Дар факултети мазкур, аз соли хониши 2016-2017 шуруъ карда, мувофиқи 4 ихтисос мутахассисони дараҷаи бакалавр тайёр карда мешаванд:

-Идораи ҷузъу томҳои сарҳадӣ, муҳлати таҳсил 4 сол;

-Идораи ҷузъу томҳои назорати сарҳадӣ, муҳлати таҳсил 4 сол;

-Таъмини ахлоқию психологии фаъолияти ҳарбӣ (Қўшунҳои сарҳадӣ), муҳлати таҳсил 4 сол;

-Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷўйӣ, муҳлати таҳсил 4 сол.

Факултети ташкили фаъолияти сарҳадӣ дорои кафедраҳои зерин мебошад:

-Кафедраи тактикаи қушунҳои сарҳадӣ;

-Кафедраи тактикаи умумӣ ;

-Кафедраи назорати сарҳадӣ ;

-Кафедраи фаъолияти оперативӣ -ҷустуҷўйӣ ;

-Кафедраи тайёрии оташфишонӣ ва ҷисмонӣ ;

-Кафедраи алоқа ва технологияи информатсионӣ ;

-Кафедраи корҳои сиёсӣ -тарбиявӣ , педагогика ва психология;

-Кафедраи фанҳои ҳуқуқ;

-Кафедраи забонҳо.

Аз 1-уми сентябри соли хониши 2016-2017 машғулиятҳои таълимӣ дар Донишкада тибқи низоми кредитии таҳсилот ба роҳ монда шуда аст. Бо ин мақсад нақшаю барномаҳои таълимӣ саривақт таҳия гардида, баъд аз мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шуданд.

Дар ин росто дар факултети тайёрии кадрҳои роҳбарикунанда ва такмили ихтисос бошад, омўзиш, бозомўзӣ ва такмили ихтисоси кормандони амалкунандаи ҷузъу томҳои Қушунҳои сарҳадӣ мувофиқи барномаҳои махсус ва дар асоси дархости Дастгоҳи марказии Қушунҳои сарҳадӣ ба амали карда мешавад.

Илова бар ин бо мақсади таҳкими иқтидори илмию таълимии Донишкада аз ибтидои соли ҷорӣ бо ташаббуси роҳбарияти Донишкада ва бо дастгирии роҳбарияти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон омўзгорони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ ба кор ҷалб карда шуданд. Мувофиқи ҷадвали штатии амалкунанда ҳайати омўзгорон-афсарони қисми таълим 61 нафарро ташкил медиҳанд. Дар айни замон бошад, ҳайати шахсии афсарони омўзгор аз 40 нафар иборат буда, омўзгорони шаҳрвандӣ 12 нафарро ташкил медиҳад. Дар баробари ин бо мақсади пуррагардонии ҳайати омўзгорон ва таъмини бонизоми раванди таълим аз дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 16 нафар омўзгорони ботаҷриба ба кор ҷалб карда шуданд. Дар маҷмўъ, аз теъдоди умумии

омӯзгорон, 12 нафарашон дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ мебошанд, ки ин 20%-и ҳайати омӯзгоронро ташкил медиҳад

Инчунин дар соли 2017 тибқи муқаррароти Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар бораи ҳамкорӣ оид ба масъалаҳои сарҳадӣ таҳсили 3 нафар омӯзгорони ҷавон дар заминаи адъюнктураи Академияи сарҳадии Хадамоти федералии амнияти Русия ба нақша гирифта шудааст.

Барои баланд бардоштани савияи донишу таҷрибаи омӯзгорони Донишкада бо дастгирии роҳбарияти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2007 сол шурӯъ карда, то ин ҷониб афсарони Донишкада ба Академияи Ҳадамоти федеролии бехатарии Федералии Руссия равон карда мешаванд.

Дар ин росто, бо мақсади беҳтар намудани сифати машғулиятҳои таълимӣ , расонидани кумаки амалӣ ба омӯзгорони кафедраҳо аз соли 2008-ум инҷониб гурӯҳи мушовирони Қушунҳои сарҳадии Хадамоти федеролии бехатарии Руссия дар Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Дар баробари рушду пешравиҳои ҳамаи соҳаҳои кишвари соҳибистиқлол, таъмини оромиию бехатарии сарҳади давлатӣ дар madди назари масъулини соҳа аҳамияти авалиндараҷаро соҳиб гаштааст. Дар ин маврид Пешвои маҳбуби кишвар Эмомалӣ Раҳмон низ бамаврид таъкид намудаанд, ки "Бехатарии мамлакат аз сарҳад вобастагӣ дорад". Ин суханони Сарвари кишвар ҳар як афсару сарбоз, дар маҷмӯъ, тамоми хизматчиёни Қушӯнҳои сарҳадиро вазифадор менамояд, ки дар ҳимояи марзу буми паҳновари ватани аҷдодӣ устувору қавӣ бошанд.

Имрӯзҳо ҳар як афсару сарбози марзи кишвари маҳбуб қарзи ҷавонмардонаи худро дар назди халқу Ватан адо менамоянд. Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқдидори мудофиавӣ вазифаи муқаддаси конститутсионии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи он вазифаи фахрӣ мебошад.

**АДАБИЁТ:**

1.Бобошароф М. Марзбони Ватан. - Хуҷанд, 2001.
2. Камолов С. Дар ҳифзи марзу буми кишвар. - Душанбе, 2003. 223 С.
3. Оинномаи ДОС КДАМ ҶТ - №60 бих – 2017 С.
4.Раҷабов Ҷ. Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ . - Душанбе, 2015.
5.Ширин Қурбонова. Шаҳомати истиқлол. - Душанбе, 2013. 58 С.
6.Э.Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост. - Душанбе, 2001. 94 С.
7.Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳии Маркази таълимии Қушунҳои саҳадии КДАМ Ҷумурии Тоҷикистон, 1-уми марти соли 2017. №3.
8.Эмомалӣ Раҳмон. Ватани худро дуст доред, қадр кунед ва ҳифз намоед: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо ҷавонони ҷумҳурӣ, 21 майи соли 2005.- Душанбе: Деваштич, 2005.- 47 С.
9.Эмомалӣ.Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат. 20 марти 2009.

**Сафарзода Ш.**

## МУЛОҲИЗАҲО РОҶЕЪ БА ТАЪСИСИ ДОНИШКАДАИ ОЛИИ САРҲАДӢ ВА ТАРБИЯИ КАДРҲОИ СОҲА ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Муаллиф дар ин мақола зарурияти таъсис додани Донишкадаи олии сарҳадиро дар давраи соҳибистиқлолии кишвар возеҳ нишон дода тавонистааст.Мусаллам аст, ки Истиқлолияти миллии кишвари мо барои рушд ва пешравии ҳамаи сохторҳои давлатӣ мусоидат намуд. Ҳифзи сарҳади давлатӣ бошад, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлати соҳибистиқлол арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз,ҳимояи содиқонаву софдилонаи марз зарурияти тарбияи кадрҳои соҳибкасбу соҳибихтисоси соҳаро тақозо менамояд. Таъсис додани Донишкадаи олии сарҳадӣ ва тарбияи кадрҳои соҳибихтисос талаботи давр ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар бораи таъсисёбии сохторҳои идоракунии донишкада, факултету кафедраҳо олимону донишҷуён, усулҳои нави таълими ихтисосҳои омухташаванда маълумоти ҷолиб додааст.

***Калидвожаҳо:*** *сарҳад, ҳифз, марз, Донишкадаи олии сарҳадӣ , Пешво, истиқлолият, давлат, сарҳадбон, кафедра, факултет, курсант.*

**Сафарзода Ш.**

## РАЗМЫШЛЕНИЯ ОБ УЧРЕЖДЕНИИ ВЫСШЕГО ПОГРАНИЧНОГО ИНСТИТУТА И ПОДГОТОВКЕ КАДРОВ В ОБЛАСТИ НЕЗАВИСИМОСТИ

Автору в этой статье удалось наглядно показать необходимость создания Высшего пограничного института в период независимости страны. Бесспорно, что Национальная независимость нашей страны способствовала развитию и прогрессу всех государственных структур. А защита государственной границы оценивается как одна из основных задач независимого государства. Поэтому добросовестная и искренняя защита границы требует необходимой подготовки профессиональных и квалифицированных кадров. Создание Высшего пограничного института и подготовка профессиональных кадров - это требование времени. Автор предоставил привлекательную информацию о создании руководящих структур института, факультетов и кафедр, профессоров и студентов, новых методах преподавания профессий. Следует отметить, что исследования и достижения автора в этом направлении заслуживают похвалы.

***Ключевые слова:*** *граница, защита, территория, Высший пограничный институт, Лидер, независимость, государство, пограничник, кафедра, факултет, курсант.*

**Safarzoda Sh.**

## ARGUMENTS ABOUT THE FORMATION OF THE HIGHER BORDER INSTITUTE AND THE EDUCATION OF BORDER GUARDS IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE

The author in this article was able to clearly demonstrate the need to create a Higher Border Institute in the period of independence of the country. There is no doubt that the national independence of our country contributed to the development and progress of all state structures. And the protection of the state border is estimated as one of the main tasks of an independent state. Therefore, conscientious and sincere protection of the border requires the necessary training of professional and qualified personnel. The creation of the Higher Border Institute and the training of professional personnel is a requirement of the time. The author provided attractive information on the creation of the governing structures of the institute, faculties and departments, professors and students, new methods of teaching professions. It should be noted that the research and achievements of the author in this direction are commendable.

***Keywords:*** *border, defense, territory, Higher Border Institute, Leader, independence, state, border guard, department, faculty, cadet.*

**Сведения об авторе: Сафарзода Шамсиддини Маҳмадраҷаб** – соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образовании Таджикистана; адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 45. Тел: (992) 551007979, Safazodash92@mail.com

**Information about the author: Safarzoda Shamsiddini Mahmadrajab** – post graduate student of the institute for Educational Development named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C Ayni St. Tel: (992) 551007979, Safazodash92@mail.com

Г. СУЛТОНБЕКОВА

# БОЗӢ ҲАМЧУН ФАЪОЛИЯТИ САМАРАБАХШ ДАР ДАРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Забон воситаи муҳимтарин алоқаи гуфтории байни одамон буда, пешравии одамон дар ҷамъият бе вай вуҷуд дошта наметавонад. Забони хориҷӣ дар замони муосир яке аз воситаҳои асосии пешрафту устувории иҷтимоию, иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангии ҷомеъа ба шумор меравад. Мақоми забони хориҷӣ ҳам ҳамчун фанни таълимӣ тағйир ёфтааст. Давлат ва ҷомеъа имрӯз бештар ба шахсоне ниёз доранд, ки амалан забони хориҷиро озодона истифода мекунанд. Аз ин сабаб забони хориҷӣ дар нақшаи таълимии муассисҳои таълимӣ ҳамчун фанни асосӣ ҷойгузин шудааст ва таълими он аз синфи 2 оғоз мегардад. Мақоми калидиро дар байни забонҳои хориҷӣ забони англисӣ касб кардааст.

Дар ин замина омӯзиши ин забони байналмилалӣ пайваста дар мадди назари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Соли 2003 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ» ва «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва ангилисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004- 2010» қабул шуда буд. Вале таҳлилҳо нишон доданд, ки натиҷаҳо дар ин масъала чандон қонеъкунанда нестанд.зарурият ба амал омад, ки қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014- 2020» қабул гардид. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси наяндагони Ҷумҳурии Тоҷикистони соли 2018 такроран таъкид гардид, ки агар хоҳем бо ҷомеаи пешрафти башар қадам гузорем, бояд ба ин масъала эътибори ҷиддӣ диҳем.[4.с.76]

Амалӣ намудани барнома ба сифатан баланд бардоштани сатҳи маърифат ва тавсеаи ҷаҳонбинии наврасону ҷавонони кишвар мусоидат мекунад. Омӯхтани забони англисӣ аввалан заҳмати бевоситаи омӯзорон мебошад. Онҳо муваззаф ҳастанд, ки пайваста дар ҷустуҷӯ ва навоварӣ бошанд ва роҳҳу усули гуногуни интерактивиро истифода баранд, ки он дар навбати худ хонандагонро низ ба омӯхтани забономӯзӣ водор намоянд. Хонандагон бояд ба забони омухташаванда ва фикри худро баён кунанд. Дар мавриди мо омӯзгорон омӯзиши забони англисиро тавре ба роҳ монанд, ки хонандагон бо забони англисӣ сӯҳбат кунанд ва фикри худро озодона баён карда тавонанд Барои инкишоф додани қобилияти фикронии хонандагон мо омӯзгорон бояд аз усулҳо ва роҳҳои гуногуни фаъоли таълим истифода барем.

Вале ҳанӯз на дар дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ корҳои бисёреро барои ҳаллу фасли вазифаҳои муҳимми такмили тадрис ва омӯзиши забони англисӣ ба анҷом расонда шудааст. Талаботи замони муосир ба забономӯзӣ ин технологияи навини таълимро барои баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ ба дараҷаи даркорӣ бояд рушд ва мавриди истифода қарор додан мебошад.

Барои самаранок ва шавқовар омӯзонидани забони англисӣ аз фаъолиятҳои гуногуни интерактивӣ ва бозиҳои гуногуни дидактикӣ истифода бурдан бамаврид аст.[3.с.127]

Бозӣ фаъолияти махсусест, ки аз овони хурдсолӣ сар шуда, инсонро тамоми умр ҳамраҳӣ мекунад. Дар педагогикаи муосир он ҳамчун фаъолияти асосии таълимии хонандагони синни хурд ва миёнаи мактабӣ эътироф шудааст. Дуруст ташкил намудани бозӣ на фақат шакли ташкили ҳаёт ва фаъолияти кӯдак, балки яке аз воситаҳои калидии таълиму тарбия низ ба шумор меравад. Мо чунин мешуморем, ки дар давраи аввали омӯзиши забони англисӣ бозӣ шакли самараноктарини таълим маҳсуб меёбад.

Тавассути бозӣ дар хонандагон шавқу рағбат ба муколама бо забони дигар пайдо мешавад , тарбияи интернатсионалӣ зебопарастӣ , ғановати забони дигар (луғат, калимаҳо, иборахо), нутқи шифоҳӣ, фикронӣ ва салоҳиятнокӣ дар онҳо ташаккул меёбад.

Мо муносибатҳои мухталифро таҳлил карда, таснифоти М.Ф. Стронинаро қобили қабул шуморидем. Стронина дар китоби худ "Бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои забони англисӣ " бозиҳоро ба категорияҳои зерин ҷудо мекунад:

1.бозиҳои лексикӣ ;

2. бозиҳои грамматикӣ ;
3. бозиҳои фонетикӣ ;
4. бозиҳои имлоӣ ;
5. бозиҳои эҷодӣ .

Вобаста ба зарурияти бозиҳои дидактикӣ талаботи зерин гузошта мешаванд:

1. Ҳар як бозии дидактикӣ бояд машқҳоеро барои рушди равонии кӯдакон ва таълими онҳо муфидро доро бошад.
2. Бозии дидактикӣ , бояд вазифаҳои ҷолиберо пешниҳод кунад , ки ҳалли он саъю кӯшиши ақлиро талаб кунад ва баъзе мушкилотро дар худ дошта бошад.
3. Бозӣ бояд шавқовар бошад. Шавқоварӣ ба бозӣ фаъолияти равониро фаъол мекунад, ҳалли мақсади ба миён гузошташударо осон менамояд.
4. Бозӣ бояд шавқу рағбати хонабагонро ба омӯзиш афзун гардонад , хонандагонро барои иҷрои супориш ҳавасманд намояд, ба ташкили муошırати онҳо мувофиқ бошад хубтар кунад;
5. Шартҳои бозиро бояд тамоми гурӯҳ қабул кунад. (3)

Бозиҳои дидактикӣ ба ташаккули малакаҳои лексикӣ мусоидат мекунанд. Тавассути машқҳои мақсадноки банақшагирифташуда таваҷҷӯҳи кӯдакон ба дарс дучанд мегардад.

Масалан, ҳангоми луғатомӯзӣ дар мавзӯи «Либос» дар синф «мағоза» пайдо мешавад. Дар мағоза намудҳои гуногуни либос мавҷуданд ва шумо метавонед харидорӣ намоед .

Хонандагон ба "мағоза" меоянд ва чизҳои заруриро мехаранд:

P1: Good morning!
P2: Good morning!
P1: Have you a red blouse?
P2: Yes, I have. Here it is.
P1: Thank you very much.
P2: Not at all.
P1: Have you a warm scarf?
P2: Sorry, but I haven't.
P1: Good-bye.
P2: Good-bye.

Ҳангоми гузаронидани бозиҳои дидактикӣ ман аз асбобҳои аёнӣ истифода мекунам. Фарз кардем, суратеро интихоб мекунам , ки вазъияти мушаххасро ифода мекунад. Ба хонандагон супориш дода мешавад , ки нақши қаҳрамонони тасвиршударо мутобиқи вазъи дар он овардашуда бозӣ кунанд.

Масалан муколамае, ки бачаҳо дар тасвири "Субҳона" (қаҳрамонон - бибияву набераҳо) тартиб додаанд:

G: Igor, get up darling. It's already 10 o'clock
I: All right, Granny. I'm getting up.
G: Make your bed, then wash your face and hands and have breakfast.
I: First, I must do my morning exercises, Granny.
G: All right, dear.

Албатта, на ҳамаи волидон бо талаботи Стандарти давлатии таҳсилот ва қонун «Дар бораи маориф» шиносанд, бинобар ин, онҳо аз кори мактаб қаноатманд нестанд, хусусан бисёри падару модарон бар он ақидаанд, ки «пеш моро бо дигар тарз таълим медоданд» ва фаҳмиши онҳо дар бораи фаъолияти мактаб якҷоя бо таҷрибаи ҳаётиашон метавонад мувофиқат кунад.

Воситаи дуюм ва хеле муҳим барои ҳамкории байни волидон ва мактаб ин рӯзномаи электронӣ мебошад, ки на танҳо иттилоотро дар бораи баҳоҳои гирифташуда, балки дар бораи омӯхтани мавзӯъҳои дарсӣ, супоришҳои хонагӣ (одатан муаллим бештар худаш супоришҳои хонагиро шарҳ медиҳад) дода метавонад ва инчунин омӯзгор имконият дорад, ки тавассути рӯзномаи электронӣ шахсан ба волидони ҳар як хонанда дар бораи вайронкунии интизом, иҷро накардани вазифаҳои хонагӣ , даъват намудан ба мусоҳиба ва бараъкс ба таври мусбат қайд кардани амалиёти хонандаро нишон диҳад.[10.с.77]

Дар робита ба ин, ба роҳбари синф илова ба муоширати шифоҳӣ зарур аст, ки аз воситаи алоқаи мобилӣ ва паёмаки рақамӣ (почтаи электронӣ ) истифода барад. Мактабҳо ин мушкилотро бо роҳҳои гуногун ҳал менамоянд. Дар баргузор намудани аксар ҷаласаҳои волидон, ки барои ташкил намудани кори маърифатпрварии байни волидон, бо дарназардошти тамоми имкониятҳо бо истифода аз воситаҳои электронӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин барои волидон ва фарзандони онҳо конференсияҳои фосилавӣ гузаронида мешаванд. Намуди ҳолиби иртиботӣ ин рӯзномаи электронӣ мебошад, ки ҳамчун маҳсули фаъолияти муштараки роҳбари синф, кумитаи волидон ва хонандагон ба шумор меравад.

Бо вуҷуди ҳамаи мушкилот истифодаи технологияи иттилоотӣ дар ҳамкорӣ бо волидон дорои бисёр ҷиҳатҳои мусбат низ мебошад:

• Дастрасии фаврӣ ба маълумоти зарурӣ дар бораи фаъолияти мактаб, омӯхтани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ғайра.

• Тамошои маводи видеоии гуногун, суратҳо, шиносоӣ бо дастовардҳои мактаб ва шахсии хонандагон.

• Мустаҳкам намудани муносибати зичи ҳамкориҳои оила ва мактаб дар раванди таълим.

Омӯзиши техника ва технология дар шароити ҳозира талаб менамояд, ки бояд хонандагонро бо қонунҳои табиат, ҷамъият ва бо талаботи умумии илми ҳозиразамон шинос намуда, афкори илмию техники онҳоро инкишоф дода, донишу маҳорати эҷодкории эшонро баланд бардорем ва бо малакаҳои истифодаи донишҳои амалӣ пайваст намоем.

Ҳамин тариқ дониши андӯхтаи мактаббачагон ба фаъолияти амалӣ , ба меҳнати фоиданоки сермахсули ҷамъиятӣ ва барои пурра зоҳир гардидани қобилиятҳои эҷодии онҳо мусоидат мекунад. Ин натанҳо ба сифати баланд бардоштани кори таълиму тарбия дар мактаб кӯмак мекунад,балки барои дар хонандагон ташаккул додани сифатҳои маънавии шахсият низ ёрӣ мерасонад.

Барои расидан ба ин ҳадаф мо бояд насли наврасро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ , худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намуда, онҳоро бештар ба омӯхтани илму технологияи муосир раҳнамун созем, то ки шахси соҳибилм ва озодандешро тарбия намоем.

Дар хотима бояд қайд намоем, ки дар замони муосир технологияи иттилоотӣ барои ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни оила ва мактаб нақши аввалиндараҷаро иҷро мекунад ва инчунин дорои имконоти бузурги сарчашмаи захираҳои фаровон буда, барои рушди муносибати байни омӯзгорону волидон ва ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ:**

1.Апатова Н.В. Информационные технологии в школьном образовании.-М,Школа-Пресс,2002.

2.Горц.Н.А Применение информационных технологии на уроках. Материалы конф. « Школа и компьютер» - М,-2004.

3.Қодирова Қ.Д. Тарбияи меҳнатии ҷавонон.-Душанбе 1988.

4.Лутфуллоев М. Шарафномаи миллат.- Душанбе, «Сарпараст», 2003.

5.Маҳмадшарифи Рустам. Ҷавонон, технология ва асри XXI.- Душанбе-2009.

6.Новые педагогические и информационные технологии в системе образования (под ред. Е.С.Полат) - М., "Академия", 1999, 224С.

7.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Душанбе: “Шарқи озод”. 2018, 48 С.

8.Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ.- Душанбе ,2010,545С.

9.Шмелев. А Детская болезнь компьютерного всеобуча – Информатика и образование, - М,1996.

10. Отахонов М. Тайёр кардани муаллимони фанҳои умумитехникӣ.

11. Эмомалӣ Раҳмон. Донишу маърифати техникӣ-таконбахши рушди маориф. – Душанбе - 2009.

**Мирбобоева Б.**

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТИИ МУОСИР ДАР ТАШКИЛИ ҲАМКОРӢ БАЙНИ ОИЛА ВА МАКТАБ

Дар мақола муаллиф нақши технологияи иттилоотии муосирро дар робита ба ҳамкории мактаб ва оила дар ҷомеаи навин яке аз масъалаҳои муҳими ҳалли мушкилоти раванди таълим нишон дода, дар шаротити кунунӣ онро талаботи замон меҳисобад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа ҳадафи муҳимми таҳсилот ин фароҳам овардани шароит барои иҷтимоигардонидани бомуваффақияти хонандагон мебошад. Бинобар ин, дар ин мавзӯъ шарик ва ҳамфикр будани омӯзгорону волидонро муҳим мешуморад, зеро ҳамаи мушкилоти онҳо дар ҳамкорӣ ҳал мегардад.Ӯ қайд менамояд, ки яке аз вазифаҳои асосии муассисаи таълимии муосир ба вуҷуд овардани муҳити созанда дар асоси ҳамкории фаъоли гурӯҳҳои педагогӣ ва волидон

мебошад, ки ҳамчун шарикони баробарҳуқуқ барои рушди фарҳанги педагогии волидон мусоидат мекунад.

Тараққиёт ва пешрафти ҷаҳони муосир, ки бо раванди ҷаҳонишавии илму техника ва фазои иттилоот алоқаи зич пайдо намудааст, ба ташаккулёбии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон таъсири зиёд расонида метавонад. Дар ҷаҳони муосир илму маориф ҳамчун сарчашмаи бунёди пешрафти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки насли наврасро ҳамчун созандаи ҷомеаи навин ва ҳамқадами замон парвариш диҳем.

***Калидвожа:*** *технологияи иттилоотӣ, ҳамкорӣ, ҷомеаи навин, омӯзгорон, волидон, талаботи замон, мушкилот, баробарҳуқуқ, падару модарон, фазои иттилоотӣ.*

**Мирбобоева Б.**

## РОЛЬ СОВРЕМЕННЫХ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОРГАНИЗАЦИИ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ МЕЖДУ СЕМЬЕЙ И ШКОЛОЙ

В статье автор демонстрирует роль современных информационных технологий во взаимодействии школы и семьи в новом обществе, являющиеся одним из важнейших вопросов в решении образовательного процесса. Автор отмечает, что на современном этапе развития общества важной задачей образования является создание условий для успешной социализации учащихся. Поэтому для учителей и родителей важно быть партнерами в этой теме и решать все свои проблемы в сотрудничестве. Автор также отмечает, что одной из основных задач современного образовательного учреждения является создание конструктивной среды, основанной на активном сотрудничестве педагогических групп и родителей, которые будут служить равноправными партнерами для развития педагогической культуры родителей.

Развитие и прогресс современного мира, который тесно связан с процессом глобализации науки, техники и информационного пространства, может оказать большое влияние на формирование детей, подростков и молодежи. В современном мире наука и образование рассматриваются как источник экономического и социального прогресса общества. Поэтому мы должны воспитывать молодое поколение как создателя нового и современного общества.

***Ключевые слова:*** *информационная технология, взаимодействия, новое общество, учителя, родители, требование времени, проблемы образовательного процесса, взаимное обучение, педагогическая культура родителей, формирование детей, социальные сети, электронный дневник, телефонная связь.*

**B. M. Mirboboeva**

## THE ROLE OF MODERN INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE ORGANIZATION OF INTERACTION BETWEEN FAMILY AND SCHOOL

In the article the author demonstrates the role of modern information technologies in the interaction of school and family in the new society, which are one of the most important issues in solving the educational process, and considers it a modern requirement. The author notes that at the present stage of development of society an important task of education is to create conditions for successful socialization of students. Therefore, it is important for teachers and parents to be partners in this topic and solve all their problems in cooperation. She notes that one of the main tasks of a modern educational institution is to create a constructive environment based on active cooperation of pedagogical groups and parents, who will serve as equal partners for the development of pedagogical culture of parents.

The development and progress of the modern world, which is closely linked to the globalization of science, technology and the information space, can have a great impact on the formation of children, adolescents and young people. In the modern world, science and education are considered as a source of economic and social progress of society. Therefore, we must educate the younger generation as the Creator of a new and modern society.

***Key words:*** *information technology, interaction, new society, teachers, parents, demand of time, problems of educational process, mutual training, pedagogical culture, information space, globalization of science and technology, formation of children, social networks, electronic diary, telephone communication.*

**Сведения об авторе**: **Мирбобоева Б.М**. - заведующая отделом изучения вопросов малокомплектных школ Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана *E-mail:* mirboboeva 61@mail.ru; **тел:** 992939236452.

**Information about the author:** Mirboboeva B.M. - Head of the department of studying the issues of small schools Institute of Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni 45. E-mail: mirboboeva 61@mail.ru; Tel: 992939236452

С. НУРАЛИХОНЗОДА

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТИИ ХОНАНДАГОН

Асосҳои педагогии фаъолияти меҳнатии инсон аз замонҳои қадим то ба имрӯз аз тарафи олимони барҷаста таҳқиқ гардида истодаанд. Қариб 3000 сол пеш Зардушт дар китоби муқаддаси "Авасто" меҳнатро сарчашмаи ҳамаи сарватҳо медонист. Он нақшу аҳамияти меҳнати кишоварзон, боғпарварон ва чорводоронро махсус таъкид намудааст. Дар китоби «Авесто» гуфта шудааст: Ба шарофати меҳнат на танҳо кишвар обод мешавад, балки худи инсон низ инкишоф меёбад.

Дар "Авасто" нақшу аҳамияти меҳнати ҳалол махсус таъкид мегардад. Мувофиқи таълимоти зардуштия, сарвате, ки танҳо бо меҳнати ҳалол ба даст омадааст, моликияти соҳиби он эътироф шуда метавонад. Одамоне, ки аз ҳисоби меҳнати дигарон рӯз мегузаронанд, ҳуқуқи зиндагӣ кардан надоранд. Тибқи таълимоти зардуштия, дар тарбияи инсони меҳнатдӯсту ҳалолкор оила нақши зиёд мебозад. Аз ин рӯ, дар "Авасто" масъулияти якҷояи зану шавҳар дар тарбияи фарзанди ҷисман солим, дорои ақли расо, ҳалолкор, меҳнатдӯст, ҷасуру далер ва фаъоли ҷамъият хоса зикр мегардад. [1.с.175]

Ақидаҳо дар бораи меҳнат ва аҳамияти тарбиявии он, ки дар "Авасто" баён шудаанд, дар таълимоти дигар динҳои асосии ҷаҳон – ислом ва насроният низ таҷассум меёбанд.

Дар муддати давраи тӯлонии таърихӣ мутафаккирони зиёд, маорифпарварони айёми гузашта ва педагогҳои замони имрӯза ба меҳнат чун воситаи худшиносии инсон диққат медоданд. Ин ба он вобаста аст, ки рушди ҷамъият бештар ба тайёрии меҳнатии насли ҷавон вобастагӣ дорад.

Дар асрҳои миёна дар Шарқ ақидаҳои ташаккули инсон тавассути меҳнат аҳамияти хосса касб мекунанд. Бо ин ақидаҳо вобастагии бевоситаи сифати ҳаёт ба меҳнати якҷояи одамон ва зарурати иҷрои уҳдадориҳои муайян тасдиқ мегарданд. Принсипи ҳастии инсон ва такмили хислати ӯ низ тавассути меҳнат амалӣ мешавад.

Дар эҷодиёти сардафтари адабиёти классикии тоҷик Абӯабдулло Рӯдакӣ , офарандаи достони бузурги "Шоҳнома" Абулқосим Фирдавсӣ , файласуфи маъруфи Шарқ, шоир ва ҳакими донишманд Абӯали ибни Сино, шоир Носири Хусрав, устодони бузург Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, олим ва маорифпарвар Аҳмади Дониш масъалаи тарбияи меҳнатии инсон мавқеи марказиро ишғол намудааст.

Дар Аврупои Ғарбӣ ақидаи тарбияи меҳнатӣ бори аввал дар эҷодиёти асосгузори сотсиализми хаёлӣ Томас Мор (дар асари "Хаёлпарастӣ ", 1516, Англия), Томмазо Кампанелла (дар ҳикояи "Шаҳри офтоб", Италия) ва Роберт Оуэн ("Дар бораи ҷаҳони нави маънавӣ ", Англия) таҷассум ёфтааст. Дертар ин мавзӯъ мавриди таваҷҷуҳи хосаи мутафаккирони Ғарб, ба мисли Жан Жак Руссо (дар роман-рисолаи "Эмил, ё дар бораи тарбия", 1762, Франсия) ва Иоган Генрих Песталотсӣ (дар асарҳои "Дар бораи тарбияи ҷавонони камбағалӣ деҳотӣ " ва "Лингард ва Гертруда", 1787, Швейсария) қарор гирифт.

1.Дар асри XVIII дар бораи нақшу аҳамияти тарбияи меҳнатии инсон дар ҷамъияти Россия М.В. Ломоносов дар асарҳои худ "Роҳнамои мухтасари суханварӣ ", "Дар бораи манфиати химия", "Аз номаҳо ба Г.Н. Теплов" ва А.Н. Радищев ("Саёҳат аз Петербург ба Москва", 1790, "Таҷриба дар бораи қонунгузор", "Дар бораи Ломоносов") ва дигарон андеша баён намудаанд. Мавзӯи тарбияи меҳнатӣ дар эҷодиёти инқилобгароёни демократи рус ва педагогҳои маъруф Н.Г. Чернышевский ("Меҳнат – талаботи ҳаёт", "Гуногунии машғулиятҳо неруи ақлро меафзояд", "Чӣ бояд кард"), Н.А. Добролюбов ("Меҳнати озод – талаботи инсон", "Инкишофи табиии инсон бинобар фаъолияти ҷисмонӣ ва фикрии ӯ", "Роберт Оуэн ва кӯшишҳои ислоҳоти ҷамъиятии ӯ"), Д.И. Писарев ("Мактаб ва ҳаёт"), К.Д. Ушинский ("Аҳамияти психикӣ ва тарбиявии меҳнат") ва дигарон ҷойгоҳи хосса дорад. Омӯзиши асарҳои дар боло номбаршуда ва таҳлили таълифоти минбаъда дар мавзӯи таълиму тарбияи меҳнатӣ нишон медиҳад, ки оид ба масъалаи бунёди мактаби ягонаи техникаи меҳнат ва тақсими он ба ду зина андешаҳо ҳамсон нестанд. Чунончи, агар баъзе муҳаққиқон зарурати тақсими мактабро ба зинаҳо (зинаи якум – таҳсилоти умумӣ , зинаи дуюм – таҳсилоти касбӣ ) ба ҳар тарз асоснок намуда бошанд, муҳаққиқони дигар ба чунин тақсим зид буданд. Масалан, Н.К. Крупская

ба касбомӯзии барвақтии кӯдакон дар синни 15 андешаи зид баён намуда, онро зараровар гуфтааст: “Кӯдакро аз хурдсолӣ ба омӯзиши ин ё он касб одат кунондан ба ошкор намудани қобилиятҳои эҷодии ӯ ва инкишоф додани ин қобилиятҳо халал расонда, имкониятҳои маънавии ӯро ба нестӣ мебарад”. (7: Т. 1. - С. 43. )

Набудани боварии пурра ва муносибати ягона ба ташкили таълиму тарбияи меҳнатии насли наврас, ниҳоят, ба он боис гардид, ки таълиму тарбияи меҳнатӣ дар солҳои 60-уми асри XX бо мафҳуми барои мактаб бегона – тайёрии меҳнатӣ иваз гашта, миёнаи солҳои 80-уми асри XX таҳти номи “Таълими тахассусӣ ” хонандагонро пурра ба коргарон ё ба “мошинҳои иловагӣ ” табдил дод.

Аммо бояд эътироф намуд, ки дар давоми солҳои ҳукумати Шӯравӣ кӯшишҳои паиҳами бозгашт ба ақидаҳои файласуфони он замон дар бораи мактаби ягонаи техникаи меҳнат анҷом дода мешуданд, вале ин ҳама кӯшишҳо муваффақият наёфтанд. Охирин чунин кӯшиш дар иҷлосияи XXVII ҲКИС сурат гирифт, вале ба сабаби тағйироти иҷтимоию сиёсие, ки ба сукути ИҶСС боис гашт, қарори қабулкардаи иҷлосия дар бораи гузаштан ба мактаби ягонаи техникаи меҳнат дар рӯйи коғаз боқӣ монд. [4.с.33,34]

Бо вуҷуди ин, таълиму тарбияи меҳнатии насли ҷавон ҳамеша мавриди назари олимони педагог буд. Дар давоми солҳои ҳукумати шӯравӣ барои ҳалли ин масъала теъдоди зиёди китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ ба нашр мерасиданд, таҷрибаи мактабҳои пешқадами кишвар дар мавриди ташкили таълиму тарбияи меҳнатии хонандагон ҷамъбаст мегардид, корҳои илмӣ ҳимоя карда мешуданд, қарорҳои ҳизб ва ҳукумат қабул мегардиданд, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва фармонҳои Вазорати маорифи ИҶСС интишор меёфтанд.

Таҳлили асарҳо оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи меҳнатӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо муаллифон ба мазмун ва усули ташкили тарбияи меҳнатӣ , инъикоси масъалаҳои назария ва амалии тарбияи меҳнатӣ , самтҳои асосии фаъолияти меҳнатӣ , ҷамъбасти таҷрибаи андӯхта оид ба ҷалби хонандагон ба меҳнати фоидаовари ҷамъиятӣ , масъалаҳои ташаккули муносибати мусбати хонандагони синфҳои болоӣ ба меҳнат ва ғ. диққат медиҳанд. Дар маҷмӯъ ин асарҳо ҳолати умумии фаъолияти мактаби Шӯравиро вобаста ба таълиму тарбияи меҳнатии хонандагон дар рӯҳияи талаботи замон ошкор менамоянд.

Ҳамзамон, бояд гуфт, ки дар аксари асарҳои баррасигардида таҳлили амиқу ҳаматарафаи камбудиҳои ташкили таълиму тарбияи меҳнатӣ ба назар намерасад ва сабабҳои пайдошавии ин камбудиҳо мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Дар асарҳои алоҳида, ҳарчанд баъзе камбудиҳои ҷиддӣ ошкор гардида бошанд ҳам, вале амалан маводи инъикоскунандаи тамоюлҳои ғалат дар рушди мактаби ягонаи техникаи меҳнат, кӯшишҳои роҳбарони алоҳидаи кишвар ҷиҳати тобеъ гардондани ҳамаи кори мактаб ба вазифаҳои истеҳсолот ва пурра даст кашидан аз таълиму тарбияи меҳнатӣ дар мактаб ба назар намерасад.

Дар аксари ин асарҳо масъалаи муносибати хонандагонагон ба меҳнати истеҳсолӣ баррасӣ нашудааст, сабабҳои набудани таваҷҷуҳи онҳо ба меҳнат ва таҳсил, камфаъолиятии иҷтимоию ҷамъиятии онҳо, надоштани маҳорати татбиқи донишҳои назариявӣ дар амалия ва ба ҳаёти мустақилона тайёр набудани онҳо ошкор нагардидаанд. Масъалаи ташкили асосҳои фаъолияти меҳнатии ҷавонон дар шароитҳои бозор ва нақши он дар ташаккули шахси фаъоли иҷтимоӣ дар ин асарҳо умуман мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст. Ин масъала ба сабабҳои маълум дар давраи шӯравӣ таҳқиқ нагардид ва, аз ин рӯ, мавзӯи таҳқиқоти махсуси монографӣ аз тарафи бархе олимон таҳқиқ гардид, на ҳама паҳлуи ҳалли максъаларо ёфта тавонист.

Ҳамаи асарҳои баррасигардида моҳиятан ҷавобгӯи талаботи қарорҳои ҳизб ва ҳукумат оид ба тайёрии меҳнатии хонандагон таҳия гардида, рӯҳияи замони худро пурра таҷассум менамуданд. Самти умумии ақидавии ин асарҳо ситоиши қарорҳои “оқилона”-и ҲКИС ва ҳукумати Шӯравӣ, “ғамхорӣ ” дар бораи маорифи халқ ва “матонат”-и меҳнатии насли наврасро дар бар мегирифт. Ба ҳамаи онҳо як камбудии умумӣ хос буд: аврупогароӣ . Дар онҳо нақши Шарқ ҷиҳати муайян намудани нақшу аҳамияти меҳнат ва тарбияи меҳнатӣ дар инкишофи инсон ва ҷамъият дар маҷмуъ сарфи назар мегардад.

Дар шароити нав, вақте иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар принсипҳои нави бозорӣ бунёд мегардад, тарбияи ҳаматарафаи кормандони фаъолу кордон аҳамияти хосса касб

мекунад. Ин кормандон зуд ва самаранок тахассуси навро аз худ намуда, ба вазъиятҳои гуногуни истеҳсолӣ мутобиқ шуда метавонанд. Дар тайёр намудани чунин кормандон мактаби ягонаи таҳсилоти умумии техникаи меҳнат бояд бештар саҳмгузор бошад. Ин мактаб ҳамаи соҳаҳои ҷумҳуриро бо мутахассисони соҳибмаълумот ва соҳибкасб таъмин карда тавонад. Аммо ҳолати ҳозираи иқтисод ва фаъолияти низоми маориф ҷиҳати таъмини иҷрои вазифаҳои тарбияи меҳнатии хонандагон ва таъмини соҳаи иқтисод бо кадрҳо аз суръати хеле пасти ислоҳоти соҳаи маориф далолат медиҳад. Ин ҷиҳатро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар мулоқот бо зиёиён (19 марти соли 1997) қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, № 373 "Дар бораи Қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ , такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор" аз вазорату идораҳои дахлдор талаб карда буданд, ки азнавташкилдиҳии низоми маориф мувофиқи шароитҳои замони муосир ва сатҳи зарурии қонеъгардонии талаботи иқтисод ба кадрҳо таъмин карда шавад. Баъдан барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (минбаъд - Барнома) дар асоси моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамои давлатӣ , консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010, № 499 "Дар бораи Консепсияи раҳнамоии касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", таҳия гардидааст. [7.с.16-20]

Татбиқи Барномаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки ташкили таъмини иҷтимоиву иқтисодии самти роҳнамоии касбӣ ва аҳамияти ҷамъиятиву давлатии онро дар марҳилаи имрӯза фаро гирад ва сиёсати ягонаи давлатиро дар ин самт амалӣ гардонад. Инчунин мазмуни тарбияи меҳнатӣ , интихоби касб ва роҳнамоии касбии ҷавонон мувофиқи талаботи бозори меҳнат тағйир ёфта, бо усулу тарзҳои истифодаи технологияи муосир, ки барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси рақобатпазир ба бозори меҳнат мусоидат менамояд, шиносоӣ пайдо кунанд.

**АДАБИЁТ:**

1.Авеста. Перевод с авестийского и комментарии проф. Адиб. Стеблин Коменского (избранные гимны). [Текст]/ Авеста. – Душанбе: 1990. – 175С.
2.Атутов П. Р. и др. Роль трудового обучения в политехническом образовании школьников. - М., 1985. - С. 92-93.
3.Атутов П. Р. Соединение обучения с производительным трудом - ведущий принцип общеобразовательной школы //Советская педагоги- ка.-1984.-Н3.-С.14.
4.Ахмедова М.С. Педагогические основы народной педагогики в формировании профориентации //Материалы научно-практической конференции "Проблема воспитания в народной педагогике". - 1998.- 27-28 мая. - С.33-34.
5.Ахмедова М.С. Научные основы подготовки школьников к выбору профессии //Материалы научно-практической конференции: Сб. научных трудов. - 2000, 25-26 октября. - С.13-15.
6.Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020
7.Крупская Н. К. К закону о политехнизации. //Собр. соч. - М., 1949. - Т. 1. - С. 43.
8.Крылов Н.И. Профориентация как проблема специальной организаторской и нравственной подготовки молодежи //Проблемы профориентации и профконсультации в школе. - М.: Просвещение, 1969.
9.Макаренко А. С. О воспитании. -М., 1990. - С. 115.
10.Мадьковская Т.Н. Труд как фактор воспитания социальной активности школьников. - 1983. - С.35.
11.Ушинский К.Д. Полн. собр. соч. - М.: АПН РСФСР. - Т.9.-С. 117-118.
12.Ушинский К.Д. Труд в его психическом и воспитательном значении //Собр. соч. - М., 1948. - Т. 2. - С. 34.

**Нуралихонзода С. Н.**

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақолаи мазкур таҳқиқоти олимон ва файласуфон доир ба асосҳои педагогии фаъолияти меҳнатии инсон аз замонҳои қадим то ба имрӯз тавсиф гардидааст. Бахусус тарбияи меҳнатии

хонандагон дар китоби "Авесто", эҷодиёти классикони тоҷику форс, асарҳои педагогони машҳур, таҳқиқи ин масъала дар даврони Шӯравӣ тавсиф гардид. Инчунин татбиқи баъзе паҳлуҳои ташаккули фаъолияти меҳнатии хонандагон зимни таҳияи барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 равшан гардидааст.

***Калидвожаҳо:*** *зардуштиён, файласуфон, фаъолияти меҳнатӣ, замонҳои қадим, тарбияи меҳнатии*

**Нуралихонзода С. Н.**

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ ТРУДОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ

В данной статье рассматриваются исследования учёных и философов о педагогических основах трудовой деятельности человека с давних времён до сегодняшнего дня. Особенно трудовое обучение учащихся было отражено в книге зароастрийцев «Авесто», в творчестве классиков таджикско-персидской литературы, произведениях выдающихся педагогов, исследованиях этого вопроса в советское время. А также реализация некоторых сторон формирования трудовой деятельности учащихся освящены в процессе разработки программы развития профессионального руководства в республике Таджикистана для 2016-2020 года

***Ключевые слова:*** *Зароастрийцев, философ, трудовой деятельности, давних времён, трудовое обучение*

**Nuralikhonzoda S.N.**

## PEDAGOGICAL FOUNDATION OF THE FORMATION OF LABOR ACTIVITY OF STUDENTS

This article discusses the research of scientists and philosophers around the pedagogical foundation of human labor from ancient times to the present day. Especially labor training of students was reflected in the book of Zoroastrians "Avesto", in the work of the classics of Tajik-Persian literature, works of outstanding teachers, research on this issue in Soviet times. As well the implementation of some aspects of the formation of labor activity of students consecrated in the process of developing a program for the development of professional leadership in the Republic of Tajikistan for 2016-2020.

***Key words:*** *Zoroastrians, philosopher, labor activity, ancient times, labor training.*

**Сведения об авторе: Нуралихонзода Саодат Нуралихон** - ассисент кафедры языков Таджикиского государственного университета коммерции индекс- 734024 г. Душанбе, улица Деҳоти 1/2 , E-mail: nuralikhonzoda 81@ mail.ru. Телефон 227-05-13 +(992) 985788514,

**Information about the author: Nuralikhonzoda Saodat Nuralikhon -** the assistant of the Department of Languages of Tajik State University of Commerce, index – 734055 Dushanbe, Dehoti st.,1\2, E-mail: nuralikhonzoda 81@mail.ru. Phone:227-05-13;+992985788514.

Д. РАҲМОНОВА

# ОМИЛҲОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Шароити муосири зиндагӣ ба инкишофи зеҳнӣ ва шахсии насли наврас, дараҷаи ташаккулёбии дониш, маҳорат ва малакаҳои муайян, дараҷаи инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ талаботи баланд мегузорад.

Ҳаҷми донишҳое, ки хонанда бояд аз бар намояд, ҳамасола афзун мегардад ва маҷмӯи донишҳое, ки дар чаҳорчӯбаи барномаи таълимии мактаб ба хонанда омӯзонида мешавад, барои ҳалли муаммоҳои ҳаётӣ истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ, зарурияти ҳанӯз аз зинаҳои аввали таҳсил дар хонандагон инкишоф додани қобилияти зеҳнӣ ба миён меояд.

Равандҳои маърифатӣ: идрок, диққат, тасаввурот, хотир, тафаккур, нутқ ҳамчун унсурҳои асосии фаъолияти инсон шинохта шудаанд. Барои қонеъ намудани талабот, муоширати намудан, бозӣ кардан, таълим гирифтан ва меҳнат кардан инсон бояд олами берунаро дарк намояд, тасаввур созад, ки кадом корҳоро бояд анҷом диҳад, ахборро дар хотир нигоҳ дорад, дар бораи муаммо андеша намуда, фикрашро баён намояд.

Аз ин рӯ, бе рушди равандҳои маърифатӣ фаъолияти инсон ғайриимкон буда, ин равандҳо дар рафти фаъолият ташаккул меёбанд ва намудҳои махсуси фаъолиятро ташкил медиҳанд.

Инкишофи қобилиятҳои умумӣ рушди равандҳои маърифатии шахс: идрок, тафаккур, тасаввурот, хотирро таъмин менамоянд.

Барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дараҷаи муайяни чунин қобилиятҳои зеҳнӣ ба монанди хотир, идрок, тасаввурот, тафаккур, нутқ хос буда, ин қобилиятҳо ба дараҷаҳои гуногун – таълимӣ ва эҷодӣ ҷудо карда мешаванд. [5,370]

Ба ақидаи Векслер Д. "Зеҳн ин қобилияти нотакрори боақлона рафтор намудан, оқилона фикр рондан ва аз муаммоҳои гуногун одилона баромадан мебошад." Ба ақидаи мо, ӯ зеҳнро ҳамчун қобилияти мутобиқшавии инсон ба муҳити атроф дида баромадааст.

Истилоҳи "зеҳн", ки дар асри XVI аз забони лотинӣ ба забонҳои муосир гузаштааст, маънии қобилияти фаҳмида гирифтанро ифода менамуд. Имрӯз ба истилоҳи «зеҳн» фаҳмишҳои нисбатан васеътарро насб менамоянд.

Самти асосии инкишофи неруи ақлии инсон вусъати сифатҳои маънавӣ, хусусиятҳои фардӣ, тахассусӣ, касбӣ ва ҳамгироии онҳо мебошад. Вале инро набояд ба маънои инкишофи ҳаматарафа фаҳмид, балки маълумотнокию маърифатнокӣ, қобилияту фаъолиятнокии хар як шахс дар ҳалли муаммоҳои зиндагӣ, бо шуурона интихоб намудани касб, вобаста ба шароит ва дараҷаи комёбиҳои илму техника ҳаматарафа аз худ намудани тахассуси худ, омӯхтан ва эҷодкорона истифода бурдани таҷрибаи пешқадам фаҳмидан лозим аст.

Ба инкишофи неруи ақлии инсон табиат ва психология, тозагии хун, покии ботин ва зоҳир ва инчунин шуғли он ҳам таъсир мерасонад. Мардуми тоҷик аз қадимулайём ба заминдорӣ, маориф, илму фарҳанг, китобу қалам, хунармандӣ машғул аст. Ҳамаи ин боиси равнақи ақлу зеҳн гардидааст. Бо вуҷуди он тарбия ва ҳифзи чунин ақл умдатарин вазифаи соҳиби ақл, давлат ва ҷомеа мебошад.

Масалан, равоншиноси америкоӣ Фримен **Дж**. назарияеро пешниҳод намудааст, ки мувофиқи он зеҳн аз 6 ҷузъи таркибӣ иборат мебошад:

1. Қобилияти иҷрои амалҳои рақамӣ
2. Захираи луғавӣ
3. Кобилияти дарк намудани фарқи байни фигураҳои геометрӣ
4. Нутқи фасеҳу равон
5. Қобилияти таҳлил намудан
6. Хотир [6,47-48]

Зеҳн ҳамчун омили асосии қувваи фикрӣ баромад менамояд. Олим Спирмен нишон додааст, ки муваффақият дар фаъолияти фикрӣ аз омилҳои умумиву қобилиятҳои умумӣ вобастагӣ дорад. Ба фикри мо, ҳар як инсон дорои қобилиятҳои зеҳнии муайян буда, дараҷаи инкишофи қобилияти зеҳнии ӯ аз он вобаста аст, ки то кадом дараҷа инсон ба муҳит мутобиқ гардидааст.

Инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ дар бисёр маврид аз омилҳои генетикӣ, омилҳои ирсӣ ва норасоиҳои хромосомавӣ вобастагӣ дорад. Муносибати ҳиссии кӯдак бо модар ва наздикону пайвандон аз рӯзи таваллуд дар инкишофи зеҳнии ӯ нақш ва аҳамияти калонро доро мебошад. Байни инкишофи зеҳнии кӯдак ва имконияти муоширати вай бо калонсолон дар муддати тӯлонӣ алоқамандии зич вуҷуд дорад, яъне, чӣ қадаре, ки кӯдак аз муошират бо калонсолон маҳрум бошад, ҳамон қадар аз ҷиҳати зеҳнӣ суст инкишоф меёбад.

Ҳамчунин, дар инкишофи зеҳнии кӯдак метод ва воситаҳои таълим, ки дар рушди қобилиятҳои зеҳнӣ истифода карда мешаванд, нақши муҳим мебозанд.

Мутаассифона, ҳоло ҳам воситаҳои анъанавии таълим аз додани ахбор ва маълумот ба кӯдак таркиб ёфта, ба ташаккули қобилияти зеҳнӣ, заковат ва имкониятҳои эҷодии кӯдак кам аҳамият дода мешавад.

Ҳолати мутобиқшавии зеҳн аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза омилҳои зерин ба инкишофи зеҳнӣ таъсир мерасонанд:

1. Аҳволи иҷтимоии оила, ки бо нобаробарии иқтисодиву маданӣ дар ҷамъият, хусусиятҳои этникиву ахлоқии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ алоқамандӣ доранд.
2. Хусусиятҳои ғизогирии кӯдак. Дар таркиби ғизо мавҷуд будани витаминҳо ва микроэлементҳое, ки дар рушди зеҳнии кӯдак нақш мебозанд.
3. Аз ҷиҳати психологӣ ҳавасманд намудани фаъолии зеҳнии кӯдак аз тарафи калонсолон.
4. Бисёрфарзандӣ дар оила.

Асоси қобилияти зеҳниро тафаккури рушдёфта ташкил медиҳад. Раванди инкишофи тафаккур аз ташаккул ва инкишофи амалҳои фикрӣ таркиб ёфтааст, ки он шарти асосии фаъолияти худи тафаккур ба ҳисоб меравад.

Ҳар як кӯдак соҳиби лаёқат ва қобилиятҳои муайян мебошад. Бачагон одатан шавқи баланди маърифатҷӯйӣ доранду, хоҳиши баланди омӯзиш. Барои рушди имкониятҳои зеҳнии кӯдакон назорат ва дастгирии шахсони калонсол нақши муҳим мебозад.

Таъсири муҳит –омили дигари рушди зеҳнии кӯдак ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи тадқиқоти Пломин Р. се шакли таносуби инсон ва муҳит фарқ карда мешавад:

- таъсири пассив, вақте ки аъзоёни як оила ирсият ва муҳити ягона доранд, ин вақт мувофиқаткунии ғайричашмдошти ирсият ва муҳит ба амал омаданаш мумкин аст;
- таъсири реактивӣ – ҷавоби муҳит ба инъикоси хусусиятҳои модарзодии фард, ки ба ташаккулёбии сифатҳои муайяни шахсӣ оварда мерасонад;
- таъсири фаъол – фард ё фаъолона ҷустуҷӯ менамояд, ё муҳитеро ташкил медиҳад, ки дар бештари ҳолат ба ирсияти вай мувофиқат менамояд. [4,563]

Муаммоҳои ба ҳам алоқамандии қобилиятҳои зеҳнӣ бо шавқу ҳавас ва маромҳо дар асару тадқиқотҳои чунин олимон, ба монанди Б.Г.Ананьев, Л.И.Божович, А.В.Брушлинский, В.И.Ковалёв, В.Г. Леоньев, Н.С.Лейтес, О.С.Тихомиров инъикоси худро ёфтаанд.

Дар рушди қобилияти зеҳнӣ мақсадҳои муҳими ҳаётӣ низ нақши муҳим мебозанд. Ба ақидаи Мелхорн Г. мақсадҳои ҳаётӣ ваҷҳ, хусусият, шавқу ҳавас ва шахсияти инсонро дар умум муайян месозанд. [2,23]

Олими рус Ананев Б.Г. оид ба омилҳои таъсиррасон ба инкишофи зеҳнии хонанда бар чунин ақида аст, ки шавқу ҳавас, талабот ба ин ё он фаъолият, хусусиятҳои психологии шахс, таркиби ваҷҳҳои дохилӣ ва таҷрибаи ҳаётии инсон аз дараҷаи рушди қобилияти зеҳнии вай вобастагӣ доранд. [1,370]

Мушоҳидаи педагогон ва тадқиқоти равоншиносон нишон медиҳанд, ки кӯдаке, ки малакаҳои таҳлилу таркибро дар синфҳои ибтидоӣ соҳиб нагардидааст, дар синни миёнаи мактабӣ ба гурӯҳи бачагони сустхон дохил шуданаш мумкин аст. Дар ҳалли ин муаммо яке аз самтҳои асосиро ташкил намудани шароите мебошад, ки ба инкишофи қобилияти зеҳнии хонандагон, равандҳои маърифатии онҳо, доираи шавқу ҳавас ва малакаҳои таҳлилу таркиби фикрӣ мусоидат намояд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ташаккули қобилияти зеҳнии хонандагонро танҳо дар ҷараёни дарс, дар чаҳорчӯбаи барномаи таълимӣ бомақсад ва самаранок ташкил намудан душвор аст. Дар баробари машғулиятҳои дарсӣ ташкил намудани маҳфилҳо,

машғулиятҳои иловагӣ ва иҷрои машқҳои хусусияти эҷодӣ дошта ба мақсад мувофиқ мебошад.

**АДАБИЁТ:**

1.Ананьев Б.Г. Избранные психологические труды: в 2-х т. т. II. - М.: Просвещение, 1980 - 370С.

2.Мелхорн Г., Мелхорн Х.-Г. Гениями не рождаются. Общество и способности человека. -- М., 1989. – С.23

3.Немов Р.С. Психология.//В 3томах. М.: ГИЦ «Владос», 1997. – С. 98

*4.Plomin Robert; Daniels Denise (June 2011).* "Why are children in the same family so different from one another?". *International Journal of Epidemiology. 40 (3): 563–582.*

5.Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии: В 2 т. — Т. I. — М., 1989. — С. 369-370.

6.Фримэн Дж. Ваш умный ребенок. М., Просвещение, 1996.- С.47-48

**Раҳмонова Д.З.**

## ОМИЛҲОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Шароити муосири зиндагӣ ба инкишофи зеҳнӣ ва шахсии насли наврас, дараҷаи ташаккулёбии дониш, маҳорат ва малакаҳои муайян, дараҷаи инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ талаботи баландро пеш меоранд.

Ҳаҷми донишҳое, ки хонанда бояд аз бар намояд, ҳамасола афзун мегардад ва маҷмӯи донишҳое, ки дар чаҳорчӯбаи барномаи таълимии мактаб ба хонанда омӯзонида мешавад, барои ҳалли муаммоҳои ҳаётӣ истифода бурда мешаванд.

Мавзӯи тадқиқшаванда дар замони муосир зарурӣ ба ҳисоб рафта, муаллифон кӯшиш намудаанд, ки омилҳои таъсиррасон ба рушди қобилияти зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоиро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор диҳанд. Дар мақола фикру ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ ҷиҳати мавзӯи тадқиқшаванда таҳлил карда шуда, вобастагии ҳолати мутобиқшавии зеҳн аз омилҳои баррасишаванда нишон дода шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *инкишофи зеҳнӣ, қобилияти зеҳнӣ, шавқу ҳавас, талабот ба ин ё он фаъолият, хусусиятҳои психологии шахс, равандҳои маърифатӣ, хусусиятҳои фардӣ, тафаккур, таъсири муҳит, шавқу ҳавас, имкониятҳои эҷодӣ, фаъолнокӣ, ҳолати мутобиқшавии зеҳн.*

**Рахманова Д.З.**

## ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

Современные условия жизни требуют высокого уровня интеллектуального и личностного развития молодого поколения, уровня формирования знаний, умений и навыков, а также уровня развития интеллектуальных способностей.

Объем знаний, которым должен овладеть ученик, растет с каждым годом, а знания, которым учат ученика в школьной программе, используются для решения жизненных проблем.

Тема исследования актуальна сегодня, и авторы пытаются проанализировать и изучить факторы, влияющие на развитие интеллектуальных способностей учащихся начальной школы. В статье анализируются взгляды отечественных и зарубежных ученых на исследуемый предмет и показана зависимость интеллектуальной адаптации от рассматриваемых факторов.

***Ключевые слова:*** *интеллектуальное развитие, интеллектуальные способности, интересы, потребности в определенной деятельности, психологические характеристики личности, когнитивные процессы, индивидуальные характеристики, мышление, аффект, амбиции, творческий потенциал, активность, состояние адаптации.*

**Rakhmanova D.Z.**

## FACTORS OF DEVELOPMENT OF INTELLECTUAL ABILITIES OF STUDENTS IN PRIMARY CLASSES

Modern living conditions require a high level of intellectual and personal development of the young generation, the level of formation of knowledge, skills, as well as the level of development of intellectual abilities.

The amount of knowledge that a student needs to master is growing every year, and the knowledge that a student is taught in the school curriculum is used to solve life problems.

The research topic is relevant today, and the authors are trying to analyze and study the factors affecting the development of intellectual abilities of elementary school students. The article analyzes the views of domestic and foreign scientists on the subject under study and shows the dependence of intellectual adaptation on the factors under consideration.

***Keywords:*** *intellectual development, intellectual abilities, interests, needs for a particular activity, psychological characteristics of a person, cognitive processes, individual characteristics, thinking, affect, ambition, creativity, activity, state of adaptation.*

**Сведения об авторе: Рахманова Дилбар Зикриёевна** - кандидат педагогических наук, доцент кафедры социальной и профессиональной педагогики педагогического факультета ХГУ имени академика Б. Гафурова

Тел: (+992) 92 762 01 23 Email: dilbar_sns@mail.ru

**Information about the author: Rakhmanova Dilbar Zikriyevna** - candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of social and professional pedagogy of the pedagogical faculty of KSU named after academician B. Gafurov

Tel: (+992) 92 762 01 23 Email: dilbar_sns@mail.ru

**Г. НИЁЗБЕКОВА**

# РОЛЬ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ В ШКОЛАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Учебно-воспитательный процесс - это целенаправленное создание условий для всестороннего развития личности школьника, реализации индивидуальности учащихся. Поскольку и педагог, и учащиеся являются активными сторонами процесса и субъектами деятельности (каждый своей), было бы неправомерно рассматривать его только как обучающее и воспитывающее воздействие педагога на учащегося. Ученик также располагает ресурсами воздействия на учителя, поэтому образовательный процесс вполне корректно можно охарактеризовать как взаимодействие.

Во всяком взаимодействии людей выявляются его осознанность и целенаправленность. Цель участников взаимодействия может быть либо общей, либо каждый участник может преследовать свою цель. На наш взгляд успешность учебно-воспитательного процесса, в первую очередь зависит от сотрудничества классного руководителя со всеми участниками процесса. Инновационными технологиями в процессе самоуправления можно считать внедряемые в настоящее время в воспитательную работу разнообразные новые методы, направления, системы, так как они, как правило, кардинально изменяют воспитательную систему школы. **[ 1.с.123 ]**

**Что же такое «инновационная деятельность»?**

Инновация - это проявление новых форм или элементов чего-либо, а также вновь образовавшаяся форма, элемент. Синонимом инновации является понятие «новшество». Первой ступенькой к инновационной деятельности является педагогическое мастерство. **[ 7.с. 234]**

По мнению А.С. Макаренко педагогическое мастерство - это знание особенностей педагогического процесса, умение его построить и привести в движение. Учитель–мастер отличается от просто опытного учителя, прежде всего тем, что очень хорошо знает психологию детей. Он может умело управлять педагогическим процессом. Знание психологии детей становится ведущим в структуре знаний тех учителей, которые чутко воспринимают реакцию учащихся на свои действия. Овладение педагогическим мастерством доступно каждому педагогу при условии целенаправленной работы над собой. Оно формируется на основе практического опыта. Но не каждый опыт становится источником профессионального мастерства. Таким источником является только педагогическая деятельность, осмысленная и проанализированная.

Разработка различных форм организации учебного процесса воспитания и накопление полезных знаний о самоуправлении осуществлялось человечеством с незапамятных времён. Современный этап развития школьного самоуправления условно начинается с момента зарождения школьных советов.

В настоящее время практически в каждой школе есть школьный ученический совет самоуправления, но, к сожалению, не во всех школах он работает в реальном смысле. **[ 2.с. 145 ]**

В основном, речь идет о самоуправлении. Ещё пять лет назад можно было говорить лишь о незначительном проценте школ, в которых действовали ученические советы самоуправления. Главной причиной такого медленного развития самоуправления является не только игнорирование педагогических принципов и психологических требований к построению школьного самоуправления, но и отсутствие эффективной системы управления внедрением инноваций в воспитательную работу школы при быстром росте количества инноваций и, как следствие, сильной загруженностью педагогического коллектива в попытках внедрения инноваций. **[ 3.с. 67 ]**

Но в школе, как правило, ученическое самоуправление развивается более активно, учащиеся помогают в работе с младшими школьниками – шефская работа. В основу самоуправления входят следующие принципы: педагогического руководства, предметной деятельности, планирования, выборности, сменяемости, согласия, участия всех учащихся. Возглавляет школьный совет самоуправления ученик старших классов.

Внедрение в школе ученического самоуправления путём инновационной технологии, требует не просто дополнительного времени от педагогов и учащихся, но и определённых знаний, которыми должны обладать педагоги как организаторы этого процесса.[1.с.6]

Главная педагогическая идея учебно-воспитательного процесса в школах с продлённым днём – в создании единой системы воспитательного воздействия на детей, способствующей их всестороннему, гармоничному развитию. В настоящее время эти идеи способствуют работе в школах.

Изменения в социокультурной среде школы необходимы, так как назрела острая необходимость пересмотра сложившейся воспитательной системы и перестройки её в соответствии с современными требованиями науки, технологий, общества.

Самоуправление школьников - необходимый компонент содержания современного воспитания личности. С помощью ученического самоуправления создаются условия, способствующие непрерывному личностному росту каждого школьника. **[ 5.с. 248 ]**

Именно гражданское становление ребёнка, раскрытие его талантов, способностей, реализация потребностей в творчестве, романтической жизни, дружбе, познания мира, а также защита прав каждого ребёнка - вот принципиальная позиция, которой мы следуем. В процессе дальнейшей работы структура школьного самоуправления будет совершенствоваться в соответствии с общими задачами личностно - ориентированного подхода в обучении и воспитании: развитие личных способностей учащихся, раскрытие природного дара растущего человека. Органы самоуправления можно разделить на представительные и исполнительные. .[7 :12]

Рассмотрим ***классификации ошибок и затруднений в учебно-воспитательном процессе и самоуправления путём внедрения инновации, создающих педагогические проблемы, а также причины их возникновения и пути их преодоления:*** .[10:111].

**1.Группа ошибок, связанных с пониманием сути ученического самоуправления:**

- **Причина:** Смешение организационных форм детской активности является слабое знание Законов и нормативных актов.
- **Пути их решения:** Изучить требования Законов Республики Таджикистан и других нормативных актов.
- Смешение школьного ученического самоуправления.
- **Причиной** является прошлый опыт участия в деятельности общественных организаций.
- **Пути их решения:** Подписать соглашение о партнёрстве с детскими организациями, функционирующими в школе.

**2.Подмена модели ученического самоуправления моделью воспитательной системы образовательного учреждения**

- **Причина:** Не способность или нежелание педагогического коллектива выделить из всей системы воспитательной работы школы подсистему ученического самоуправления.
- **Пути их решения:** Обратить более серьезное внимание ученическому самоуправлению как самоуправлению самостоятельной воспитательной технологии.
- **Причина:** Распространенный взгляд на игру как на несерьезное дело.
- **Пути их решения**: Использовать игровую модель «Диспут» как первый этап, например, для подготовки школьного ученического актива и отработки основных элементов реального самоуправления.

**3. Изоляция органов ученического самоуправления от жизни остальных учащихся.**

- **Причина:** Неверно составленные регламентирующие документы, определяющие компетентность и ответственность органов ученического самоуправления.
- **Пути их решения:** Изменить регламентирующие документы в части ответственности и отчётности органов самоуправления. Сделать более простым и «доступным» путь вхождения состав этих органов.

При организации самоуправления путём внедрения инновационных технологий важны развитие активности всех членов ученического коллектива, возложение полномочий и смена лидеров.

Роль инновационных технологий в учебно-воспитательном процессе и самоуправления в школах нового типа играет важную роль. На данный момент в лицее

ТГУК органы ученического самоуправления очень активно используют инновационную технологию. Каждую неделю в среду, они на своих собраниях используют электронную доску, показывают различные слайды, презентации, видеоролики и отчитываются перед всеми своими недостатками и успехами. В лицее широко работает самоуправление на практике открытых уроков, занятий, внеклассных мероприятий и других форм деятельности для учителей путём внедрения инновации.

## ЛИТЕРАТУРА:

**1.** Антология педагогической мысли таджикского народа\сост. М. Лутфуллоев, С. Сулаймони, Х.Авзалов. Душанбе, 2008- 448 С.

**2.**Бочкарев В.И. Школьное самоуправление в вопросах и ответах / В.Бочкарев, В.Опалихин // Воспитание школьника. - 1996. №2. – С.1483.

**3.**Гиргинов Г.Г. Наука и творчество. – М.: Прогресс, 1972. – С. 15.

**4.**Гольдентрихт С.С. Творчество – как философская проблема / В кн. Творчество и социальное познание, М.: МГУ, 1982. – С. 65.

**5.**Исследование проблем психологии творчества /Под ред. Я.А. Пономарева. – М.: Наука, 1983. – 335 С.

**6.** Коротов В.М. Самоуправление школьников. – М.: Просвещение, 1981. – 207 С.

**7.** Лейтес Н.С. Способности и одарённость в детские годы. М.: Знание, 1984.- 80С.

8.Лутфуллоев М. Национальное достоинство (на тадж.яз).Душанбе.: Сарпараст».2003. -287 С.

**9.**Макаренко А.С. Методика организации воспитательного процесса.- СОЧ. В 7 Т., М., 1958, Т.5

10.Педагогический словарь. В 2-х томах. Т.1. /Под ред. И.А.Каирова. – М.: АПН, 1960. – 779 С.

11.Педагогическая энциклопедия. – М., 1986. – С. 215.

12.Попов М.В. Технология применения компьютера в учебном процессе // Сб. «Учебные технологии». - СПб.: НОВА, 2004. - 482 С.

13.Рожков М.И., Байбородова Л.В. Организация воспитательного процесса в школе: Учебное пособие для студ. высш. учеб.заведений – М.: Владос, 2000. – 190 С.

14.Попов М.В. Технология применения компьютера в учебном процессе // Сб. «Учебные технологии». - СПб.;НОВА, 2004. - 482 С.

**Ниёзбекова Г.**

## РОЛЬ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ В ШКОЛАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются роль инновационных технологий в учебно-воспитательном процессе и самоуправление в школах нового типа. Автор ставит соответствующие цели исследования: определить и дать теоретическое обоснование педагогических условий, повышающих эффективность организации инновационных технологий в учебно-воспитательном процессе и самоуправление в общеобразовательных школах Республики Таджикистан.

Масштабные изменения в жизни и во всех сферах организации республики Таджикистан требуют поиска новых подходов к организации деятельности всех участников педагогического процесса. Учебно-воспитательный процесс - это целенаправленное создание условий для всестороннего развития личности школьника, реализации индивидуальности учащихся. Поскольку и педагог, и учащиеся являются активными сторонами процесса и субъектами деятельности, было бы неправомерно рассматривать его только как обучающее и воспитывающее воздействие педагога на учащегося. Ученик также располагает ресурсами воздействия на учителя, поэтому образовательный процесс вполне корректно можно охарактеризовать как взаимодействие.

Автор пришёл к выводу, что цели и задачи программно-методических документов должны отражать общую стратегию развития, основные принципы педагогической деятельности, главные содержательные линии работы по развитию внедрение инновационных технологий в учебно-воспитательный процесс и самоуправления, которые требуют определённых знаний, которыми должны обладать педагоги как организаторы этого процесса.

***Ключевые слова:*** *учебно-воспитательный процесс, инновация, причина, самоуправление, пути преодоления ошибок, эффективность, личность школьника, организационный деятельность, педагогические проблемы.*

## THE ROLE OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN THE EDUCATIONAL PROCESS IN SCHOOLS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The authors set relevant research objectives: to determine and provide a theoretical justification for the pedagogical conditions that increase the efficiency of the organization of innovative technologies in the educational process and self-government in general education schools of the Republic of Tajikistan.

Large-scale changes in life and in all areas of the organization of the Republic of Tajikistan require the search for new approaches to the organization of activities of all participants in the pedagogical process. The educational process is the purposeful creation of conditions for the all-round development of the student's personality, the realization of the students' individuality. Since both the teacher and the students are active parties to the process and stakeholders, it would be illegal to consider it only as a teaching and educating influence of the teacher on the student. The student also has resources for influencing the teacher, so the educational process can be quite correctly described as interaction.

The authors concluded that the goals and objectives of the program-methodical documents should reflect the overall development strategy, the basic principles of pedagogical activity, the main substantive lines of work on the development of the introduction of innovative technologies in the educational process and self-government that require certain knowledge those teachers as the organizers of this process.

***Keywords:*** *educational process, innovation, reason, self-management, ways of overcoming mistakes, efficiency, student's personality, organizational activity, pedagogical problems.*

**Ниёзбекова Г.**

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР МАКТАБҲОИ ҶУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар ин мақола нақши технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим ва худидоракунӣ дар мактабҳои типи нав баррасӣ карда мешавад. Муаллиф мақсадҳои дахлдори тадқиқотро муайян кардааст: муайян ва додани асосноккунии назариявии шароити педагогӣ, ки самаранокии ташкили технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим ва худидоракунии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд мебардоранд.

Тағиротҳои миқёсан васеъ дар ҳаёт ва дар тамоми соҳаҳои ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷустуҷӯи усулҳои нави ташкили фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни раванди педагогиро тақозо мекунанд. Раванди таълим ин фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда, амалӣ намудани фардияти хонанда мебошад. Азбаски ҳам муаллим ва ҳам хонанда тарафҳои фаъоли ҷараён ва субъектҳои фаъолият мебошанд, танҳо онро ҳамчун таъсири таълимиву тарбиявии устод хонанда баррасӣ кардан ғайриқонунист. Хонанда инчунин дорои захираҳое мебошад, ки ба муаллим таъсир мерасонанд, бинобар ин раванди таълимро метавон мутақобила кард. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳуҷҷатҳои барномавӣ - методологӣ бояд стратегияи умумии рушд, принсипҳои асосии фаъолияти педагогӣ, самтҳои асосии воқеии корҳои рушд, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ба раванди таълим ва худидоракуниро, ки донишҳои муайяни омӯзгоронро талаб мекунанд, инъикос кунанд. хамчун ташкилотчиёни ин процесС.

***Калидвожахо:*** *ҷараёни таълим, навоварӣ, сабаб, худидоракунӣ, роҳҳои бартараф кардани хатогиҳо, самаранокӣ, шахсияти хонанда, фаъолияти ташкилӣ, мушкилоти педагогӣ.*

**Сведения об авторе**: **Ниёзбекова Гулиджахон Алибековна** *преподаватель* Таджикского государственного университета коммерции (Тгук).Адрес: *734055, г.Душанбе, ул. Дехоти 1/2. тел: (+992 37) 2348626*

*E-Mail: tguk@mail.ru*

**Information about the author: Niyozbekova Gulidzhahon Alibekovna -** teacher of the Tajik State University of Commerce (Tguk). Address: 734055, Dushanbe, ul. Dekhoti 1/2. tel: (+992 37) 2348626 E-Mail: tguk@mail.ru

**Ф. НАЗРИЕВА**

# ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ЗАМИНАИ АНЪАНАҲОИ МАРДУМӢ

Ҳар халқи соҳибтамаддун фарҳанги худро дар заминаи эҷодиёти шифоҳии мардум ташаккул медиҳад. Чунин эҷодиёти шифоҳии мардумро дар замони муосир фолклор меноманд.

Эҷодиёти мардумӣ аслан ба мардуми як сарзамин тааллуқ дорад, ки аз қобилияти хондан ва навиштан бархурдор нестанд. Вале дар инъикоси ҳаёти халқи худ, арзёбии ҳодисоти таърихӣ, ифодаи афкори фитрии мардум ва абадисозии ҳамагуна рӯйдодҳои таърихӣ хеле фаъоланд. Онҳо бо сурудҳои содаи дилхушкунанда, қиссаю афсонаҳои аҷиб, чистону масалҳои дилпазир рӯҳи мардумро сайқал медиҳанд, орзуро баҳри ҳаёти беҳтар дар дили инсонҳоро афзун мекунанд.

Эҷодиёти шифоҳии мардум бо вуҷуди хеле сода будан, дорои хусусияти заковатмандӣ, абадият ва фанонашавандагӣ мебошад. Ҳанӯз аз қадиммулайём дурдонаҳои фарҳангии мардумӣ аз насл ба насл интиқол ёфта, эҷодиёти шифоҳӣ ҳассосу фаъол нигоҳ дошта мешавад. Сурудҳо, қиссаю афсонаҳо, масалу чистонҳо бо маъниҳои амиқ, тароваті сухани бадеӣ, дилнавозии оҳангу навои масеҳ ба рӯҳу равони инсонҳо таъсир расонида, дили онҳоро ба зиндагӣ гарм месозанд. Аз ин ҷост, ки дурдонаҳои эҷодиёти шифоҳӣ барои ҳамаи афроди ҳар халқу миллат басо дилҷӯю дилписанданд. Онҳо аз овони тифлӣ то ба охири ҳаёт моро ҳамдаму ҳамнавоянд. Чӣ қадар лаззатбахшанд сурудаҳои аллагӯии модарон, сарводахониҳои мардони даравгар дар дашту даман ҳангоми шабдаравҳо, майдахониҳои хирманкӯбон ҳангоми кӯфтани ғалла ва ғайра. Чӣ қадар пурмаънию пуртаъсиранд ин чакомарезиҳо. Беҳуда нест, ки дар эҷодиёти шоиру нависандагони бузурги ҳар халқу миллатҳо таъсири судмандонаи дурдонаҳои эҷодиёти шифоҳӣ дида мешавад. [1.С. 56]

Шаклҳои хурди эҷодиёти шифоҳӣ бо таровишу тобишҳои маънои худ метавонанд барои рушди маънавиёти кӯдакони хурдсол таъсири судманд дошта бошанд. Зеро маҳз дар ҳамин давра завқи бадеии кӯдакони ин синну сол ташаккул меёбанд. Бо назардошти ин воқеият мувофиқи матлаб дониста мешавад, то ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ тавсияҳо пешниҳод карда шавад. [5. С.75]

Пеш аз ҳама бояд ҳадафи тарбиявӣ муайян карда шавад. Ҳадаф аз қисматҳои зайл иборатанд:

-хонандагонро бо анъаноти мардумии халқи тоҷик шинос намудан

-дар раванди таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ эҷодиёти шифоҳии мардум ба тарзи васеъ истифода бурда шавад;

-муҳтавои анъанаҳои фарҳанги мардумӣ, ки баҳри ноил гардидани хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳадафи гузошташуда бо истифода аз васоити дидактикӣ.

Дар навбати худ, барои ноил гардидан ба он ҳадафе, ки мо дар назди худ гузоштаем, шароити зерин низ бояд муҳайё карда шавад:

- **Омода сохтани муҳити фаннӣ дар гурӯҳ:**

- Зарур аст, ки хонандагон малакаҳои хоҳиши гӯш кардан ва шунидани зебоӣ ва тароваті сухани эҷодкардаи мардум, қудрати забонро дошта бошанд. Инчунин бояд дар онҳо унсурҳои асоси завқи эстетикию зебоиписандӣ гузошта шавад.

- **Таълими айёният: бо мақсади таълими аёният мо дар кори худ васоити зайлро истифода хоҳем кард:**

- аксу мусаварахо ;
- ҳайкалчаҳои инсонҳо ва ҳайвонот;
- театри лухтак;
- театри рӯйимизӣ;
- бозичаҳои худсози мардумӣ;
-либос ва ҷиҳози ороишӣ;
-асбоби мусиқӣ.

- **Таъмини низом дар кор:**

-Фаъолият бояд бо тартиб ва доимӣ бошад, яъне завқи хонандагон ба тарзи доимӣ дастгирӣ шавад. Ба онҳо қиссаю афсона хонда шавад, китобҳои дорои мусаввара намоиш

дода, шеърҳо аз бар карда шаванд, матнҳои ҳазлнок хонда шавад, ба бозиҳои мардумӣ машғул шуда, иду маросимҳои анъанавӣ ҷашн гирифта шаванд.

Дар синфҳои ибтидоӣ фарҳанги мардумӣ чун дар замонҳои пешина ҳамон масобаи шакли пурмазмуни ошносозии хонандагон бо муҳити атроф боқӣ мемонад.

Ғанисозии унсурҳои он бо азбаркунии хонандагон аз тассаввуроти аввалияи сохтори манзили зисти онҳо амалӣ мегардад. Хонандагон таҳти роҳнамоии омӯзгор вориди иҷрои сурудҳои дастаҷамъӣ, рақсҳои гурӯҳӣ мегарданд. Зери роҳнамоии устоди соҳибтаҷриба, ки аз усули таълиму тарбияи судманд хеле хуб бархурдор аст, хонандагон баҳри ошноӣ пайдо кардан бо таҷлили ҷашнвораю анъанаҳои мардумӣ фаро гирифта мешаванд, ки ин ҳама боиси табъи онҳо ва фароҳам сохтани муҳити дӯстию рафоқат нисбати наздикон ва ҳамсолони хонандагон мегардад.

Ҳамзамон бо таҳқиқ жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳии мардумӣ аз қабили афсона, қисса, бозиҳои дастаҷамъи ва ғайра дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ эҳсоси шарик будан ба рӯйдоду ҷашнвораҳое, ки дар сатҳи оила, мактаб, дар миқёси кишвар сурат мепазиранд, ташаккул меёбад. Ҳисси муҳаббату ифтихорро нисбат ба ҳамватанон ва Ватани худ афзун мегардонад. [10.С.89]

Вазифаи муҳимтарини омӯзгор дар он аст, ки вай дар ҳама вазъу ҳолатҳо бояд дар хотир дорад, ки тарбия намудани хонандагон дар руҳияи муносибати эҳтиром доштан ба фарҳанги халқҳои дигар зарур мебошад.

Ҳангоми ба нақша гирифтани тадбирҳо оид ба шиносоӣ бо падидаҳои фарҳанги мардумӣ имкониятҳои ошношудан бо фарҳанги мардумони дигар низ ҳатман бояд дар назар дошта шавад.

Яке аз шартҳои ошносизии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо санъати фарҳангии мардум ин таъмини усулияти муносибати фароҳамсозии муҳит, ки фароҳамсозии фазои пурмуҳтавои рушдёбандаи миллию байналхалқиро низ дар назар дорад, ба ҳисоб меравад. Ин гуна муносибат бевосита хонандагонро фаро гирифта барои азхудкунии фарҳангӣ мардуми худ ва мардумони дигар омода мегардонад, ки дар ҳама ҳолатҳо дорои аҳамияти бузург мебошад.

Хулоса, чунин тарзи гузориши масъала, ҳам аз мавқеи таҷрибаи ватанӣ ва ҳам таҷрибаи дигарон дорои аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ буда, дар амри ташаккули тафаккури шахсии кӯдакон ва баҳссозии сифати азбаркунии ғановати фарҳангии таърихии мардуми худ ва халқҳои дигар хидмати босазо хоҳад кард.

**АДАБИЁТ:**

1.Архарова К.Ш. Народная педагогика и современная школа. - Уфа: Баш ГПУ, 2000. - 328 С.

2.Батурина Г. И. Этнопедагогические проблемы обучения и воспитания // Педагогика. 2000. № 3. - С. 120.

3.Батурина Т. И., Кузина, Т. Ф. Народная педагогика в современном учебно-воспитательном процессе. - М.: Школьная пресса, 2003. -144 С.

4.Оконешникова А.П. Этнопсихологические особенности народов в

5.Макаренко А.С. О воспитании в семье. - М.: Учпедгиз. - 1955. - 320 С.

6.Субботский Е.В. Нравственное развитие дошкольника // Вопросы психологии. 1999. № 4. - С. 29-37.

7.Волков Г. Н. Этнопедагогические проблемы современного образования и воспитания: теория и практика // Вестник Российского государственного научного фонда. - М.: Народное образование, 1998 . - С. 168.

8.Харина Н.Р. Воспитательная система малочисленной сельской школы // Воспитание школьников. 2001. №1. С. 84-10.

9.Найденова Е.А. Школа миротворчества для самых маленьких. - М.: Просвещение, 2000. - 434 с

10. Латышина Д.И. Традиции, воспитания детей у русского народа. - М.: Школьная пресса, 2004. - 128 С.

**Назриева Ф.**

## ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ЗАМИНАИ АНЪАНАҲОИ МАРДУМӢ

Дар мақола сухан перомуни тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи анъанаҳои мардумӣ, эҷодиёти шифоҳии мардум, заковатмандӣ меравад. Муаллиф дар мақола оид ба

дурдонаҳои фарҳангии мардуми аз насл ба насл интиқолёфта, эҷодиёти шифоҳӣ зинда нигоҳ доштан анъаҳои мардумӣ сурудҳо, қиссаю афсонаҳо, масалу чистонҳои пурмаъно, таровати сухани бадеӣ, дилнавозии оҳангу навои масеҳ ба руҳу равони инсонҳо таъсир расонида, дили онҳоро ба зиндагӣ гарм месозанд, сухан рондааст. Муаллиф дилписандии дурдонаҳои эҷодиёти шифоҳӣ барои ҳамаи афроди ҳар халқу миллат ба содилҷӯю дилкаш буданро мисол овардааст. Беҳуда нест, ки дар эҷодиёти шоиру нависандагони бузургӣ ҳар халқу миллатҳо таъсири судмандонаи дурдонаҳои эҷодиёти шифоҳӣ дида мешавад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *ташаккули анъанаҳои мардумӣ, вазифа, дурдона,фолклор,муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, омӯзгор, , хонандагон, анъанаҳои мардумӣ.*

**Назриева Ф.**

## ВОСПИТАНИЕ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ НА БАЗЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ТРАДИЦИИ

В статье рассматриваются вопросы воспитания учащихся начальных классов на основе народной творчестве. Автор в статье подчёркивает о культурах народов, переданных из поколения в поколение, о шифровании и функциональном творении людей песен, частях и мифах, вопросах и притеснениях в дискурсе, о тонком духовном, освежении души и творчества народов, рассказывая им теплые слова.

***Ключевые слова:*** *формирование национальных традиции, задачи, жемчужина поэзии, фольклор, средних общеобразовательнные учреждения, ученики, учитель.*

**Nazrieva F.**

## EDUCATION OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS BASED ON THE NATIONAL TRADITION

The article deals with the issues of education of primary school students on the basis of folk art. The author emphasizes in the article about the cultures of peoples passed from generation to generation, about the encryption and functional creation of people's songs, parts and myths, questions and harassment in the discourse, about the subtle spiritual refreshment of the soul and creativity of peoples, telling them warm words.

***Keywords:*** *formation of national traditions, tasks, pearl of poetry, folklore, secondary educational institutions, students, teacher.*

**Сведения об авторе: Назриева Фируза -** научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами, адрес: 734024, г. Душанбе, ул. Айни, 45,

**Information about the author: Nazrieva Firuza - R**esearcher of Institute of development of education named after Abdurahman Jami, address: 734024, Dushanbe, 45Ayni str.,

**Г. САЛОҲИДДИНОВА**

# ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ ВОРИДШАВӢ БА ФАЗОИ ТАҲСИЛОТИ ҶАҲОНӢ

Дар замони муосир масъалаи татбиқи дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологияи муосир ба яке аз омилҳои муҳимми рақобатпазирӣ ва ҳарчи муассир кардани нуфузи кишварҳо дар арсаи ҷаҳон табдил ёфтааст. Неруи давлатҳо имрӯз дар баробари қудрати сиёсию ҳарбӣ аз нигоҳи такомул ва истифодаи илму техника ва технологияи муосир арзёбӣ мегардад. Технологияи навини таълим ё худ фарҳанги техникии таълим дар омӯзиши донишҷӯён нақши муассир дорад ва ҳамзамон ба ҷаҳонишавии маълумот мусоидат мекунад. Таҳсилоти фосилавӣ низоми наве маҳсуб меёбад, ки дар аксари муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои дунё ба таври густурда роҳандозӣ шудааст.

Таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо истифодаи шабакаи Интернет амалӣ мешавад ва неруи веб-технологияҳо диққати омӯзгорони тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст, зеро васоити технологии мазкур захираҳои таълимиро, ки дар тамоми ҷаҳон мавҷуд аст, муттаҳид мекунад.

Барномаи таълимӣ дар асоси веб-технологияҳо синхронӣ буда, иштироки якваќтаи омӯзгор ва донишҷӯро таъмин мекунад. Лексияҳое, ки пешакӣ дар шабака ҷой дода мешаванд ва донишҷӯ метавонад ҳама гуна фанҳоро дар вақти бо худ муносиб омӯзад. Ғайр аз ин, донишҷӯ имкони додани саволро ба омӯзгор тавассути почтаи электронӣ дорад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди татбиқ ва роҳандозии ин низом, дастовардҳо ва мушкилотҳои худро дорад. Ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами навбатӣ барои воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Таҳсилоти фосилавӣ яке аз шаклҳои нисбатан пешқадами таълим дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Имрӯз дар ҷаҳон беш аз 200 миллион муҳассил тавассути ин низом таҳсил мекунанд. Ин низом барои ҳалли масоили муҳимми иҷтимоӣ, аз қабили баланд бардоштани дараҷаи саводнокии аҳли ҷомеа, сатҳи иҷтимоӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, дараҷаи худшиносӣ ва ҷаҳонбинии шаҳрвандон ва рушди фазои ягонаи таълимӣ дар чаҳорчӯбаи ҷомеаи умумиҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Дар асноди меъёрию ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти касбии кишвар таҳсилоти фосилавӣ ба маънии ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ бо истифодаи технологияи муосири иттилоотию иртиботие, ки дар фосилаи муайян татбиқ намудани раванди таълимро имконпазир мегардонад, тавсиф шудааст. Низоми таҳсилоти фосилавӣ дастрасии таҳсилоти миёна ва олии касбиро новобаста аз мавқеи ҷойгиршавии муассисаҳои таълимӣ ва субъектҳои раванди таълим бо истифодаи усули муосир тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии меҳнат ҷавобгӯ будани онҳоро таъмин менамояд. **[1.с.320]**

Мавриди қайд аст, ки мақсади асосии амалигардонӣ ва рушди таълими фосилавӣ ба шаҳрвандон дар ҳама гӯшаю канори кишвар ва хориҷ аз он пешниҳод намудани шароити фазои ягонаи таълим, ҳамчунин, баланд бардоштани дараҷаи маълумот аз ҳисоби истифодаи иқтидори илмӣ ва таълимии донишгоҳҳо, академияҳо, донишкадаҳо, марказҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунии мутахассисон ва дигар шаклҳои таълимӣ мебошад. Инчунин, таълими фосилавӣ барои бевосита аз худ кардани барномаҳои асосӣ ва ё таҳсилоти иловагии касбӣ, таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ дар ҷойи истиқомат ва ё истиқомати муваққатӣ ба таълимгирандагон имкон медиҳад, ки онро аз бар намоянд. Қайд кардан лозим аст, ки барои одамони имконияти ҷисмонияшон суст, яъне маъюбон низ хеле муносиб мебошад. Зеро аз хона набаромада метавонанд, бевосита ҳамчун инсони комил таълим гиранд.

Ҳоло дар давлатҳои мутараққӣ на танҳо таҳсилот, балки кор фосила ва ба роҳ монда шуда истодааст. Бо воситаи Интернет инсон метавонад на танҳо таҳсил кунад, балки худро бо кор таъмин намояд. Ҳамзамон, корҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ дар шакли ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ ба роҳ монда мешаванд. Ҳар як донишҷӯ дар гурӯҳи фосилавӣ ҳуқуқи якхелаи иштирок дар дарсҳову семинарҳоро доранд. Тавофути миллат (миллатчигӣ ва маҳалгароӣ) фарқияти ҷинсӣ дар муҳити

таҳсилоти фосилавӣ пурра аз байн меравад. Дар натиҷа фикри ҳар як донишҷӯ ба назар гирифта шуда, диққати ҳамагонро ҷалб мекунад. Зарурияти рафтан ба сессия ва машварат (консултатсия)-ҳо вуҷуд надорад, ки ин барои донишҷӯ хароҷоти моддиро истисно менамояд. Бешубҳа бартарии таҳсилоти фосилавӣ ин имконияти машварат бо устод дар ҳолати онлайн ва рафтори индивидуалии устод бо ҳар як донишҷӯ мебошад. Бартариҳои таҳсилоти фосилавӣ инҳоянд:

– Таҳсилоти фосилавӣ ба принсипҳои гуманистӣ ҷовабгӯ аст, ки мувофиқи он ҳеҷ кас набояд бо сабаби камбизоатӣ, маҳдудияти ҷуғрофӣ ё вақт, аз нуқтаи иҷтимоӣ ҳимоят нашуда ё ғайри имкон будани иштирок дар дарс аз сабаби саломатии худ, аз имконияти хондан дур карда шавад;

– таълим ба ҳама табақаҳои ҷомеа, бе ягон маҳдудият вобаста ба ҳолати саломатӣ, дастрас мебошад;

– таҳсилоти фосилавӣ назар ба таҳсили рӯзона арзонтар аст;

– хониш самараноктар аст зеро ҳар кас худ ҷадвали дарсҳо ва муҳлати аз худкуниро муайян мекунад (бо назардошти баъзе маҳдудиятҳо);

– таҳсилоти фосилавӣ аз дилхоҳ нуқтаи дунё дастрас мебошад;

– таҳсилоти фосилавӣ «ояндадор» буда, сол аз сол ҳиссаи технологияҳои нави фосилавӣ афзун ёфта истодааст;

– таҳсилоти фосилавӣ дар як вақт имконияти ҳам хондан ва ҳам кор карданро медиҳад, яъне дониши худро якбора дар амал татбиқ кардан мумкин аст:

– барои таҳсилоти фосилавӣ аз ҳама маводи навтарин ва мукаммал пешкаш карда мешаванд;

– таҳсилоти фосилавӣ тартиб додани реҷаи индивидуалии барои донишҷӯ мувофиқро пешниҳод мекунад.

Дар баробари ин, бо мақсади самаранок ташкил намудани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо донишҷӯёни соли аввали таҳсил то оғози даври академии якум бояд курси муқаддимавӣ оид ба истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ баргузор карда шавад.

Курси номбурда масъалаҳои ташкил ва омӯзонидани низоми таҳсил бо истифода аз технологияи таҳсилоти фосилавиро дар бар мегирад. Зимни курси мазкур бо мақсади ба роҳ мондани табодули иттилоот байни донишҷӯён ва омӯзгорон, донишҷӯён ва кафедра, садорати факултет, раёсати таълим ва дигар воҳидҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ омӯзиш ва шарҳи технологияи таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин, донишҷӯён бо тартиби ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои аудиторӣи ҳузурӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба низоми таҳсилоти фосилавӣ шинос карда мешаванд.

Инчунин, бо мақсади ҷорӣ намудани таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар нақшаи қабули донишҷӯён тавассути низоми нави таҳсилот ва нақшаи намунавии он таҳия ва қабул гардид. Масъалаи гузариши муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба низоми таҳсилоти фосилавӣ аз заминаҳои моддию техникии онҳо вобастагии калон дорад, ки айни ҳол дар татбиқи ин низом заминаи моддию техникӣ ва барномаи электронии идоракунии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ фароҳам оварда шудааст. **[2.с.85-86]**

Имрӯзҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон китобхонаи электронӣ, синфхонаи компютерӣ барои роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ тамоми тадбирҳоро андешида истодаанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва ибтидоии касбӣ Интернет бояд фаъол бошад. Барномаи ягонаи идоракунии раванди таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Точикистон оид ба татбиқи низомҳои таҳсилоти кредитӣ ва фосилавӣ, ҳамчунин, нишондиҳандаҳои дигари танзимкунандаи раванди таълим ва назорати сатҳи сифати таҳсилот омода ва мавриди истифодаи муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар қарор дода шавад. Зеро муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бояд низоми назорат ва баҳодиҳӣ ба натиҷаи корҳои мустақилонаи донишҷӯро зери роҳбарии омӯзгор (дарсҳои лексионӣ ва корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) -ро пурра бо истифода аз ин барномаи идоракунӣ амалӣ гардонанд. Бояд тазаккур дод, ки

низоми таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар дар заминаи баҳодиҳии холӣ ба роҳ монанд. Ин низом дар аксари муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бомуваффаққият амал намуда истодааст. Дар баробари ин, раванди таҳия ва тасдиқи нақшаҳои таълимии тахсилоти фосилавии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ зери назорати доимӣ қарор дорад.

Андӯхтани таҷрибаи донишгоҳу донишкадаҳои давлатҳои пешрафта ё худ мутараққӣ дар мавриди татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ ба манфиати кор аст. Ногуфта намонем, ки дар ин робита, ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии хориҷи кишвар шартнома оид ба хизматрасонии таълимӣ, ки тибқи қарордоди мазкур ин муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хизматрасонии таҳсилоти фосилавиро ҷиҳати тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ анҷом медиҳанд, роҳандозӣ гардонидааст. Мавриди қайд аст, ки ҳама кор тарафҳои мусбат ва манфии худро дорад. Таҳсилоти фосилавӣ низ тарафҳои мусбат ва манфии худро ноил мебошад.

Тарафҳои мусбат таҳсилоти фосилавӣ: Озодӣ ва тағйирёбии ҷадвали ҷараёни таълим. Шумо метавонед барои худ шароити мусоид фароҳам оред. Ҳама чиз танҳо ба донишҷӯён ва хоҳиши гирифтани таҳсилот вобаста ба ӯ аст. Шумо метавонед ба сабти лексия, ки ҳарчи бештар зарур аст, гӯш диҳед. Шумо метавонед барои сабт ё гузаштан аз он чизе ки аллакай медонед, қатъ кунед. Илова бар ҳамаи афзалиятҳои ин намуди таҳсил, яке аз далелҳои ҷиддӣ ҳанӯз ҳам афзоиши донишҷӯёни ғайрирасмӣ боқӣ мемонад – мардуми меҳнаткаш, ҳомиладорон, модарони кӯдакони ширмак дошта, пиронсолон ва маъюбон. Одамоне, ки дар ҳақиқат мехоҳанд дониш гиранд, аммо имконияти ба донишгоҳ рафтанро надоранд ва ба таҳсилоти фосилавӣ майл доранд. **[3.с.53-57]**

Таҳсилоти фосилавӣ шакли навтарин дар нақшаи молиявӣ мебошад. Арзиши тренинг аз донишгоҳи алоҳида вобаста аст, аммо дар асл ин маблағ метавонад танҳо бо таҳсилоти ғоибона рақобат кунад, гарчанде аз он ҳам то 10-30% паст хоҳад буд.

Тарафҳои манфии таҳсилоти фосилавӣ: Бо вуҷуди афзалиятҳои ошкорбаёнӣ дар шакли мавзӯи инфиродӣ, ин равиш танҳо барои донишҷӯёни дониши баланд дошта таъсир намерасонад. Вақте, ки мо аз кор хаста шуда меоем, мо намехоҳем дар бораи лексияҳо ва супоришҳо фикр кунем ё ин ки дигар нақшаҳои шабона дошта бошем, пас дар фикри мо чӣ гуна донишандӯзӣ меравад. Он гоҳ чунин мешавад, ки мо аз «минтақаи дастрасӣ» ба маводи таълимӣ дур мешавем ва ин ба хилофи сабтҳои муҳими таҳсилот аст.

Мутаассифона, бо ин шакли таълим, муоширот бо омӯзгор хеле сахт маҳдуд аст. Иттилооти боқимондаро донишҷӯ бояд аз ҷониби дигар манбаъҳо мустақилона ҷустуҷӯ карда гирифта тавонад. Дарсҳои амалӣ низ ба намуди лексионӣ баргузор карда мешаванд, танҳо дар фарқияти миқдории донишҷӯён. Шумо метавонед дар бораи ҳама чиз ҳар чиро биомӯзед, фаҳмед, аммо чӣ тавр ин донишро дар ҳаёти худ ё коратон истифода мебаред.

Хулоса гуфтан мумкин аст, ки таҳсилоти фосилавӣ наметавонад шакли пурраи таълимро иваз кунад. Бо вуҷуди ин, ҳар сол донишҷӯён бештар ба таҳсилоти фосилавӣ майл пайдо менамоянд. Ин шакли таҳсилот имконият медиҳад, ки аз технологияҳои интернетӣ ва компютерӣ бештар дар раванди таълим истифода баранд. Интернет ва компютер омӯзишро бештар шавқовар ва самарабахш мегардонанд. Дар ин самт лоиҳаҳо ва ихтироъти нав ба нав омода шуда истодаанд, то ки ҳар як шахс бо имкониятҳои гуногун тавонад дониш ва малакаҳои худро сайқал дода, тиҷорат ва шуғли хешро дар асоси муносибати босалоҳият ба роҳ монад.

**АДАБИЁТ:**

1. Рахимов Н.Т. Дистанционное образование в Худжанде. Материалы научно – практической конференции ТТУ. – Душанбе, 2000. - С. 85 – 86;

2. Красильникова Е.В. Природа интернет-экономика // Известия Самарского университета. Серия: Экономика, управление, право. 2010. Вып.2. С. 9-14.

3. Щекотуров А.В. Net-дружба в структуре конструирования виртуальной идентичности подростков // Вестник Нижегородского университета им. Лобачевского. 2013. №3 (1). С. 441-445.

4. Колмогорова Е.В. Педагогические основы дистанционного обучения. – Новосибирск: Веди, 2005 – 320 С.

5. Хусяинов Т.М., Костригин А.А. Методология и теория онлайн-консультирования // Психология и Психотехника. 2014. № 9. С.996-1002. DOI: 10.7256/2070-8955.2014.9.12713

6. Валигурский С.Д. Организационно-экономические основы формирования и развития интернет-торговли: автореф. дисканд. пед. наук. М. 2012.

7. Кайсын С. Опыт применения системы дистанционного обмена в профессиональной переподготовке и повышении квалификации специалистов // Человек и образование. 2006. № 7. С. 53-57.

8. Вержбицкий В.В. Формирование социальных условий развития высокотехнологичного дистанционного обучения в новейшей истории России // Вестник российского университета дружбы народов. Серия: История России. 2003. № 2. С. 197-213.

9. Персональный сайт-Дистанционного образования. URL: http://tutorsupport. narod.ru/ index/0-7.

**Г. Салоҳиддинова**

**ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ ВОРИДШАВӢ БА ФАЗОӢ ТАҲСИЛОТИ ҶАҲОНӢ**

Дар мақола оид ба омилҳои муҳимми воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ андешаҳо баён гардида, муаллиф мунтазам ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон як заминаи муҳим дар ин самт ҳисобидааст. Ин низом барои ҳалли масоили муҳимми иҷтимоӣ, аз қабили баланд бардоштани дараҷаи саводнокии аҳли ҷомеа, сатҳи иҷтимоӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, дараҷаи худшиносӣ ва ҷаҳонбинии шаҳрвандон ва рушди фазои ягонаи таълимӣ дар чаҳорчӯбаи ҷомеаи умумиҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Дар мақола гуфта шудааст, ки мақсади асосии амалигардонӣ ва рушди таълими фосилавӣ ин ба шаҳрвандон фароҳам овардани фазои ягонаи таълимро дар ҳама гӯшаю канори кишвар ва хориҷ таъмин менамояд. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ, ба боло бурдани таълими фосилавӣ ва сифати таҳсилот мусоидат менамояд.

***Калидвожаҳо**: таҳсилоти фосилавӣ, сифати таҳсилот, ҷараёни таълим, почтаи электронӣ, веб-технологияҳо, синхронӣ.*

**Г. Салохиддинова**

**ДИСТАНЦИОННОЕ ОБУЧЕНИЕ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР ВХОЖДЕНИЯ В МИРОВОЕ ОБРАЗОВАНИЕ**

В статье изложены важные факторы вхождения в мировое образовательное пространство. Автор считает реализацию системы дистанционного обучения в высших учебных профессиональных заведениях Республики Таджикистан важным фактором в этом направлении. Это система способствует решению важных социальных проблем, а также повышению качества образования общественности, социального уровня, предпринимательской деятелности, степень самосознания и мировоззрения граждан, развитие единого учебного пространства в рамках мирового общества. В статье говориться о том, что основная цель реализации и развитии дистанционного обучения это обеспечение единого доступа к образованию во всех уголках страны и зарубежом. Все это в общем, способствует повышению дистанционного обучения и качеству образования.

***Ключевые слова:** дистанционное образование, качества образования, процесс обучения, электронная почта, веб-технологии, синхронные.*

**G. Salohiddinova**

**DISTANCE LEARNING IS AN IMPORTANT FACTOR IN ENTERING GLOBAL EDUCATION**

The article sets out important factors in entering world education, the author considers the regular implementation of the distance learning system in higher education institutions of the Republic of Tajikistan as an important major in this direction. The system contributes to the solution of important social issues, as well as improving public education, social level of entrepreneurial activity, the degree of self-consciousness and worldviews of citizens, the development of a common educational space within the global society. The article says that the main goal of implementation and development of distance learning is to provide unified access to education in all parts of the country and abroad.

***Keywords:** distance education, education quality, learning process, E.mail, web-technology, synchronous.*

**Сведения об авторе: Салохиддинова Гулнора Нарзуллоевна** – старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45. E. mail: gulnor1006@mail.ru

**Information about the author: Salohiddinova Gulnora Narzulloevna** Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45C Aini St. E.mail: gulnor1006@mail.ru

**Ш. ШАРИПОВА**
**Ё. РАХМАТОВ**

# ИСТОРИЧЕСКАЯ И СОВРЕМЕННАЯ КОНЦЕПЦИЯ О ВОСПИТАНИИ ГУМАННОСТИ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

Гуманность как нравственное качество является сложным интегративным психическим и педагогическим образованием, которое включает осознание и понимание норм морали, наличие гуманных чувств и нравственного поведения. Базовой категорией воспитания гуманности является понятие «гуманные чувства», т.е. эмоциональное переживание реальных гуманных отношений и взаимодействий.

Гуманизация образования, творческое развитие способностей каждого ребенка, уважение к его личности, ориентация на духовно-нравственное воспитание прослеживаются в настоящее время во многих педагогических концепциях и программах.

Основным положением гуманизации образовательного учреждения, по мнению академика И. Х. Каримовой, становится «процесс обретения им свойств, создающих условия защиты прав каждого человека, его свободного и наиболее полного развития и самореализации» [5, С.32].

Обращение педагога к гуманным чувствам, таким, как чувство доброты, сочувствия, сострадания, милосердия, справедливости, чуткости, отзывчивости, эмпатии, жалости, дает информацию о нравственной зрелости воспитанника. Образовавшись, гуманное чувство не обособляется в структуре личности, а тесно связывается с другими гуманными чувствами, тем самым создавая предпосылки для процесса их дальнейшей интеграции.

Непрерывным воспитанием гуманности как интегративного качества личности занимается несколько социальных институтов. Первыми педагогами являются родители, которые обязаны заложить основы физического, интеллектуального и нравственного воспитания ребенка. На следующих этапах развития ребенка семье помогает сеть дошкольных учреждений, где закрепляются заложенные в семье добрые чувства, накапливается опыт поведения.

Наиболее благоприятным периодом для воспитания гуманности является младший школьный возраст.

Важную, на наш взгляд, роль в развитии гуманности личности сыграл Платон (427-347 г. до н. э.), характеризуя нравственную личность с позиции так называемых добродетелей - мудрости, умеренности, мужества и справедливости. Большую роль в становлении личности играет воспитание. Заметим, что позднее христианское богословие добавило к ним еще три теологические добродетели - веру, надежду, любовь, в результате чего возникло учение о семи добродетелях, которые сегодня трактуются как общечеловеческие ценности и являются фундаментом для нравственного развития личности.

Правильным, по мнению Платона, является такое воспитание, которое основано на уважении к ребенку и способствует развитию его природных способностей.

Воспитание начинается с раннего возраста, когда возникают и укрепляются гуманные чувства, которыми владеет взрослый человек в идеальном обществе. Высказанная Платоном педагогическая идея воспитывать ребенка путем игры, без принуждения, является актуальной и в наши дни. «Человек, желающий стать достойным в каком бы то ни было деле, должен с ранних лет упражняться, то забавляясь, то всерьез, во всем, что к этому относится. Например, кто хочет стать хорошим строителем, должен еще в играх возводить какие-то детские сооружения» [«Законы», 643] [7, С. 90].

Таким образом, платоновская система воспитания преследует этические и политические требования, что это не просто воспитание, оно выполняет социальные требования на формирование жизненных качеств личности, требующихся для государства.

Подобно Платону, Аристотель обосновал настоящую систему непрерывного воспитания, которая представляет процесс, затрагивающий все аспекты личности и длившийся всю жизнь. Основные направления воспитания выделяются в соответствии с природой человека и способствуют полноценному физическому, умственному и эстетическому развитию. Воспитание гуманности, по Аристотелю, не предполагает пассивного восприятия со стороны школьников, наоборот, существенное значение имеет опытное взаимодействие взрослых и детей.

Младший школьный возраст связан с утратой детской «непосредственности» (Л. С. Выготский). Отношение ребенка к действию приобретает опосредованный характер, где средствами регуляции выступают общественно выработанные нормы и способы действования. Ребенок становится способным произвольно управлять собственным поведением, подчинять его сознательному контролю, преодолевать импульсивность.

В данный возрастной период происходит интенсивное усвоение ребенком этических правил, норм и принципов, формирование нравственных привычек поведения и нравственных чувств личности, [6, С. 12].

Нравственные чувства выступают одним из существенных внутренних механизмов, лежащих в основе морального выбора и саморегуляции поведения, определяют уровень зрелости человека, его нравственную культуру.

Безусловно, ответственная роль в этом процессе обоснованно отводится начальной школе. Именно на этом этапе развития ребенок стремится познать себя, а через себя – других людей, их взаимоотношения. В младшем школьном возрасте происходит расширение и обогащение тех нравственных качеств, которые были сформированы в дошкольном возрасте. Тенденция интеграции гуманности обусловлена новыми требованиями, правилами школьной жизни. Изменение социальной ситуации развития ребенка обусловливает необходимость воспитания гуманности личности, которая позволяет ему адаптироваться в новых условиях.

Проблема воспитания гуманности детей младшего школьного возраста решалась во все времена на теоретическом и практическом уровнях.

Наиболее последовательно проблема воспитания гуманности решается в христианстве, где основой учения стало противопоставление двух полюсов — добра и зла. Философы Древней Греции (Платон, Сократ, Аристотель) раскрывали социально – теоретические аспекты воспитания гуманности у детей, подчеркивали необходимость организации воздействия взрослых на сознание, чувства, поведение детей, общения их между собой и со взрослыми в целях формирования личности.

Воспитание гуманности обеспечивается посредством реализации принципа природосообразности (К. А. Гельвеций, Д. Дидро, Я. А. Коменский, И. Г. Песталоцци, Ж. -Ж. Руссо), с опорой на личный опыт ученика (М. Монтессори, С. Френе, Д. Дьюи).

Анализ трудов русских педагогов позволяет констатировать важность воспитания таких качеств, как человечность, сопереживание, любовь (К. Н. Вентцель, П. Ф. Каптерев, Л. Н. Толстой, Д. И. Тихомиров, К. Д. Ушинский).

Педагоги советского периода Е. В. Бондаревская, Д. И. Водзинский, О. С. Газман, А. В. Зосимовский, Т. Е. Конникова, И. С. Марьенко, Э. И. Моносзон, Т. В. Мальковская, А. В. Мудрик, Л. И. Новикова рассматривали проблемы воспитания гуманности с позиций единства воспитания и обучения.

Новый вклад в теорию и практику воспитания гуманности личности внесли учителя – новаторы, работающие на основе идей педагогического сотрудничества (Ш. А. Амонашвили, И. П. Волков, Е. Н. Ильин, В. А. Караковский, С. Н. Лысенкова, В. Ф. Шаталов, Н. Е. Щуркова) и утверждающие личностно – ориентированный подход к формированию личности младшего школьника.

Исследования ученых В. В. Давыдова, А. А. Люблинской, В. С. Мухиной, Д. Б. Эльконина и других, свидетельствуют о предрасположенности младших школьников к гуманности, именно в этот возрастной период нравственные чувства играют большую роль в формировании личности (О. С. Богданова, Л. И. Божович, Б. С. Братусь, Л. С. Выготский, А. В. Запорожец, П. М. Якобсон). Этот аспект представляется достаточно продуктивным для раскрытия в нашем исследовании воспитания гуманности и его составляющих гуманных чувств.

В последние годы достаточно активно ведется разработка проблемы гуманизации учебно – воспитательного процесса в целом. В работах ученых Л. А. Байковой, М. Н. Берулавы, Е. В. Бондаревой, Т. П. Гавриловой, Н. А. Гусевой, М. А. Молчановой, Н. Д. Никандрова, Г. В. Поснова, М. М. Сущих, Н. Д. Соколова прослеживаются педагогические подходы к содержанию гуманистического воспитания. Разведены понятия «гуманизм», «гуманизация», «гуманность», определены роль и место гуманности в учебно – воспитательном процессе общеобразовательной школы.

Гуманизация педагогического процесса связана с переориентацией учебно – дисциплинарной модели педагогического взаимодействия на личностно – ориентированную модель (базируется на гуманистической психологии, основателями которой в 60-х годов прошлого века были Ролло Мей, Абрахам Маслоу, Карл Роджерс), признающая важность личностной свободы и умение индивида прогнозировать и контролировать свою собственную жизнь.

Проблема общего стимулирования решалась в ряде работ философов и социологов В. Г. Афанасьева, М. С. Когана, М. П. Лаптина, В. Г. Подмаркова, Н. Ф. Щербака.

Современная концепция педагогического стимулирования опирается на достижения психологической мысли, в частности, на теории П. П. Блонского, Л. С. Выготского, А. Н. Леонтьева, С. Л. Рубинштейна. В этих теориях были заложены основы целостного учения о личности и закономерностях развития процесса стимулирования. Важны труды К. А. Альбухановой – Славской, К. К. Платонова, Б. М. Теплова, Д. Н. Узнадзе, П. М. Якобсона в свете идей теории деятельности, личностного подхода.

Основные идеи, принципы и положения концепции педагогического стимулирования раскрыты в работах Л. Ю. Гордина З. И. Равкина, М. Г. Яновской. Развитие концепции педагогического стимулирования в историческом аспекте рассматривается в исследовании В. Г. Пряниковой. Л. И.Петрова посвятила свое диссертационное исследование теме стимулирования творческой активности младших школьников во внеурочной деятельности.

Содержание гуманного воспитания младших школьников включает следующие смысловые блоки:

- воспитание гуманности как качества личности;
- воспитание нравственности;
- формирование начал гражданственности и патриотизма;
- формирование отношения к труду и трудолюбия.

Воспитание гуманности представляет собой формирование такого нравственного качества, которое подразумевает сочувствие, сопереживание, отзывчивость, эмпатию.

Стержнем и показателем нравственной воспитанности человека является характер его отношения к людям, природе, к самому себе. Исследования показывают, что подобное отношение может складываться у детей уже в дошкольном возрасте. В основе этого процесса лежит умение понимать другого, переносить переживания другого на себя.

Формирование гуманного отношения к людям и природе начинается с раннего детства. При систематической работе, направленной на воспитание гуманного отношения младших школьников к окружающим людям и природе, у детей формируется гуманизм как нравственное качество. Иначе говоря, гуманизм входит в структуру личности как качественная ее характеристика.

Следует отметить, что воспитание гуманных чувств и отношений – процесс сложный и противоречивый. Умения сочувствовать, сопереживать, сорадоваться, не завидовать, делать добро искренне и охотно – в дошкольном возрасте лишь закладываются, [9,С.35].

Воспитание коллективизма как нравственного качества младших школьников основано на формировании положительных, доброжелательных, коллективных взаимоотношений.

Главная и единственная функция детского коллектива – воспитывающая: дети включаются в деятельность, которая по своим целям, содержанию и формам организации направлена на формирование личности каждого из них.

Для воспитания коллективных взаимоотношений появление такого феномена, как дружба, имеет смыслообразующее значение. Дружба как наиболее близкая связь между детьми ускоряет процесс действенного осознания социальных взаимоотношений. Взаимопомощь и отзывчивость являются значимыми характеристиками коллективных взаимоотношений.

В группах детей младшего школьного возраста существует коллективное мнение. Оно не только проявляется в виде одинаковых представлений о нормах взаимоотношений, но и может активно использоваться как личностно значимый фактор воздействия на каждого члена коллектива и как основа коллективных взаимоотношений.

Детские взаимоотношения регулируются нравственными правилами и нормами. Знание правил поведения и взаимоотношений облегчает ребенку процесс вхождения в мир себе подобных, в мир людей.

Воспитание начал патриотизма и гражданственности - одна из важнейших составляющих нравственного воспитания младших школьников.

Чувство любви к Родине схоже с чувством любви к родному дому. Роднит эти чувства единая основа - привязанность и чувство защищенности. Значит, если мы будем воспитывать у детей чувство привязанности, как таковое, и чувство привязанности к родному дому, то при соответствующей педагогической работе со временем оно дополнится чувством любви и привязанности к своей стране.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Балашов Лев. Золотое правило поведения // Здравый смысл. – 1997. – № 5. – С.55 – 65.
2. Бердяев Н.А. Пути гуманизма // Здравый смысл. – 2010. – № 3. – С.64.
3. Борзенко И.М., Кувакин В.А., Кудишина А.А. Основы современного гуманизма: Учебное пособие для вузов/ Под ред. В.А. Кувакина и А.Г. Круглова.– М.: Российское гуманистическое общество, 2012 – 350 С.
4. Воспитание личности школьника в нравственной деятельности: Метод. Рекомендации / Ом.гоС.пед.ин-т им. Горького. – Омск: ОГПИ, 2001. – 267 С.
**5.** Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы. ДисС. докт. пед. наук. - Душанбе, 2000.-385С.
**6.** Каримова И.Х., Ф.Шарифзода. Учитель-творец добра и прогресса. Душанбе: Ирфон, 2010. – 179 С.
7. Кряжева Н.Л. Развитие эмоционального мира детей. — Ярославль, 2009.
8. Новая философская энциклопедия. Том 1. – М.: Мысль, 2000. – 744 С.
9. Новикова Л. И. Педагогика детского коллектива. – М.: Педагогика, 1978. – 144 С.
10. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка / Под редакцией Шведовой Н.Ю. – М.: «Азъ», 2001. – 1536 С.

**Шарипова Ш.В., Рахматов Ё.С.**

## ИСТОРИЧЕСКАЯ И СОВРЕМЕННАЯ КОНЦЕПЦИЯ О ВОСПИТАНИИ ГУМАННОСТИ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

В статье рассматриваются проблемы воспитания у младших школьников гуманных чувств в исторических и современных концепциях. Отмечается, что гуманность как нравственное качество является сложным интегративным психическим и педагогическим образованием, которое включает осознание и понимание норм морали, наличие гуманных чувств и нравственного поведения.

***Ключевые слова:*** *гуманизм, воспитание, учитель, ученик, деятельность, коллектив, гуманное отношение*

**Шарипова Ш.В., Рахматов Ё.С.**

## КОНСЕПСИЯИ ТАЪРИХӢ ВА МУОСИР ОИДИ ТАРБИЯИ ИНСОНГАРОИИ НАСЛИ НАВРАС

Дар мақола муаммои тарбияи инсонгароии хонандагони хурдсол дар консепсияҳои таърихӣ ва муосир баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки инсонгароӣ чун арзиши маънавӣ мафҳуми интегративии равоншиносӣ ва педагогӣ буда,дар худ фаҳмиш ва дарки меъёрҳои ахлоқӣ, мавҷудияти эҳсосоти инсонгароӣ ва рафтори ахлоқиро дарбар мегирад.

***Калидвожаҳо***: *инсонгароӣ, тарбия, омӯзгор, талаба, фаъолият, коллектив,муносибати инсонгароӣ*

**Sharipova Sh., Rakhmatova Y.**

## HISTORICAL AND MODERN CONCEPT OF EDUCATING THE HUMANITY OF THE YOUNGER GENERATION

The article deals with the problems of educating younger students of humane feelings in historical and modern concepts. It is noted that humanity as a moral quality is a complex integrative mental education, which includes the awareness and understanding of moral norms, the presence of humane feelings and moral behavior. The basic category of education of humanity is the concept of "humane feelings", i.e. emotional experience of real humane relationships and interactions.

***Keywords:*** *humanism, education, teacher, student, activity, team, humane attitude*

**Сведения об авторах: Шарипова Шоира Валиевна-**соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета имени академика Бабаджана Гафурова. (Республика Таджикистан,г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1). E-mail: shoira82@mail.ru

**Рахматов Ёдгор Салимович** – докторант кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета имени академика Бабаджана Гафурова. (Республика Таджикистан,г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1). E-mail: rahmat94@mail.ru Телефон:92-8505090

**Information about the authors: Sharipova Shoira Valievna**-competitor of the department of social and professional pedagogy of Khujand State University named after academician Babadzhan Gafurov. (Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov 1). E-mail: shoira82@mail.ru

**Rakhmatov Yodgor Salimovich** - doctoral candidate of the department of social and professional pedagogy of Khujand State University named after academician Babadzhan Gafurov. (Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov 1). E-mail: rahmat94@mail.ru Tel. :92-8505090

Р. АСАДУЛЛОЕВ

# РОҲҲОИ ТАШККУЛИ САЛОҲИЯТҲО ДАР ТАЪЛИМ

Таҳсилоти босалоҳият равандест, ки дар он дониш маҳорат ва малакаҳои барои зиндагӣ дар ҷомеа муҳим ташаккул дода шуда, роҳҳои дар ҳаёт татбиқ намудани онҳо ба даст оврада мешаванд. Низоми таҳсилоти босалоҳият хусусиятҳои ба худ хос дорад. Дар ин низом таваҷҷуҳи асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ё худ калидӣ равона магарданд ва новобаста аз доираи фанни муайян онҳо ташаккул дода мешаванд. Дар ин замина муносибати таълимгиранда нисбат ба таълим, муносибати омӯзгору таълимгиранда ва муносибати таълимгирандаву маводи таълимӣ хос мебошад. Ин муносибат чи гуна сурат мегирад? Яъне маълумот ё худ донишҳои муайян аз сарчашмаҳои санҷидашуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашуда тавассути омӯзгор ё барномаву модулҳои таълимӣ , китобҳои дарсӣ пешкаши хонандагон мегарданд. Бояд гуфт, ки ин ҷо ба назар гирифтани қобилият, маҳорат, фаъолияти эҷодии хонандагон дар мадди аввал меистад, зеро на ҳар амале, ки хонанда аз рӯйи қобилияти зеҳнии худ ба анҷом мерасонад, барои ташаккул ёфтани салоҳиятҳои ӯ мусоидат мекунад. Бинобар ин, омӯзгорро лозим меояд, ки барои ташаккул додани салоҳиятҳои хонандагон дар раванади машғулиятҳо корҳҳои зеринро анҷом диҳанд:

-зимни ба нақша гирифтан машғулиятҳо ва таҳия намудани модулҳои таълимӣ талаботи салоҳиятнокии хонандаро ба эътибор бигирад ва роҳҳои ташакули салоҳиятҳоро муайян намоянд.

-ба хонандагон имкони мутақилона фаъолият кардан ва малакаҳои дар натиҷаи дониш соҳиб гаштаашонро сайқал доданро пешниҳод намояд. Яъне он дониши назариявие, ки онҳо дар дарсҳо аз худ намудаанд, тавонанд дар амалия иҷро намоянд. Хусусияти таълими босалоҳият низ дар он аст, ки диққати хонанда на ба назария, балки бештар ба корҳои амалӣ ҷалб карда мешаванд.

-тамойлҳои имконпазири инкишофи ояндаи таълимгирандагонро дар ҷараёни таълим ба эътибор гирад ва имкон диҳад, ки хонанда малакаҳои пештар дар ҷараёни донишандӯзӣ ба дастовардаашро ба малакаҳои нав ҳосил кардааш зам намояд, яъне таҷрибаи гирифтаашро дар амал татбиқ намояд.

-зимни таҳия намудани нақшаи дарс ва ё супоришҳо завқу рағбат, қобилият, майлу хоҳиши хонандаро ба инобат гирад, дар раванди дарс рафтори ҳар яки онҳоро назорат намуда, барои рушди зеҳниии шифоӣ -забонӣ , мантиқӣ , риёзӣ , зеҳни биноӣ , зеҳни ҳаракат, зеҳни мусиқӣ ва ғайраи онҳо мусоидат намоянд.

-ба натиҷаи таълим аз рӯйи он, ки супориш то кадом андозе иҷро шудааст ва тибқи намунаи додашуда дуруст иҷро шудааст ё не, баҳо диҳад.

-шароите фароҳам оварад, ки хонанда тавонад ба натиҷаи кори худ, малакаи дар ичроиши супоришҳо ҳосил намудаи худ баҳо диҳад ва онро таҳлил намояд, хатогиҳоеро, ки зимни иҷрои машқу мисолҳо роҳ дода шудаанд, муайян кунад, сабаби ба онҳо роҳ доданро худаш мустақилона ё дар якҷоягӣ бо ҳамсабақҳояш ё омӯзгор ошкор сохта, муҳокима намояд ва корашро дар асоси нишондиҳандаҳо такмил диҳад.

-ба саволҳои хонандагон ба таври равшану саҳеҳ, бидуни маломату сарзаниш посух диҳад. Дар вақти пурсиши мавзӯъ барои дуруст шарҳ додани он ба хонанда кӯмак расонад.

- дараҷаи дониш ва фаъолияти хонандаро одилона арзёбӣ намояд.

-зимни дарсҳо аз технологияи муосири иттилоотию коммуникативӣ , усули фаъоли таълим истифода барад.

-дар дарсҳо ҳамеша тибқи риояи талаботи педагогиву психологӣ амал намояд.

Донистан ва дар амал татбиқ намудани ин нишондодҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагонро баланд бардошта, барои ҳамчун шахсият, яъне шахси масъулиятнок, босалоҳият, бофарҳангу ботарбия ва маърифатнок ташаккул ёфтани онҳо замина гузорад [**8. С.**46-50].

Академик Лутфуллозода М. дар асари “Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо” иброз доштааст, ки “салоҳиятнокӣ ҳамчун маҳорат яке аз сифатҳои одами бомаърифату бомаънавиёту соҳибкасб буда, тарбия ва ташаккули ин гуна сифатҳо дар одам басо муҳим, зарур ва замонавист. Бинобар ин, таълими ҷузъҳо ва унсурҳои

11. Кодиров К.Б. Гуманитаризация системы высшего профессионального образования Республики Таджикистан. Сб.: Подготовка педагогических кадров: опыт, проблемы и пути их решения // Материалы межд. конф., Душанбе, 18-19 сентября 2001 года-Д., ТГПУ, 2001. - С. 20-22.

12. Концепция гражданского образования в Республике Таджикистан

13. Крепкая Т.Н. Формирование иноязычной коммуникативной компетентности в системе дополнительной профессиональной лингвистической подготовки студентов в тех. вузе :дис. ... канд. пед, наук : 13.00.02 / Т. Н. Крепкая. - С-Петербург, 2005. - 212 с.

14. Кывсрялг, А.А. Методы исследования в профессиональной педагогике / А. А. Кыверялг. - Таллинн :Валгус, 1980. - 334 с.

15. Наимова В.Р. Оценка человеческого капитала в Республике Таджикистан // Европейский Союз глазами ученых Таджикистана: Материалы конференции. Душанбе, РТСУ, 2004. - С.87-91.

16. Нечаев Н.Н., Резницкая Г.И. Формирование коммуникативной компетенции как условие становления профессионального сознания специалиста // Вестник университета Российской академии образования. -М., 2001. - № 1. - С. 78-97.

17. Принципы модульного обучения: Методическая разработка для преподавателей / Сост. О. Г. Проворова; Краснояр.гос.ун-т. -Красноярск, 2006. - 32 с.

18. Ромашок М.Ю. Модульная программа как средство развития самостоятельной познавательной деятельности учащихся: автореф. дис. ... канд. пед. наук : 13.00.01 / М.Ю. Романюк . - Оренбург, 2004. - 21 с.

19. Соловьева Э.Б. Формирование профессиональной коммуникативной компетентности будущего учителя иностранного языка: Автореф. дис. ...канд. пед. наук / МаГУ - Магнитогорск, 2001.- 23 с.

20. Фузайлов Р.К. Способы популяризации дидактических инноваций по иностранным языкам в школах и вузах Республики Таджикистан: Автореф. дис....канд. пед. наук / Душанбе, 2006. - 25 с.

21. Халимов З.М. Профессионально-педагогическая система воспитания студентов в педвузах Республики Таджикистан: Автореф. дис....канд. пед. наук / Душанбе, 2006. - 22 с.

22. Храмочкина О. А. Технология модульно-рейтингового контроля качества подготовки студентов по иностранному языку : (на материале неязыковых вузов): автореф. дис. ... канд. пед. наук : 13.00.08 / Белгород, 2005. - 24 с.

**Абдулахадова Анорби**

## РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ В ОБЛАСТИ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫМ ЯЗЫКАМ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье автор, рассматривая вопросы развитие системы высшего образования в области обучения иностранным языкам в период независимости, утверждает, что Таджикистан после обретения независимости, как и остальные постсоветские государства, начал выстраивать новую, собственную модель системы образования, принимая во внимание необходимость интеграции в глобальное образовательное пространство и формирование иноязычной компетенции через

модульное обучение осуществляется в ходе овладения содержательной составляющей обучения иностранным языкам, в основе которого лежат специально разработанные модульные программы и модули, система поэтапного контроля, позволяющая отслеживать уровень освоения студентами учебной программы на каждом этапе.

В статье, также, автор рассказывает о необходимости разработки концепции обучения иностранным языкам, о потребности роста интереса обучающихся к изучению английского и других иностранных языков, а также о росте спроса на образовательные услуги учебных заведений с углублённым изучением английского языка.

**Абдулахадова Анорби**

**РУШДИ НИЗОМИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ**

Дар мақола муаллиф масоили рушди низоми таҳсилоти олиро дар самти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият, чун дигар давлатҳои собиқшӯравӣ, ба бунёди модели нави низоми таҳсилот бо дарназардошти зарурати ҳамгиройӣ ба фазои глобалии таҳсилот ва ташаккули салоҳиятҳои азхудкунии забони хориҷӣ тавассути таълими модулӣ дар раванди азхудкунии забони хориҷӣ, ки асос ба барномаву модулҳои махсус таҳияшуда ва низоми назорати давра ба давра амалӣ карда мешавад, оғоз кард ва дар ин ҷода ба комёбиҳои назаррас ноил шуд.

Дар мақола, ҳамчунин, муаллиф роҷеъ ба зарурати таҳияи консепсияи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, вусъати талабот ва шавқу рағбати толибилмон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва рушди талабот ба хизматрасониҳои омӯзишии таълими амиқи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ ибрози андеша мнамояд.

**Abdulahadova Anorbe**

**DEVELOPMENT OF THE SYSTEM OF HIGHER EDUCATION IN THE FIELD OF TEACHING FOREIGN LANGUAGES IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE**

In the article the author considering the issues of development of higher education in the field of teaching foreign languages in the period of independence, says that Tajikistan after independence, like other post-Soviet States, began to build a new model of the education system, taking into account the necessity of integration into the global educational space and formation of foreign language competence through modular training is carried out in the course of mastering a meaningful component of teaching foreign languages, it is based on specially designed modular programs and modules, a phased control system that allows you to track the level of development of students of the curriculum at each stage.

In the article, the author also talks about the need to develop the concept of teaching foreign languages and the need to increase the interest of students to learn English and other foreign languages, as well as the growing demand for educational services of educational institutions with in-depth study of English.

**Сведения об авторе: Абдулахадова Анорби Сафоловна–** старший преподаватель кафедры языков Таджикского технического университета им. М. Осими, соискатель Института развития образования им. А. Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. им. академиков Раджабовых,10. Тел:. (992) 907 755781, E.mail: anoratj@mail.ru.

**Information about the author: Abdulahadova Anorbe Safolovna** – senior lecturer, Department of languages Tajik technical University. M. Oshimi, candidate of the Institute of education development. A. dzhomi Academy of education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. academicianRajabov, 10. Bodies'.: (992) 907 755781, e-mail: anoratj@mail.ru.

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

---

**Г. БОБИЗОДА**
**М. ФАЙЗУЛЛАЕВА**

# КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ УЧАЩИХСЯ НА УРОКАХ ХИМИИ

«Компетенция» (от латинского слова competentia) – вопросы, где человек основательно информирован, имеет опыт и разум. Компетентный человек характеризуется конкретными знаниями и умениями, позволяет рассуждать в данном направлении и функционировать в ней [1]. В своих исследованиях А.В. Хуторской [2, С. 8] в сущности компетентностного образования рекомендует разобщить изучаемые понятия «компетенция» и «компетентность». «Компетенция» - совокупность обусловленных качеств личности, например, знания, умения и др., которые относятся к конкретному ряду предметов, обязательных для качественного выполнения какой-либо деятельности. «Компетентность» - владение человека определенной компетенцией, включающая субъективное отношение к предмету и к ней. Общеобразовательные компетенции относятся к тем компетенциям, которые овладевают важнейшими учебными предметами и определенными областями образования. Компетенции такого рода выражают предметно-деятельностную часть обучения и предоставляют интегральное достижение цели. Развитие компетенций реализуются способами и методами содержания образования. В результате у учащегося вырабатываются умения и возникают возможности разрешать проблемы различного рода, к примеру, бытовые, социальные проблемы и др. Таким образом, А.В. Хуторской приходит к выводу о том, что образовательные компетенции содержат в себе элементы функциональной грамотности учащегося, но не обусловливаются только ими. Образовательные компетенции ограничиваются личностно-деятельностным подходом к обучению, так как имеют характерное отношение к личности учащегося, выявляются и изучаются только в процессе осуществления организованного выполнения конкретного плана деятельности.

Международная организация труда в начале 90-х годов XX века ввела понятие «ключевые компетенции». Данное понятие трактуется как «общая способность человека мобилизовать приобретенные знания и умения» [3]. По суждению А.П. Тряпицыной, компетентность предполагает степень образованности, характеризующаяся умением, основываясь на теоретические знания решать те или иные задачи в разнообразных сферах жизнедеятельности [4]. Дж. Равен, считает, что компетентность – уникальная способность, необходимая для продуктивного выполнения определенной деятельности и содержащий предметные умения, знания, а также способы мыслительной деятельности и познание ответственности за свои действия. Люди выражают компетентность в тех случаях, когда оказываются в определенной интересной ситуации. Таким образом, Дж. Равен, связывает выражение компетентности с интересами и ценностями, главным из которых, является увлеченность человека каким-либо делом. Но, понятие «компетентность» намного шире, чем ЗУНы (знания, умения и навыки).

Е.А. Самойлов [2, С. 20] трактует понятие «компетентность как термин при изучении проблемы становления и развития свойств личности. В большинстве научных работах «компетентность» определяется как знание своего дела, существа выполняемой работы, взаимосвязей явлений, процессов, способов и средств достижения целей.

По мнению ученых В.А. Болотова, В.В. Серикова *«компетентность»* - способ существования знаний, умений, образованности, способствующей личностной самореализации, нахождению воспитанником своего места в мире.

С точки зрения образования и воспитания *«компетенция»* рассматривается как некий конечный результат образовательного процесса. Так, например, Э.Ф. Зеер [89] считает, что *«компетенция»*- способность мобилизовать и преобразовывать знания, умения, навыки в результат конкретной деятельности.

«Компетентностный подход» в обучении – ориентированность процесса обучения на развитие и формирование ключевых компетенций личности (базовые, основные,

предметные), которые в комплексе образуют интегрированную характеристику личности человека.

По мнению Б.И. Хасана компетенция – овладение способами деятельности. Но данное определение не раскрывает суть этого термина. По А.В. Хуторскому «ключевые компетенции» имеют отношение к общим метапредметным содержаниям обучения, а также определяются по степени образовательной области и изучаемых предметов.

Проанализировав взгляды современных ученых по данной проблеме, можно предположить, что термин «компетенция» по нашему мнению – непрерывная система знаний, умений и навыков, основанная на способности к деятельности, сформировавшееся на основе ценностно-смысловых ориентиров личности учащихся. Следовательно, «компетенция» - интегративное образование координирующих между собой компонентов, состоящее из деятельностного, когнитивного, ценностно-мотивационного и др.

Понятие «образовательные компетенции» вошедшие в практическую часть и нормативные составляющие процесса образования, характерную для таджикиских школ, когда учащиеся овладевают теоретическими знаниями, но претерпевают трудности, заключающиеся в использовании этих знаний для решения конкретных задач или определенной ситуации. Образовательная компетенция - овладение комплексной процедурой, в которой для каждого направления соответствует совокупность образовательных компонентов, носящий личностно-деятельностный характер.

Выяснив основные направления компетенций, следует определить их систему. Согласно с дифференциацией содержания образования на межпредметное (сфера образования или курс различных предметов); общее метапредметное (для всех дисциплин или предметов); предметное (индивидуально для учебных дисциплин или предметов).

1) межпредметные компетенции – принадлежат к конкретному ряду учебных предметов и образовательной сферы;

2) общие метапредметные – сюда принадлежат ключевые образовательные компетенции;

3) предметные компетенции – в отличие от предыдущих компетенций, имеют определенную характеристику и преимущества формирования в пределах учебных предметов. Следовательно, образовательные (ключевые) компетенции уточняются на уровне образовательной области, а также учебные дисциплины или предметы для каждого этапа обучения.

Ключевые образовательные компетенции характеризуются нами на принципе целей общего образования, главных видов действия обучающихся, которые позволят им постигнуть общественного опыта, получать в современном социуме разнообразные умения, навыки и способы деятельности. А.В. Хуторской в своих исследованиях формирует ключевые образовательные компетенции (на базе главных целей) на этапах обучения, комплексного представления общественного опыта, и важнейших видов деятельности, которые обеспечат возможность личности получать умения, навыки, опыт практической деятельности в современном социуме.

Главной целью образовательных учреждений является обеспечение условий и предоставление возможности учащимся овладения знаниями, умениями и навыками для продуктивного применения полученных знаний, методов и способов в обыденной жизни [98].Следовательно, исходя из вышеизложенного, можно полагать, что компетентностный подход обозначает – развитие личности, способной применяя знания, умения и навыки индивидуально решать разного рода проблемы. В пределах компетентностного подхода основным является углубление и интенсификация способов и средств деятельности, а также поведенческие реакции в нестандартных ситуациях (обретение многообразного опыта).

В соответствии с вышеизложенным в рамках компетентностного подхода для формирования функциональной грамотности учащихся необходимо развитие ключевых компетенций. При этом важную роль играет профессиональная компетентность учителя. Последняя, рассматривается как комплекс педагогических знаний и умений, которые являются важнейшими индивидуальными (личностными) качествами перетекающие на достижение общественно-педагогических исследований по формированию разных видов компетенций. Преимущественно компетенции, в разрешении жизненных ситуаций, которые необходимы для приспособления и существования в современном социуме.

Профессиональная компетентность педагога в области формирования функциональной грамотности школьников содержит педагогическую, психологическую, методологическую компетенции, а также компетенции педагога в процессе обучения, координирования качеством взаимодействия «учитель – ученик». Для реализации компетенстностного подхода в процессе обучения химии в школе нами была проведена экспериментальная работа в СОУ № 55. 44, 63, 79,7 г Душанбе, были охвачены учащиеся паралелли 11-х классов (всего 120 человек). Развитию компетентностного подхода предусмотрены ряд следующих этапов: актуальность (целеполагание), составление плана работы, предположение (прогнозирование), осуществление (реализация), обработка или коррекция, рефлексия. Каждая ступень образования отличается доступностью уровня обучения. При этом каждый уровень характеризуется определенной грамотностью, например, школьники начального звена должны обладать элементарной грамотностью; учащиеся среднего звена – должны достичь уровня функциональной грамотности; а учащиеся старшего звена должны обладать компетентностью.

После проведения эксперимента и использования педагогических условий, на итоговом этапе эксперимента, определяющих готовность учащихся как одной из главных основ развития компетентности обучающихся, на основе выявленных показателей и критериев была проведена итоговая проверка сформированности функциональной грамотности.У учащихся экспериментальной группы уровень функциональной грамотности достиг высокого уровня вероятно благодаря внедрению технологии проектной деятельности в учебный процесс, в отличие от учащихся контрольной группы, уровень которых немного повысился, скорее всего, связано это с тем, что в классе учащиеся с высоким потенциалом. Результаты уровня сформированности функциональной грамотности приведены в таблице 1.

***Таблица 1 – Уровень функциональной грамотности учащихся на обобщающем этапе эксперимента 11-х классов (2018-2019 гг.)***

| № | Класс, кол-во уч-ся | Оптимальный | | Допустимый | | Критически | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Кол-во | % | Кол-во | % | Ко л-во | % |
| 1 | 11 «А» класс (КГ) – 35 уч-ся (СОУ № 55) | 7 | 16,6% | 16 | 63,3% | 12 | 20% |
| 2 | 11 «Б» класС. (ЭГ) – 37 уч-ся (СОУ № 55) | 16 | 33,3% | 14 | 43,3% | 7 | 6% |
| 3 | 11 «А» класс (КГ) – 21 уч-ся (СОУ № 44) | 7 | 32% | 8 | 36% | 6 | 2% |
| 4 | 11 «Б» класС. (ЭГ) – 23 уч-ся (СОУ № 44) | 13 | 60% | 9 | 36% | 1 | 4% |
| 5 | 11 «А» класс (КГ) – 35 уч-ся (СОУ № 63) | 6 | 20% | 17 | 48% | 12 | 2% |
| 6 | 11 «Б» класС. (ЭГ) – 36 уч-ся (СОУ № 63) | 0 | 40% | 19 | 8% | 16 | 12% |
| 7 | 11 «А» класс (КГ) – 28 уч-ся (СОУ № 79) | 4 | 16% | 17 | 56% | 7 | 28% |
| 8 | 11 «Б» класС. (ЭГ) – 25 уч-ся (СОУ № 79) | 10 | 40% | 13 | 52% | 2 | 8% |
| 9 | 11 «В» класс (КГ) – 30 уч-ся (СОУ № 55) | 8 | 24% | 13 | 44% | 9 | 32% |
| 10 | 11 «Г» класС. (ЭГ) – 35 уч-ся (СОУ № 55) | 15 | 44% | 18 | 52% | 2 | 4% |

Сравнение данных (Таблица 1) полученных в результате проведенного эксперимента по определению функциональной грамотности свидетельствует о том, уровень функциональной грамотности у учащихся в экспериментальных группах значительно повысился. В контрольной группе тоже произошли изменения в положительную сторону, скорее всего это связано, с тем, что успеваемость учащихся в данных классах высокая. Таким образом, сравнивая ответы учащихся можно сказать, что результаты учащихся в контрольной группе изменились по некоторым показателям и отличаются от результатов констатирующего эксперимента; напротив, в экспериментальной группе большая часть

учащихся обладают учебно-познавательными умениями и навыками общеучебной деятельности, т.е. умеют формулировать выводы, любую информацию могут представить в виде схем и таблиц, умеют работать с текстом, а также могут формулировать затруднения, возникающие в процессе изучения предмета. Следовательно, из проведенной работы по определению сформированности функциональной грамотности видно, что результаты учащихся контрольной и экспериментальной группы отличаются между собой тем, что в контрольной группе результаты констатирующего и формирующего изменились, и в основном большинство из них обладают допустимым уровнем функциональной грамотности; но, в экспериментальной группе наблюдаются значительные изменения (учащиеся обладают оптимальным и допустимым уровнем функциональной грамотности, т.е. учащиеся знают, понимают, могут анализировать и оценивать сложившуюся ситуацию). Также у них наблюдается высокая познавательная активность.

Для выявления главных теоретических принципов нашего исследования и продуктивности установленных педагогических условий по формированию функциональной грамотности школьников в процессе обучения биологии необходимо было проследить динамику итогов констатирующего и обобщающего этапов эксперимента в экспериментальных группах по критериям функциональной грамотности (Таблица 2).

***Таблица 2 - Результаты констатирующего и обобщающего эксперимента по формированию функциональной грамотности учащихся (экспериментальные группы) (2017-2018 гг.)***

| Критерий функциональной грамотности | Оптимальный уровень | | Допустимый уровень | | Критический Уровень | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Конст. эксп. | Обобщ. эксп. | Конст. эксп. | Обобщ. эксп.. | Конст. эксп. | Обобщ. эксп. |
| **Мотивационный** | | | | | | |
| СОУ № 55 | 34% | 60% | 48% | 30% | 18% | 10% |
| СОУ № 44 | 33% | 58% | 49% | 31% | 18% | 11% |
| СОУ № 63 | 34% | 59% | 47% | 32% | 19% | 9% |
| СОУ № 79 | 32% | 60% | 50% | 31% | 18% | 9% |
| СОУ № 55 | 33% | 58% | 48% | 31% | 19% | 11% |
| **Когнитивный** | | | | | | |
| СОУ № 55 | 8% | 18% | 66% | 76% | 26% | 6% |
| СОУ № 44 | 9% | 17% | 65% | 77% | 26% | 6% |
| СОУ № 63 | 10% | 16% | 65% | 77% | 25% | 7% |
| СОУ № 79 | 8% | 18% | 64% | 75% | 28% | 7% |
| СОУ № 55 | 8% | 17% | 65% | 76% | 25% | 7% |
| **Деятельностный** | 9% | 29% | 35% | 57% | 56% | 14% |
| СОУ № 55 | 8% | 28% | 36% | 58% | 56% | 14% |
| СОУ № 44 | 9% | 29% | 34% | 58% | 57% | 13% |
| СОУ № 63 | 8% | 29% | 36% | 58% | 56% | 13% |
| СОУ № 79 | 8% | 28% | 36% | 57% | 56% | 16% |
| СОУ № 55 | | | | | | |
| **Рефлексивный** | 7% | 54% | 23% | 35% | 70% | 11% |
| СОУ № 55 | 6% | 55% | 24% | 34% | 70% | 11% |
| СОУ № 44 | 8% | 54% | 21% | 36% | 71% | 10% |
| СОУ № 63 | 7% | 53% | 22% | 36% | 71% | 11% |
| СОУ № 79 | 8% | 54% | 22% | 36% | 70% | 10% |
| СОУ № 55 | | | | | | |

Продуктивность влияния педагогических условий, которые обеспечивают формирование функциональной грамотности обучающихся как важнейшей предпосылкой для развития компетентности школьников, выявлялась посредством критерия «хи-квадрат» ($x^2$) – Пирсона, зафиксированы положительные изменения по приведенным критериям и показателям функциональной грамотности по всем вышеперечисленным школам.

Следовательно, базируясь на итоги обобщающего этапа экспериментальной работы, можно констатировать тот факт, что в процесс исследования установленных и теоретически доказанных педагогических условий формирования функциональной грамотности как основы развития компетентности обучающихся, произошли значительные изменения по критериям и показателям функциональной грамотности. Таким образом, в результате проведенного нами педагогического эксперимента была выдвинута и обоснована теоретическая гипотеза, достигнута цель нашего исследования и доказана продуктивность педагогических условий, которые дали возможность для формирования функциональной грамотности учащихся как одна из основ развития учебно-познавательной компетентности учащихся в процессе изучения химии.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Астанина С.Ю. Методическая система обучения общей биологии в условиях интенсификации образования: ДиС. канд. пед. наук. СПб., 2003. -184 С.

2. Беспамятных, Т.А. Методика учебно исследовательской работы учащихся при углубленном изучении обшей биологии: автореферат диС. на.к.п.н.,/ Т.А. Беспамятных. - СПб.: РГПУ, ООО «Академ-Принт». 2002, 20С.

3. Швецов Г. Г. Методика использования дидактических материалов в теории и на практике // Развитие методики биологии и экологии в XXI веке. Сборник тезисов докладов Международной научно-практической конференции. -М„ 2000. -С. 41-44.

4. Киселева, А. И. Экспериментальное использование модели формирования логических учебных действий у учащихся при обучении биологии / А. И. Киселева, И. Е. Киселев // Актуальные проблемы биологии, экологии, химии и методик обучения: сб. мат-лов Междунар. науч. практ. конф. с элементами научной школы для молодых ученых, 2–3 июня 2016 г. – Саранск :Мордов. гоС. пед. ин-т, 2017. - С. 64-70.

**Бобизода Ғ.**
**Файзуллоева М.**

## МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ҶАРАЁНИ ОМӮЗИШИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ХИМИЯ

Дар мақола масъалаи истифодаи муносибати босалоҳият дар таълим баррасӣ карда мешавад. Натиҷаҳои корҳои озмоишӣ, ки дар онҳо самаранокии таҷриба дар амал татбиқ гаштааст, нишон дода мешавад.

Пас аз муайян кардани самтҳои асосии салоҳият, муайян кардани системаи онҳо ба назар гирифта шудааст. Аз рӯи тафриқа мундариҷаи таҳсилот ба фанҳои байнифаннӣ (соҳаи таҳсилот ё курси фанҳои гуногун); метафанни умумии фаннӣ (инфиродӣ барои фанҳои таълим)

1) салоҳияти байнифаннӣ - ба як қатор фанҳои таълим ва соҳаи маърифатӣ тааллуқ дорад;

2) метафанни умумӣ – ин ҷо салоҳиятҳои асосии таълим дохил мешаванд;

3) салоҳиятҳои фаннӣ - дар тафовут бо салоҳиятҳои қаблӣ, дорои хусусиятҳои муайян ва бартариҳои ташаккул дар доираи фанҳои таълимӣ мебошанд. Аз ин рӯ, салоҳиятҳои маърифатӣ дар сатҳи соҳаи таълимӣ, инчунин фанҳои таълим ё фанҳо барои ҳар як марҳилаи таълим муайян карда мешаванд.

Мо салоҳиятҳои асосии маърифатро аз рӯи принсипҳои ҳадафҳои таҳсилоти умумӣ, намудҳои асосии фаъолиятҳои хонандагон тавсиф мекунем, ки ба онҳо дарки таҷрибаи иҷтимоӣ, дарёфти маҳоратҳо, малакаҳо ва усулҳои гуногуни фаъолият дар ҷомеаи муосир имкон медиҳад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *муносибати босалоҳият, озмоиш, раванди таълим, саводноки функсионалӣ.*

**Бобизода Г.**
**Файзуллоева М.**

## КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ УЧАЩИХСЯ НА УРОКАХ ХИМИИ

В статье рассматриваются вопросы использования компетентностного подхода в обучении. Представлены результаты экспериментальной работы, где практически доказана результативность проведенного эксперимента.

Выяснив основные направления компетенций, следует определить их систему. Согласно с дифференциацией содержания образования на межпредметное (сфера образования или курс различных предметов); общее метапредметное (для всех дисциплин или предметов); предметное (индивидуально для учебных дисциплин или предметов).

1) межпредметные компетенции – принадлежат к конкретному ряду учебных предметов и образовательной сферы;

2) общие метапредметные – сюда принадлежат ключевые образовательные компетенции;

3) предметные компетенции – в отличие от предыдущих компетенций, имеют определенную характеристику и преимущества формирования в пределах учебных предметов. Следовательно, образовательные компетенции уточняются на уровне образовательной области, а также учебные дисциплины или предметы для каждого этапа обучения.

Ключевые образовательные компетенции характеризуются нами на принципе целей общего образования, главных видов действия обучающихся, которые позволят им постигнуть общественного опыта, получать в современном социуме разнообразные умения, навыки и способы деятельности.

***Ключевые слова:*** *компетентностный подход, эксперимент, процесс обучения, функциональная грамотность.*

**Bobizoda G.**
**Fayzulloeva M.**

## COMPETENCE APPROACH IN THE PROCESS OF TEACHING STUDENTS AT BIOLOGY LESSONS

The article discusses the use of competence approach in teaching. The results of the experimental work are, presented where the effectiveness of the experiment is proved in practice.

Having found out the main directions of competences, it is necessary to define thein system, according to the differentiation the content of education is interdisciplinary (the sphere of education or course of various subjects); Genermeta- subject (for all disciplines or subjects) pre- subject (individually for academic disciplines or subjects).

1) Interdisciplinary competenes- belong to a specific range of subjects and educatiohal sphere.

2) General meta- subject- this includes key educational competencies;

3) Subject competenes- in controst to the previous competencies, they have a certain characteristic and the advantages of formation within educational subjects therefore, educational competenes are specified at the leve of the educational field, as well as educational disciplines or subjects for each stage of training.

Key educational competencies are characterized by the principle of General education goals, the main types of action of students that will allow them to comprehend the social experience, to receive in modern society diverse skills and methods of activity.

***Key words***: *competence approach, the exprement, the learning process of functional literacy.*

**Сведения об авторах: Бобизода Гуломкодир Мукаммал** – доктор биологических и фармацевтических наук, профессор, призидент Академии образования Таджикистана, г Душанбе, ул. Айнӣ 45 E-mail: bobievgm @mail.ru, тел: +(992) 888877917

**Файзуллоева Мукаррама Махмуджоновна** – старший преподаватель кафедры методика преподавании химии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, тел +(992) 918831995

**Information about the authors: Bobizoda Gulomkodir Mukammal –** doctor of biologicaland pharmaceutical Sciences, Professor, president of the Academy of education of Tajikistan, Dushanbe, 45 Ainistreet. E-mail: bobievgm @mail.ru, tel: +(992) 888877917

**Fayzullaeva Mukarrama Mahmydjonovna-**senior lecturer of the Departament of chemistry methodology. Tajik state pedagogical University S.Aini.tel:+(992) 918831995

**Р. ДАВЛАТОВ**
**Ф. КОМИЛИЁН**

# ТАҲЛИЛИ НАТИҶАҲОИ КОРИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШӢ ОИД БА САНҶИШИ САМАРАНОКИИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ КУРСИ «ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ»

Омодакунии мутахассиси ба талаботи имрӯзаи ҷомеа ҷавобгӯ яке аз проблемаҳои муҳимми муосир ба ҳисоб меравад. Дар ин самт роҳу усули гуногун, алалхусус, бо истифода технологияи нав, бояд босамар татбиқ гардад. Дар ҳама давру замон пешравии ҷомеа аз сатҳи иқтисодиёт зич алоқаманд буда, тайёркунии иқтисодчиёни ихтисосманд муҳим мебошад ва дар замони муосир, вақте, ки тамоми хоҷагидорӣ ба қонунҳои иқтисоди бозоргонӣ такя мекунад, ба зимаи макотиби олию коллеҷҳо вазифаҳои нав гузошта мешавад.

Албатта, татбиқи усули мухталиф ҷиҳати омода намудани мутахассисон талаботи ба худ хос дорад, ки самаранокии истифодаи ин ё он усул бо тариқи гузаронидани озмоиш муайян мегардад. Дар зер мо масъалаи монандро ҳангоми таълими курси «Технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт» мавриди таҳлил қарор додем.

Таҳқиқоти озмоишӣ , ки дар Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат (минбаъд – Коллеҷи омор) гузаронида шудааст, се давраи таҳлилиро дар бар мегирад: муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва санҷишӣ .[1.С.58]

Давраи муқарраркунандаи кори озмоишӣ муоинаи ҳолати ибтидоии сатҳи азхудкунии технологияҳои иттилоотиро аз тарафи донишҷӯён ва муайянсозии мотиватсияи истифодаи ин технологияҳоро дар фаъолияти касбии минбаъдаи онҳо пешбинӣ менамояд. Вазифаи давраи ташаккулдиҳандаи кори озмоишӣ аз татбиқи шартҳои педагогӣ , ки ба самаранокии ҷараёни омодасозии донишҷӯён дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мусоидат менамоянд, иборат аст. Марҳилаи санҷишии кори экспериментӣ омӯзиши тағйироти дар сатҳи ҳавасмандӣ ва салоҳиятнокии донишҷӯён баамаломадаро дар назар дорад.

Дар санҷиши педагогӣ 156 донишҷӯ фаро гирифта шудааст: 104 нафар аз ихтисоси 2-40010135 – «Таъминоти барномавии коркарди маълумоти иқтисодӣ ва иттилоотии корӣ » ва 52 нафар аз ихтисоси 2-25013102 – «Андоз ва андозбандӣ ». Ташкили гурӯҳҳои эксперименталӣ (ГЭ-1 ва ГЭ-2) ва санҷишӣ (ГС-1 ва ГС-2) тибқи тақсимоти донишҷӯён ба гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳои таълимӣ , ки аз тарафи қисми таълимии коллеҷ амалӣ гардонида мешавад, ба роҳ монда шудааст.

Барои гузаронидани санҷиши тестии комплексӣ ҷиҳати муайянкунии ташаккулёбии ҷузъҳои салоҳиятнокии иттилоотӣ дар зергурӯҳҳои ГЭ-1 ба миқдори 52 нафар донишҷӯ ва зергурӯҳи ГЭ-2 ба миқдори 26 нафар донишҷӯ корҳои зерин анҷом дода шуданд:

- дар соли таҳсили 2016-2017 тестиронии нахустин барои муайянсозии сатҳи ибтидоии донишҳои технологияи иттилоотӣ - иртиботӣ гузаронида шуд ва қисми мотиватсионӣ аз рӯйи методикаи К. Замфир дар таҷдиди А.А. Реан арзёбӣ гардид. Баъд аз омӯзиши фанни «Технологияи иттилоотӣ » тести ҷамбастӣ дар охири нимсола гузаронида шуд;
- дар соли таҳсили 2017-2018 ГЭ-1 баъд аз омӯзиши фанни «Технологияи иттилоотӣ » ва гузаронидани таҷрибаи якуми таълимӣ (нимсолаи 4-ум); ГЭ-2 баъд аз гузаштани таҷрибаи якуми таълимӣ (нимсолаи 4-ум);
- дар соли таҳсили 2018-2019 баъд аз гузаронидани таҷрибаи пешаздипломӣ ГЭ-1; баъд аз омӯзиши фанни «Системаи иттилоотӣ дар иқтисодиёт» ГЭ-2; таҳлили натиҷаи ҷамъбастӣ .[2.С.87]

Барои гузаронидани ташхис муайян сохтани меъёру нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккулёбии омодагии кормандони ояндаи иқтисодӣ барои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ояндаи касбӣ зарур аст. Дар асоси мазмуни омодасозии кормандони иқтисодӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ояндаи касбӣ (таълимӣ -методӣ , технологӣ , барномавӣ , иттилоотӣ ) мо меъёрҳои зеринро муайян сохтем (ҷадвали 1). Меъёрҳои омодасозии донишҷӯён барои истифодаи технологияи иттилоотӣ

дар муайянсозии сатҳҳои он кумак мерасонанд. Зери мафҳуми сатҳ мо дараҷаи ташаккулёбандагии ҳар як меъёри омодагии кормандони ояндаи иқтисодиро бо истифодаи технологияи иттилоотӣ мефаҳмем.

***Ҷадвали 1 – Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккулёбандагии ҷузъҳои омодагии донишҷӯён ба истифодаи технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти ояндаи касбӣ***

| **Компоненти мотиватсионӣ -арзишнокӣ** | |
|---|---|
| **Меъёрҳо** | **Нишондиҳандаҳо** |
| **Ҳавасмандкунӣ** | ✓ Мавҷудияти самти касбӣ , майлу рағбат ба касби оянда, дарки аҳамиятнокӣ ва талабот ба азхудкунии касбҳо.<br>✓ Муносибати мусбат ба истифодаи технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти ояндаи касбӣ .<br>✓ Кӯшишҳо дар азхудкунии технологияи иттилоотӣ .<br>✓ Кӯшишҳо барои истифодаи технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти таълимӣ ва касбӣ , дар давраи таҷрибаи истеҳсолӣ .<br>✓ Кӯшишҳо барои истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ .<br>✓ Кӯшишҳо барои ба даст овардани салоҳиятнокӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ . |
| **Таркибҳои маърифатӣ** | |
| **Маърифатӣ-иттилоотӣ** | ✓ Дарки нақши иттилоот ва дурнамои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт.<br>✓ Донистани мафҳумҳои пойгоҳие, ки бо иттилоот, равандҳои иттилоотӣ , воситаҳои техникӣ ва барномавӣ дар фаъолияти таълимӣ ва касбӣ алоқаманданд.<br>✓ Донистани принсипҳо, методҳо ва самтҳои технологияи иттилоотӣ .<br>✓ Истифодаи васоити компютерӣ ва иртиботӣ .<br>✓ Ҷустуҷӯи мустақилонаи иттилоот, пешниҳод ва интиқоли он;<br>✓ Нигаронӣ ба муҳит, ки дар заминаи технологияи муосири иттилоотӣ ва иртиботӣ ташкил мегардад. |
| **Компоненти технологӣ** | |
| **Фаъолияти амалиётӣ** | ✓ Азхудкунии технологияҳои иттилоотӣ - ҷустуҷӯ, интиқол, пешниҳод ва нигоҳдории он.<br>✓ Азхудкунии навҳои гуногуни таъминоти барномавӣ , аз ҷумла махсуС.<br>✓ Азхудкунии таҳлил ва пешниҳоди маълумот бо воситаи компютер.<br>✓ Азхудкунии маълумотҳои асосӣ дар бораи пойгоҳи додаҳо, сохти онҳо, воситаҳои сохтану кор бо онҳо. |
| **Компоненти шахсиятӣ** | |
| **Рефлексивӣ - натиҷавӣ** | ✓ Қобилият ба арзёбии дурусти фаъолияти худ зимни истифодаи технологияи иттилоотӣ дар соҳаи иқтисодиёт.<br>✓ Талабот ба азхудкунии технологияи иттилоотӣ .<br>✓ Рӯоварӣ ба худназоратӣ ва баҳодиҳӣ ба амалҳои худ дар ҷараёни иҷрои фаъолияти касбӣ .<br>✓ Рушди фаъолнокии касбӣ , ки мазмуни онро амалҳои қатъӣ ва ғайристандартӣ ташкил медиҳанд. Рӯоварӣ ба худтакмилдиҳӣ . |

Таҳлили адабиёт ба ҷудокунӣ ва тасвири сифатноки се дараҷаи омодагии донишҷӯён ба азхудкунии технологияи иттилоотӣ имкон дод: паст, миёна, баланд ва алоқамандсозии онҳо бо компонентҳои амсилаи (модели) омодасозӣ .

Мо барномаи гузаронидани ченкуниҳои мониторингии омодагии донишҷӯёни Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдатро бо истифода аз технологияи иттилоотӣ коркард намудем.

Тавсифоти мазмуни асосиро пешниҳод месозем: компонентҳо, нишондиҳандаҳои ташаккулёбии онҳо, методикаи ташхисӣ , тартиби иҷро ва меъёрҳои баҳодиҳӣ (ҷадвали 2).

***Ҷадвали 2 – Дараҷаҳои омодагии донишҷӯён барои истифодаи технологияи иттилоотӣ***

| **Таркибҳо** | **Тавсифоти дараҷаҳои омодагӣ ба истифодаи технологияи иттилоотӣ** |
|---|---|
| **Дараҷаи баланд** | |
| **Ҳавасноккунӣ-арзишнокӣ** | Донишҷӯён зарурати истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар фаъолияти ояндаи касбӣ дарк мекунанд. Донишҷӯён ба масъалаҳои истифодаи технологияи иттилоотии гуногун дар фаъолияти касбӣ майлу рағбат зоҳир менамоянд, ба шуғлварзӣ бо тадқиқотҳои илмӣ дар ин самт хоҳиш доранд. |
| **Маърифатӣ** | Азхудкунии озоди намудҳои воситаҳои гуногуни технологияи иттилоотӣ , мавҷудияти донишҳои амиқу системавӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва дарки истифодаи онҳо дар фаъолияти касбии иқтисодӣ . Ҷустуҷӯи мустақилона, коркард, интиқоли иттилооти зарури оморӣ бо ёрии шабакаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ |
| **Технологӣ** | Донишҷӯён дорои сатҳи баланди корбурди мустақилонаи навъҳои гуногуни технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ мебошанд: баҳодиҳии дуруст ба вазъият (фарзияи системаи амалиёт, мавҷудияти таъмини махсуси барномавӣ ва дастгоҳӣ , коршоямии шабакаҳои компютерӣ ва ғайра), вариантҳои истифодаи технологияҳои барномавӣ , дасгоҳӣ , шабакавӣ дар ҷараёни кор (ташкили муаррифии чандрасонаӣ (мултимедиявӣ ), пур кардани базаҳои омории маълумот, истифодаи технологияи барномавии махсус, архивсозии (бойгонисозии) иттилоотӣ ва ғайра) |
| **Шахсиятӣ** | Майлу рағбати баръало ифодаёфта ба омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ , худрушддиҳии мақсаднок ва худтакмилдиҳии малакаҳо ва усули кор бо технологияҳои иттилоотӣ , таҳлили фаъолияти хеш ва ташкили минбаъдаи амалҳо |
| **Дараҷаи миёна** | |
| **Ҳавасноккунӣ-арзишнокӣ** | Донишҷӯён зарурати истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар фаъолияти ояндаи касбӣ дарк мекунанд, ба масъалаҳои истифодаи технологияи иттилоотии гуногун дар фаъолияти касбӣ майлу рағбат доранд, аммо ба корбурди технологияи иттилоотӣ устувор нестанд. |
| **Маърифатӣ** | Дар донишҷӯён муносибати мусбат ба ҷараёни гирифтани донишҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ мавҷуд аст. Дониши онҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ чуқур, вале системанок нест. Донишҷӯён ояндаи истифодаи донишҳои гирифтаашонро намебинанд. |
| **Технологӣ** | Иҷрои масъалаҳои мустақилона дар соҳаи технологияи иттилоотӣ танҳо зимни мавҷудияти алгоритм ё намунаи аниқ имкон дорад. Донишҷӯ маҳорати истифодаи технологияи иттилоотиро танҳо дар ҷараёни таълим намоиш медиҳад. |
| **Шахсиятӣ** | Донишҷӯ ба худинкишофдиҳӣ ва худтакмилдиҳии мунтазам кӯшиш мекунад. |
| **Дараҷаи паст** | |
| **Ҳавасноккунӣ-арзишнокӣ** | Донишҷӯ дурнамо ва аҳамияти азхудкунии технологияҳои иттилоотиро дар фаъолияти иқтисодӣ дарк намекунад. |
| **Маърифатӣ** | Донишҷӯ сатҳи базавии донишҳои махсус ва фанниро дорад. Донишҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ба донишҳои курси мактабии технологияи иттилоотӣ асос меёбад. Истифодаи донишҳои гирифташуда дар соҳаи технологияи иттилоотӣ бе кӯмаки муаллим имкон надорад. |
| **Технологӣ** | Донишҷӯ зимни корбурди технологияи иттилоотӣ мушкилӣ мекашад, ҳалли масъалаҳои дар наздаш гузошташударо тез ҳал карда наметавонад. |
| **Шахсиятӣ** | Фаъолияти касбии хешро мавриди таҳлил қарор намедиҳад, кӯшиш ба худинкишофдиҳӣ суст ифода ёфтааст. Аз ҷиҳати эмотсионалӣ устувор нест. |

Мониторинги омодагии донишҷӯёни коллеҷи омор бо истифодаи технологияи иттилоотӣ дар асоси нишондиҳандаҳо, компонентҳои ҷудогона мураттаб сохта шудааст ва методикаҳои мувофиқро дар бар мегирад.[6.С.76]

***Ҷадвали 3 – Мониторинги омодагии донишҷӯёни коллеҷи омор барои истифодаи технологияи иттилоотӣ***

| Компонентҳо | Нишондиҳандаҳо | Методикаҳо |
|---|---|---|
| **Компоненти мотиватсионӣ - арзишнокӣ** | Мавҷудияти самти касбӣ | Методикаи К. Замфир дар таҷдиди А. Реан, консепсия дар бораи мотиватсияи дохилӣ ва берунӣ |
| | Талабот ва муносибат барои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ояндаи касбӣ | |
| **Компоненти когнитивӣ** | Мавҷудияти донишҳои зиёд дар соҳаи технологияи иттилоотӣ | Озмоиши аввала |
| **Компоненти технологӣ** | Азхудкунии донишҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ | Корҳои амалӣ ва озмоишӣ |
| **Компоненти шахсиятӣ** | Ҳаҷми маҳорату донишҳои гирифташуда дар соҳаи технологияи иттилоотӣ | Озмоиши ҷамъбастӣ |
| **Компоненти технологӣ** | Азхудкунии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ | Корҳои амалӣ ва озмоишӣ |
| | Азхудкунии технологияҳои барномавии махсус ва барномаҳои амалӣ | Супоришҳои фардӣ |
| **Компоненти шахсиятӣ** | Баҳодиҳӣ ба амалҳои худ дар ҷараёни иҷрои супоришҳои инфиродӣ | Ҷузвдони иҷрои супоришҳо |

Дар соли таҳсили 2016-2017 мо сохтори методикаи ташаккул ва арзёбии омодасозии кормандони ояндаи соҳаи иқтисодиро барои истифодаи технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти ояндаи касбӣ аниқ намудем, барномаи корӣ ва васоити санҷишӣ -арзёбиро доир ба ташкили таълими донишҷӯён дар курси якум коркард гардид, инчунин барои факултативи «Системаи иттилоотӣ дар иқтисодиёт» маводро ҷамъоварӣ намудем. Дар доираи сохтани амсилаи коркардшавандаи ҳамроҳии донишҷӯён захираҳои электронии таълимӣ тайёр карда шуданд: маводи таълимии электронии «Информатика ва технологияи иттилоотӣ » ва «Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ ».

Дар соли таҳсили 2017-2018 амсилаи ташкили таълими назариявӣ ва амалии донишҷӯёни коллеҷи омор, ки ба муносибати системавӣ , салоҳиятнокӣ ва ба шахсият нигаронидашуда асос меёбад, коркард шудааст. Ба сифати мақсади асосии кор доир ба коркард ва ташкили эксперименти педагогӣ нақша тартиб дода шуд.

Аз соли 2019 методикаи иттилоотӣ -салоҳиятнокии омодасозии донишҷӯён на танҳо дар давраи тайёрии назариявӣ дар коллеҷ, балки ҳангоми таҷрибаҳои таълимӣ , истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ низ истифода мегардад. Омоданамоии инфиродӣ ва гурӯҳии донишҷӯён дар давоми тамоми ҷараёни таълим ба иҷрои якҷоя ва мустақилонаи супоришҳои инфиродӣ , пуркунии ҷувздони иҷрои супоришҳо, омодасозии лоиҳаҳо равона буд. Амалҳои иҷрогардида ба беҳгардонии натиҷаҳои омодасозии касбии донишҷӯён дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ имкон доданд.

Вазифаи зинаи ташаккулдиҳандаи эксперимент дар татбиқи шартҳои педагогӣ , ки ба самаранокии ҷараёни татбиқшавандаи омодасозии донишҷӯён барои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мусоидат менамоянд, ифода меёбад. Ба гурӯҳҳои экспериментӣ дар ҷараёни таълим мувофиқи амсила ва шартҳои пешниҳоднамудаи педагогӣ тағйиротҳо дохил карда шуданд. Омодасозӣ дар асоси принсипҳои ҳамҷояшавӣ , робитаи байниҳамдигарӣ ва ҳамкорӣ ба роҳ монда шуд. Мувофиқи нақшаи таълим, омодасозии иттилоотии донишҷӯён танҳо дар давраи таълими назария дар курсҳои якум ва дуюм амалӣ мегардад. Дар доираи тадқиқоти мо ин раванд аз ҳисоби идома ва робитаи байниҳамдигарии барномаҳои таълимӣ оид ба технологияҳои иттилоотӣ бо фанҳои омодагии касбӣ пурратар карда шуд. Ҳамин тариқ, татбиқи шарти якуми педагогӣ , ки дар таъмини муттасилии омодасозии иттилоотии донишҷӯёни коллеҷи омор зоҳир мегардад, дар гурӯҳҳои экспериментӣ ҳангоми таълими назария ва дар ҷараёни тачрибаҳои истеҳсолӣ рӯй медод. Муҳити аз ҷиҳати педагогӣ хуби таълим тавассути мушоҳидаҳои инфиродии ҳар як донишҷӯ дар асоси ҳамкории шабакавии ӯ бо омӯзгор таъмин мегардад ва ин шарти дуюми педагогӣ мебошад. Дар рафти татбиқи шарти сеюми педагогӣ барои ҳар як донишҷӯ иҷрои корҳои инфиродии таълимӣ - гузаштани таҷрибаҳои таълимӣ ва

истеҳсолӣ бо мақсади оптимизатсияи амалишавии супоришҳои инфиродии ӯ, самаранокии таълимӣ ва касбӣ интихоб карда шуд.[5.С.99]

Воситаи баҳодиҳӣ ба дараҷаи азхудкунии салоҳиятнокии иттилоотӣ донишҷӯён баҳое буд, ки дар холҳо ифода ёфтааст. Он нишондоди боэътимоди донишҳо, маҳорату малакаҳо мебошад. Илова бар ин, дар асоси дидактикаҳои умумӣ ва хусусӣ дар муассисаҳои таълимӣ меъёрҳои баҳо коркард гардиданд.

Мувофиқи миқдори гирифташудаи холҳо дараҷаи салоҳиятнокии иттилоотӣ муайян карда шуд: баланд – баҳои «аъло», миёна – баҳои «хуб», паст – баҳои «қаноатбахш», хеле паст – баҳои «ғайриқаноатбахш».

Дараҷаи салоҳиятнокии иттилоотии донишҷӯён чун арифметикии миёна аз холҳои умумӣ дар се давраи омодагӣ ҳисоб карда шуд: 1 ва 2-и назариявӣ , таҷрибаҳои таълимӣ , истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ :

$$С_и = \frac{Н_1+Н_2+Т_К}{n}.$$

Натиҷаҳои маҷмӯии гурӯҳҳои санҷишӣ ва экспериментиро муқоиса карда, рушди салоҳиятнокии иттилоотӣ ва таъсири шартҳои педагогӣ ба ҷараёни таълим, ки дар асоси методикаи пешниҳодшаванда роҳандозӣ мегардад, муайян карда шуд.

Барои санҷиши самаранокии шартҳои педагогӣ ва методикаи пешниҳодкардаамон мо дараҷаи мотиватсияи истифодаи технологияи иттилоотиро дар фаъолияти ояндаи касбӣ аз рӯйи методикаи К. Замфир ва таҳрири А. Реан муайян сохтем. Асоси ин методикаро консепсия дар бораи мотиватсияи дохилӣ ва беруна ташкил менамояд. Бартарии он дар тасвияти масъала зоҳир меёбад, ки озмудашавандагон ҷавобро озодона пешниҳод менамоянд (ҷадвали 4).

***Ҷадвали 4 – Ташаккули компоненти мотиватсионии салоҳиятнокии иттилоотӣ***

| Дараҷа | Мотиватсияи дохилӣ | Мотиватсияи берунӣ |
|---|---|---|
| Сатҳи паст | 23 | 4 |
| Сатҳи миёна | 14 | 27 |
| Сатҳи баланд | 67 | 73 |

Аз маълумотҳои омории гирифташуда бармеояд, ки дар соҳаи мотиватсионии донишҷӯён дар давраи аввалия бартарии мотивҳои моддӣ ва иҷтимоӣ баръало намоён буд. Аксари пурсидашудагон байни донишҳои гирифташаванда ва имконияти истифодаи онҳо дар фаъолияти ояндаи касбӣ ягон алоқаро намедиданд, ҳол он ки технологияҳои иттилоотӣ аксаран ба беҳгардонии малакаҳои касбии онҳо мусоидат менамоянд.




***Расми 1 – Муқоисаи дараҷаҳои даромад ва баромади мотиватсия***

Муқоисаи дараҷаҳои аввалия ва ниҳоии ташаккулёбандагии компоненти мотиватсионӣ аз рӯйи меъёрҳои сатҳҳои аломатҳои Уилксон баландшавии устувории мотиватсияро дар сатҳи қимати 0,01% нишон дод.

Диққатро ба соҳаи мотиватсионии донишҷӯён, ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ояндаи касбӣ равона сохта, мо шартҳои педагогӣ ва методикаи ташаккули салоҳиятнокии иттилоотиро санҷидем.

Ҷараёни таълим дар гурӯҳҳои санҷишӣ мувофиқи нақшаи таълим мегузашт, машғулиятҳои иловагӣ ва инфиродӣ гузаронида нашуданд.[3.С.117]

Дар гурӯҳҳои экспериментали омодасозии иттилоотии донишҷӯён дар асоси робитаи байниҳамдигарии барномаҳои таълимӣ аз фанни технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ бо фанҳои омодасозии касбӣ , таълими омодасозии касбӣ дар давраи таҷрибаи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи иқтисодӣ рӯй медод. Омӯзиши курси факултативӣ , иҷрои масъалаҳои инфиродии амалӣ зимни таҷрибаҳои таълимӣ ба донишҷӯён имкон дод, ки дар азхудкунии технологияи иттилоотӣ таҷрибаи заруриро ҳосил кунанд. Натиҷаи методикаи эксперименталӣ дар дастовардҳои шахсии донишҷӯён, намойишҳо, тақризҳо аз ҷойи таҷрибаомӯзӣ ифода гардиданд.

Марҳилаи дигари кор аз таҳлили тағйиротҳои дар сатҳи салоҳиятнокии иттилоотӣ бааломада иборат буд.

Дар ҷадвали натиҷаҳои озмоиши донишҷӯён (ГЭ ва ГС) пешниҳод шуданд (ҷадвали 5).

Натиҷаҳои дар гурӯҳҳои эксперименталӣ ва санҷишӣ ҳосилшударо муқоиса карда, хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст.

Фарқият дар натиҷаҳои гурӯҳҳои эксперименталӣ ва санҷишӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки омодасозии донишҷӯёни коллеҷи омор ба фаъолияти оянда касбӣ зимни таъсири шартҳои педагогии ҷудошуда беҳтар мегардад.

***Ҷадвали 5 – Натиҷаҳои озмоиши донишҷӯёни ГЭ ва ГС***

| Сатҳи донишҳо доир ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ | **Миқдори донишҷӯ** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Гурӯҳҳои озмоишӣ** | | | | **Гурӯҳҳои назоратӣ** | | | |
| | ГЭ-1 | | ГЭ-2 | | ГС-1 | | ГС-2 | |
| | % | нафар | % | нафар | % | нафар | % | Нафар |
| **Оғози озмоиш** | | | | | | | | |
| Сатҳи паст | 40 | 21 | 31 | 8 | 44 | 23 | 19 | 5 |
| Сатҳи миёна | 48 | 25 | 42 | 11 | 38 | 20 | 46 | 12 |
| Сатҳи баланд | 12 | 6 | 27 | 7 | 17 | 9 | 35 | 9 |
| **Анҷоми эксперимент** | | | | | | | | |
| Сатҳи паст | 25 | 13 | 12 | 3 | 38 | 20 | 15 | 4 |
| Сатҳи миёна | 46 | 24 | 35 | 9 | 52 | 27 | 65 | 17 |
| Сатҳи баланд | 29 | 15 | 54 | 14 | 10 | 5 | 19 | 5 |




***Расми 2 – Оғози эксперимент***




***Расми 3 – Анҷоми озмоиш***

Барои исботи асосноккунии илмӣ , воқеият ва дурустии натиҷаҳои тадқиқот маълумоти дар рафти кори санҷишӣ гирифташуда бо методҳои оморӣ , математикӣ мавриди коркард қарор ёфтанд.

Арзёбии миқдории натиҷаҳои кори санҷишӣ бо методи таносуб, яъне аз рӯйи таносуби фоизии донишҷӯён, ки дар ин ё он сатҳи истифодабарии технологияҳои нав дар оғози санҷишӣ ва дар рафти кори экспериментӣ қарор дорад, гузаронида шуд.

Арзёбии афзоиши сифатӣ дар асоси меъёри эмпирикии дар % амалӣ гашт (аз рӯйи формулаи мувофиқи Л.Н.Болшев ва Н.В. Смирнов). Истифодаи он имкон медиҳад, ки ба суоли зерин ҷавоб диҳем: тағйирот дар сатҳи азхудкунӣ вуҷуд дорад ё не ва сабабҳои ин тағйирот дар чист? Фарзияи аввала (сифрӣ ) (Но) – намуди зерин дошт: сатҳи омодагии донишҷӯён ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ ва эксперименталӣ якхела аст. Фарзияи алтернативӣ (Hi) – сатҳи омодагӣ ба истифодаи технологияи иттилоотӣ дар донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ ва эксперименталӣ якхела нест [2].

Алгоритми муайянсозии саҳеҳияти мувофиқат ва фарқ барои маълумоти санҷишӣ чунин аст:

1) Ҳисобкунӣ барои интихобан муқоисашавандаи $\chi^2_{\text{эмп}}$;

2) Муқоиса кардани ин қимат бо қимати критикӣ $\chi^2_{0,05}$, ки аз ҷадвал гирифта шудааст: агар $\chi^2_{\text{эмп}} \leq \chi^2_{0,05}$, пас тавсифоти интихобан муқоисашаванда ба сатҳи қимати 0,05 мувофиқат мекунад; агар $\chi^2_{\text{эмп}} > \chi^2_{0,05}$, пас «саҳеҳияти фарқ интихобан муқоисашаванда 95%-ро ташкил медиҳад».

Аз рӯйи формулаи

$$\chi^2_{\text{эмп}} = N \cdot M \cdot \sum_{i=1}^{L} \frac{\left(\frac{n_i}{N} - \frac{m_i}{M}\right)^2}{n_i + m_i} \qquad (1)$$

қимати эмпирикии меъёри $\chi^2$-ро меёбем.

Нишондодҳои гурӯҳҳои озмоишӣ ($N$=52) баъд аз анҷоми озмоишӣ: $n_1$=13, $n_2$=24, $n_3$=15 (яъне 13 донишҷӯ сатҳи «паст»-и донишҳо, 24 донишҷӯ сатҳи «миёна»-и донишҳо ва 25 донишҷӯ сатҳи «баланд»-и донишҳоро нишон доданд).

Нишондодҳои гурӯҳи санҷишӣ ($M$= 52): $m_1$=20, $m_2$=27, $m_3$=5.

Маълумоти гирифташударо ба формулаи (1) гузошта, ҳосил мекунем:

$$\chi^2_{\text{эмп}} = 52 \cdot 52 \cdot \frac{\left(\frac{13}{52} - \frac{20}{52}\right)^2}{(13+20)} + \frac{\left(\frac{24}{52} - \frac{27}{52}\right)^2}{(24+27)} + \frac{\left(\frac{15}{52} - \frac{5}{52}\right)^2}{(15+5)} = 6,66.$$

Ба ҳамин монанд, натиҷаҳои имконпазири боқимондаи гурӯҳҳои ҷуфтӣ -

муқоисашаванда (гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва санҷишӣ то оғоз ва баъд аз анҷоми санҷиш) ҳисоб карда мешаванд.

Натиҷаҳои ҳисоббарорӣ дар ҷадвалҳои 6 ва 7 оварда шудаанд. Ячейкаи ҷадвалҳои қиматҳои эмпирикии меъёрҳои $x^2$-ро барои гурӯҳҳои муқоисашаванда ба сутуну сатр мувофиқанд. Бо ҳуруфи сиёҳ натиҷаҳои муқоисаи тавсифоти гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ то оғоз ва баъд аз анҷоми озмоиш ҷудо карда шудаанд.

Дар ҳолати мо L=3 (сатҳҳои «паст», «миёна», «баланд»). Натиҷаҳои муқоисашавандаи озмоиш қимати эмпирикии $\chi^2_{эмп}(ГЭ_1, ГС_1) = 6{,}78;$ $\chi^2_{эмп}(ГЭ_2, ГС_2) = 6{,}72$ -ро ҳосил кардем.

Пас, тавсифоти тамоми қиматҳои интихобан муқоисашаванда, ғайр аз гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ баъд аз анҷоми озмоиш, ба қимати 0,05 баробар аст.

Азбаски,

$$\chi^2_{эмп}(ГЭ_1, ГС_1) = 6{,}78 > 5{,}99 = \chi^2_{0{,}05}; \ \chi^2_{эмп}(ГЭ_2, ГС_2) = 6{,}72 > 5{,}99 = \chi^2_{0{,}05},$$

пас, саҳеҳияти фарқияти тавсифоти гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ баъд аз анҷоми озмоиш 95%-ро ташкил медиҳад.

Ҳолати ибтидоӣ (то оғози эксперимент)-и гурӯҳҳои эксперименталӣ ва санҷишӣ мувофиқат мекунад, ҳолати ниҳоӣ (баъд аз анҷоми озмоиш) бошад, фарқ мекунад. Пас, хулоса баровардан мумкин аст, ки самаранокии тағйиротҳо маҳз аз истифодаи таъсири таҷрибавӣ вобаста аст.

***Ҷадвали 6 – Ҳисоббарории меъёрҳои $\chi^2$ ГС-1 ва ГЭ-1***

| | Санҷиш то оғози эксперимент | Гурӯҳи озмоишӣ то оғози озмоиш | Гурӯҳи санҷишӣ баъд аз анҷоми озмоиш | Гурӯҳи озмоиш баъд аз анҷоми озмоиш |
|---|---|---|---|---|
| Санҷиш то оғози озмоиш | 0 | **1,25** | 2,39 | 4,64 |
| Гурухи эксперименталӣ то оғози озмоиш | **1,25** | 0 | 0,13 | 5,76 |
| Гурухи санҷишӣ баъд аз анҷоми озмоиш | 2,39 | 0,13 | 0 | **6,66** |
| Гурухи экспериментӣ баъд аз анҷоми озмоиш | 4,64 | 5,76 | **6,66** | 0 |

***Ҷадвали 7 – Ҳисоббарории меъёрҳои $\chi^2$ ГС-2 ва ГЭ-2***

| | Санҷиш то оғози эксперимент | Гурухи эксперименталӣ то оғози эксперимент | Гурухи санҷишӣ баъд аз анҷоми эксперимент | Гурухи экспериментӣ баъд аз анҷоми эксперимент |
|---|---|---|---|---|
| Санҷиш то оғози эксперимент | 0 | **0,99** | 2,12 | 1,72 |
| Гурухи эксперименталӣ то оғози эксперимент | **0,99** | 0 | 2,95 | 4,81 |
| Гурухи санҷишӣ баъд аз анҷоми эксперимент | 2,12 | 2,95 | 0 | **6,87** |
| Гурухи экспериментӣ баъд аз анҷоми эксперимент | 1,72 | 4,81 | **6,87** | 0 |

Натиҷаҳои муқоисаи қиматҳои интихобии гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ баъд аз анҷоми озмоиш аз қимати критикӣ дар сатҳи a=0.05 (зимни L=2) камтар буд. Пас, саҳеҳияти фарқи тавсифот байни гурӯҳҳои озмоишӣ 95%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки амаликунии методикаи пешниҳодшудаи иттилоотии донишҷӯён зимни риояи маҷмӯи шартҳои педагогӣ ба натиҷаҳои таълим дар Коллеҷи омории шаҳри Ваҳдат таъсири мусбат расонида, ба омодасозии донишҷӯён ба истифодаи технологияи иттилоотӣ ба фаъолияти ояндаи касбӣ мусоидат хоҳад кард.

**АДАБИЁТ:**

1.Деденева А. С. Формирование информационной компетентности в гуманитарном вузе[Текст] / А.С. Деденева, А.С. Прокурина // Современные наукоемкие технологии. – 2009. – №11. – С.70-71.

2.Раджабов Б. Ф. Анализ эффективности компьютерного моделирования при подготовке студентов-медиков в системе дистанционного обучения [Текст] / Б.Ф. Раджабов, Ф.С. Комилов // Азимут научных исследований: педагогика и психология. НП ОДПО «Институт направленного профессионального образования» Россия, Самарская область, г. Тольятти. – 2019.– Т. 8. – №1 (26). – С. 238-242.

3.Комилов Ф.С.Современные информационные технологии в образовательном пространстве медицинского колледжа: проблемы и перспективы [Текст] / Ф.С. Комилов, Б.Ф. Раджабов // Вестник Московского государственного областного университета. Серия: Педагогика. –2018. –№1. –С. 141-147.

4.Комилов Ф.С.Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан[Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф.Рахмонов– Душанбе: «Ирфон», 2012. – 174 С.

5.Комилов Ф. С. Информационное обеспечение процесса автоматического управления работой кафедры[Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф.Рахмонов, Р.Дж. Давлатов // Вестник ИПС. – 2005. – № 13. – С. 30-35.

6.Комилов Ф. С. О возможности применения Knoppix/Linux в школах Таджикистана[Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф.Рахмонов, А.Ф.Гадоев, Р.Дж. Давлатов, Б. Бобокалонов// Материалы 8-й научной конференции молодых ученых Таджикистана, посвященной 2700-летию г. Куляба «Молодежь и мир взглядов». – Куляб, 2006. – С. 517-520.

**Давлатов Р.**
**Комилиён Ф.**

## ТАҲЛИЛИ НАТИҶАҲОИ КОРИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШӢ ОИД БА САНҶИШИ САМАРАНОКИИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ КУРСИ «ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ»

Дар мақола натиҷаҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ доир ба санҷиши самаранокии методикаи таълими курси «Технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт» дар Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат оварда шудаанд.

Аз тарафи мо барномаи гузаронидани мониторинги андозагирии омодагии донишҷӯёни Коллеҷи омор бо истифодаи ТИ таҳия карда шуд. Мониторинги омодагии донишҷӯёни коллеҷи омор бо истифодаи ТИ дар асоси ҷузъҳо, нишондиҳандаҳои интихобшуда тартиб дода шуд ва як қатор методикаҳоро дар бар гирифт.

Сохтори методикаи ташаккул ва баҳодиҳии таълими кормандони ояндаи иқтисодӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбии ояндаи онҳо муайян, амсилаи ташкили таълими назариявӣ ва амалии донишҷӯёни коллеҷи омор таҳия карда шуд ва методикаи иттилоотӣ барои тайёр кардани донишҷӯён на танҳо дар таълими назариявӣ дар коллеҷ, балки дар вақти таҷрибомӯзиҳои таълимӣ , таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ ва таҷрибаомӯзиҳои пешаздипломӣ низ таҳия гардид. Чораҳои андешидашуда натиҷаи таълими касбии донишҷӯёнро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ беҳтар намуданд.

Натиҷаҳои таҳлили оморӣ нишон доданд, ки татбиқи методикаи дастгирии иттилоотии донишҷӯён, бо назардошти шароити педагогӣ , ба натиҷаҳои таълим дар Коллеҷи омори Ваҳдат таъсири мусбат мерасонад ва дар омода кардани донишҷӯён ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбии оянда мусоидат менамояд.

***Калидвожаҳо:*** *технологияҳои иттилоотӣ , технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, гурӯҳҳои таҷрибавӣ , гурӯҳҳои назоратӣ , таҷрибаи педагогӣ , салоҳияти иттилоотии донишҷӯён, воситаҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ , фаъолияти касбӣ , салоҳияти иттилоотӣ , сатҳи ҳавасмандӣ барои истифодаи ТИИ, арзёбии натиҷаҳо, барномаи таълимӣ*

**Давлатов Р.**
**Комилиён Ф.**

# АНАЛИЗ РЕЗУЛЬТАТОВ ОПЫТНО-ЭКСПЕРИМЕНТАЛЬНОЙ РАБОТЫ ПО ПРОВЕРКЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ МЕТОДИКИ ИЗУЧЕНИЯ КУРСА «ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ В ЭКОНОМИКЕ»

В статье отражаются результаты опытно-экспериментальной работы по проверке эффективности изучения информационные технологии в экономике в Статистическом колледже городе Вахдат.

Нами была разработана программа проведения мониторинговых измерений готовности студентов статистического колледжа к использованию ИТ. Мониторинг готовности студентов статистического колледжа к использованию ИТ был составлен на основе выделенных компонентов, показателей и включал в себя ряд методик.

Была уточнена структура методикиформирования и оценивания подготовки будущих экономических работников к использованию информационных технологий в предстоящей профессиональной деятельности, была разработана модель организации теоретического и практического обучения студентов статистического колледжа, применялась информационно-компетентностная методика подготовки студентов не только в теоретической подготовке в колледже, но и во время учебных, производственных и преддипломной практик. Предпринятые действия позволили улучшить результаты профессиональной подготовки студентов в сфере информационных технологий.

Результаты статистического анализа показывали, что внедрение методики информационного сопровождения студентов при соблюдении комплекса педагогических условий положительно сказывается на результатах обучения в статистическом колледже города Вахдат, способствует подготовке студентов к использованию информационных технологий в будущей профессиональной деятельности.

***Ключевые слова:*** *информационные технологии, информационные технологии в экономике, экспериментальные группы, контрольные группы, педагогический эксперимент, информационная компетентность студентов, компьютерных и телекоммуникационные средства, профессиональная деятельность, информационная компетентность, уровень мотивации использования ИКТ, оценка результатов, учебный план.*

**Davlatov R.**
**Komiliyon F.**

# ANALYSIS OF THE RESULTS OF EXPERIMENTAL AND EXPERIMENTAL WORK ON THE TEST OF THE EFFECTIVENESS OF THE METHOD OF STUDYING THE COURSE «INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE ECONOMY»

The article reflects the results of experimental work on testing the effectiveness of studying information technology in economics at the Statistical College of Vahdat.

We have developed a program for monitoring measurements of the readiness of students of a statistical college to use IT. Monitoring the readiness of students of a statistical college to use IT was compiled on the basis of the selected components, indicators, and included a number of techniques.

The structure of the methodology for the formation and evaluation of the training of future economic workers for the use of information technologies in the upcoming professional activities was clarified, a model for organizing theoretical and practical training for students of a statistical college was developed, and an information-competent methodology for preparing students not only in theoretical training in college, but also in time of training, production and undergraduate practice. The actions taken have improved the results of professional training of students in the field of information technology.

The results of the statistical analysis showed that the implementation of the methodology of information support of students, subject to a set of pedagogical conditions, has a positive effect on the learning outcomes at the statistics college of the Vahdat town, and helps prepare students for the use of information technologies in future professional activities.

***Keywords:*** *information technology, information technology in the economy, experimental groups, control groups, pedagogical experiment, informational competence of students, computer and telecommunication facilities, professional activities, informational competence, level of motivation for using ICT, assessment of results, curriculum.*

**Сведения об авторах: Давлатов Рахматулло Джурабекович** – старший преподаватель кафедры информационные системы в экономике Статистического колледжа города Вахдат **Адрес:** Таджикистан, 735400, г. Вахдат, ул.Сомониён-22. Тел. (+992) 918-92-91-90, E-mail: davlatov_r@mail.ru,

**Комилиён Файзали Саъдулло**–д.ф.-м.н., профессор кафедры информатики Таджикского национального университета. **Адрес:** Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел. (+992) 988685014, E-mail: komfaiz@mail.ru.

**Д. МАҲКАМОВ**
**А. ДАВЛАТОВ**

# МАФҲУМ ВА ВАЗИФАҲОИ МЕТОДҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР РАВАНДИ ДАРСИ ҲУҚУҚ

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 омадааст: «Бояд гуфт, ки дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар. Мо заҳмати устодону омӯзгоронро ҳамеша баланд арзёбӣ мекунем ва ғамхориро дар ҳаққи онҳое, ки дар ин соҳа хизматҳои шоиста кардаанд, идома медиҳем. Лекин пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо мекунад, ки онҳо низ барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ мунтазам кӯшиш кунанд. Агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем». .[1.-25-27].

Дар зери мафҳуми вазифаҳои эҷодӣ- вазифаҳои таълимие фаҳмида мешаванд, ки аз хонандагон ҳосил намудани ахбори оддиро не, балки супоришҳои эҷодии хурд ё калони дорои номафҳумро низ талаб менамоянд. Супоришҳои эҷодӣ, мазмун ва моҳияти асосии тамоми намуд ва усули фаъоли таълимро ташкил медиҳанд. Супоришҳои эҷодӣ (махсусан воқеӣ ва ба ҳаёти хонандагон наздик) мазмуни таълимро ташкил дода, ба хонандагон рӯҳу илҳом мебахшанд. .[3.-12-18].

Номуайянии ҷавоб ва талош бахри пайдо намудани ҷавоби «дуруст» фаъолияти шахсӣ буда, аз таҷрибаи шахсӣ ва гурӯҳӣ бар меояд. Он имконият медиҳад, ки таҳкурсии ҳамкорӣ ва муоширати тамоми иштирокчиёни ҷараёни таълим барқарор гардад. Интихоби вазифаи эҷодӣ барои омӯзгор пайдо намудани меъёрҳои зеринро талаб менамояд:

- ҷавоб ва ҳалли ва ҳалли масъала мураккабии якхеларо ноил нест;
- барои хонандагон мураккабиҳои гуногун амалан фоидаовар мебошанд;
- бо хаёти хонандагон алоқаманд бошанд;
- таваҷуҳи хонандагонро беш гардонида тавонад;
- ҳамчун мақсади таҳсилот хизмат намояд.

Агар хонандагон ба эҷодкорона кор кардан одат накарда бошанд, бояд онҳоро оҳиста- оҳиста бо машқҳои оддӣ ҷалб намуда, пас вазифаҳоро торафт мураккаб гардонидан зарур меояд. Дар натиҷа ҷараёни одаткунӣ рӯй дода, хонандагон дилхунук нагардида, балки ҳар чӣ бештар кӯшиш намоянд, ки қобилияту тавоноии хешро оид ба меъёрҳои ҳуқуқ намоиш диҳанд. Бо ин роҳ онҳо ба умқи эҷод фурӯ рафта, дигар худро аз ҷустуҷӯи вазифаҳои эҷодӣ канор гирифта наметавонанд. .[4.- 208].

Кор бо гурӯҳҳои хурд – яке аз корбурдҳои паҳнгардидатарин буда, ба тамоми хонандагон аз ҷумла, ба шармгин имконият медиҳад, ки малакаи ҳамкорӣ ҳосил намоянд. Гуфтаҳои боло дар коллективи калон амалинашаванда буда, аммо дар гурӯҳҳои хурд– қисми тақсимнашавандаи усули фаъоли таълим шуда метавонанд.

Имрӯз дар тамоми зинаҳои таҳсилот гурӯҳҳо, синфҳо ба андозае сершумор гардидаанд, ки омӯзгор мақсади гузоштаашро амалӣ карда наметавонад. Фикр мекунам, ки яке аз сабабҳои асосии торафт паст рафтани сатҳ ва сифати таълим дар ҳамин мебошад.

Дар ҷараёни ташкил додани кор бо гурӯҳ, бояд диққатро бештар ба чунин самтҳо равона созем:

- ҳосил намудан боварӣ ба он, ки хонандагон дониш ва малака доранд;
- аз уҳдаи вазифаҳои дар назди гурӯҳ гузошташуда мебароянд.[5.-303].

Омӯзгор бояд кушиш намояд, ки дастуру супоришҳои хешро равшану фаҳмо баён намояд. Зеро аз таҷрибаи кориям бовар карда наметавонам, ки гурӯҳ тавонад дастурро бо як бору ду бор фаҳмонидани омӯзгор дуруст фаҳмад. Беҳтар мебуд, ки дастурро дар тахта ё варақ нависем, дар он ҳолат хонандагон ба мақсад бештару беҳтар сарфаҳм меравананд.

Бозиҳои иҷрои нақш– аз ҷониби иштирокчиёни гурӯҳ иҷро кардани лаҳзаҳои нақш, ки пешакӣ тақсим гардида ба онҳо дода шудааст. Тавассути ин нақшҳо бачаҳо ба як

дараҷаи муайяни ба рафторҳои ахлоқӣ ва паҳлӯҳои қаҳру ғазаб дар вазъиятҳои зиндагӣ ошно мегарданд. Бозиҳои иҷрои нақш бештар дар гурӯҳҳои начандон калон, ки аз 3-5 иштирокчӣ иборатанд гузаронида мешаванд. Омӯзгор метавонад нақшҳоро худаш аз рӯи характери бачаҳо ва сатҳи маърифати ҳуқуқиашон тақсим намояд. .[2.-86- 88].

Бартарии ин усул дар он мебошад, ки ҳар як иштирокчӣ метавонад худро дар вазъияти мавҷуда дарк намояд, ин ё он ҳолатро воқеӣ иҷро намояд, оқибати ин ё он амал ва қарори қабулнамудаи фаҳмад. Дар чунин бозиҳо бачаҳо рафтори ҳамида ва рафтори дағалу зиштро муқобил гузошта, қаҳру ғазаб ва омилҳои таъсиррасонандаи онро ба солимӣ мефаҳманд ва кӯшиш менамоянд, ки муносибати хешро ба атрофиён муътадил созанд.

Лексияи хурд- дар фанни «Асоси давлат ва ҳуқуқ» яке аз шаклҳои самараноки пешниҳод намудани маъводи назариявӣ мебошад. Пеш аз оғоз бахшидан ба он гузаронидани ҳуҷуми зеҳнӣ ва бозиҳои нақшии ба мавзӯъ робитадор ниҳоят муҳим мебошад. Ин амал метавонад мавзӯро барои иштирокчиён ҷолиб гардонад. Зинаи огоҳии хонандагону донишҷӯёнро дар муносибат ба мавзӯи муҳокимашаванда муайян созад. Мавод бояд ба иштирокчиён бо забони фаҳмо баён карда шавад. Ҳар як мафҳум бояд шарҳу эзоҳ дода шавад, ки чизе барои иштирокчиён нофаҳмо ва норавшан намонад.

Пеш аз он, ки ба саволи дигар гузарем, тамоми гуфтаҳоро ҷамъбаст намуда, боварӣ ҳосил намоем, ки ҳама маводи баёнгардида ба шунавандагон ё иштирокчиён фаҳмо гардидааст.

Дар ин раванд дар асоси такя ба сарчашмаҳои боэътимод бояд қайд кард, ки тамоми гуфтаҳо бофтаи ман набуда, балки фикру мулоҳизаи мутахассисони соҳа мебошанд. Баъди анҷоми баромад ё маърӯза бояд тамоми саволҳои пайдогардидаи иштирокчиён муҳокима гардида, ҷавоби дилхоҳ ёбанд.

Лексияҳои хурдро дар тартиби шавқовар чунин пешниҳод кардан зарур аст:

– Шумо чӣ андеша доред?

-- Шумо барои ҳалли ин амал чӣ фикр доред?

– Инро чӣ тавр иҷро кунем?

– Ба фикри шумо ин ба чӣ оварда мерасонад?

- Агар ин тавр ҳал кунем, оқибаташ чӣ мешуда бошад? .[5.-288].

Коркарди лоиҳа – ба иштирокчиён имконият медиҳем, ки дар зери таъсири фикру андеша, лоиҳаи амали хеш дар ҳаллӣ масъалаи мавриди муҳокима қароргирифта муайян намоянд. Муҳим он мебошад, ки гурӯҳ ё иштирокчиёни ҷудогона имконият пайдо намоянд, ки лоиҳаи хешро ҳифз намоянд. Бартарии лоиҳаи хешро бар дигар лоиҳаҳо исбот карда тавонанд ва фикри дӯстонро дар ин бора фаҳмида гиранд.

Масалан: лоиҳае созанд, ки хатари рӯй додани бадбахтиҳо, паст кардани сатҳи ҷинояткории ноболиғону ҷавонон, амалҳои ришвахӯрӣ, воридшавии ҷавононро ба ҳаракатҳои номатлуб паст намояд. Иштирокчиён метавонанд ба машваратчиён, китоб ва сарчашмаҳои иловагӣ, муассисаҳои махсусгардонидашуда, китобхона муроҷиат намоянд. Ба иштирокчиён пешниҳод намудан зарур аст, ки хабарҳоро аз рӯзнома, расм, мақолаҳо, дафтари матбуот, ки ба мавзӯъ мансубанд ҷамъоварӣ намуда, пас бо тамоми ҳайати гурӯҳ муҳокима намоянд.

Тамошо ва муҳокимаи киноҳои видеоӣ. Дар дарсҳо оид ба паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ ва қонуншиканӣ ҳам аз киноҳои бадеъӣ, қиноҳои видиоии ҳуҷҷатӣ ва аз роликҳо истифода бурдан мумкин аст.

Киноҳои видеоии ба мазмуни дарс мувофиқро дар тамоми давраҳои дарс, тренингҳо на ҳамчун маводи иловагӣ, балки ҳамчун маводи зарурӣ истифода бурдан муҳим мебошад. Пеш аз оғози намоиши кино дар назди хонандагон аз 3 то 5 саволи калидиро гузоштан зарур аст. Ин ҳамчун асос барои ҷалб намудани диққати хонандагон ва омода гардидани онҳо ба муҳокима хизмат менамояд. .[6.-12-18].

Омӯзгор тавассути гузаронидани саволнома зинаи огоҳии хонандагон ё донишҷӯёнро муайян сохта, муносибати онҳоро ба мавзӯи муҳокимашаванда мушоҳида менамояд. Дар кори тартиб додани саволҳои пурсишнома муносибат бояд ҷиддӣ бошад: саволномаҳо бояд босаводона аз ҷиҳати имлоӣ ва грамматикӣ тартиб дода шуда, аниқ, нишонрас, фарогир ва бо забони фаҳмо сохта шуда бошанд, то ки ҳиссиёти хонандагонро бедор карда тавонанд.

Қайди бори гарони равонӣ ва ҷисмонӣ. Қайдҳо метавонанд ба ташаккули мубодилаи афкори иштирокчиёни ҷараёни таълим мусоидат намоянд. Масалан, пеш аз машқ, диққати иштирокчиёнро мутамарказ гардонида, бозиҳои серҳаракатро такрор кардан зарурат надорад.

Робитаҳои баргарданда (Обратная связь)- дар раванди гузаронидани дарси ҳуқуқ имкон медиҳад, ки мо эҳссоси иштирокчиёнро ба мавзӯи муҳокимашаванда муайян намуда, арзишнокӣ ва беарзиши ташкили таълимро бинем ва ба натиҷа баҳогузорӣ намоем. Иштирокчиён бояд фикру мулоҳизаи хешро бе тарсу ҳарос нисбат ба машқҳои пешин ё тренинг гӯянд. Тамоми гуфтаҳо бояд хомӯшона шунида шаванд, такроран пурсидан, савол додан, аз ҷониби тамринкунанда ва дигар иштирокчиён зарурият надорад. Ба ҳар як иштирокчӣ барои иштирокаш ташаккур бояд гуфт ва рӯҳияи онҳоро бояд бо суханони арзанда баланд бардошт. .[4.-204].

«Ҳуҷуми зеҳнӣ», «бархӯрди зеҳнӣ» (усули «делфи) – дар раванди дарси ҳуқуқ ин усулест, ки тамоми ҷавоби додаи хонандагонро ба саволи додашуда қабул менамоянд. Дар ин усул муҳим он мебошад, ки ба нуқтаи назари иштирокчиён ҷавоби фаврӣ намедиҳанд, ҳама ҷавобҳоро қабул намуда, дар тахта ё вараќи дафтар навишта гирифта, пас дар сарҷамъӣ ба муҳокима мегузоранд.

«Ҳуҷуми зеҳнӣ»- ин шаклро барои барқарор гардидани алоқаи ивазшаванда истифода бурдан ниҳоят муҳим мебошад. Шакли гузаронидани он чунин аст:

1. Ба иштирокчиён мавзӯи муайян ё савол барои муҳокима дода мешавад.

2. Ба онҳо супориш дода мешавад, ки фикрашонро озодона оид ба ин ё он масъала баён намоянд,

3. Ҷавобҳои онҳоро (бе ягон ислоҳкунӣ) навишта мегиранд. Ба онҳо иҷозат дода мешавад, ки агар саволҳо ба онҳо норавшан бошанд, аниқ намоянд. (дар тамоми ҳолат андешаашонро тарзе нависед, ки аз забони иштирокчён садо диҳанд).

4. Вакте ки тамоми андеша ва муҳокимаҳо анҷом ёфтанд, бояд такрор кард, ки чӣ супориш дода шуда буд, ҳамаашро аз рӯйи навиштаҳои хеш, ки аз забони иштирокчиён айнан навишта шудааст, номбар намоед.

5. Корро ба анҷом расонида, аз иштирокчиён пурсидан зарур аст, ки ба фикри онҳо аз натиҷаи кор чӣ гуна хулосабарорӣ бояд кард? Боварӣ доред, ки мавзӯи муҳокимагардида ҳалли худро ёфтааст ва мақсади гузошташуда расидааст?

Пас аз анҷоми «ҳуҷуми зеҳнӣ» (ки набояд вақти зиёдро беш аз 4- 5 дақиқа гирад), ҳатман бояд тамоми варианти ҷавобҳо муҳокима карда шуда, асосию ғайриасосии онҳо ошкор карда шавад.

«Ҳуҷуми зеҳнӣ»- яке аз усули самаранок дар таълим ба ҳисоб меравад:

– бахри муҳокимаи саволҳои баҳсталаб;

– баҳри муътадил гардонидани муносибати хонандагони ба худашон боварӣ надошта дар иштироки муҳокима;

– бахри дар вақти кутоҳ ғун кардани миқдори зиёди ақидаю андешаҳо;

– бахри муайян сохтани огоҳӣ ё тайёрии аудитория;

– барои ташкили кор бо гурӯҳҳои хурд. .[7.-5-12].

Ин ҷараёнро танҳо дар такя ба майлу хоҳиши хонандагон ташкил додан зарур аст. Омӯзгор ташхис ва маниторингро таъмин намуда, фазои муътадили таълимиро муҳаё сохта, дар ҳолати мавҷуд набудани дигар сарчашмаҳо дастгирӣ менамояд (маслиҳат медиҳад, мефаҳмонад). Дар вақти коркарди стратегия ё нақша, инчунин барои фаҳмонидани муносибати гурӯҳҳои гуногуни иштирокчиён ба ҳалли савол ин усул хеле зарурӣ ба шумор меравад. Ворид кардани режими фаъол дар гурӯҳ ҳамчун субъекти ҷараёни таълим, чунин мебошад:

– инкишоф додани малакаи муоширағ ва ҳамкории гурӯҳ;

– ташаккул додани ягонагии арзишҳо- майлкуниҳои гурӯҳҳо;

– ҳавасмандӣ ба устувории ивазкунии нақшҳои иҷтимоӣ дар робита бо вазъият.

Тренинг (аз лафзи англисии train гирифта шуда – маънояш тарбия кардан, хондан, хонондан мебошад) – ин ҷараёни ҳосил намудани малака, маҳорат тавассути супориш мебошад. Ин амал ва бозӣ мебошад, ки дониш, малака ва маҳоратро тавассути бозӣ донишҷӯён ҳосил менамояд. .[4.- 200-208].

Тренинг ба иштирокчиён имконият медиҳад, ки ахбори ногирифтаро гиранд, худро ба фишор мутобиқ намоянд. Арзиши бузургтарини тренинг дар он мебошад, ки

дилбохтагии тамоми иштирокчиёни ҷараёнро ба таълим дар чунин шакл фаъол мегардонад:

– миқдори иштирокчиёни тренинг набояд аз 20- 25 нафар зиёд бошад;
– мувофики миқдори иштирокчиён бояд биное мавҷуд бошад, ки дар он ҷойҳои нишаст аз рӯйи «доираи тренинг» барои фаъолияти озоди иштирокчиён мавҷуд бошад;

– дар машғулияти якуми тренинг машқи шиносоӣ ва «ризоият» гузаронида мешавад;

- тартиби кори гурӯҳҳо муайян карда мешавад;

– фазои дӯстӣ ва боварӣ дар тамоми давоми тренинг муҳайё гардонида мешавад;

– тамоми иштирокчиёни тренинг ба амали фаъолона дар тамоми давраи рафти тренинг чалб карда мешаванд;

– эҳтироми ҳиссиёт ва андешаи ҳар як иштирокчӣ таъмин карда мешавад;

– ҳар як иштирокчии тренинг ҳавасманд гардонида мешавад;

– мураббӣ ё омӯзгор баҳри ба даст овардани мақсади гузоштаи дарс иштирокчиёнро сафарбар менамояд;

- омӯзгор ё тамринчӣ наметавонад, ки фикру андешаи хешро ба дӯши онҳо бор намояд;

– омӯзгор ё тамринчӣ риояи вақтро дар ҳар як давраи тренинг таъмин менамоянд;

– мутобиқати тренинг бо маводи назариявӣ ва машқҳои фаъол самаранокиро таъмин менамояд;

– бо хотимаи тренинг он ҳатман бояд ҷамъбаст ва натиҷагирӣ карда шавад.

Тренинг метавонад аз як ё якчанд дарс иборат бошад ва ҳатто метавонад якчанд рӯз давом ёбад.

Шароитҳои зарурӣ барои таҳсили бобарор;

– омода будани хонанда ва донишҷӯ ба таҳсил;

– истифода бурдан аз шаклҳои гуногун ва усули таълим;

– истифодаи васеъ аз такрор баҳри мустаҳкам кардани донишҳои ҳуқуқӣ;

– мувофиқ будани ҷараёни таълим бо ҳолатҳои воқеии ҳаёт;

– баҳои саривақтӣ ва беғаразона ба амали хонандаю донишҷӯён аз ҷониби мураббӣ ё омӯзгор.

Таҳсил дар худ бевосита 2 давраро фаро мегирад:

1. Қисмати ахборотӣ ё маълумот дар бораи донишҳои назариявӣ;

2. Ҳосил намудани малакаи амалии татбиқи дониш дар ҳаёт.

Кисмати ахборотӣ- ин давраро аз ҷавоб ба саволҳо аз рӯйи саволнома бояд оғоз намоем, ки чандин мушкилотро пеш меорад. Мушкилот дар он мебошад, ки маводи асосиро дар шакли лексия, презентатсия пешниҳод менамояд. Пас мувофиқи интихоби омӯзгор аз намудҳои гуногуни методҳои фаъоли таълим метавон истифода бурд. Ба ин бозиҳо- бозӣ дар нақш, мубоҳиса, баҳс, даъвати меҳмонон, кор дар гурӯҳҳои хурд мансуб мебошанд.

Коркарди маҳорати амалӣ, онро ба эътибор мегирад, ки тамоми донишҳои ахборотӣ, дар нақшаи назариявӣ бояд бо маҳорати амалӣ мутобиқат намоянд. Ин давраи тренинг баҳри он хизмат менамояд, ки иштирокчиёни тренинг таҷрибаи амалиро баҳри ҳимояи хеш хаёти воқеъӣ ҳосил намоянд. Бо ин мақсад метавонем аз бозиҳои нақшӣ, намоишҳо, мубоҳиса, «ҳуҷуми фикрӣ» ва дигар шаклҳои шавқовари таълим вобаста ба шароит васеъ истифода барем. Ҷамъбастро дар шакли «варақҳои кушод», пурсишнома, анкетаҳои пуркарда бояд гузаронем.

Тамринкунанда ё омӯзгор метавонад аз иштирокчиёни семинар пурсад, ки чӣ чизи навро онҳо донистанд, чӣ барои онҳо аҷиб ва бештар манфиатовар буд. Акнун ба хотир биёред, ки дар ин раванд кадом машқҳоро шумо иҷро кардед. Ҳамин тавр маводи гузаронидашуда мустаҳкам карда мешавад. Дар ин шароит агар тамринчӣ ё омӯзгор иштирокчиёни тренингро бо усули дастрас ҳавасманд гардонад майлу хоҳиши онҳо ба фан боз ҳам беш мегардад. .[7.-22-28].

Хулосаи калом, таълими шавқовар имконият медиҳад, ки дар як вақт чандин супоришу вазифаҳо иҷро гарданд. Дар байни вазифаҳои гузошташуда, инкишоф додани малака ва маҳорати муоширати ҷои асосиро ишғол менамоянд. Дар раванди мубодилаи афкор байни иштирокчиён робитаҳои эхсосӣ ба вуҷуд омада, вазифаҳои тарбиявиро иҷро намуда, иштирокчиёнро дар ҳайат кор кардан ва ба фикру андешаи рафиқон муросо карда тавонистанро меомӯзад.

Истифода бурдан аз шакл ва усулҳои фаъол дар ҷараёни таълим, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, бори бартараф намудани фишори рӯҳии хонандагону донишҷӯён ниҳоят муҳим мебошад. Ин метод имконият медиҳад, ки диққатро ба масъалаҳои асосии мавзӯи дарс равона намоем. Асоси муносибатҳои фаъолро машқҳои фаъол, ки хонандагон иҷро менамоянд, ташкил медиҳад. Асосҳои фарқкунандаи машқ ва супоришҳои фаъол дар он мебошад, ки онҳо на танҳо ба мустаҳкамкунии маводҳои омӯхташуда, балки ба омӯзиши маводи нав низ равона мегарданд.

**АДАБИЁТ:**


1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, 2018.

2.Лутфуллоев М. Тоҷикистони соҳибистиқлол ва маорифи навин.- Душанбе, 2006.

3.Лутфуллоев М. Дастури фаъолияти омӯзгор.-Душанбе, 2007.

4.Бабанский Ю.К. Методы обучения в современной общеобразовательной школе.-М.: Просвещение, 1985.-208 С.

5.Зазюна И.А. Основы педагогического мастерства. Учебное пособие.- Москва., Просвещение, 1989,302С.

6.Якиманская И.С. Личностно- ориентированное обучение в современной школе.- М.,1996.

7.Маҳкамов Д. Инноватсия дар педагогика. Дастури методӣ.-Д., 2017.



**МАҲКАМОВ Д.**
**ДАВЛАТОВ А.**


## МАФҲУМ ВА ВАЗИФАҲОИ МЕТОДҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР РАВАНДИ ДАРСИ ҲУҚУҚ


Дар мақолаи мазкур зери мафҳуми вазифаҳои эҷодӣ- вазифаҳои таълимие фаҳмида мешаванд, ки аз хонандагон ҳосил намудани ахбори оддиро не, балки супоришҳои эҷодии хурд ё калони дорои номафҳумиро талаб менамояд. Супоришҳои эҷодӣ мазмун ва моҳияти асосии тамоми намудҳои усулҳои фаъоли таълимро ташкил медиҳанд. Супоришҳои эҷодӣ (махсусан воқеӣ ва ба ҳаёти хонандагон наздик) мазмуни таълимро ташкил дода, ба хонандагон рӯҳу илҳом мебахшанд.



***Калидвожаҳо:*** *методҳои фаъоли таълим, такрорҳосилкунии ахбор, шаклҳо намудҳои номуайяниҳо, мазмуни таҳсилот, вазифаҳои эҷодӣ, тамрин, тамринчӣ.*



**МАХКАМОВ Д.**
**ДАВЛАТОВ А.**


## ПОНЯТИЕ И ЗАДАЧИ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ


В данной статье под творческими заданиями понимаются такие учебные задания, которые требуют от учащихся не простого воспроизводства информации, а творчества, поскольку задания содержат больший или меньший элемент неизвестности и имеют, как правило, несколько подходов. Творческое задание составляет содержание, основу любого интерактивного метода. Творческое задание в интерактивных методов обучение (особенно практическое и близкое к жизни обучающегося) придает смысл обучению.



***Ключевие слова:*** *Интерактивние методи обучения, воспроизводство информации, форма и выди неизвестьность, содержание образования, творческие задачи, тренер, тренинг.*



**MAKHKAMOV D.**
**DAVLATOV A.**


## THE CONCEPT AND OBJECTIVES OF INTERACTIVE TEACHING METHODS


In this article, creative tasks are understood as such educational tasks that require students not to simply reproduce information, but to create, since tasks contain a greater or lesser element of unknownness and usually have several approaches. A creative task is the content, the basis of any interactive method. The creative task in interactive teaching methods (especially practical and close to the learner's life) gives meaning to learning.



***Keywords:*** *Interactive teaching methods, reproduction of information, form and appearance of suspense, content of education, creative tasks, trainer, training.*

**Сведения об авторах: Маҳкамов Д.** - ведущий научный работник отдела начальнего и среднего профессионального образования НИИРО имени А.Джоми АОТ

**Давлатов Алимухаммад** – соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Information about the authors: Makhkamov D**. - Candidate of Pedagogical Sciences, of the Institute of Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni 45. 93.502.15.64

**Davlatov Alimuhammad** job seeker to the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**Ф. САЛИМОВ**
**М. РАҲМОНОВ**

# КОРБУРДИ РОҲЁФТИ ИРТИБОТИ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Бо рушди технологияи муосир, ҷаҳонишавии иқтисодиёт, системаи нисбатан мукаммали алоқаи ҷамъиятӣ , масъала дар бораи усули нави таълими забонҳои хориҷӣ нисбатан амалитар ва самараноктар гаштаанд. Ба ҷойи усули содаи таълим тавассути китобҳо, омӯзиши грамматика ва иҷрои машқҳои якнамуда, қироат ва тарҷумаи матнҳо (муносибати грамматикӣ -тарҷумонӣ ), усули коммуникативӣ иртиботӣ ба миён омаданд. Ҳангоми истифодаи усули грамматикӣ -тарҷумонӣ донишҷӯён тарҷумакуниро аз русӣ (тоҷикӣ ) ба хориҷӣ ва аз хориҷӣ ба русӣ (тоҷикӣ )-ро дуруст аз худ мекунанд, инчунин грамматикаро ба таври мукаммал меомӯзанд.

Чунин донишҷӯ қобилияти хело хуби тарҷума кардани матнҳоро дар шакли хаттӣ дорад, вале бо забонҳои хориҷӣ ҳарф зада наметавонад. Усули иртиботӣ ин мушкилиҳоро бартараф менамояд.Дар мақолаи мазкур намунаи мисолҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар доираи муносибати иртиботӣ ба таълим баррасӣ гардидааст.

Барои донишҷӯёне, ки забони хориҷӣ меомӯзанд, вазифаи муҳим ғанӣ гардонидани захираи луғавии онҳо мебошад. Дар бисёр китобҳои дарсӣ ин масъала хело ҳам ҷиддӣ нишон додашуда аст. Баъзеҳо танҳо калимаҳоро аз ёд мекунанд, дигарон гурӯҳи калимаҳоро (ибора) ташкил медиҳанд, баъзеи дигар онҳоро пас аз оне, ки онро дар ягон ҷо мебинанд ва мешунаванд ё худ онро дар нутқ истифода мебаранд, дар хотир нигоҳ медоранд. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки аз болои кори донишҷӯён назорат бурда роххои дурусти аз худ намудани калима ва ибораҳоро ба онҳо фаҳмонад ва муаян намояд, ки то кадом дараҷа донишҷӯён ба мафҳуми калима ва ибораҳо сарфаҳм рафтаанд. [1,С.16-29]

Дар чорчӯбаи муносибати анъанавӣ омӯзгорон танҳо донишҷӯёнро бо забони модарии онҳо дар бораи тарҷумаи калимаҳо мепурсанд, аммо донишҷӯён онро бо забони англисӣ пешниҳод менамоянд. Вале дар баробари усули нисбатан самараноктари рушдкунанда, ба монанди дар хотир нигоҳ доштани калимаҳо, инчунин маҳорати муколама бо забони хориҷӣ вуҷуд дорад.

Чунончи, муаллим пеш аз оғози дарс варақчаҳоро бо калимаҳои нав тартибдода, онҳоро чунон ҷобаҷо мекунад, то ки навишти калимаҳо намоён нагардад, сипас донишҷӯён ба якчанд гурӯҳҳо 2-нафарӣ тақсим мешаванд. Донишҷӯйи аввал варақчаро гирифта, калимаеро дида, кӯшиш мекунад, ки онро бо забони хориҷӣ ба шарики худ фаҳмонад. Донишҷӯйи дуюм бояд дарк намояд, ки донишҷӯйи аввал кадом калимаро фаҳмонда истодааст, сипас онро бо забони хориҷӣ шарҳ диҳад. Ҳамин тариқ, донишҷӯён худашон ба якдигар калимаҳоро мефаҳмонанд, - яъне ин бо таври механикӣ дар хотир нигоҳ доштан нест (калима-тарҷума). Ҳаминтавр, калимаҳои нав аз тарафи донишҷӯён хело хуб қабул карда мешаванд.

Як тарзи дигари тафтиши сатҳи дониши донишҷӯён бозии зерин бо истифодаи намоишдиҳӣ (презинтатсия) мебошад, ки дар Power Point омода гардиданд. Муаллим дар слайдҳо калимаҳои навро бо забони хориҷӣ шарҳ медиҳад. Донишҷӯи аввал, ки ин калимаро мегӯяд, як холл мегирад. Ҳар нафаре, ки холи зиёдтар гирифт, ғолиб дониста мешавад (агар бози дар муассисаи таълимӣ гузаронида шавад, пас барои ин метавон баҳо гузошт). Ба шарофати рӯҳияи рақобат донишҷӯён кӯшиш мекунанд, ки дар хона бештар хонанд, то ки баъдан дар машғулиятҳо ғолиб оянд. Илова бар ин, ҷараёни тафтиши калимаҳои нав бидуни забони модарии донишҷӯён бо забони хориҷӣ суръат мегирад, ки хело муҳим мебошад, чунки пурра ба дунёи омӯзиш фурӯ рафтан ва худро дар дуньёи он забон, ки забони хориҷӣ ном дорад ҳис намудан махсусан дар раванди машғулиятҳои забонӣ хело зарур мебошад.[6.С.123]

Барои боз ҳам хубтар шифоҳан дарк намудани нутқи хориҷӣ аз ҷониби донишҷӯён метавон тамошои видеоҳои гуногун (филмҳо, филмҳои тасвирӣ ) ташкил намуд. Вале бояд тафтиш кард, ки донишҷӯён аз намоиши тамошо карда чиро фаҳмиданд. Барои ин метавон

видеоро муҳокима кард, ба донишҷӯён савол дод, аз онҳо хоҳиш кардан лозим аст, то ки онҳо фикри худро оиди мазмуни видеои тамошо карда пешниҳод намоянд.

Аксарияти мунаққидони усули иртиботӣ (комуникативӣ ) мегӯянд,ки ҳангоми истифодаи ин усули таълим барои омӯзиши грамматика вақт ҷудокарда мешавад ва ингуна вақт дар ҳаҷми хело ҳам кам ҷудо мегардад. Дар воқеъ, ин хел нест. Граматика ба таври боровар омӯхта мешавад, вале ҷараёни додани итилоот дар шакли дигар мегузарад. Пас аз фаҳмондани мавзӯи нав аз тарафи омӯзгор, донишҷӯён ба якчанд гурӯҳ тақсим мешаванд (миқдори гурӯҳҳоро худи муаллим муайян мекунад) .Баъдан омӯзгор ба ҳар як гурӯҳ (якхела барои тамоми аъзои гурӯҳ) дар атрофии ии мавзӯи гузашта супориш медиҳад.

Донишҷӯён дар зергурӯҳҳо ин супоришро мустақилона иҷро мекунанд, сипас дар дохили гурӯҳ атрофии мавзӯи машқи иҷрошуда муҳокимаронӣ намуда, интихоби худро асоснок мекунанд. Муҳим онаст, ки тамоми ин амал бо забони хориҷӣ ҷараён мегирад. Ҳамин тариқ, донишҷӯён натанҳо дониши мавзӯи граматикиро нишон медиҳанд, балки ифода кардани фикри худро бо забони хориҷӣ меомузанд. Дар ҷамбаст ҳар як гурӯҳ ба муаллим ҷавобҳои худро пешниҳод менамояд. Омӯзгор посуххоро тафтиш намуда, хатоҳоро бо забони хориҷӣ шарҳ медиҳад.

Кор бо матнҳо бо истифода дар доираи муносибати иртиботӣ ба таълими забон низ имконпазир мебошад. Масъалан, баъд аз омӯзиши матн метавон онро муҳокима кард, донишҷӯён фикри худро аз рӯйи мавзӯи баррасишаванда баён менамоянд. Инчунин варианти дигар низ мавчуд аст–чудо кардани донишҷӯён ба гурӯҳҳо (андозаи гурӯҳро муаллим муайян мекунад, миқдори тавсияшаванда дар гурӯҳ-2-3) ва ба аъзои ҳар як гурӯҳ додани матнҳои гуногун дар доираи ҳамон як мавзӯъ. Масъалан, ба донишҷӯи аввал матн дар бораи системаи маориф дар ИМА, ба донишҷӯи дуюм-дар бораи системаи маорифи Олмон, ба сеюмӣ -дарТоҷикистон дода мешавад.

Дар дохили ҳар як гурӯҳ донишҷӯён бояд бо якдигар бо забони хориҷӣ мазмуни мухтасари матнро нақл намоянд, сипас системаи маорифро дар ҳар яки ин кишварҳо байни худ муқоиса карда, онро дар шакли шифоҳӣ ба донишҷӯёни боқимонда намоиш диҳанд. Ҳамин тариқ, донишҷӯён ҷудокунии чизи аз ҳама муҳимтаринро дар матн, ҳамкори намуданро дар гурӯҳ, ин чунин пешниҳод кунии иттилооти гирифташударо ба забони хориҷӣ аз худ менамоянд.

Илова бар ин ,барои омӯзиши забони «зинда» (забони ҳамарӯза, аз ҷумла сленг) матнҳро аз ҳамоишҳои гуногуни хориҷӣ истифода намудан мумкин аст, ки дар онҳо соҳибони забон муколама менамоянд. Ин ба донишҷӯён барои беҳтар фаҳмидани нутқи соҳибони забон, ки ба таври хело қатъи аз он чизе, ки моро аз рӯйи китобҳои дарсӣ меомӯзанд, фарқ мекунад.[4.С.87]

Ба сифати чорабиниҳои факултативӣ муаллим метавонад лоиҳаҳои гуногуни муштаракро пешниҳод намояд. Масъалан, ҳар як донишҷӯ бояд муаррифиро дар ҷояш омода намуда, онро бо забони хориҷӣ нақл кунад. Маҳз нақл намояд, на аз рӯйи варақ ӯро бихонад.

Ахиран, метавон суҳбатро бо соҳибони забон тавассути Skype ташкил намуд ки ин яке аз тарзҳои самараноктарини ҳифз кардани забони хориҷӣ мебошад. Чунки суҳбат барои аз худкунии забон мусоидат менамояд!

Тарзи омӯзиши классики грамматикаи тарҷумонии таълим ба омӯзиши академики забон равона гардидааст, ки он фаҳмиши амиқи сохтори грамматикӣ , малакаи устувори нутқи хатиро медиҳад. Усули иртиботӣ –амалӣ буда, ба рушди муваффақонаи қобилиятҳо нисбати муколамаи шифоҳӣ равона гардида, дар одам шавқу рағбати иловагиро нисбати омӯзиши забон фароҳам меорад, ки манфиатдории хонандаро ба машғулиятҳо, яъне самаранокӣ ва натиҷанокиро таъмин менамояд.

**АДАБИЁТ:**

1. Tatiana Klementyeva : Tenses in English Grammar « АЙРИСПРЕСС» Москва 2008.
2. А. И. Бурлак: Учебник английского языка «Высшая школа» Москва 1992
3. Б. С.Островский: Английский язык «Просвещение » Москва 1990
4. Палагутина М,А: Проблемы и перспективы развития образования «меркурий» Пермь 2011

5. Минаева Л.В. и др. Преподавание английского языка для специальных целей: теория и практика / Моск. гоС. ун-т им. М.В. Ломоносова, Ин-т гоС. упр. и соц. исслед. - М.: Унив. гуманитар. Лицей, 1997.
6. Карвер Д., Латорре Дж.Дж.Р., Эвер Л., Селинкер Л., Тримбл Л., Дж. Свейлз. - English for Specific Purposes / An International Research Journal / URL: http://www.journals.elsevier.com/english-for-specific-purposes (02/01/2017).
7. Современные методики изучения английского языка взрослыми URL: http://allstuds.ru/statti-po-angliyskomu-yaziku/2090-metodiki-prepodavanijaangliyskogo-jazyka-vzroslimi (24/01/2017).
8. Шейлз Д. Коммуникативность в обучении современным языкам. [Совет по Культурному Сотрудничеству. Проект № 12 «Изучение и преподавание современных языков для целей общения».] Совет Европы Пресс, 1995
9. Основные направления в методике преподавания иностранных языков в XIX-XX вв. / Под ред. М.В. Рахманова. М., 1972.
10. Гез Н. И. и др. Методика обучения иностранным языкам в средней школе. М., 1982.

**Салимов Ф., Раҳмонов М.**

## КОРБУРДИ РОҲЁФТИ ИРТИБОТИ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Дар мақолаи мазкур муҳимияти донистани забони англисӣ ва муносибати он дар ҷаҳони муосир сухан меравад. Дар замони навин донистан ва аз худ намудани забони англисӣ дар ҷои аввал меистад. Нафаре, ки аз забони англисӣ воқиф аст ва ин забонро хуб медонад зуд ва бе истиҳола ба қулаҳои баланди касбӣ рафта мерасад. Якчанд сол пеш забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ ва ҳоло бошад забонӣ англисӣ ҳамчун забони байналмилалӣ эътироф шудааст. Имрузҳо худро бе донистани забони англисӣ тасавур кардан номумкин аст.
Забони англисӣ забони муошират байни халқҳо, забони тиҷорат ва технологияҳои навин мебошад. Донистани забони англисӣ-роҳест барои аз бар намудани дониш ва технологияҳои навин, баромадан ба қулаҳои баланди эҷодӣ ва касбӣ ва дар зиндагӣ муваффақият бадаст овардан. Омӯхтани забонӣ англисӣ на танҳо фоида овар аст балки шуғли шавқоварест дар зиндагӣ. Бо шарофати оммафаҳм ва содда буданаш забони англисӣ дар муддати на он қадар тӯлони ба марҳилаи баланди дунявӣ рафта расид.
Забони англисӣ ин забони расмии аксарият давлатҳои дунёст. Шумораи зиёдиодамоне, кибо забони англисӣ гуфту-гӯ мекунанд мардуми кишварҳои Амрико, Британиёи кабир, Канада, Австралия ва Зеландияи -Нав мебошанд. Муошират намудан ва дар алоқа будан бо мардуми ин кишварҳо воситаи хубест барои ҳарчи зудтар аз худ намудани забони англисӣ.
***Калид калимаҳо:*** *забони расмӣ , забони англисӣ , миқдор, технологияҳои нав, муошират байналмилалӣ, муфид, дониш, оддӣ, гирифтан*

**Салимов Ф., Рахмонов М.**

## ПРИМЕНЕНИЕ КОММУНИКАТИВНОГО ПОДХОДА К ИЗУЧЕНИЮ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ

В статье рассмотрена важность знания английского языка и его востребованность в современном мире. В современном мире английский язык занимает значимое место в жизни общества. Человек со знанием английского языка продвигается по карьерной лестнице гораздо быстрее. Несколько лет назад он воспринимался как иностранный язык, сегодня же как международный. Сегодня без знания английского языка прожить сложно.
Это язык международного общения, торговли, новых технологий. С его помощью вы сможете открыть для себя новые знания, уверенно чувствовать себя в любой обстановке, достичь более значительных карьерных успехов. Изучение английского может стать не только очень полезным, но и действительно интересным занятием. Благодаря своей простоте и однозначности английский язык получил такое широкое распространение.
Английский язык –это официальный язык для большого количества стран. Наибольшее число людей, говорящих на английском проживают в Соединенных Штатах Америки, Великобритания, далее Канада, Австралия, Южно-Африканская Республика, Новая Зеландия. Вышеперечисленные страны подходят больше всего для изучения английского и общения с носителями этого языка.
***Ключевые слова:*** *официальный язык, английский язык, количества, новых технологий, международного общения, овладеть, полезный, знания, простоте,*

**Salimov F., Rakhmonov M.**

**THE APPLICATION OF A COMMUNICATIVE APPROACH TO THE INSTRUC-TIVE LANGUAGE**

The article discusses the importance of knowledge of the English language and its relevance in the modern world. In the modern world, the English language occupies a significant place in the life of society. A person with knowledge of English moves up the career ladder much faster. Several years ago, he was perceived as a foreign language, today as an international one. Today it is difficult to live without knowledge of English.

This is the language of international communication, trade, new technologies. With it, you will be able to discover new knowledge for yourself, feel confident in any environment, achieve greater career success. Learning English can be not only very useful, but also really interesting. Due to its simplicity and unambiguity, the English language has become so widespread.

English is the official language for a large number of countries. The largest number of people who speak English live in the United States of America, Great Britain, then Canada, Australia, South Africa, New Zealand. The above countries are best suited for learning English and communicating with native speakers of this language.

***Key words:*** *official language, english language, quantity, new technologies, international communication, master, useful, knowledge, simplicity*

**Сведения об авторах: Салимов Файзулло Нарзуллоевич** – старший преподаватель кафедры языков, Таджикский Технический Университет им. академика М. С. Осимӣ. **Адрес:** 734019, Таджикистан, г. Душанбе, улица**. Зарафшон 2-2 М.6. д.13 кв.11 E-mail**: Телефон **faisal57@mail.ru Телефон 917011958**

**Рахмонов Маджид Нахчирович** – старший преподаватель кафедры языков, Таджикский Технический Университет им. академика М. С. Осимӣ. **Адрес:** 734019, Таджикистан, г. Душанбе, улица Дж. Расулова, 71/9. **E-mail: manakh_57@mail.ru** Телефон **919556033.**

**Information about the authors: Salimov Faizullo Narzulloevich -** senior teacher of Department of Languages. Tajik Technical University after academician M.S.Osimi

**Address:** Tajikistan, 734019, Dushanbe City, Zarafshon 2-2 Street M6, H/13?R/11

**E-mail: faisal57@mail.ru Telephone 917011958**

**Rakhmonov Majid Nakhchirovich** - senior teacher of Department of Languages. Tajik Technical University after academician M.S.Osimi **Address:** Tajikistan, 734019, Dushanbe City, J. Rasulovs Street 71/9 **E-mail: manakh_57@mail.ru Telephone 919556033.**

Ғ. ШОЕВ
И. АҲЛИДДИН

# ИСТИФОДАИ ВАСИТАҲОИ АЁНӢ ДАР ТАЪЛИМ БО НАЗАРДОШТИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

Дар ҷаҳони муосир рӯ овардан ба соҳаи маориф яке аз роҳҳои асосии рушди ҷомеаи инсонӣ мебошад. Маҳз мактаб ва маориф метавонад, ки тавассути таълим ва тарбияи дурусти инсон як ҷомеаи мутамддин ва пешрафтаро бунёд созад Хушбахтона бо дарки ин масъулияти бузург аз рӯзҳои нахустини таъсисёбии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуд.[1] Дар натиҷа маорифи тоҷик дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба як қатор дастовардҳои назаррас соҳиб гардид. Аксарияти мактаб ва муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар шакли нав ва ҷавобгу ба талаботи замон сохта ба истифода дода шуданд. Дар баробари ҳамаи ин ба хотири рушди соҳа ва омода намудани насли ҷавобгӯ ба бозори меҳнат дар бахши таълим ва тарбия як қатор тағйиру иловаҳо ворид гардид.

Мусаллам аст, ки ҳар як муаллим ва падару модар мехоҳад, ки шогирдон ва фарзандони онҳо дар мактаб бошавқ ҳавас таҳсил кунанд. Мутаассифона дар шароити феълӣ масъалаи ташаккули ҳавасмандии мусбат ба омӯзиш падару модар ва омӯзгоронро ба ташвиш овардааст. Медонем, ки агар хонанда ба омӯзиш ва дониш бе шавқ ворид гардад, омӯзиш наметавонад ба ӯ самар бахшад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки омӯзгор ҳавасмандии мусбати кӯдакро дар фаъолиятҳои омӯзишӣ ташаккул ва инкишоф диҳад.

Дар синни мактабии хонандагон рушди ангезаҳои иҷтимоӣ ва маърифатӣ ба ҳам алоқи зич доранд. Дар баробари зарурати фаъолияти зеҳнӣ ва ба даст овардани малакаҳо, донишҳо ва малакаҳои нав, хонандагонро зарур аст, ки дар раванди таълим ангезаҳои иҷтимоиро низ аз худ кунанд. Барои ба амал овардани ин ҳадаф омӯзгор бояд чизи наверо пешниҳод кунад, ки диққатро ҷалб намояд, фаъолияти хонандагонро тақвият диҳад, онҳоро ба фикр, ҷустуҷӯ, амал кардан маҷбур кунад. Ба амал баровардани ин ҳадафро дар таълим метавон бо истифодаи воситаҳои аёнӣ дар дарс тадбиқ намуд.[2]

Ҳанӯз дар дар асри 16 педагоги чех Я. А. Коменский пешниҳод намуда буд, ки “Истифодаи воситаҳои аёнӣ дар таълим ба инкишофи тафаккури хонандагон ёрӣ мерасонад”. Педагоги рус К. Д. Ушинский таълимеро, ки на дар тасаввуроти абстрактӣ , балки дар образҳои мушаххаси ашё ифода ётфааст, таълими аёнӣ меномад.[3]

Бояд тазаккур дод, ки бе усули аёнӣ омӯзиши мукаммали мавзӯи дарсӣ ғайри имкон аст. Чӣ тавре, ки дар педагогика маълум аст, дарки маводи шуниданӣ кори мушкилест, зеро кушиши муттамарказ намудани диққат ва саъйи ихтиёрии хонандаро талаб мекунад. Агар машғулиятҳо танҳо дар доираи маводи лексионӣ гузаронида шаванд, дақиқ аст, ки дарс номуваффақ анҷом меёбад, хонандагон дар рафти дарс худро берун аз дарс тасаввур мекунанд ва фикр кардан барои онҳо душвор мегардад.[4] Шинохти предмет тавассути ҳиссиёт ва тафаккури хонанда амалӣ мешавад. Мувофиқи принсипи аёният дар таълим ки самаранокии таълим аз иштироки дахлдори узвҳои ҳассос дар дарк ва коркарди маводи таълимӣ вобаста аст, хусусияти ҷараёни таълимро муайян мекунад. Дар ҷараёни таълим ба кӯдакон бояд имконият фароҳам оварда шавад, ки онҳо мушоҳида, андозагирӣ , озмоишҳо гузаронанд ва ба ин васила аз нодонӣ ба дониш ҳидоят ёбанд. Хулосаи возеҳе пайдо кардан мумкин аст, ки таълими воситаҳои аёнӣ бо хусусиятҳои равонии инсон зич алоқаманд аст. Дар психология муқаррар шудааст, ки тасвири объекти даркшуда метавонад тасвири дарк, тасвири намояндагӣ ва тасвири хаёлот бошад. Бо таъсири мустақими объект ба ҳиссиёти инсон, дар зеҳни ӯ тасвири дарки объект ба вуҷуд меояд. Дар эҷод кардани чунин тасвир дар баробари эҳсос, хотирот ва тафаккур иштирок мекунанд. Донишҳои мукаммал ва қавӣ ҳамон вақт аз худ карда мешаванд, ки дар онҷо тамоми узвҳои эҳсосии хонанда бе восита иштирок мекунанд. Чӣ тавре, ки аз ҳаёти инсон бармеояд дар марҳилаҳои аввал, кӯдак дар тасвирҳо назар ба мафҳумҳо бештар фикр мекунад. Аз тарафи дигар, мафҳумҳо ва изҳороти дақиқ аз ҷониби хонандагон ба осонӣ фаҳмида мешаванд. Воситаҳои аёнӣ шавқи хонандагонро ба дониш афзоиш медиҳад ва раванди таълимро осон мекунад. Бисёре аз вазифаҳои назариявии душвор бо истифодаи

моҳиронаи воситаҳои аёнӣ барои талабагон дастрас ва фаҳмо мегардад. Масалан, ба фарзанди худ панҷ калимаи номаълумро таълим диҳед, ва ӯ муддати дароз аз бехобӣ азоб мекашад, аммо бо истифодаи аёният бист калимаро пайваст кунед кӯдак онҳоро ба зудӣ меомӯзад.[5]

Истифодаи воситаҳои аёни дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим дар фанҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла фанни таърих нақши беназир дорад. Бо тавсифи шифоҳӣ дар дарсҳои таърих рӯйдодҳо ва падидаҳои гузашта, барои хонандагон дар бештари ҳолатҳо нофаҳмо мемонанд, зеро ин зуҳурот аллакай гузаштааст, барои зиндагӣ дастрас нест ва дарки бевоситаи шунавандагон вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки омӯзгори фани таърих барои дарсро мукаммал ва шавқовар кардан ва ба зеҳни хонанда роҳ ёфтан аз воситаҳои аёнии таълим ба таври васеъ истифода барад.

Дар шароити муосир вазифаи асосии таълим на танҳо аз ҷониби донишҷӯён гирифтани як миқдори муайяни дониш, балки ташаккули малака ва мустақилона аз худ кардани донишҳо мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки донишҷӯёни донандаи кор бо компютер сатҳи баланди малакаҳои худшиносии таълимӣ , қобилияти мураттаб сохтани ҷараёни босуръати иттилоот, қобилияти ҷудо кардани чизи асосӣ , ҷамъбаст кардан, хулоса баровардан доранд. Аз ин рӯ, нақши омӯзгор дар кушодани имкониятҳои технологияҳои нави компютерӣ хеле муҳим аст. Компютеркунонии мактаб ба муаллим имконият медиҳад, ки дар синфхона технологияҳои муосири иттилоотиро истифода барад.

Яке аз роҳҳои тадбиқи истифодаи воситаи аёнӣ дар таълим ин истифодаи рӯйнамоӣ (муаррифӣ) дар дарс мебошад. Тавассути рӯйнамоӣ омӯзгор ва хонанда метавонед маълумоти матнӣ , графикӣ , садоӣ ва видеоиро, васеъ истифода баранд. Рӯйнамоӣ ба муаллим имкон медиҳад, ки дарсро ба таври шавқовар ва зинда гузарад. Ҳангоми истифодаи презентатсия дарс омӯзгор метавонад бандҳои зеринро сарфакорона истифода намояд.

Барои самаранокии истифода бурдани презентатсия дар дарсҳо як қатор қоидаҳоро истифода бурдан зарур аст:

- Интихоби дарс; дарси такрорӣ ё дарси омӯзиши мавзӯи нав. Дар ҳолати аввал, рӯйнамоӣ бо диаграммаи тармим омода карда мешавад (муаллим имконият дорад, ки ҳама гуна ҷузъиётро ҳангоми такрор ва ҷамъбаст кардани мавод шарҳ диҳад).
- Ба эътибор гирифтани синни донишҷӯёне, ки дарс барои онҳо пешбини шудааст; (пешниҳоди мавод ва шакли слайд бояд ба хусусиятҳои психологии гурӯҳи муайяни синфии донишҷӯён мувофиқат кунад).
- Минбаъд шумораи слайдҳо дар асоси супоришҳои дарпешистода ба нақша гирифта мешаванд (масалан, шарҳи мавзӯи нав бояд 30 дақиқаи дарсро дар бар гирад, аз ин рӯ, 15 слайд таҳия карда мешавад: барои ҳар як слайд тақрибан ду дақиқа вақти дарс мегирад).
- Рӯйнамоӣ пеш аз ҳама воситаи аёнӣ аст ва танҳо баъд - маводи матнӣ , ҳангоми таҳияи муаррифӣ ба маводи ороишӣ диққати махсус дода мешавад ва талаботи асосии матн кӯтоҳӣ ва мазмуни назарраси он аст.Муаллим ҳамеша метавонад маълумоти иловагӣ ба таври шифоҳӣ пешниҳод кунад.
- Ҳар як слайд набояд дар як вақт бо кортҳо, аксҳо, ҷадвалҳо ва диаграммаҳо изофа шавад. Маводи пешниҳодшуда, агар на зиёда аз се ашёи аёниро дар бар гирад, беҳтар азхуд карда мешавад.
- Дар интихоби услуби муаррифӣ – имконияти истифодаи ранг ва ҳуруфҳо аҳамият додан муҳим аст. Агар мо як презентатсияро дар бораи таърихи Авасто омода кунем ва ҳуруферо интихоб намоем, ки ба ҳарфҳои авастоӣ шабеҳ ва рангпазир бошад (масалан, сабкҳои мардумии сурх дар заминаи сафед), он хеле услубӣ хоҳад буд.
- Ташкили рӯйнамоиҳои хонандагон, ки дар дарс истифода мешаванд. Нақши омӯзгор дар ин ҳолат нақши мушовир ё ёрирасон дар эҷоди маҳсулоти ниҳоӣ мебошад. Эҷоди рӯйнамоиҳои худ ба ошкоршавии пурраи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон мусоидат мекунад, зеро дар ҷараёни кор дар муаррифиҳои донишҷӯёне, ки ба мавзӯ майл доранд, худашон асбобҳои аёнӣ ва маълумоти таърихиро, меҷӯянд. Бартарии равшани ин равишро метавон ҳамчун кори мустақилонаи эҷодӣ дар ҷустуҷӯйи донишҷӯён ва инчунин маҳсули созандаи эҷодӣ эътироф кард. [6]

Ҳамин тавр қайд кардан зарур аст, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар дарсҳо ва дар корҳои беруназсинфи имкониятҳои эҷодии ҳам муаллимон ва ҳам донишҷӯёнро тавсеа медиҳад, шавқу рағбатро ба мавзӯъ афзо созад, донишҷӯёнро ҷиҳати аз худ кардани дастовардҳои навтарини технологӣ ҳавасманд мекунад, ки боиси шиддати (тағирёбии сохтори захираҳои истифодашуда) раванди таълим мегардад. Бо вуҷуди ин , муаллим набояд фаромӯш накунад, ки технологияҳои педагогӣ асоси ҳар як раванди таълим мебошанд. Захираҳои иттилоотии таълимӣ набояд онҳоро иваз кунанд, балки барои муассиртар гардидани онҳо кӯмак мекунад. Онҳо ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки сарбории кори муаллимро мувофиқ кунад, то раванди таълим боз ҳам самарабахштар шавад. Технологияи иттилоотӣ барои аз кор рафтани омӯзгор ва ба ӯ кӯмак расонидан бо назардошти корҳои фардӣ ва эҷодӣ тарҳрезӣ шудааст.

Хулоса, истифодаи воситаҳои аёнӣ дар шароити гузариш ба таҳсилоти муносибати босалоҳият таълим имконият медиҳад, ки маводи таълим бо шавқу завқ баён гардида, рағбати донишомӯзонро ба омӯзиши илмҳои гуногун бедор кунад. Пас, зарур аст, ки ҳар як омӯзгор бояд барои такмили доимии воситаҳои таълими кӯшиш ба харҷ диҳад. Воситаҳои таълими имконият медиҳанд, ки мафҳумҳои илмӣ дар ҷараёни таълим амиқ, боварибахш ва фаҳмо баён гарданд.

**АДАБИЁТ:**

1.Таърихи халыи тожик дар ҷадвалу схемаҳо(воситаи методиоӯзгорон ва дониҷӯёни мактабхои олӣ барои истифодаи )

2.Фридман Л.М. Наглядность и моделирование в обучении - М.: Знание, 1984.

3.Баранов С.П. Педагогика: Учебное пособие для пед. учащихся по спец. № 2001 "Преподавание в начальных классах общеобразовательной школы" / С.П. Баранов, Л.Р. Болотина, В.А. Сластенин - 2-е изд. перераб. - М.: Просвещение, 1987., саҳ. 38.

4. Совершенствование методов обучения русскому языку. Сборник статей. Пособие для учителей / Сост. А.Ю. Купалова - М.: Просвещение, 1981., саҳ. 112

5. Программа общеобразовательных учреждений. Начальные классы (1-4). Часть 1./Сост. Т.В. Игнатьева, Л.А. Вахмятина - М.: Просвещение, 2002., саҳ. 6.

6. В. М. Кларин. Педагогическая технология в учебном процессе. М.; Знание, 2009.

7. Байбаева М. Х., Маркаева Д., Исмаилова Х. Понятие об инновациях в образовании, их классификация // Молодой ученый. — 2016. — №4. — С. 744-746. — URL

**Шоев Ғ. А.**
**Ибодуллозода А.**

## ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ АЁНӢ ДАР ТАЪЛИМ БО НАЗАРДОШТИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

Истифодаи воситаҳои аёнӣ дар таълим дар шароити муосир дорои аҳамияти бузурги педагогӣ буда, дар тадбиқи муносибати босалоҳият дар таълим нақши назаррас доранд. Маҳз истифодаи васоити аёнӣ метавонад, ки донишҳои назарявии хонандагонро ба донишҳои амалӣ табдил диҳанд. Бо ҳамин назардошт дар мақолаи мазкур доир ба аҳамияти истифодаи воситаҳои аёнӣ дар таълим зимни тадбиқи муносибати босалоҳият сухан рафта, мубрамияти он нишон дода шудааст. Қайд шудааст, ки адабиёти аёнии таълимӣ зарурати бештар барои инкишофи хонандагон дошта, ҷиҳати ташаккули малака ва маҳорати онҳо имкони фаровон фароҳам меорад.

***Калидвожаҳо:*** *Саоҳиятнокӣ, омӯзгор, таълим, истифода, компиютер, презентатсия, хонанда, муосир.*

**Шоев Г. А.**
**Ибодуллозода А.**

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ НАГЛЯДНЫХ СРЕДСТВ В ОБУЧЕНИИ С УЧЁТОМ КОМПЕТЕНТНОСТНОЮ ПОДХОДА

Использование наглядных пособий в обучении в современном контексте имеет большое педагогическое значение и играет значительную роль в реализации грамотного подхода к обучению. Именно использование визуальной литературы может преобразовать теоретические знания студентов в практические знания. В этой статье важность использования наглядных пособий в обучении подчеркивается его практической актуальностью и применением. Отмечается, что

очевидная учебная литература более важна для развития студентов и дает им больше возможностей для развития своих навыков и способностей.

**Ключевые слова:** *точность, учитель, обучение, использование, компьютер, презентация, читатель, модерн.*

**Shoev G.**
**Ibodullozoda A.**

## USE OF VISUAL FACILITIES IN TEACHING, TAKING INTO ACCOUNT OF COMPETENT APPROACH

The use of visual aids in teaching in the modern context is of great pedagogical importance and plays a significant role in the implementation of a competent approach to teaching. It is the use of visual literature that can transform students' theoretical knowledge into practical knowledge. In this paper, the importance of using visual aids in teaching is highlighted in its practical relevance and application. It is noted that the obvious educational literature is more important for the development of students and gives them more opportunities to develop their skills and abilities.

***Keywords:*** *computerization, presentation, reading, computer, presentation, reading, modern.*

**Сведения об авторах: Шоев Гайратшо** – кандидат исторических наук, научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Ибодуллозода Ахлиддин** – кандидат исторических наук, научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Information about the authors: Shoev Gairatsho -** Candidate of Historical Sciences, Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**Ibodullozoda Ahliddin -** Candidate of Historical Sciences, Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

М. УБАЙДОВ

# ИСТИФОДАИ УСУЛИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ ДАР ОМӮЗИШИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ

Методика аз калимаи юнони metodos гирифта шуда маънои луғавиаш роҳҳои ба мақсад расидан аст. Тавсири метод дар чандин мавридтакрор меёбад, вале ба мавқеъ: методҳои татқиқоти илмӣ, методҳои тарбия, методҳои таълим ва ғайра. Дар таҳти методҳои таълим (методҳои дидактика) тарзи ба мақсадрасӣ, ҳалли вазифаи маълумот фаҳмида мешаванд. Педагоги машҳур С.П.Баранов қайд менамояд, ки «Методи таълим роҳи идроки назариявӣ, фаъолияти амалии омӯзгор ва хонанда мебошад, ки ба иҷрои вазифаҳои таҳсил нигаронида шудааст» [1.саҳ.137] Громсева А. К. чунин таъриф менамояд. «Методҳои таълим- ин тарзҳои фаъолияти якҷояи омӯзгору хонанда мебошад, ки барои ҳалли вазифаҳои таълим равона кардааст» [1.саҳ.137.]

Методи таълими то ҳоло таърифи ягонаи муайянро надорад. Олимон онро ҳар гуна шарҳу эзоҳ медиҳанд, М. Лутфуллоев инкишофи қобилияту доираи назари фардро ба таври ҳаққонӣ дар ҷойи аввал гузошта, нусхаи нисбатан мақбули таърифи методҳои таълимро ба тариқи зайл овардааст: «Методҳои таълим ҳамчун чароғи фаъолияти муаллиму талабаҳо илмест дар хусуси роҳ, тарз ва воситаҳои инкишофи қобилияти фардии талабагон,доираи назар, андӯхтани дониш ва ҳосил намудани маҳорату малакаҳо» [ 2. Саҳ.85]

Методҳои таълим хеле зиёданд, муайян кардани онҳо имкон надорад. Таснифоти методҳо аз нигоҳи мантиқ, хусусият, муносибат ва вазифаҳои таълимашон ба гурӯҳҳои муайян тақсим мешаванд. Аммо ҳоло дар мактаб чунин таснифоти ягона вуҷуд надорад, педагогҳо ба як қарори қатъӣ наомадаанд. Бо вуҷуди он дар назария ва амалия омӯзиш чандин таснифот арзи вуҷуд дорад, ки онҳо мухолифи якдигар нестанд, балки ҳамдигарро пурра мекунанд ва ба омӯзгорон имконият медиҳанд, ки дар омӯзиши мавод аз ҳар ҷиҳат рафтор кунанд.

Методҳои таълим гуногун буда, ба фикри аксари олимон он гуногунҷабҳа мебошад. Гурӯҳе аз олимону коршиносон ба чунин хулоса омадаанд: «Дар таҳти методҳои таълим роҳ, тарз ва воситаҳои самарабахши фаъолияти омӯзондагии омӯзгору хонандагон нисбати қобилияти фардии хонандагон, доираи назар ва дар онҳо ҳосил кунонидани дониш, маҳорат ва малакаҳо фаҳмида мешаванд»

Методҳои омӯзишро бидуни усули дохилии он тассавур кардан мумкин нест. Пас усул чист? Усулҳои таълим – ҷузъиёти метод, амалиёти алоҳидаи тафаккур, лаҳзаҳои таркибии раванди азхудкунии донишҳо, ташаккул додани маҳорату малакаҳо мебошад. Усул вазифаи мустақили таълимӣ надорад, вале ба вазифаи гузаштани ин ё он метод итоат мекунад, барои ба мақсад расидани метод ёрӣ мерасонад.

Омӯзгор бо ёрии методҳои таълим дар хонанда дониш, маҳорат ба вуҷуд оварда ҷаҳонбинии онҳоро васеъ менамояд. Мақсади таълим, аз худ намудани донишҳо ва ба мақсад расидан аст. Ҳамзамон низоми муайяни фаъолияти омӯзгору хонанда мебошад. Дар таълим якчанд ҳазорҳо метод дида мешаванд, ки олимони соҳаи педагогика онҳоро ба якчанд гурӯҳ ҷудо кардаанд:

–методи баёни шифоҳӣ (ҳикоя,эзоҳ,лексияи мактабӣ, тасвир, намоиш)

–методи мустаҳкамкунии маводи омӯхташуда (кор бо китоби дарсӣ, суҳбат)

–методи кори мустақилонаи хонандагон (кор бо китоби дарсӣ, адабиётҳои иловагӣ, машғулиятҳои лабараторӣ.)

–методи санҷиш ва баҳодиҳӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон. (пурсиши шифоҳӣ, баҳоҳои ҳаррӯза, корҳои назоратӣ, санҷиши корҳои хаттӣ, назорати барномавӣ.)

Барои баланд бардоштани сифати таълими фанни география аз методу усули гуногун, ки натиҷаи дилхоҳ медиҳад, истифода мебарем.Таҷриба нишон дод, ки ба ғайр аз методу усул, таҷрибаи пешқадами омӯзгор ҳам омили асосии баланд бардоштани сифати таълим мебошад, бе таҷрибаи кофӣ, омӯзгор аз уҳдаи истифодаи методу усул баромада наметавонад.

Омӯзгорони фанни география дар таълими фанни мазкур аз методҳое истифода мекунанд, ки ба синну соли хонандагон мувофиқ бошанд. Масалан, методи даҳонӣ (шифоҳӣ) аёнӣ, амалиро бештар дар таълими фанни географияи табиӣ (синфи 6 ) истифода

мекунанд. Омӯзгор дар вақти истифодаи ин намуди метод, маводҳои таълимиро ба тарзи даҳонӣ баён мекунад.

Методи аёнӣ гуфта унсуреро меноманд, ки таълим аёнӣ гузаронида мешавад. Ба он нақша, навишторҳо, расмҳо,тасвирҳо, объектҳои табиӣ, наворҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд. Омӯзгор бо роҳи намоишдиҳӣ маводи таълимиро пурра намуда, баррасӣ менамояд.

Ба методи амалӣ мушоҳида дар табиат, муайян намудани объект, иҷрои супоришҳо, таткиқот, кор бо китоби дарсӣ ва адабиётҳои иловагӣ, кор бо харитаҳои географию тарҳи ва иҷрои корҳои амалӣ дохил карда мешавад.

Чунин методҳоро омӯзгорон дар таълими фанни география солҳои дароз истифода мебаранд.Гуфтан ба ёдоварист, ки дар таълим ҳазорҳо метод ва усул мавҷуд аст, аз он ҷумла усулҳои муосири таълим. Омӯзгор дилхоҳ методу усулро интихоб менамояд, ки натиҷаи беҳтар ба даст орад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳар як омӯзгор методи дилхоҳи худро дорад. Таҷриба муайян намуд, ки истифодаи он сифати таълимро баланд бардошта омӯзгорро ба натиҷа ноил мегардад.

Масалан, аз методи таҳқиқотӣ, методи проблемавӣ, методи эҷодӣ, методҳои интерактивӣ, методи лоиҳавӣ, методи бозиҳои нақшавӣ истифода бурдан мумкин аст.

Пеш аз он, ки.мо ягон метод ё усулеро дар дарс истифода кунем. онро пешакӣ дар вақти ба нақшагирии дарс интихоб менамоем. Мунтазам навиштани нақшаи дарсӣ барои ҳар як омӯзгор новобаста ба собиқаи кориаш зарур мешуморам.таткиқотҳо нишондод, ки омӯзгоре, ки мунтазам нақшаи дарси менависад, дарсаш ба як низоми муайян мегузарад.чун, ки омӯзгор дар вақти навистани нақшаи дарсӣ мақсад ва ҳадафи дарси худро муайян мекунад. Ҳамзамон усул ва методеро интихоб менамоем, ки. кори омӯзгорро пурсамар мегардонад ва ба мақсад мерасонад. Новобаста аз сохти дарс усулу методҳоро омӯзгор бояд барои ба мақсад расидан истифода кунад.

**Кластер-** усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Хонанда андешаҳои худро доир ба ягон мафҳум ё мавзӯъ баён намуда, онҳоро бо ҳам алоқаманд мекунад. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо бо аёнӣ ба онҳо шинос гарданд. Маънои кластер «хӯша» ё «шохча» мебошад.

Мақсад:

–ҷамъоварии андешаҳои хонандагон;

–бунёди вазъияти ҷустуҷӯ;

–инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр;

–омӯзиши роҳҳои гуногуни ҷамъоварии андешаҳо;

–бо мақсади пешниҳод кардани маълумоти иловагӣ муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

Барои истифодаи кластер дар тахтаи синф давра мекашем ва ё дар вараки сафед, дар дохили давра мавзӯъ ва ё мафҳумро менависем. Калимаҳои асосии ба мафҳум дахл доштаро ба хонандагон баррасӣ менамоем. Хонандагон андешаҳои худро дар атрофии мавзӯъ менависанд. Хонандагон байни андешаҳо алоқаи мувофикро барқарор намуда, онҳоро ишора мекунанд. Истифодаи усули кластер дар омӯзиши мавзӯи «Маҷмӯи табиӣ» (синфи 6).

Ҳангоми бори аввал истифодаи кластерҳо нақшаеро интихоб менамоем, ки барои ҳамаи хонандагон шинос бошанд. Усули мазкурро бештар пеш аз омӯхтани мавзӯи нав истифода мебарем, зеро хонандагон барои дарк кардани маълумоти нав тайёр шуда, фаъолияташон низ меафзояд. Дар вақти сохтани кластер фикрҳоро маҳдуд намесозем, баракС. фикрҳоро байни ҳам алоқаманд менамоем. Дар усули кластер (хӯша) иртибот, пайвастагии мантиқи, пайдарпайии фикру андешаҳо муҳим аст, то идрок осон гардад.

**Усули харитаи андешаҳо**–харитаи консептуалӣ, харитаи фарзӣ консепсияи картографӣ, харитаи зеҳниро дар бар мегирад. Сохтани харита ба мо имкон медиҳад, ки андешаҳо аз рӯйи муҳим буданашон ба як тартиби муайян, аз ҳисоби шохаҳо ба як сохтор дароварда мешаванд. [5. С. 26-31.] Андешаҳо ба воситаи ранг, рамз, ҳаҷми ҳуруф ва ғайраҳо қайд мегардад.




Мақсади асосии ин намуди усул инкишофи тафаккури эҷодӣ, нишон дода тавонистани алоқаи байни андешаҳо,ҷо ба ҷо кардани мулоҳизаҳоаз рӯйи аҳамият ва тартиб, қайди фикру мулоҳизаҳои асосӣ ва андешаҳои ақидаҳои нав.

Дар байни вараҷи сафед мавзӯъи асосиро менависем. Аз хонандагон хоҳиш менамоем, ки дар атрофии он андешаҳои худро нависанд, алоқаи байни фикрҳояшонро дар харита ботартиб низ менависанд.

Усули мазкур ба мо имкон медиҳад, ки хонандагон дар нақша ахбори зиёдро ҷамъоварӣ намоянд. Мо метавонем ин усулро дар омӯзиши мавзӯи «Релефи Тоҷикистон» (синфи 8) истифода кунем.




**Шарҳи дараҷаӣ** барои хулоса намудани ақидаҳое, ки ҳангоми ангезиши зеҳнӣ, барои фаҳмиш ва дарки амиқи масъалаҳо мусоидат мекунад. Категория маҷмӯи ашё, ҳодисаҳо ва далелҳоест, ки бо баъзе аз хусусиятҳои ягонаи худ ба якдигар муттаҳид мешаванд [3]. Дар таълими фанни географияи табиӣ, дараҷаи обҳои дохилӣ уқёнусҳо, бахрҳо, олами наботот

ва ҳайвонот ва дар таълими фанни география иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бошад, маҳсулот, ноҳияҳои маъмурӣ, соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва ғайраҳо.

Стратегияи мазкур бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад;

а) гузаронидани ангезиши зеҳнӣ ва навистани ақидаҳо вобаста ба мавзӯъ;

б) маълумоти ба даст омадаро дар асосӣ ягон хусусият муттаҳид намудан;

в) навистани категорияҳо ва ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо;

г) шинос шудани хонандагон бо корҳои якдигар.

Усули мазкурро омӯзгор метавонад дар оғоз ва анҷоми дарс истифода кунад. Ҳамзамон онро дар вақти ҷамъбасти бобҳои калон масалан, дар синфи 7-ум , дар ҷамъбасти материкҳои Африка, Авруосиё, Америкаи Шимолӣ ва ғайраҳо.

Дар ҷамъбасти боби Авруосиё хонандагон чунин усули категориалиро ин тавр иҷро мекунанд:

Лена- дарё
Урал - кӯҳ
Байкал – кӯл
Рока – димоға
Гобби – биёбон
Онега – кӯл
Эстония – давлат
Сибири ғарбӣ- ҳамворӣ
Ҳиндуганг – пастӣ
Енисей – дарё
Скандинавия – ниҷазира
Шриланка - ҷазира
Исмоили Сомони – қулла
Ҳимолой – кӯҳ
Элбурус – вулқон
Миёназамин – баҳр
Кола – нимҷазира
Ламанш –гулӯгоҳ
Форс - халиҷ
Федченко – пирях.

**Рӯзномаи дубахша**: Асоси ин стратегияро шарҳу эзоҳи ягон чизе ташкил мекунад. дар вақти хондани матн хонандагон аз ахбори гирифтаашон иқтибосро ҷудо намуда, шарҳи онро менависанд.(географияи материкҳо ва уқёнусҳо С. 7)

| *Р/т* | *Иқтибос* | *Шарҳи иқтибос* |
|---|---|---|
| 1. | Уқёнус | қисми асосии гидросфера |
| 2. | Қитъа | пораи калони хушкӣ, ки аз чор тарафаш об иҳота шудааст. |
| 3. | Ҷазира | пораи начандон калони хушкӣ, ки аз чор тарафаш об иҳота шудааст. |
| 4. | нимҷазира | пораи хушкие, ки аз се тарафаш об иҳота кардааст. |
| 5. | галаҷазира | гурӯҳи ҷазираҳои бо ҳам наздик |
| 6. | Баҳр | як қисми уқёнус |
| 7. | Халиҷ | қисми баҳр ё уқёнус, ки ба даруни хушки даромадааст. |

Барои пурсамар гардидани дарсҳои география, аз он ҷумла иҷрои корҳои амалӣ омӯзгорро зарур аст аз методу усулҳои гуногун истифода кунад. Бо ин мақсад дар ҷараёни таълими фанни мазкур методеро интихоб бояд намуд, дар иҷрои он ба мақсади хеш расад. Усулҳои пурбаҳраи таълимро ҷустуҷӯ намуда онро дар омӯзиши мавзӯъҳои алоҳида истифода баранд.

## АДАБИЁТ:

1.С.П.Баранов,В.А. Слайенина. Москва -1968 саҳ.137.

2.М. Лутфуллоев. ДарС. Душанбе 1995 саҳ.85

3.Ибрагимова Р. Истифодаи усулҳои муосири таълим дар дарсҳои география ва луғатҳоиислоҳӣ. Душанбе-2009.саҳ.26-31.

4.Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим. (модули таълим) Душанбе-2017 саҳ.26-29.

**Убайдов Маҳмудхон**

## ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ ҲАМЧУН ВОСИТАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ

Дар мақолаи мазкур дар бораи методҳои замони муосир сухан рафта, тарзи истифодаи методу усули гуногунро баён намудааст.Дар мақола иқтибосҳо аз ақидаҳои олимони соҳаи педагогика доир ба тавсифи илми тоҷики баррасӣ шудааст. Бо тариқи мушаххас ва бо мисолҳои воқеӣ тарзи истифодаи методҳоро муайян намудааст. Зарур шуморидааст, ки омӯзгор дар таълими фанни география барои баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон аз методу усулҳои гуногун истифода барад. Муайян намудааст, ки дар баробари баланд бардоштани сатҳу сифати таълим салоҳиятҳои хонандагон ташаккул дода шавад

***Калидвожаҳо:*** *метод, усул, стратегия, депрессия, картография, кластер, маҷмӯъ, ҷазира,халиҷ,*

**Махмудхон Убайдов**

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОВРЕМЕННЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ КАК СРЕДСТВА ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ПРЕПОДАВАНИЯ ГЕОГРАФИИ

В данной статье рассматриваются современные методы и описывается использование различных методов и приемов. Определяется конкретными и конкретными примерами используемых методов. Преподавателю необходимо использовать методы и приемы преподавания географии, чтобы повысить уровень знаний учащихся. Выявлено, что помимо увеличения продаж формируются компетенции учащихся.

***Ключевые слова:*** *формирование, компетентность, знание, навык, способность, опыт, стандарт, план, карта, ресурсы.*

**Mahmudkhon Ubaidov**

## USE OF MODERN TEACHING METHODS AS A MEANS OF IMPROVING THE QUALITY OF TEACHING GEOGRAPHY

This article discusses modern methods and describes the use of various methods and techniques. Determined by specific and specific examples of methods used. The teacher needs to use methods and techniques of teaching geography to improve the level of knowledge of students. It is revealed that in addition to increasing sales, students ' competencies are being formed.

***Keywords:*** *formation, competence, knowledge, skill, ability, experience, standard, plan, map, resources.*

**Сведения об авторе: Убайдов Махмудхон** – научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами, адрес: 734024, г. Душанбе, ул. Айни, 45, **Information about the author: Ubaidov Mahmudkhon** - **R**esearcher of Institute of development of education named after Abdurahman Jami, address: 734024, Dushanbe, 45Ayni str.,

З. БОБОЕВА

# ШЕВАИ ТАЪЛИМИ МАСНАВИИ "СИЛСИЛАТ-УЗ-ЗАҲҲАБ"-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР СИНФИ 7 БО НАЗАРДОШТИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

Тибқи консепсияи мактаби миллӣ таълими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба се зина ҷудо мешавад: Курси хониши эзоҳӣ, курси хониши адабӣ ва курси таърихи адабиёт. Мутахассисон мақсад ва вазифаи ҳар се зинаи таълими адабиётро муайян карданд. Ин се зинаи таълим аз якдигар тавофут ва махсусияти хешро доранд ва ба синну солу ҷаҳонбинии хонандагон алоқаманд аст. Тибқи таъкиди методистон, дар курси хониши адабӣ адабиёт ба таври мавзӯӣ омӯхта мешавад ва он давоми мантиқии таълими хониши эзоҳӣ буда, хониши матни бадеӣ дар он мавқеи асосӣ дорад. Адабиёт бояд инсонсоз бошад ва яке аз вазоифи курси хониши адабӣ тарбияи насли наврас аст, ки ин мақсад бо воситаи таълими матнҳои бадеӣ амалӣ мегардад. Муносибати босалоҳият ба матни бадеӣ метавонад захираи луғавии хонандагонро бой гардонад, нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳоро инкишоф диҳад ва нуктаи аз ҳама асосӣ, фаъолияти маърифатии хонандаро дар ҳаёт таъмин менамояд.

Мураттибони "Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1" (2007) барои таълими эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар синфи ҳафтум 5-соат ҷудо кардаанд, аммо ин панҷ соат барои таълими ҳикояҳо аз "Баҳористон"-у маснавии "Сислсилат-уз-заҳаб" ва "Нафаҳот-ул-унс" аст. Мураттибони барнома аз ашъори ғиноии Ҷомӣ байтеро ҳам барои хонандагони синфи 7 мувофиқ наёфтаанд ва ё салоҳ надонистаанд. Дар шеваи муносибати босалоҳият ба таълим омӯзгор имкон дорад, ки мавзӯъ ва мундариҷаро вобаста ба талаботи таълим иваз намояд. Аммо пеш аз он ки аз ашъори ғиноии шоир намунае дархӯри хонандагони синфи 7 биёварем, нишондоди барномаро баррасӣ мекунем, зеро омӯзгорони мактаб бештар ба барнома такя мекунанд ва пойбанд он ҳастанд.

Ҳикояи "Шикояти пиразани мазлум ба Санҷар" аз маснавии "Сисилат-уз-заҳаб", ки мураттибони барнома пешниҳод кардаанд, дар асл " Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифта ва аз бероҳии як-ду золим додхоҳӣ кард ва зулми эшонро аз роҳ бардошт" унвон дорад ва аз 44 байт иборат аст. Дар китоби дарсӣ унвони ҳикоят ба тариқи мухтасар "Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифта" омада, ки қобили қабул аст. Муаллифони китоби дарсӣ ҳикоятро мухтасар намуда, аз 44 байт 29 байтро интихоб намудаанд. Ҳикоятро аз ин ҳам мухтасар кардан мумкин аст, вале набояд қисмати охир, ки Султон Санҷар баъд аз ҷазои золимон ба пирзол боғи ангуру зар ҳадя мекунад ва бевазан аз адлу саховати вай хушнуд мешавад, ҳазф кард:

*Бевазанро ато муқаррар кард,*
*Аз зару қалби зар тавонгар кард.*
*Дод бо зар яке разаш маъмур,*
*То аз он кӯдакон хӯранд ангур.*
*Кардаш аз адлу ҷуди худ хушнуд,*
*Дар ҷаҳон то ки буд, аз он хуш буд* [9].

Дар китоби дарсӣ ба ҷуз аз шарҳи ду калима "Шоҳҷон", ки мухаффафи Шоҳи ҷаҳон асту дар гузашта Марвро чунин ном мебурданд ва борагӣ – асп шарҳу тавзеҳе аз ин ҳикоят наомадааст. Муаллифони китоби дарсӣ дар қисмати "Саволу супориш" доир ба ин ҳикоят суоле гузоштаанд, ки ҳеч ба он дахл надорад ва мантиқан хатост: "Дар ҳикояти "Пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифта" Ҷомӣ ба кадом бозёфти азим муваффақ ва комёб гаштааст?" Маълум нест, ки муаллифони китоби дарсӣ кадом "бозёфти азими Ҷомӣ"-ро дар ин ҳикоят дар назар доранд. Шояд ҷазо додани золимон аз тарафи Санҷар "бозёфти азим"-и Ҷомӣ бошад?

Тавре ки методистон таъкид кардаанд, таълими асари бадеӣ дар курси хониши адабӣ се марҳила дорад: машғулияти муқаддимавӣ, кор бо матн ва машғулияти ҷамъбастӣ. Аз он ҷо, ки матни ҳикояти болои Ҷомӣ он қадар калон нест, омӯзгор метавонад ҳикоятро бо иштироки фаъоли ҳонандагон дар синф хондаву таҳлил намояд. Шарти аввал дар таҳлили матни бадеӣ он аст, ки матн дуруст қироат шавад. Омӯзгор метавонад дар ибтидо худ матни ҳикоятро қироат кунад. Талаботи муносибати босалоҳият, ки хонандамеҳварӣ

ҷавҳари онро ташкил медиҳад, фаъолияти бештари шогирдонро тақозо мекунад. Агар матнро яке аз хонандагон буррову ифоданок қироат кунад, беҳтар аст.

Шарти дувум шарҳи калимоти душвори матн аст. Методистон рус В.В. Голубков, ки аз бунёдгузорони методикаи таълими адабиёт дар даврони Шуравист, дар ин масъала менависад: "Хонандагон асари бадеӣ мехонанд, ягон калима ва ё ифода барои онҳо ношинос аст ва ба тавзеҳ ниёз дорад, вале ағлаби калимот ба ҳадде фаҳмоянд, ки хонандагон метавонанд матнро муҳокима кунанд. Пас омӯзгор танҳо ба шарҳи калитмоти душвор маҳдуд мегардад? На. Бештари калимаҳоро хонандагон на ба ҳадди лозима саҳеҳ шарҳ медиҳанд. Илова бар ин бештари калимаҳоро мефаҳманд, вале дар баёни худ ба кор намебаранд. Бо мақсади ғанӣ гардонидани доираи захираи луғавии забони онҳо ин калимаҳоро шарҳ додан, саҳеҳу дақиқ намудан ва аз захираи карахту беҳаракат ба захираи фаъол интиқол додан зарур аст" [3, с.180].

Дар матни мавриди назар қариб дар ҳар як байт калимоти душворе маҷуданд, ки ниёз ба шарҳ доранд. Дар байти якум калимаи "зол", ки ду бор омадааст, бояд тавзеҳ ёбад. "Зол" ба маънии пир, солхӯрда, одами фартут. Дар мисраи дувум шоир пирзолро ба ҷаҳони куҳан ташбеҳ дода, таркиби "золи ҷаҳон" сохтааст. Ҳамин тариқ дар матн калимаҳои "тазаллум" (шикоят аз зулм, додхоҳӣ), "саркашӣ", "Кайвон", "бонг", "нафир", "гардун", "муздурӣ", "дастмузд", "гумоштан", "ҳувайдо", "нуҳуфт", "хасм", "мискинон", "хусравӣ", "табоҳӣ", "мазолим", "раз" ва "тавонгар" бояд шарҳу тавзеҳ шаванд. Илова бар ин ибораву ифода ва таркиботе дар ин ҳикояти манзум мавҷуданд, ки дар зоҳир фаҳмо менамоянд, аммо дарки маънои дақиқи онҳо на ба ҳар кас даст медиҳад. Масалан, "золи ҷаҳон", "ханҷари ситам", "саркашӣ ба Кайвон", "парешонкор", "гандапир", дилашон бахри нон ба ду ним", "панҷаи муздур", "ради адлу зулм", "ҷигархорон", "сарои нуҳуфт", "сардафтари мазолим" ва ғайра, ки ниёз ба шарҳу тавзеҳи дақиқ доранд, то мазмуни матн ва ҳунари шоир ба хонандагон равшан гардад. Омӯзгор бояд калимоти дар боло зикршударо бо истифода аз луғату фарҳангҳо бо иштироки хонандагон шарҳу тавзеҳ диҳад.

Омӯзгор пеш аз нақли мазмуни матни бадеӣ метавонад ба хонандагон супориш диҳад, ки доир ба матни қироатшуда нақша тартиб диҳанд. Сараввал хонандагон дар алоҳидагӣ нақша тартиб медиҳанд. Агар нақша аз тарафи хонандагон дурусту комил мураттаб нашуда бошад, пас, бо роҳбарии муаллим нақшаи дастаҷамъӣ сохта мешавад. Нақша бояд бо назардошти фикру андешаи хонандагон ва баррасию муҳокимаи онҳо хатти ҳаракати персонажҳо таъйин шуда, баёни мазмун мураттаб ва бонизом мураттаб гардад.

Дар низми суннатии таълим, алалхусус дар синфҳои У-У11 маводи асосии корӣ китоби дарсӣ мебошад. Чунон ки дидем, муаллифони китоби дарсӣ матнро овардаанду ба ҷуз шарҳи ду калима ва суоли бемавқеъ чизе илова накардаанд. Шеваи муносибати босалоҳият ба таълим имкон медиҳад ва талаб менамояд, ки омӯзгору хонандагон аз сарчашмаҳои дигар истифода баранд ва маҳдуд ба китоби дарсӣ намонанд. Истифодаи сарчашмаҳои дигар, монанди куллиёти шоир, васоиту дастурҳои таълимӣ шароит фароҳам меоваранд, ки матни бадеӣ ба дурустӣ ва дақиқ таҳлилу баррасӣ шавад. Хонандагон танҳо дар ин сурат метавонанд дар фаҳмиши матни бадеӣ ба салоҳиятҳо комёб гарданд.

Чунон ки зикр намудем, методистон мураттаб намудани нақшаро яке аз анвои асосии кор бо матн дар мактаб ҳисобидаанд. Тартиб додани нақша кори саҳлу осон нест, бояд шеваи тартиб додани онро ба хонандагон омӯхт. Мутахассисон дар таълими адабиёт дар мактаб ду навъи нақша: сода ва мураккабро пешниҳод кардаанд. Нақшаи сода ба ҷиҳатҳои асосӣ, аммо нақша мураккаб тамоми ҷузъҳои матни бадеиро фаро мегирад. Ба тариқи намуна мо дар асоси матни мавриди назар нақша тартиб медиҳем. Ин амал дар синф ҳатман бояд бо иштироки фаъоли хонандагон сурат гирад. Нақша бояд дар асоси рукнҳои сужаи ҳикоят: қисмати аввал аз оғоз, рабт, ҳаракат ва қисмати дувум авҷ ва қатъ мураттаб шавад. Аз ин назар нақшаи содаи ҳикояти мавриди назар бояд чунин сурат гирад:

Нақша сода:

1. Пеши роҳи Султон Санҷарро гирифтани пирзол;
2. Шикояти пирзол аз ду лашкарии султон, ки ангури сабади ӯро ба ғорат бурданд;
3. Худро маломат кардани Санҷар аз шеваи ҳукмронияш, ки мардуми бечора аз дасти зердастони ӯ дар азобанд;
4. Ҷазо додани Санҷар ду лашкариро, ки пирзолро ғорат карданд;

5. Мукофот додани Санҷар пирзолро.

Дар нақшаи мураккаб ҷузъиёти ҳикоят муфассалтар ва дақиқтар нишон дода мешавад. Агар хонандагон дар аввал нақшаи сода ва баъд нақшаи мураккаб тартиб диҳанд, беҳтар аст.

Нақшаи мураккаб:

1. Саргузашти пиразан:
а) Ҳикояти пирзол бо наберагони ятимаш дар Марв;
б) Ангур орзуи кардани ятимон;
в) Ба деҳаи дигар мардикорӣ рафтани пиразан;
г) Як сабад ангур гирифтани пиразан ба ивази кораш;
д) Ғорат кардани ду-се лашкарӣ пиразанро;
2. Пеши роҳи Санҷарро гирифтани пиразан ва накӯҳиш кардан:
а) Бо овози баланд хитоб кардани пиразан Султон Санҷарро;
б) Назди пиразан омадани Санҷар;
в) Нақл кардани пиразан саргузашти худу ятимонашро ба Санҷар;
г) Шикояти пиразан аз ду лашкарии Санҷар, ки дастмузди ӯро ба ғорат бурданд;
д) Тарсондани пиразан Санҷарро аз оқибати кораш;
ё) Танқид кардани пиразан шеваи ҳукмронии Санҷарро;
3.Худро маломат кардани Санҷар, ки аз ҳоли зердастонаш бехабар мондааст:
а) Шунидани Санҷар арзи пиразанро;
б) Маломат кардани Санҷар худро;
в) Ҷазо додани Санҷар он ду лашкарии ғоратгарро;
г) Ато муқаррар кардани Санҷар бевазанро.

Омӯзгор метавонад баъд аз тартиб додани нақшаи матн мазмуни онро пайдарпаю мураттаб аз хонандагон талаб кунад. Нақли шифоҳии мазмуни матн ба ташаккули нутқи шифоҳии хонандагон мусоидат мекунад. Матни "Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифт" манзум аст. Хонандагон метавонанд онро мустақилона ба наср гардонанд. Агар нақли мазмуни матн бо таҳлил тавъам ба роҳ монда шавад, хонандагон хубтару беҳтар мақсади адибро дарк мекунанд. Нақли матни бадеиро метавон мухтасар ва муфассал баён кард. Омӯзгор бояд саъй кунад, ки шогирдон мазмуни матнро муъҷазу мухтасар баён кунанд. Ҳангоми шарҳу таҳлили матни бадеӣ хонандагон бояд қаҳрамони асар ва персанажҳои асосиро фарқ карда тавонанд. Масалан, дар матни мавриди назар пирзол қаҳрамон ё худ персонажи асосии асар аст, ки хатти сужет вобаста ба фаъолияти ӯст.

Барои таъйини зинаи қобилияти маърифатии хонандагон, ки аз ҷумлаи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим аст, баъд аз хондану таҳлили матн омӯзгор метавонад тавасути саволнома онро амалӣ гардонад. Вобаста ба матни "Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифт" барои муайян кардани қобилияти маърифатии хонандагон омӯзгор метавонад чунин саволнома ва супоришҳо тартиб диҳад:

| № | Савол | Зинаи қобилияти маърифатӣ |
|---|---|---|
| 1 | Барои чӣ пирзол сари роҳи Санҷарро гирифт? | |
| 2 | Пирзол Санҷарро ба кадом сабаб гунаҳкор кард? | |
| 3 | Ду лашкарӣ чӣ зулм ба пирзол раво диданд? | |
| 4 | Оё Санҷар ба воқеаи рӯйдода воқеан гунаҳкор аст? | |
| 5 | Оё Санҷар худро дар ин воқеа гунаҳкор медонад? | |
| 6 | Санҷар барои ҷуброни гуноҳаш чӣ кор кард? | |
| 7 | Ба фикри шумо пирзол ҳақ буд ва рафтори ӯро қаҳрамонӣ номидан мумкин аст? | |

Супоришҳое, ки бо такя ба мазмуни матн аз тарафи омӯзгор пешниҳод мегардад, барои таъйини зинаи маърифатии хонандагон аҳамияти бештар дорад:

| № | Супоришҳо | Зинаи қобилияти маърифатӣ |
|---|---|---|
| 1 | Матнро хонед ва персонажҳои онро муайян кунед | |
| 2 | Ба рафтори пирзол баҳо диҳед | |
| 3 | Матнро бори дигар хонед ва унвони дигар, ки баёнгари мазмуни он бошад, гузоред. | |
| 4 | Матнро ба қисматҳо ҷудо кунед | |
| 5 | Ҷойи қисматҳои матнро иваз кунед, ки хатти сужет халал наёбад. | |
| 6 | Дар асоси матн саҳнача тартиб диҳед ва онро ба намоиш гузоред | |

Ин супоришҳоро хонандагон метавонанд ҷудогона иҷро кунанд ҷуз аз намоиши саҳнача, ки бояд чанд кас иштирок кунад ва ҳамчунин дастҷамъона метавонанд иҷро кунанд.

Омӯзгор бояд ҳам ҷавоби суолҳо ва ҳам иҷроиши супоришҳоро назорат кунад. Масалан, дар мавриди тағйир додани унвони матн ҳамон хонанда муваффақ мегардад, ки матнро пурра ҳазм карда бошад. Таъйини унвони нав зинаи қобилияти маърифатии хонандаро муайян мекунад. Ҳамчунин муваффақона пасу пеш бурдани қисматҳои матн ба дараҷаи қобилияти маърифатии хонанда вобаста аст. Дар матни мавриди назар нахуст пирзол сари роҳи Султон Санҷарро мегирад ва баъд аз гунаҳгор кардани султон ғорат шуданашро аз ҷониби ду лашкарии вай баён мекунад. Хонандае, ки матнро ба дурустӣ ва комил ҳазм намудааст, метавонад ҷойи қисматҳои матнро иваз кунад, ки ҳеч халале ба хатти сужет наафтад. Масалан, метавон нахуст саргузашти пирзол ва ғорат шуданашро аз ҷониби ду лашкарӣ овард ва баъд аз он гирифтани сари роҳи Санҷару шикоят кардани пирзолро баён кард.

Ба ҳамин минвол метавон чандин роҳу шеваҳои таҳлили матнро ба кор бурд, ки хонандагон ба адабиёти бадеӣ шавқ пайдо кунанду худ мустақилона ба хондану таҳлили матн пардозанд. Омӯзгорон метавонанд ҳикоятҳои дигар, ки дар барнома барои таълим пешниҳод шудааст, ба шевае, ки дар таълими “Ҳикояти пирзол, ки роҳ бар Санҷар гирифт” баррасӣ намудем, таълим диҳанд.

Гарчанде дар “Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-1Х” (2007) аз ашъори ғиноии шоир чизе пешниҳод накардаанд, аммо омӯзгор набояд бо барнома маҳдуд шавад. Шеваи босалоҳияти таълим имконияти тағйир додани мавзӯъ ва мундариҷаро барои омӯзгор зарур донистааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳам дар девони ашъор ва ҳам дар маснавиҳояш дар мавриди маромномаи зиндагии худ абёте суруда, ки хеле пандомӯзанд ва дорои аҳамияти бузурги маърифатию тарбиявӣ доранд. Масалан, байтҳои дар маззамати тамаъкорон гуфтаи шоир, ки дар қисмати шарҳи ҳолаш овардаем, дар курси хониши адабӣ истифода кардан хеле бамаврид аст:

*Ба дандон рахна дар фӯлод кардан,*
*Ба нохун роҳ дар хоро буридан,*
*Ба фарқи сар ниҳодан сад шутур бор,*
*Зи Машриқ ҷониби Магриб давидан,*
*Басе бар Ҷомӣ осонтар намояд,*
*Ки бори миннати дунон кашидан.*

Дар абёти боло аксари калимаҳо дар зоҳир барои хонандагони синфи 7 фаҳмоянд, вале омӯзгор бояд паҳлуҳои гуногуни баъзе калимаҳоро равшан намояд, то хонандагон салоҳияти корбурди онҳоро дар нутқи шифоҳию хаттӣ биомӯзанд. Агар ин амал бо иштироки хонандагон сурат гирад, суди бештар меоварад. Яъне, дар шарҳи маънӣ кардани калимаву ибораҳои ноошно ва ё камошно бояд хонандагон худ аз луғати фарҳангҳо истифода баранд, ки аз талаботи муҳимми муносибати босалоҳият аст. Омӯзгор бояд раҳнамо бошад, шеваи кор бо луғату фарҳангро ба хонандагон ёд диҳад. Адабиётшиноси

варзидаи тоҷик марҳум Абдулманнони Насриддин китобе бо номи «Фарҳанги мухтасари адабиёт» навиштаанд, ки барои хонандагони мактаб дар маънӣ кардани калимаву ибораҳо ва истилоҳоти шеърӣ хеле муфид буда метавонад.

Дар пораи шеърии дар боло овардашуда, калимаҳои «фӯлод» (аслан пӯлод аст, ки бо таъсири забони арабӣ ҳарфи «п» ба «ф» мубаддал гаштааст), «хоро» ва «дунон»-ро бояд шарҳ дод. «Пӯлод – филиззи нуқраранги бисёр мустаҳкам, ки аз якҷоя гудохтани оҳан бо миқдори муайяни карбон (углерод) ҳосил мешавад (101, 105). «Хоро, хора – санги сахт, санги сахти нотарошида, гранит» (101,494). «Дунон – мардуми паст, нокас, разил» (101,399). Муроди шоир аз пӯлод ва хоро сахтии онҳост. Яъне, ба ҳеҷ ваҷҳ бо дандон ба пӯлод рахна овардан намешавад ва ё бо нохун санги сахти хороро бурудан наметавон, кори бениҳоят сахт аст, ки дандону нохун дар ин кор мешикананд. Аммо барои Ҷомӣ ин корҳо басе осонтар аст, ки миннати одамони пасту нокасро таҳаммул кунад. Ҳамчунин барои шоири бузург сарнагун дар оташдон фурӯ рафтану ба мижжа (пилки дида) оташпораро чидан ва сад шутур борро ба сар ниҳодану аз Шарқ ҷониби Ғарб давидан осонтар аст нисбат ба он ки миннати инсонҳои пасту фурӯмояро кашад.

Омӯзгор бо ҳамроҳи хонандагон бояд аз маънии абёти боло натиҷагирӣ кунанд. Яъне шоир чӣ гуфтан мехоҳад? Агар ба ин суол нахуст худи хонандагон ҷавоб гӯянд беҳтар аст. Бардошти хонандагон аз шеър бояд муҳокима шавад. Агар чаҳор – панҷ хонанда андешаи худро баён кунанд, натиҷагирӣ комилтар мегардад. Хонандае фикрашро шояд чунин баён кунад: Абдурраҳмони Ҷомӣ ба мо – ҷавонон таъкид мекунад, ки дар зиндагӣ аз касе қарз нагирем, то дар зери миннати вай намонем. Хонандаи дигар чунин бардошт дорад: Шоири бузург талқин мекунад, ки чунон зиндагӣ бояд кард, ки ба касе муҳтоҷ нашавӣ ва ғайра. Омӯзгор андешаҳои хонандагонро, ки яке дигареро пурра мекунад, ҷамъбаст мекунад.

Талаботи муносибати босалоҳият он аст, ки ба хонанда чизеро бояд омӯхт, ки дар зиндагӣ ӯро ба кор ояд. Ҳифзи порчаи шеърии боло ва донистани маънии калимаҳои он дар инкишофи нутқи хаттию шифоҳии хонанадагон таъсир мерасонад, ҳангоми иншои мактуб, эссе ва ё ҳини маърӯза дар мусоҳибаҳову ҷамъомадҳо ва ё корҳои дигари мактабӣ хонандагон метавонанд барои тақвияти фикрашон аз он байтҳо истифода баранд. Сониян, андарзҳои Ҷомиро, ки аз таҷрибаи рӯзгори худ гирифтаву бо обуранги бадеӣ баён кардааст, хонандагон бояд ба гӯши ҷон бишнаванд ва бо он амал кунанд, то ба зиндагии сарбаландонаю хушбахтона ноил гарданд.

Ашъори Мавлоно Ҷомӣ моломол аз панду ҳикмат аст, ки дар тарбияи насли наврас аз онҳо истифода бурдан ба фоида кор хоҳад буд. Ин амал аз чанд ҷиҳат манфиатовар аст. Хонандагон ҳам панду андарз мегиранд ва ҳам дар курси хониши адабӣ ба моҳияти матни бадеӣ сарфаҳм мераванду кор бо матнро ёд мегиранд. Панду андарзҳои Мавлоно Ҷомӣ дар мавзӯъҳои гуногун суруда шудааст, омӯзгорон метавонанд дар ин масъала аз китоби «Абдурраҳмони Ҷомӣ. Панду ҳикматҳо» истифода кунанд. Масалан, дар мавриди саъю кӯшиш мегӯяд:

*Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,*
*Мева бенуқсон бувад чун аз дарахти навбар аст.*

Ба андешаи шоири бузург инсон бояд дар ҷавонӣ дониш омӯзаду аз пайи касбу ҳунар шавад, зеро ҷавонӣ давраи ташаккулёбии инсон асту дар он айём одам нерую қувваи бисёр дорад. Ба монанди он ки дарахти навҳосил меваи бенукс медиҳад. Кушодани тасвирҳои шоирона ва дарёфти санъатҳои бадеии байтҳо шавқи хонандагони ҷавонро ба адабиёт зиёд мекунад. Чунон ки мушоҳида менамоем, шоир дар мисраи аввал фикрашро баён мекунад ва дар мисраи дувум барои тасдиқи фикраш далел меоварад. Ташбеҳи ҷавонӣ ба дарахти навбар хеле муносиб афтодааст. Омӯзгор бояд аз курси хониши адабӣ сар карда таваҷҷуҳи хонандагонро ба зебоии шеър ва тарзи сухани бадеъ ошно созад.

Дар абёти зер аз аслу насаб ва ифтихори беҳуда кардани фарзандони беҳунар аз падари хирадманд мавриди накӯҳиш қарор гирифтааст:

*Ҳар писар, к-ӯ аз падар лофад, на аз фазлу ҳунар,*
*Филмасал гар дидаро мардум бувад, номардум аст.*
*Шохи бебар гарчӣ бошад аз дарахти мевадор,*
*Чун наёрад мева бор, андар шумори ҳезум аст.*

Панди боло имрӯз беш аз ҳарвақта дархури ҷомеаи мост, алалхусус барои хонандагони мактаб. Фахр аз дороии падар кардану либосҳои қимат пӯшидан, бо мошин

ба мактаб омадан ва дигар амалҳои номатлуб, ки дар рӯзгори мо рӯй медиҳанд, сабаби дилмондагии хонандагони аз оилаҳои камбизоат мегардад. Ин амали номатлуб то он ҷо доман пахн кард, ки Ҳукумати кишвар маҷбур шуд, то фармон бароварад, ки хонанадагону донишҷӯён бо мошин мактаб наоянд ва ҳамчун ин Қонунҳои масъулияти падару модар дар табияи фарзанд ва танзим баргирифта аз ин мушкилотанд. Ҷомии бузургвор 600 сол пеш ин амали номатлуби фарзандони нодони сарватмандон ва донишмандонро дидаву ин  байтҳоро сурудааст. Шоир мегӯяд, ки писар набояд аз молу сарват ва дониши падари худ фахр намояду лоф занад. Масалан, агар писаре  аз падари сарватманду донишманди худ худ лоф занад, на аз фазлу ҳунари хеш, ҳарчанд назди мардум азиз бошад ҳам, одами паст аст. Шоир писари беҳунари марди ҳунармандро ба шохи хушки дарахти мевадор монанд мекунад ва мегӯяд, ки ин шохи хушк (писари беҳунар) ҳарчанд аз шохи дарахти мевадор (падари ҳунарманд) аст, чун ақлу тамиз ва ҳунару дониш надорад (чун наорад мева бор), ба мисоли ҳезум хушк аст.

Омӯзгор бояд ин байтҳои пандогинро тарзе ба хонандагон таълим диҳад, ки дар умқи дилашон нишинад ва як умр аз хотир фаромӯш накунанду дар зиндагӣ ба кор баранд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар осораш  ба ёди фарзандаш Зиёвуддини Юсуф меафтад, чун падари мушфиқ ояндаи фарзандашро меандешаду ӯро насиҳат мекунад. Ин насиҳатҳои шоири бузург ба фарзандаш ба тамоми мо, ки меросбари ӯ ҳастем, дахл дорад. Масалан, дар мақолаи бистуми маснавии «Туҳфат-ул-Аҳрор», ки «Дар панди фарзанди арҷманд» унвон дорад, фарзанди чаҳорсолаи хешро панд медиҳад. Мо аз ин пандномаи шоир абётеро интихоб мекунем, ки ба синну соли хонандагони синфи 7-ум мувофиқ бошаду аҳамияти тарбиявӣ ва маърифатиаш бештар:

*Мекунам аз хомаи ҳикматнигор,*
*Баҳри ту ин номаи ҳикмат нигор.*
*Гарчи кунун нест туро фаҳми панд,*
*Чун ба ҳади фаҳм расӣ, кор банд*…(9, 284)

Шоири бузург ҳарфҳои алифборо чунон ба рафтори писарбача монанд карда, ки барои хинандагони синфи 7-ум, ки дарси «Алифбои ниёкон» мехонанд, хеле шавқовар ва судманд буда метавонад. Чунончи ҳарфи «дол (د) рафтори бачаи боодоб аст, ки сараш хам асту китоб мехонад ва ҳарфи сод ( ص ), ки чашм дорад, чашм ба лавҳ (тахтаи сабақомӯзӣ) дӯхтааст:

*Долаш аз шарм фикан сар ба пеш,*
*Содсифат  дӯз бар он чашми хеш.*

Хандидани кӯдак, ки дандонҳояш менамояд, ба ҳарфи син ( س ) ташбеҳ шудааст:

*Хандазанон гаҳ ба ону гаҳ ба ин,*
*Растаи дандон манамо ҳамчу син.*

Даҳони пӯшида ба ҳарфи мим ( م ) монанд шудааст:

*Дил макун аз фикри парешон ду ним,*
*Тангдаҳон бош зи гуфтан чу мим.*

Мавалоно Ҷомӣ бар он аст, ки хонанда бояд муаддаб бошад ва «адаби дарси муаллим нигоҳ дорад»:

*Дор адаби дарси муаллим нигоҳ,*
*То нашавӣ таблаки таълимгоҳ.*

«Таблаки таълимгоҳ шудан» - киноя аз шарманда шудан аст. Бачае, ки одоби дарсро риоя намекунад, масхараи ҳамсабақон мегардад. Мутафаккири бузург ба омӯзгор арҷ мениҳад ва бар он андеша аст, ки сила задании муаллим хонандаро бар манфиати худи ӯст, аммо кӯшиш бояд кард, ки аз муаллим шаппотӣ нахурад, яъне одобро риоя кунад:

*Силии ӯ гарчи фазилатдеҳ аст,*
*Гар ту ба силӣ нарасонӣ, беҳ аст.*

Ҳарфе, ки муаллим ба кӯдакон меомӯзад, аз лавҳи хотири онҳо ба теғ, қаламтарош тарошида намешавад. Ба таъбири дигар, донише, ки дар кӯдакӣ ба даст меоваранд, монанди накш дар санг асту онро сутурдан намешавад:

*Ҳарфи навишта ба дили тифли хурд,*
*Кизлики насён натавонад сутурд.*

Падари хирадманди дурандеш ба фарзанди худ маслиҳат медиҳад, ки дар талаби илм шавад, зеро саодати дуҷаҳонии инсон ба илм вобаста аст:

*Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,*
*Қулфкушоӣ ҳама дарҳост илм.*
*Дар талаби илм камар чуст кун,*
*Даст зи ашғоли дигар суст кун.*
*Бо ту пас аз илм чӣ гӯям сухун,*
*Илм чу ояд ба ту гӯяд чӣ кун…*[9, с.285]

Байтҳои боло, ки агар дар хониши адабӣ бо талаботи шеваи муносибати босалоҳият дарс дода шаванд, хонандагон ҳам диниш ба даст меоваранд ва ҳам панду андарз меомӯзанд, ки дар оянда сабаби наҷоташон мешавад. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар осори дигараш низ барои фарзандаш панд гуфтааст, ки омӯзгорон метавонанд аз он истифода кунад.

Ба хонандагон он чизҳоеро бояд омӯхт, ки муҳим бошаду дар оянда ба кор ояд. Ҳамин маъниро Ҷомӣ ба фарзандаш талқин мекунад:

*Илм касир омаду умрат қасир,*
*Он чӣ зарурист ба он шуғл гир..*
*Ҳарчи зарурист чу ҳосил кунӣ,*
*Беҳ ки иморатгарии дил кунӣ* [9, с.286]..

Яъне, илм зиёд асту умри инсон кӯтоҳ. Инсон наметавонад ҳама илмро фаро бигирад, бояд ҳамон илмро омӯхт, ки дар зиндагӣ ба кор меояд.

Дар ашъори Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳазорон байтҳое метавон ёфт, ки ба тамоми талаботи курси хониши адабӣ ҷавобгӯ бошанд. Дар ин амал омӯзгор имкони интихоб доранд. Хуб мебуд, ки ҳангоми тартиб додани барномаи таълими адабиёт ва ҳинни навиштани китоби дарсӣ муаллифон ба ин нукта таваҷҷуҳ менамуданд.

**АДАБИЁТ:**

1.Аҳмадов М. Таълими адабиёти тоҷик (қисми 1) \ М.Аҳмадов.-Хуҷанд: Ношир 2012.-324 С.

2.Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-1Х. Муҳаррирони масъул Х. Шарифов ва У.Тоиров, Душанбе, 2007.-72 С.

3.Голубков В.В. Методика преподавание литературы \ В.В. Голубков. –Москва, 1962.

4.Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова М.А. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун \ Ш.Р. Исрофилниё., М.А.Султонмамадова // Паёми ДМТ, 2016, №-4\3, (203) С.146-150.

5.Лутфуллоев М. Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо \ М.Лутфуллоев, Ғ.Бобизода.-Душанбе, 2019.-90 С.

6.Муносибати босалоҳият ба таълим. Мураттибон: Ғ.Бобизода,Д. Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А Байзоев. Душанбе: Ирфон, 2018.-72 С.

7.Мухторӣ Қ. Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми./ Қ.Мухторӣ \\ Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ : Маводи конференсияи илмӣ -амалӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ , Душанбе, 29 июни соли 2018. Душанбе, “Ирфон”-2018, С.58-66.

**8.**Тоиров У.,Солеҳов М.,Ширинзода Н. Адабиёти тоҷик.Китоби дарси барои синфи 7\У.Тоиров.-Душанбе:Маориф,2018.288 С.

9.Фарҳанги забони тоҷикӣ.-Москва, 1969.

10. Ҷомӣ, Абдурраҳмон.Осор.Силсилат-уз-заҳаб,Саломон ва Абсол, Туҳфат-ул-Аҳрор, ҷилди севум\Ҷомӣ. -Душанбе: Адиб, 1986 - 560 С.

**Бобоева З.**

## МЕТОД ОБУЧЕНИЯ МАСНАВИ “СИЛСИЛАТ-УЗ-ЗАХХАБ” АБДУРАХМАНА ДЖАМИ В 7 КЛАССЕ С УЧЕТОМ УСТОЙЧИВОГО ПОДХОДА

В статье речь идёт о методике преподавания поэзии Джами с точки зрения компетентностного подхода к обучению. Автор освещает проблему компетентностного подхода к обучению при изучении предмета литературы на примере комментарии один рассказа из поэме “Сисилат-уз-заҳаб”-а Абдуррахмана Джами в 7 классе. Рассматривается роль учителя и ученики в компетентностной подходе к учебным материалам.

С точки зрения автора стать компетентностный подход к обучению при изучении литературы заключается не в увеличении объема информированности учащегося, а в том, чтобы он самостоятельно решал проблемы в новой ситуации

***Ключевые слова:*** *методика, преподавание, комментария, учитель, традиция, компетентность.*

**Boboeva Z.**

## METHOD OF TEACHING MASNAVI "SILSILAT-UZ-ZAHHAB" BY ABDURAHMAN JAMI IN GRADE 7 WITH A SUSTAINABLE APPROACH

In this article, the authors tried to present a new method of Zhomi's poems with examples and simple speech to literary teachers.

The authors suggest to teaching n with a high level of education and pastoral poems with scientific facts and teaching methods.

As well as the method of teaching of verse determined for readers with easy ways and core of verse.

By authors opinion the readers are the main factor of relation to teaching and during the teaching of the verses the teachers try to attract reader's opinion to for elements «know», «learn by heart», «can» and «come into affect».

***Keywords:*** *method, teaching, comment, teacher, tradition, competence.*

**Бобоева Зарнигор Тохировна**– ассистент кафедры теория и методика преподавание родного языка факультета педагогики Худжандского государственного университета имени Б. Гафурова. E-mail: zarnigor.boboeva@mail.bk.ru,тел: 926667824.

**Boboeva Zarnigor Tohirovna** - post-graduate student of the theory and method of the teaching Tajik language faculty of pedagogical of the Tajik State of Khujand after B. Gafurov. E-mail: zarnigor.boboeva@mail.bk.ru,тел: 926667824

**И. ФАЙЗУЛЛОЕВА**

# НАМУНАИ ДАРСИ АДАБИЁТ ДАР СИНФИ 6

**Мавзӯъ:** «Васфи об дар ашъори шоирон ва паҳлуҳои тарбиявии он »

*Салоҳиятҳо:*

-шарҳ дода тавонистани мафҳуми «об - манбаи ҳаёт» ;

-дастрасӣ ба офаридаҳои адибон роҷеъ ба об;

-дарки аҳамияти васфи об дар адабиёт

*Мақсад:* 1.Дар ниҳоди хонандагон тарбия намудани сарфаю сариштакорӣ нисбат ба об ва оқилона истифода бурдани он, тоза нигоҳ доштан ва ҳифз намудани табиат.

2.Инкишофи нутқи хонандагон.

*Марҳилаҳои дарс*: оғоз, баёни мавзӯи нав ва хулосабарорӣ.

*Таҷҳизот*: Овезаҳо, расмҳо, намоиши тасвирҳои видиоӣ бо мусиқӣ, харита.

*Раванди дарс:*

1.Лаҳзаи ташкилӣ:

2. Пурсиши супоришҳо.

-санҷиши сатҳи омодагии хонандагон ба дарС.

3.Баёни мавзӯи нав.

**Омӯзгор:** -«Дар фарҳанги забони тоҷикӣ»-мафҳуми «Об чунин шарҳ дода щудааст?: «Об моеи шаффофи берангест, ки дар ҳолати софӣ ва беолоишӣ аз омезиши химиявии ҳидроген ва оксиген иборат аст. Об муъҷизаи табиат аст. Бе об ҳаёти мавҷудоти зинда ғайриимкон аст. Дар он ҷое, ки об ҳаст, ҳаёт аст, он ҷо ободӣ аст. Ҳақ ба ҷониби Пайрав Асирӣ аст, ки дар ин бора хеле хуб гуфтааст:

Чу халқ ин ҷо фаровонӣ биҷӯянд,
Хусусан «обу ободӣ» бигӯянд.

*Гар аз Ҷайҳун ду-се ҷӯ ҳафр оранд,*
*Бухоро, Хеваро фирдавс созанд!*

**Суман**: -Об сарвати бебаҳо ва боигарии миллат аст. Хушбахтона, аз ин сарвати бебаҳо мо танқисӣ намекашем. Вале дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон аз норасоии оби тоза мардум азоб мекашанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар Форуми байналмилалӣ оид ба масъалаҳои оби тоза, аз ҷумла, чунин қайд намуд: «Мо аз он дар ташвиш ҳастем, ки зиёда аз як миллиард одам дар ҷаҳон ба оби тоза дастрасӣ надоранд. Вақте ки бо сабаби нарасидани оби тоза ба оби нӯшокӣ дасрасӣ надоранд, аз ҷиҳати оби нӯшокӣ аз панҷ як ҳиссаи мардуми сайёра азият кашида, ҳар сол тақрибан панҷ миллион одам аз истеъмоли оби ифлос ва бемориҳои вобаста ба он ҷони худро аз даст медиҳанд, мо –мардуми Осиёи Марказӣ, ки ин масъала махсус бароямон мураккаб аст, наметавонем мавқеи бепарвоиро ихтиёр намоем.

**Синон:** -Бо ташаббуси Пешвои миллати мо аз ҷониби СММ ду қатъномаи муҳим қабул шуд, ки тибқи онҳо соли 2003 ҳамчун Соли байналмилалии оби тоза ва солҳои 2005-2015 ҳамчун Панҷсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт» эълон шуда буд. 22 –юми декабри соли 2016 Маҷмааи кулли СММ боз як ташаббуси дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро оид ба Даҳсолаи амал «Об барои рушди устувор» барои солхои 2018-2028 қабул намуд.

**Ороста**: *Ҳаёт аз обу ноби ҷовидон сарчашма мегирад,*
*Ва об аз қулаи Боми Ҷаҳон сарчашма мегирад.*
*Ҳаёту об пайванданду андар созмони даҳр,*
*Зи фазли Пешвои тоҷикон сарчашма мегирад.*

**Озода:** -Захираҳои оби Тоҷикистонро пиряхҳо, кӯлҳо, обанборҳо, дарёҳо ва обҳои зеризаминӣ ташкил мекунанд. Дар ҷумҳурии мо 947 дарё, 1300 кул ва 14509 пиряхи хурду

бузург мавҷуданд ва оби ошомидании Осиёи Марказӣ дар кишвари мо воқеъ гаштааст. Кишвари мо аз ҷиҳати об дар ҷаҳон ҷойи ҳаштум, дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҷойи дуюм ва дар Осиёи Марказӣ ҷойи якумро ишғол мекунад.

**Дилбар**: - Обу ободӣ мегӯянд. Чунончи:

*Об асту ҳаёт пойдор аст,*
*Об асту замину кишту кор аст.*
*Маҳсули ҳама ҷаҳони ҳастӣ,*
*Аз ҳастии оби файзбор аст.*

**Порсо:** -Бале, дар куҷое, ки об ҳаст, дар он ҷо ҳаёт аст. Ҳаёт бе об ягон маъно надорад. Пас байни ҳаёту об пайвастагии ҷудонашаванда аст. Мардум ин ганҷи бебаҳоро қадр мекунанд ва натиҷаи ҳамин қадрдонист, ки дар байни мардум доир ба он мақолу зарбулмасалҳо эҷод шудаанд. Чунончи; «*Ҳар куҷо, ки об бошад сабза аст*», «*Зиндагӣ бе об марги дигар аст*», «*Об хуни деҳқон, замин дили ӯст*», «*Замин-хазина, об-тилло*», «*Обу ободонӣ*», «*Агар ба рӯйи об равӣ, хасе бошӣ, агар ба хаво парӣ, магасе бошӣ*», « *Об агар дер бимонад, бигандад*», «*Об агар садпора гардад, боз боҳам ошност*», «*Об аст, ободонӣ аст*», «*Об аз рӯйи коса хӯрда мешавад*», «*Об давраи дарвоза, хона гул аст*», «*Об аз хурд, роҳ аз калон*».

**Париваш: -** Бе об зиндагӣ пойдор буда наметавонад. Аз қадимулайём дар китобҳои динӣ низ об чун манбаи асосии ҳаёт дониста мешавад. Дар ҳаёт чор унсур муқаддас дониста мешавад. Инҳо об, хок, оташ ва бод мебошанд ва тамоми мавҷудоти рӯйи замин ба онҳо эҳтиёҷ дорад.

**Шерзод**: -Шоирон дар васфи об суханҳои накӯро бо шеър гуфтаанд. Масалан шоир Муҳаммад Ғоиб дар «Қасидаи об» гуфтааст:

*Аз об агар нишон набошад,*
*Дар пайкари хок ҷон набошад.*
*Ободӣ аз об ҳаст, бе об*
*Обод ягон макон набошад.*
*Бе об ҳама хароб гардад,*
*Бе об ҷаҳон ҷаҳон набошад.*

**Гулрӯ: -**Оби ошомиданӣ сарвати бебаҳост ва мо бояд ба қадри ин неъмати худодод бирасем ва онро ҳамеша тозаю озода нигоҳ дорем. Ба ҷӯй ва чашма набояд ҳар гуна ашё партоем. Ҳак ба ҷониби шоир аст, ки гуфтааст:

*Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,*
*Нашояд фикандан дар он сангу хок.*

**Шоҳин: -**Тоза нигоҳ доштани об ва муқаддас шумурдани он, қимат донистани ҳар катраи ин муъҷизаи бузург қарзи ҳар як инсони асил аст, зеро об на танҳо ҳамчун манбаи ободӣ, балки маъхази нуру рӯшноӣ ва омили муҳими пирӯзиҳои олами ҳастист:

Об бошад гавҳари қимматтар аз лаълу гуҳар,
Покии ҳар қатраи он покии хайрулбашар.

Дар хотима омӯзгор дарсро бо чаҳор мисраъ шеъри «Муҳаммад Ғоиб ҷамъбаст менамояд:

*Ҳарчанд ки каме ҳиссаи олам ҳама об аст,*
*Сад мулки дигар ташналабу синакабоб аст.*
*То кам нашавад об, кунем об дили хеш,*
*Аз додани нон обдиҳӣ кори савоб аст.*

*Мустаҳкамкунии дарс*: Омӯзгор тавассути хонандагон дарсро мустаҳкам мекунад. Саволҳоро барои мустаҳкамкунӣ худи хонандагон тартиб медиҳанд.

*Супориши вазифаи хонагӣ*: Дар бораи нақши об дар ҳаёт эссе навиштан.

*Арзёбии дониши хонандагон*: Дар раванди дарс омӯзгор ва хонандагон фаъолияти ҳамдигарро мушоҳида карда онро баҳогузорӣ менамоянд.

## АДАБИЁТ:

1.Зарбулмасал ва мақолҳои даризабонони Афғонистон. Мураттиб Обидов Д. :Душанбе: «Империал групп», 2011.-130 С.

2.Зубайдов У., Раҳимов М., Шарипов И. Иносният ва экология. Душанбе-2013; 243 С.

3.Қодиров А.С. Об ҳамчун омили экологӣ. Асосхои экология(маҷмӯи маърӯзаҳо. Душанбе; 53 С.

4.Хоҷаев Қ., Абдувалиев А., Шарофиддинов Н., Раҳмонов Б. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 6. Душанбе, Маориф, 2014, 198 С.

5.Шукӯҳи А. Об аз куҷо меояд. Повесть. Барои бачагони синну соли хурд. Душанбе: Ирфон, 1972.-60 с

**Файзуллоева И.**

## НАМУНАИ ДАРСИ АДАБИЁТ ДАР СИНФИ 6

Дар ниҳоди хонандагон тарбия намудани сарфаю сариштакорӣ нисбат ба об ва оқилона истифода бурдани он, тоза нигоҳ доштан ва ҳифз намудани табиат, яке аз мақсадҳои таълиму тарбия маҳсуб меёбад. Мақолаи мазкур ин мақсадро дар бар гирифта, дар он васфи об дар ашъори шоирон ва ҷанбаҳои тарбиявии он инъикос ёфтааст.

***Калидвожаҳо:*** *об, табиат, замин, ҳаёт, сарват, сарфакорӣ, дарс, оби тоза.*

**Файзуллоева И.**

## УРОКА ЛИТЕРАТУРЫ В 6 КЛАССЕ

Одна из целей образования и воспитания заключается в том, чтобы научить учащихся экономить и сохранять воду и ее рациональное использование. Эта статья призвана отразить важность воды в поэзии и в ее образовательных аспектах.

***Ключевые слова****: вода, природа, земля, жизнь, богатство, бережливость, урок, чистая вода.*

**Faizullaeva I.**

## LITERATURE LESSON IN THE 6TH GRADE

One of the goals of education and upbringing is to teach students to save and conserve water and its rational use. This article is intended to reflect the importance of water in poetry and in its educational aspects.

***Keywords:*** *water, nature, earth, life, wealth, thrift, lesson, clean water.*

**Сведение об авторе: Файзуллоева Иноят** - ведущий сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. г.Душанбе, ул.Айни-45.

**Information about the author: Fayzulloeva Inoyat.** - Senior Researcher, Institute of Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni 45.

**Р. ОКИМШОЕВА**

## ИСМ ВА ТАРЗИ ОМӮЗИШИ ОН ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамояд: *«Аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд, ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд ва ба касбомӯзии шогирдону фарзандон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро дар рӯҳияи донишомӯзиву меҳнатдӯстӣ тарбия намоянд».* [1,23-27].

«Технологияи педагогӣ,- менависад В.В.Воронов,- самти нав дар илми педагогика буда, баъди солҳои 50-уми асри XX арзи вуҷуд кардааст ва ба бунёди низоми мувофиқтару муносибтари таълим, тарҳрезии раванди омӯзиш машғӯл аст». В.В.Воронов технологияи таълим ва технологияи педагогиро як чиз ба қалам додаст, ки ин тавр нест. Технологияи педагогӣ дарахти азимеро мемонад, ки се шохаи устувор дорад. [2,121-125].

Синфҳои ибтидоӣ хусусияти хосси худро дошта, аз омӯзгор дар раванди фаъолияти педагогӣ, дониш, таҷриба ва муносибати баланди касбӣ- педагогиро талаб менамояд. На ҳама муаллими синфи ибтидоӣ шуда метавонад, балки онҳое, ки корро дар ин синфҳо самаранок пеш бурда метавонанд, ки дорои сифатҳои баланди касбӣ ва шахсӣ бошанд. Яке аз мавзӯҳое, ки дар саводи хуб бароварда, аълохон шудани хонанда ё чизеро дарк накардану бехабар гаштани хонанда сабаб мешавад, дуруст ба роҳ мондани омӯзиши дарси забон, яъне ҳиссаҳои нутқ мебошад. Масалан, бача дар раванди дарс шиносоӣ пайдо менамояд, ки исм он ҳиссаи нутқе мебошад, ки предметро ифода мекунад ва ба саволҳои кӣ?, киҳо?, чӣ?, чиҳо? ҷавоб мешавад. Дар ин ҷо ниҳоят хуб мешуд, ки омӯзгор то боварии комил ҳосил намудан мисолҳо оварад ва савол гузорад, то бачаҳо исмро пурра фаҳманд. [3, 160- 167].

Пас, навбатро ба бачаҳо дода, имконият додан зарур аст, ки мисолҳоро пеш оварда саволгузорӣ намоянд. Барои боз як қадар пеш рафтани маърифати хонандагон омӯзгор бояд илова намояд, ки канӣ бачаҳо гӯед: чаро саволҳои кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо? гузошта мешавад? Бачаҳо як лаҳза ба фикр фурӯ мераванд. Омӯзгор дар навбати худ мегӯяд: Аҳмад, Неъмат, Садбарг, Саодат ба кадом савол ҷавоб мешаванд? Бачаҳо бо як овоз тасдиқ менамоянд, ки ба саволи кӣ? Барои он, ки вожаҳои номбурда исми хос, яъне номи одамонанд. Хонандагони синфи дуюм ба кадом савол ҷавоб мешаванд. Ба саволи киҳо? Ба саволи киҳо, ки бошад бо кадом ҳарф навишта мешавад. Агар дар аввали ҷумла бошад бо ҳарфи калон, лекин дар миён ва охири ҷумла бо ҳарфи хурд навишта мешавад. Аҳмад, Неъмат, Раҳмат, Ҷобир, Ҷаббор чӣ? Дар аввал, миёна ва охири ҷумла бо кадом ҳарф навишта мешаванд? Бачаҳо бо як овоз мегуянд бо ҳарфи калон навишта мешаванд, барои он ки номи одамон, шаҳрҳо, дарёҳо куҳҳо ва ғайра ҳамеша дар куҷои ҷумла қарор надошта бошанд бо ҳарфи калон навишта мешаванд, зеро ки онҳо исмҳои хос мебошанд. Модом, ки ин тавр бошад, канӣ марҳамат карда гӯед, ки исми хос чист? Хонандагон аз рӯи малакаи ҳосилнамудаашон бо осонӣ ба саволи гузошташуда ҷавоб мегӯянд.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба хонандагон бояд моҳирона шарҳу эзоҳ диҳанд, ки исмҳо метавонанд танҳо ва ё ҷамъ бошанд. Масалан, дар танҳоӣ Аҳмад, дафтар, курсӣ, гов, дарахт мегӯем. Агар дар шакли ҷамъ гуфтанӣ бошем, бачаҳо, дафтарҳо, курсиҳо, ё бачагон, дарахтон ва ғайра мегӯем. Исмҳо инчунин ба ҷондору беҷон, хосу ҷинс ҷудо мешаванд ва шаклҳои ҷамъу танҳо доранд.

Аз рӯи ҳама гуфтаҳои боло мо метавонем исмҳоро инчунин ба гурӯҳҳои моддӣ ва маънӣ ҷудо намоем. Бо ин роҳ хонандагон ба ду мафҳуми нав, яъне моддӣ ва маънавӣ шиносоӣ пайдо менамоянд. Омӯзгори таҷрибадор ба бачаҳо савол медиҳад, ки дар зери мафҳуми моддӣ чӣ ва дар зери мафҳуми маънавӣ чиро мефаҳмед? Шумо худро озод ҳис карда, фикру андешаатонро оид ба ин масъала озодона баён намоед. Тамоми хонандагон

ҷуръат пайдо намуда, фикру мулоҳизаҳои хешро озодона иброз менамоянд. Аммо ҳис мегардад, ки онҳо пурра ба мазмуну муҳтавои мафҳумҳои моддӣ ва маънавӣ сарфаҳам нарафтаанд. «Бояд қайд кард, ки «салоҳият»-ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳорат ташаккул меёбад». [4, 62- 69].

Дар ин холат омӯзгор фаъолиятро ба даст гирифта, ба онҳо шарҳ медиҳад, ки тамоми чизҳое, ки талаботи инсонро бо хӯрок, пӯшок, пойафзол, воситаҳои маишӣ қобилияти конеъ гардонидан доранд чизҳои моддианд. Лекин ашё ва предметҳое, ки ба майна, шуур, маърифат ва маданияти одамон қобилияти таъсиррасонӣ доранд, онҳоро исми маънӣ мегӯянд. Масалан, китоб, рӯзнома, маҷала, қалам, кино, телевизор, компютор ба шуур ва ҳолоти рӯҳии инсон таъсир расонида олами маънавиро бой мегардонад. Бачаҳо аз чунин шарҳу эзоҳ як дунё фаҳмиш гирифта, торафт ба дарки илмии олам наздик мешаванд.

Омӯзгор инчунин устокорона шарҳ медиҳад, ки исмҳое, ки мафҳуми ҷондору беҷонро ифода мекунанд, метавонанд моддӣ бошанд. Масалан: санг, об, ҳаво, нефт, пахта, тахта, оҳан, мева, себ, зардолу, асп, фил, гӯсфанд ва монанди инҳо. Ин чизу ашёҳо дар фазо ҷоеро ишғол мекунанд ва онҳоро дидан, даст расондан, бӯидан ва чашидан мумкин аст. Аз ин мебарояд, ки онҳо моддӣ мебошанд ва дарк кардани ин мафҳум барои фаҳмидани илми фалсафа ба бачаҳо замина муҳайё менамояд..

Муаллими ботаҷриба ба хонандагон шарҳ медиҳад, ки исмҳое низ мавҷуданд, ки аломат, ҳолат, ҳаракат ва ё ягон мафҳуми умумиро ифода мекунанд. Чунин исмҳоро дар забони тоҷикӣ исмҳои маънӣ (маъноӣ) меноманд. Ба чунин исмҳо мисол шуда метавонанд: некӣ, муаллимӣ, сустӣ, хирад, воқеа, исён, хушёрӣ, нодонӣ, ҷустуҷӯ, далерӣ ва ғайра.

Омӯзгор дарси оянда ба синфхона даромада, ба хонандагон иброз медорад, ки дарси гузашта бо Шумо ман дар бораи исм мавзӯъ гузашта будам. Ҳоло мебинем, ки кӣ дар хона омодагӣ дида, ба дарс тайёр шуда омадааст. Хама хонандагон даст бардошта омодагии хешро ба дарс намоиш медиҳанд. Аз ин амали онҳо омӯзгор хурсанд шуда бо саволҳо, пурсишномаҳо ба пурсиши вазифаи хонагӣ оғоз менамояд. Аз натиҷаи дарс омӯзгор хурсанд шуда, ба баёни мавзӯи нав, яне «Исмҳои хос ва ҷинс» оғоз менамояд.

Шумо медонед, ки ба гурӯҳи исмҳои хос номҳои одамон, насаб, лақаб, кӯҳу дарё, шаҳру ноҳия, воқеаҳои таърихӣ, асарҳои илмию бадеӣ, корхонаю муассиса, ҳайвонот ва ғайраҳо дохил мешаванд ва дониста бошед, ки исмҳои хос дар куҷои ҷумла мавқеъ нагирифта бошанд, бо ҳарфи калон навишта мешаванд.

Шумо инчунин бояд ҳамеша дар хотир дошта бошед, ки исмҳое, ки номи умумии одамон, чизҳо, шаҳрҳо, воқеаю ҳодисаҳои ҷудогонаро мефаҳмонад, исмҳои ҷинс номида шуда бо ҳарфи хурд навишта мешаванд. Ба ин мисол шуда метавонанд: одам, одамон, дарё, дарёҳо, кӯҳ, кӯҳҳо, шаҳр, шаҳрҳо ва ғайраҳо.

Шумо бояд дар хотир доред ва фаромӯш накунед, ки баъзе исмҳое, ки бо ҳамсадои ҳ тамом мешаванд, ду шакли навишт доранд: роҳ – раҳ, чоҳ – чаҳ, моҳ – маҳ, коҳ – каҳ, гоҳ – гаҳ, рӯбоҳ–рӯбаҳ, сиёҳ – сияҳ ва ғайраҳо. Ҳамаи онҳо чӣ тавре навишта нашаванд маъноящон як аст. Лекин дар ин ҷо калимаҳои ислоҳ, гувоҳ, маддоҳ, мазоҳ, ҷангхоҳ, иштибоҳ ва ғайра як шакли навишт доранд ва ин шакл тағйирнопазир мебошад. Бачаҳо зиракона мушоҳида карда, тамоми гуфтаҳоро дар хотир мегиранд.

Омӯзгори таҷрибадор дар омӯзиши исм ба тамоми паҳлуи масъала таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ӯ гурӯҳи калимаҳоеро меорад, ки бо ҳарфи ҳамсадои й ба охир мерасанд. Дар навбати аввал ба хонандагон мефаҳмонад, ки чунин қабили калимаҳо ду шакли навишт доранд: сарой – саро, шӯй – шӯ, рӯй- рӯ, мӯй – мӯ, пой – по, ой – о ва ғайраю ғайраҳо. Аз чунин масъалагузорӣ ва шарҳи калимаҳо ва тарзи дуруст навиштани онҳо доираи назари хонандагон боз ҳам васеъ мегардад. Аз ҷониби дигар, ба хонандагон фаҳмонида мешавад, ки калимаҳои бой, рой, лой, сой, той, чой танҳо як шакли навишт доранд.

Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ метавонад ба хонандагон фаҳмонад, ки исмҳое низ мавҷуданд ки ҷузъи шуморавиашон бо адад ифода меёбад. Ба ин гуфтаҳо метавонад мисол шавад: 80- солагии ПРМ ба номи А.Ҷомӣ, 26- солагии Истиқлолияти миллӣ, 800 – солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, 1150 – солагии Абӯабдулло Рӯдакӣ, 950 - солагии Имом Ғаззолӣ ва ғайраҳо.

Тавассути омӯзиши исм омӯзгори таҷрибадор метавонад ҳар калимаи мақомоти давлатӣ, мансабҳои олӣ, Парчам ва Нишони миллиро шарҳу эъзоҳ дода муҳаббати бепоёни насли наврасро ба муққадасоти миллӣ бедор намояд. Онҳоро дар рӯҳия худшиносӣ, ғурури миллӣ ва ифтихор аз ғановатҳои миллию фарҳангӣ тарбия намоянд. Зеро ки дарс дар синфҳои ибтидоӣ ҳамеша ду вазифаро пайгирӣ менамояд ва ҳамон вақт ба мақсад мерасад, ки ҳам таълим диҳад ва ҳам тарбия намояд. М.И.Станкин ақида дорад: «Салоҳияти омӯзгорӣ донишу таҷрибаест, ки дар ҳалли босаводонаи масъалаҳои таълиму тарбия имкон фароҳам меоварад». [5, 9-10].

Омӯзгори ботаҷриба ба хонандагон мефаҳмонад, ки исмҳои хос метавонанд ифодакунандаи маъмуриву сиёсӣ ва ҷуғрофӣ (номи мамлакат, кишвар, ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр, ноҳия, баҳр, дарё, кӯҳҳо, сайёраҳо) ва амсоли онҳо бошанд. Масалан Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Франсия, Аврупо, Истаравшан, Хӯҷанд, Самарқанд, Бухоро, укёнуси Ором, дарёи Вахш, ноҳияи Ҳисор, Офтоб, Моҳ, Замин, Зӯҳра, Зуҳал ва ғайра.

**АДАБИЁТ:**

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ш.Душанбе, 22.12.2016, С.23-27

2.М.И.Станкин «Профессионалные способности педагога».-М.: «Флинта»,1998, с 64-67.

3.В.В.Воронов Педагогика,- Москва, 1996,-С. 168.

4.М.Лутфуллозода Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо.-Душанбе,2017, с 12-16.

5.Муносибати салоҳиятнок ба таълим/ Модули таълимӣ. Душанбе, 2017,с-9-10.

**Р. ОКИМШОЕВА**

## ИСМ ВА ТАРЗИ ОМӮЗИШИ ОН ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақолаи зерин сухан дар бораи исм ва тарзи омӯзиши он дар синфҳои ибтидои меравад. Исме, ки номи як қатор предметҳоро ифода менамояд ба саволи чӣ ҷаво мешавад? Ҷинси чунин исмҳоро хотима муайян менамояд. Дар ин ҷо муаллим бояд нозукиҳои забони русӣ ва тоҷикиро нағз донад ва бо маҳорати баланд фаҳмонида тавонад, то дар майнаи хонанда нақш баста, тавассути он бачаро ба донистани забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ омода намояд.

Хонанда аз рӯзҳои аввал фаҳмиш пайдо менамояд, ки дар омӯзиши забони тоҷики ҷинсҳо истифода бурда намешаванд.

***Калидвожаҳо:*** *исм, ҳиссаи нутқ, категория дар вазифаҳо, мансубият, ашёро ифода намуда, дониш, маҳорат, малака.*

**Р. Окимшоева**

## ИМЯ СУЩЕСТВЕТЕЛЬНОЕ И СПОСОБЫ ЕГО ИЗУЧЕНИЯ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

В данной статье речь идет об имени существительных и способы его изучения в начальных классах. Существительное, которые обозначают названия неживых предметов, отвечают на вопрос что? Род таких существительных можно определить по окончаниям на русском языке. Но на таджикском языке при изучение имя существительные род не применяется. Это неодушевленные существительные являются самостоятельной части речи, принадлежащая к категории имени и классу полнозначных лексике, и может выступать в предложении в функциях подлежащего, дополнения и именной части сказуемого.

***Ключевые слова:*** *имя существительное, часть речи, категории в функциях, подлежащее, обозначающий предмет, знание, умение, навыки.*

**Okimshoeva R.**

## NAME EXISTENT AND METHODS OF STUDYING IT IN PRIMARY CLASSES

This article is about the noun and how to learn it in primary classes. Noun, which denote the names of non-living objects, answer the question what? The genus of such nouns can be determined by endings in Russian. But in the Tajik language when studying the noun gender is not applied. These are inanimate

nouns. is an independent part of speech belonging to the category of a name and class of full-valued vocabulary, and can act in a sentence in the functions of the subject, complement and nominal part of the predicate.

***Key words:*** *noun, part of speech, category in functions, subject, denoting the subject, knowledge, skill, skills.*

**Сведения об авторе: Окимшоева Рухсора-** соискатель 1-го года НИИ РО АОТ. Телефон: 887775059

**Information about the author: Okimshoeva Rukhsora-**applicant of the 1st year of the research Institute of RO AOT. Phone: 887775059

## МУНДАРИҶА

### ПЕ ДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
### ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
### PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY


**1. Туронов С., Аликулова С. -** Факторы формирующие девиантное поведение подростков…………………………………………………………………….. **5– 9**

**2. Маҷидова Б. -** Ҷойгаҳи волидон дар роҳбарӣ ба китобхонии кӯдакону наврасон дар хонавода............................................................................. **10 – 16**

**3. Холикова Ш. -** Нақши устоди донишгоҳ дар ташаккули салоҳиятҳои шахсиятии донишҷӯ.............................................................................. **17 – 21**

**4. Наимов З. -** Фаъолият ва имкониятҳои иҷтимоӣ-педагогии инсон……….. **22 – 26**

**5. Ҳасанов Ф. -** Технологияи муосири таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ.............................................................................. **27 – 31**

**6. Амонӣ С. -** Ташаккул ва таҳкими салоҳиятҳои фаннӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ................................................................................ **32 – 35**

**7. Котибова Ш. -** Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар таълими забони модарӣ.................................................................. **36 – 39**

**8. Бобохонов Х. -** Татбиқи самараноки фанни технологияи информатсионӣ воситаи асосии ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ................................................................... **40 – 44**

**9. Норова З., Юнусова Н. -** Заминаи бахши таълими босифати кӯдакон……… **45 – 47**

**10. Зулфонов Б. -** Роҳҳои баланд бардоштани маърифати экологии хонандагон ва ташаккули салоҳияти онҳо………………………………………… **48 – 52**

**11. Мамадюсупов А. -** Таҳлили муқоиссавии низоми кредитии таҳсилоти тоҷикистон ва модели миллии таҳсилоти қазоқистон ҳамчун муодулҳои низоми соатҳои кредитии амрикоӣ………………………………………………… **53 – 61**

**12. Зоидова С. -** Масъалаи тарбияи эстетикии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.............................................................................. **62 – 65**

**13. Сафарзода Ш. -** Мулоҳизаҳо роҷеъ ба ташкилёбии донишкадаи олии сарҳадӣ ва тарбияи кадрҳои соҳа дар замони истиқлолият........................... **66 – 69**

**14. Султонбекова Г. -** Истифодаи бозӣ дар дарси забони англисӣ ҳамчун фаъолияти самарабахши интерактивӣ…………………………………………….. **70 – 74**

**15. Каримова Д. -** Пешгирии одатҳои номатлуби кӯдакони синни томактабӣ тавассути технологияҳои муосири таълим……………………………………….. **75 – 78**

**16. Ахмедова М., Собирова О. -** Проблемы готовности будущих учителей к педагогической деятельности в педагогических концепциях…………………… **79 – 83**

**17. Мирбобоева Б. -** Нақши технологияи иттилоотии муосир дар ташкили ҳамкорӣ байни оила ва мактаб - талаботи замон…………………………….. **84 – 88**

**18. Нуралихонзода С. -** Асосҳои педагогии ташаккули фаъолияти меҳнатии хонандагон....................................................................................... **89 – 92**

**19. Раҳмонова Д. -** Омилҳои рушди қобилияти зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.......................................................................................... **93 – 96**

**20. Ниёзбекова Г. -** Роль инновационных технологий в учебно-воспитательном процессе в школах республики таджикистан………………. **97 – 100**

**21. Назриева Ф. -** Тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи анъанаҳои мардумӣ…………………………………………………………….. **101 – 103**

**22. Салоҳиддинова Г. -** Таълими фосилавӣ – омили муҳимми воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ…………………………………………………………. **104 – 107**

**23. Шарипова Ш., Рахматов Ё. -** Историческая и современная концепция о воспитании гуманности подрастающего поколения…………………………. **108 – 112**

**24. Асадуллоев Р. -** Роҳҳои ташккули салоҳиятҳо дар таълим........................ **113 – 116**
**25. Мажитов С. -** Совершенствование подготовки специалистов физической культуры и спорта к использованию этнических национальных средств физического воспитания в структуре их профессиональной подготовки……… **117 – 122**
**26. Азимамадова З. -** Салоҳияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ..................................................................................................... **123 – 125**
**27. Шаропов Ш., Каримова З. -** Становление и развитие педагогических идей о здоровом образе жизни подрастающего поколения……………............... **126 – 129**
**28. Акмалова М. -** Роҳнамоии касбӣ асоси тарбия зимни фаъолияти якҷояи оила ва муассисаи таълимӣ дар тамоилҳои касбомӯзии хонандагон......... **130 – 133**
**29. Абдулахадова Анорби.-** Развитие системы высшего образования в области обучения иностранным языкам в период независимости……………………….. **134 – 142**

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

---

**1. Бобизода Г. , Файзуллаева М. -** Компетентностный подход в процессе обучения учащихся на уроках химии……………………………………………. **143 – 148**
**2. Давлатов Р., Комилиён Ф. -** Таҳлили натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба санҷиши самаранокии методикаи таълими курси «Технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт».......................................................................................... **149 – 158**
**3. Маҳкамов Д., Давлатов А. -** Мафҳум ва вазифаҳои методҳои фаъоли таълим дар раванди дарси ҳуқуқ………………………………………………… **159 – 164**
**4. Салимов Ф., Раҳмонов М. -** Усулҳои муосири таълими забонҳои хориҷӣ. Муносибати коммуникативӣ (иртиботӣ)……………………………………… **165 – 168**
**5. Шоев Ғ. Ибодуллозода А. -** Истифодаи воситаҳои аёният дар таълим бо назардошти муносибати босалоҳият………………………………………………. **169 – 172**
**6. Убайдов М. -** Истифодаи усулҳои муосири таълим, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълими география ва салоҳиятҳо…………………………. **173 – 177**
**7. Бобоева З. -** Методикаи таълими босалоҳияти маснавии “Силсилат-уз-Заҳҳаб”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар синфи 7.................................................... **178 – 185**
**8. Файзуллоева И. -** Намунаи дарси адабиёт дар синфи 6................................ **186 – 188**
**9. Окимшоева Р. -** Исм ва тарзи омӯзиши он дар синфҳои ибтидоӣ.............. **189 – 192**

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

**Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ**

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад;

б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад;

в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Каримзода М.Б.);

– номи мақола;

– матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

## ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

**Требования к научным статьям**

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям:

а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала;

б) статья должна быть результатом научных исследований;

в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);
– фамилия и инициалы автора (например, Каримзода М.Б.);

– название статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

## RULES FOR THE AUTHORS

### Requirements for scientific articles

All the scientific articles entering the editorial office of the journal must meet the following requirements:

a) the article should be written in compliance with the established requirements of the journal;

b) the article should be the result of scientific research;

c) the article must correspond to one of the areas (sections) of the journal.

All the materials coming to the editorial board are checked for borrowings from open sources (plagiarism) and the verification is performed using the Antiplagiat system. Articles containing elements of plagiarism are automatically withdrawn from the consideration, and the authors are deprived of the opportunity to publish their work in the journal. Requirements for the design of the scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, font – Times New Roman, size – 14, fields – 2.5 cm from all directions, interval – 1.5.

The volume of the article (including the annotation and the list of references) should be in the range of 10 to 12 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

– UDC index (the index can be obtained in any scientific library);

– the surname and initials of the author (for example, Karimzoda M.B.);

– the title of the article;

– the main text of the article;

– the list of the used literature (no less than 10 and not more than 25 titles of scientific literature). References are made in accordance with the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5 – 2008;

– the title of the article, abstract and key words are made in three languages (Tajik, Russian and English). Annotation is made in the volume of at least 25 lines, keywords from 7 to 10 words or phrases;

– Information about the author in Russian and English. Here the author's full name, academic degree, academic title (if any), the name of the organization in which the author works (authors), the position of the author (authors) in the organization, phone, e-mail, and the postal address of the author's work are indicated.

When citing a particular material, references are indicated in square brackets [ ].

Sample: [4, p.25]. That is, the literature number 4 and page 25.
Tables, schemes, diagrams and figures must be grouped and numbered. Tables, charts, diagrams and figures should have a name both in the language of the article and in English.

# ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала. Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук). Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков.

В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации. Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд. Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет. Редакция журнала направляет копии рецензий в ВАК при Президенте Республики Таджикистан при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

**ПАЁМИ**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
**2019, № 4 (28), 200 с.**

**ВЕСТНИК**
**ИСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
**2019, № 4 (28), 200 с.**

**BULLETIN**
**OF THE INSTITUTE FOR EDUCATIONAL DEVELOPMENT**
**2019, № 4 (28), 200 с.**

**Шахси масъули чоп:** Зардиева С.
**Муҳаррири матни тоҷикӣ:** Амонӣ С.
**Муҳаррири матни русӣ**: Каримзода М.
**Муҳаррири матни англисӣ**: Зардиева С.
**Муҳаррири техникӣ:** Сафаров М.
**Мусаҳҳеҳ:** Ҳайдаров Р.

**Ответственное лицо за номер**: Зардиева С.
**Редактор таджикского текста:** Амони С.
**Редактор русского текста:** Каримзода М.
**Редактор английского текста:** Зардиева С.
**Технический редактор:** Сафаров М.
**Корректор:** Ҳайдаров Р.

Ба чоп 27.12.2019 имзо шуд. Супориши №17 . Ҳуруфи навъи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Андозаи 60x84 1/8. Ҷузъи шартию чопӣ - 25. Теъдоди нашр - 100 .
Матбаи “Нигор”, 7734024 н. Рудакӣ, к. А. Навоӣ, 13.

---

Подписано в печать 27.12.2019. Заказ№ 17 . Гарнитура Time New Roman Tj .
Печать офсетная. Формат 60x84 1/8 . Условно-печатный лист - 25. Тираж - 100.
Издательство «Нигор», 7734024, район Рудаки, улица А. Навои, 13

---

On publications issued 27.12. 2019. Assignment№ 17 . Font Format Time New Roman Tj.
Offset printing, size 60x84 1/8. Printer’s sheet - 25. Edition - 100.
Publishing office “Nigor”, 7734024, 13 A.Navoi street, Rudaki district.